# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ
# БАРОИ СИНФИ 3-ЮМ

## бароиомӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёна

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**тавсия кардааст**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2 81.2 (2 тоҷик) +74.261.4я72**
**Р-84**

**Р-84.** Мураттибон: М. Зиёев, Ф. Ниёзов, И. Абдуллоев. **Роҳнамои фанни Забони модарӣ барои синфи 3-юм барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёна**. Душанбе, «Маориф», 2016, 248 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-403-2** **© «Маориф», 2016**

**Мундариҷа**

Муқаддима……………………………………………………………………………………..7
I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ РОҲНАМОИ СТАНДАРТИ ФАННИ «ЗАБОНИ МОДАРӢ» БАРОИ СИНФИ СЕЮМ…………………………………………………………...9
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм…………….9
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм……10
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ………… ….10
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ………….11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ……..….12
II. Салоҳиятҳое, ки аз омӯзиши фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ба даст меоянд ..........................................................................................................................................13
2.1. Салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан …………………………………13
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан, навиштан, шунидан ва гуфтан .................................14
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ ………………………………………………………………...18
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ……………………………………………………………18
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ……………………………………………………………….19
III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ……………………………………………………………………………………………..19
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан …………………………………………20
3.2. Принсипҳои таълими самаранок …………………………………………………………21
3.3. Ташаккули малакаҳои фикрононӣ ……………………………………………………….21
3.4. Алоқаи байнифаннӣ ………………………………………………………………………22
3.5. Стратегияҳои таълими фанни «Забони модарӣ» дар синфи сеюм………………………22
3.5.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан ........................................................................22
3.5.2. Таълими луғат ……………………………………………………………………….…23
3.5.3. Таълими хониши равон ва бурро ………………………………………………………25
3.5.4. Таълими хониши бошуурона .............................................................................................26
3.5.5. Таълими малакаи навиштан ...............................................................................................32
IV. Арзёбӣ .........................................................................................................................................35
4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан .........................................................................35
4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан ..........................................35
4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос ............................................................................35
4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон ……………………………………………35
4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хонда …………………………….…35
4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои хондан ………………………………………35
5.3.1. Санҷидани суръати хониш ...................................................................................................36
4.3.2. Санҷиши дарки маънӣ ........................................................................................................36
4.4. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи навиштан ..............................................................................36
4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан ..........................................................36
4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан ……………………………………38
4.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи шунидан ……………………………………………………38
4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардан (шунидан) ....................39
4.5.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии шунидан ..........................................................................39
4.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гуфтан ..........................................................................39
4.6.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои шунидан ....................................39
4.6.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан ......................................................40
Нақшаи тақвими корӣ аз фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм .................................41
Ҷадвали тақсимтои соатҳо аз рӯйи навъҳои дарс …………………………………42
ФАСЛИ I. Нимсолаи якум…………………………………………………………………………44
Дарсҳои 1-2. Дарси сулҳ. Рӯзи Дониш – 2 соат ………………………………………………44
Дарсҳои 3-4. Кор бо китоби дарсӣ ва замима-2 соат ..............................................................45
Дарсҳои 5-6. Муборак бар шумо!-2 соат ………………………………………………………47

Дарсҳои 7-10. Дарси арзёбии дониш, малака ва маҳорат-4 соат .................................... 49
Дарсҳои 11-12. Ватан-Модар-2 соат ........................................................................ 54
Дарсҳои 13-14. Тоҷикистон -2 соат ........................................................................... 55
Дарсҳои 15-16. Ҷумҳурии Тоҷикистон-2 соат............................................................ 58
Дарсҳои 17-18. Шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон-2 соат ................................................ 60
Дарсҳои 19-20. Забони тоҷикӣ– 2 соат ...................................................................... 61
Боби 2. Чашма, дарё ва кӯлҳо. Обҳои шифобахш (26 соат) ........................................ 63
Дарсҳои 1-2. Ду чашма- 2 соат ................................................................................. 63
Дарсҳои 3-4. Хоҷа оби гарм-2 соат ...........................................................................64
Дарсҳои 5-6. Чилучорчашма– 2 соат ......................................................................... 65
Дарсҳои 7-8. Кӯли Сарез – 2 соат ............................................................................. 67
Дарсҳои 9-10. Симоҳои матнро ёбед – 2 соат ............................................................ 69
Дарсҳои 11-12. Чӣ? Кай? Дар куҷо?- 2 соат................................................................ 70
Дарсҳои 13-14. Дарси навиштани мактуб-2 соат ........................................................72
Дарсҳои 15-16. Чӣ тавр? Барои чӣ?-2 соат ..................................................................74
Дарсҳои 17-18. Чӣ тавр? Ба кадом мақсад? Барои чӣ? – 2 соат ........................................ 77
Дарсҳои 19-20. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (муҳокимаи хониши беруназсинфӣ)-2 соат...........................................................................................................................79
Дарсҳои 21 - 22. Мактаби кухна.................................................................................82
Дарсҳои 23-24. Шаҳри Душанбе – 2 соат.....................................................................84
Дарсҳои 25-26. Деҳаи мо – 2 соат ..............................................................................86
Боби 3. Одоби ҳамида (30 соат) ..................................................................................88
Дарсҳои 1-2. Ба муаллим – 2 соат .............................................................................88
Дарсҳои 3-4. Соати бибиам- 2 соат ............................................................................91
Дарсҳои 5-6. Беҳтарин ва бадтарин чиз – 2 соат .........................................................94
Дарсҳои 7-8. Маврид ва одоби салом – 2 соат .............................................................96
Дарсҳои 9-10. Бачаҳои хуб - 2 соат ............................................................................97
Дарсҳои 11-12. Сухани "сеҳрнок" – 2 соат ...................................................................99
Дарсҳои 13-14. Тирамоҳи зарринмӯ-2 соат ..................................................................100
Дарсҳои 15-16.Витаминҳо-2 соат ...............................................................................103
Дарсҳои 17-18. Меваю сабзавотҳо-2 соат ....................................................................105
Дарсҳои 19-20. Ҷашни Меҳргон-2 соат ........................................................................106
Дарсҳои 21-22.Мо ҳам китоб менависем! -2 соат ..........................................................108
Дарсҳои 23-24. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»-2 соат ................................................109
Дарси 25. Имлои санҷишӣ-1 соат ...............................................................................110
Дарсҳои 26-28. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (захиравӣ)-3 соат...................................111
Дарсҳои 29-30. Конститутсияи Тоҷикистон ..................................................................111
Боби 4. Барқ ва аҳамияти он дар рӯзгори мо (14 соат) ...................................................112
Дарсҳои 1-2. Неругоҳҳои барқи обӣ-2 соат ..................................................................112
Дарсҳои 3-4. Бахри Норак-2 соат ...............................................................................113
Дарсҳои 5-6. Барқ аз куҷо пайдо шудааст? -2 соат .......................................................115
Дарсҳои 7-8. Нӯшервони одил ва пири боғбон-2 соат ....................................................117
Дарсҳои 9-10. Ду ҳамсуҳбат-2 соат ............................................................................119
Дарсҳои 11-12. Гург ва харгӯш-2 соат .........................................................................121
Дарсҳои 13-14. Машқи навиштани нақли хаттӣ-2 соат ....................................................124
Боби 5. Муҳити зист ва муҳофизати он (46 соат) ..........................................................126
Дарсҳои 1-2. Муҳити зист ва муҳофизати он- 2 соат ......................................................126
Дарсҳои 3-4. Муҳофизати зист-2 соат .........................................................................127
Дарсҳои 5-6. Хаёлҳои ширин-2 соат ...........................................................................128
Дарсҳои 7-8. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»-2 соат ....................................................130
Дарси 9. Имлои санҷишӣ-1 соат ................................................................................130
Дарсҳои 10-12. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ-3 соат ...................................................131

Дарсҳои 13-14. Декабр-2 соат ..........131
Дарсҳои 15-16. Зимистон чист? -2 соат ..........133
Дарсҳои 17-18. Санҷобак ба зимистон тайёрӣ мебинад-2 соат ..........135
Дарсҳои 19-20. Зарари тамоку-2 соат ..........137
Дарсҳои 21-22. Газна -2 соат ..........138
Дарсҳои 23-24. Зимистон-2 соат ..........140
Дарсҳои 25-26. Мо ҳам китоб менависем!-2 соат ..........141
Дарсҳои 27-28. Гулаки беном-2 соат ..........142
Дарсҳои 29-30. Дӯсту душман-2 соат ..........144
Дарсҳои 31-32. Солим ва Ғоним-2 соат ..........145
Дарсҳои 33-34 Афсонаи солинавӣ - 2 соат ..........147
Дарсҳои 35-36. Саъва ва фил-2 соат..........148
Дарсҳои 37-38. Арча – 2 соат ..........150
Дарсҳои 39-42. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи ДУЮМИ соли таҳсил-4 соат ..........152
Дарсҳои 43-44. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»- 2 соат ..........152
Дарсҳои 45-46. Саргузашти Барфибобо-2 соат ..........152
НИМСОЛАИ 2 ..........155
Боби 6. Далерӣ ва қаҳрамонӣ. Шахсони муътабар (30 соат) ..........155
Дарсҳои 1-2. Суҳбати дӯстон-2 соат ..........155
Дарсҳои 3-4. Шӯриши Восеъ -2 соат ..........156
Дарсҳои 5-6. Одам зери барф-2 соат ..........158
Дарсҳои 7-8. Таҷрибаи Абуалӣ ибни Сино - 2 соат ..........159
Дарсҳои 9-10. Гурги нодон – 2 соат ..........161
Дарсҳои 11-12. Иншо навиштанро ёд мегирем! -2 соат ..........164
Дарсҳои 13-14. Бузургони миллат- 2 соат ..........165
Дарсҳои 17-18. Заҳҳок. Фиреби Аҳриман - 2 соат ..........169
Дарсҳои 19-20. Хоб дидани Заҳҳок. Набарди Фаридун бо Заҳҳок- 2 соат ..........171
Дарсҳои 21-22. Кори лоиҳавӣ- 2 соат ..........173
Дарсҳои 23-24. Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон - 2 соат ..........173
Дарсҳои 25-26. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»-2 соат ..........175
Дарсҳои 28-30. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (захиравӣ)-3 соат ..........176
Боби 7. Паррандагон зебу зинати табиатанд (26 соат) ..........176
Дарсҳои 1-2. Барф -2 соат ..........176
Дарсҳои 3-4. Баҳор-2 соат ..........177
Дарсҳои 5-6. Дасти модар -2 соат ..........180
Дарсҳои 7-8. Модари ман – 2 соат ..........182
Дарсҳои 9-10. Алла гӯяд модарам - 2 соат ..........183
Дарсҳои 11-12. Баҳор омад! - 2соат ..........185
Дарсҳои 13-14. Мо китоб менависем! - 2 соат ..........186
Дарсҳои 15-18. Марҳабо, Наврӯзи Аҷам – 4 соат ..........187
Дарсҳои 19-20. Бозиҳои варзишии наврӯзӣ - 2 соат ..........189
Дарсҳои 21-22. Наврӯзнома -2 соат ..........191
Дарсҳои 23-24. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» ..........192
Дарси 25. Имлои санҷишӣ - 1 соат ..........193
Дарси 26. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ -1 соат ..........193
Боби 8. Эҳтироми падару модар ва омӯзгор (38 соат) ..........193
Дарсҳои 1-2. Дилсӯзӣ ..........193
Дарсҳои 3-4. Панди падар ва насиҳат ба фарзанд-2 соат ..........194
Дарсҳои 5-6. Ҳурмати падару модар-2 соат ..........196
Дарсҳои 7-8. Куҷо рафтӣ Анварҷон?-2 соат ..........197
Дарсҳои 9-10. Насиҳати модар-2 соат ..........198

Дарсҳои 11-12. Агар майли парвоз дорӣ - 2 соат ....................................................200
Дарсҳои 13-14. Ҳикоянависиро машқ мекунем. Тасвири инсон – 2 соат ......................202
Дарсҳои 15-16. Фарзанд бошад, чӣ сон бошад? -2 соат ..................................................204
Дарсҳои 17-18. Пули ҳалол-2 соат ...................................................................................205
Дарсҳои 19-20. Ба қадри заҳмати падару модар расед!-2 соат ......................................207
Дарсҳои 21-22. Намак- 2 соат .........................................................................................210
Дарсҳои 23-24. Ду гуноҳ-2 соат ......................................................................................211
Дарсҳои 25-26. Кори лоиҳавӣ - 2 соат ............................................................................213
Дарсҳои 27-28. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст!»-2 соат .............................................214
Дарси 29. Имлои санҷишӣ- 1 соат ..................................................................................214
Дарсҳои 30-32. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ-3 соат ..................................................214
Дарсҳои 33-34. Одоби муошират – 2 соат .......................................................................215
Дарсҳои 35-36. Муошират-2 соат .....................................................................................216
Дарсҳои 37-38. Чоҳкан зери чоҳ - 2 соат .........................................................................218
Боби 9. Олами ҳайвоноти Тоҷикистон. Мамнуъгоҳҳо (42 соат) ......................................220
Дарсҳои 1-2. Ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ-2 соат ...........................................................220
Дарсҳои 3-4. Аз ҳаёти ҳайвонҳо-2 соат ...........................................................................222
Дарсҳои 5-6. Сулҳ-2 соат ...............................................................................................223
Дарсҳои 7-8. Асалкаши серкор - 2соат ...........................................................................224
Дарсҳои 9-10. Суғур - 2 соат ..........................................................................................227
Дарсҳои 11-12. Ром кардани асп - 2 соат .......................................................................228
Дарсҳои 13-14. Рӯбоҳчаҳо худро офтоб медиҳанд-2 соат ..........................................230
Дарсҳои 15-16. Шутур-2 соат ..........................................................................................232
Дарсҳои 17-18. Ғози танҳо - 2 соат ................................................................................233
Дарсҳои 19-20. Ҷайраи айёр - 2 соат .............................................................................234
Дарсҳои 21-22. Мамнуъгоҳҳои Тоҷикистон - 2 соат .....................................................236
Дарсҳои 23-24. Кори лоиҳавӣ - 2 соат ............................................................................237
Дарсҳои 25-26. Хайбар - 2 соат .......................................................................................238
Дарсҳои 27-30. Кенгуруи дайду - 4 соат ........................................................................239
Дарсҳои 31-32. Давлат чист?-2соат ................................................................................242
Дарсҳои 33-34. Тобистон-2 соат .....................................................................................243
Дарсҳои 35-38. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи дуюми соли таҳсил-4 соат .................................................................................................................245
Дарсҳои 41-42. Дарси ҷамъбасти синфи 3-2 соат ...........................................................246
Адабиёт ............................................................................................................................247
САРЧАШМАҲОИ ИНТЕРНЕТИИ ИСТИФОДАШУДА ...........................................................247

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин, ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши асосӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: “. калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим - омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он дар асоси натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳа ва бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст, ки Стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм аз ҷумлаи онҳост.

Стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни “Забони модарӣ” дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти додашуда дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди Стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни “Забони модарӣ”-ро дар синфи сеюм фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғ.) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти додашударо ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабарой, масъулиятшиносӣ ва созандагиву бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро бо воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби оламии атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимиву ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳама медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллӣ арзёбӣ ва санҷида шуда, барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти додашуда мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим

натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, раёсату шуъбаҳо ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунанд, даъват менамояд.

## I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ РОҲНАМОИ СТАНДАРТИ ФАННИ «ЗАБОНИ МОДАРӢ» БАРОИ СИНФИ СЕЮМ

### 1.1. Мафҳумҳои асосии роҳнамои стандарти фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-и хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ барои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақиллонаи гурӯҳи хонандагон, ки берун аз дарс таҳия мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Мақсади таълим** – банақшагирии пешакии натиҷаҳои омӯзиш, инкишоф ва тарбия, натиҷаи чашмдошти фаъолият. Мақсад, равиши дарс, усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пайдарпай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод** (юн. *methodos* – роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар ба омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳандаҳо** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – калимаи итолиёӣ буда, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиш, пешрафт ва дастовардҳо (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо, маводди иловагии методӣ, ки тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳиву хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои ақлии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки маҳорати хондан, навиштан ва баён кардани мазмуни ягон матни одиро дорад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад.

**Таҳлил** – яке аз усули таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунад.

### 1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм

Стандарти додашуда бо назардошти талаботи ҳуҷҷатҳои зерин, ки самтҳои стратегии рушди маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд, таҳия шудааст:

Стандарти фанни «Забони модарӣ» барои хонадагони синфи сеюм дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6-уми банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм

Доираи татбиқи стандарти фанни "Забони модарӣ" дар синфи сеюм хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти додашударо истифода мебаранд.

Стандарти додашуда дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курсӣ методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, махсусан, шуъба-кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти додашударо дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи сеюм дар асоси талаботи стандарти додашуда ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

**1. 4. Принсипҳои асосии стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм**

Стандарти фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои милливу умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифативу фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлативу ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
- ба қобилияти фардии хонанда диққат додан.

*Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз ҷиҳати касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.*

*Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:*

- *хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
- *хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
- *раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;*
- *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
- *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;*
- *омӯзгорон усули гуногуни таълимро ба мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
- *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
- *раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;*
- *ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон воқеибин бошанд;*
- *нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

- ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.

Баъзе хонандагон тавассути амал ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон

фаъолият ташкил намоянд.

- ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.

Вазифаи омӯзгор танҳо додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкориву ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

- инкишофи арзишҳо.

Стандарт дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ, инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

- алоқамандии таълим бо ҳаёт.

Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳоратаашро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

- омӯзиш дар тӯли ҳаёт.

Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин рӯ, низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

- арзёбии натиҷаи таълим.

Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем ҳангоми зарурат усули таълимро тағйир дода, раванди онро самараноктар гардонем.

**1. 5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм**

Стандарти додашуда ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни "Забони модарӣ" дар синфи сеюм аз инҳо иборатанд:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи сеюм аз фанни "Забони модарӣ";
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни "Забони модарӣ" дар синфи сеюм;
- муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни "Забони модарӣ" мувофиқи талаботи забономӯзӣ бо назардошти хусусиятҳои инкишофи синнии хонандагони синфи сеюм;
- мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;
- малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод мегарданд. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни "Забони модарӣ", стандарти додашуда фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят менамояд;
- мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни «Забони модарӣ» барои синфи 3 дар нақшаи таълими асосӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «филологӣ» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ 272 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафта | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 3 | 34 | 8 | 272 |

Забон маҳсули тафаккур ва падидаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, инсонро тарбия мекунад. Он воситаи ифодаи ақидаҳо ва арзишҳо буда, василаи асосии интиқоли фарҳангу маданият аз як насл ба насли дигар мебошад. Забон барои рушди тафаккур, баёни андешаи шахсӣ, ташаккули муомилаву муносибати иҷтимоӣ, тасаввурот дар бораи ҷаҳон ва табодули фарҳанг ҳамчун восита хидмат мекунад.

Қобилиятҳои хондану гӯш кардан ва сипас шифоҳиву хаттӣ баён кардани фикр малакаҳои мураккаб буда, самтҳои асосии стандарти фанни "Забони модарӣ" ба шумор мераванд.

Забони модарӣ дар байни фанҳои таълим нақши махсус дошта, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Ин фан хонандагонро ба малакаҳои муомилаву муносибати зарурии омӯхтани фанҳои дигар мусаллаҳ месозад. Забони модарӣ (тоҷикӣ) дар ҳамаи зинаҳои таълим фанни асосӣ буда, барои ҳамгироии фанҳои гуногун нақши бузург дорад.

**II. Салоҳиятҳое, ки аз омӯзиши фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм ба даст меоянд**

Фасли мазкури стандарти фанни "Забони модарӣ" барои синфи сеюм хеле муҳим аст. Дар он салоҳиятҳо мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан, раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати зинавии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин рӯ, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад;
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегардад;
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули зинавӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои мибаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро ташаккул медиҳад.

**2.1. Салоҳиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан**

Салоҳиятҳои гӯш кардан (шунидан):

3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.

3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯяндаро, ки ба синнаш мувофиқ аст, муайян карда, хулоса мебарорад.

Салоҳиятҳои гуфтан:

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро мегӯяд.

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

Салоҳиятҳои хондан:
3.3.1. Хонанда қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Хонанда стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Хонанда мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк намуда, фикри асосии онро муайян мекунад.

Салоҳиятҳои навиштан
Хонанда:
3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан, навиштан, шунидан ва гуфтан**

Дар фасли мазкур тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои забономӯзиро пешниҳод мекунем.

| **Синфи 3** |
|---|
| Хонанда:<br>**3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– суханони гӯянда (ҳамсинфон, ҳамсуҳбатон, омӯзгор, калонсолон, хониши намунавӣ ё сабти овозӣ, нақшофарӣ, нақли воқеаҳои дидаву шунида ва ғайра)-ро бодиққат гӯш мекунад;<br>– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ мекунад;<br>– фикрҳоеро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, як сӯ мегузорад;<br>– ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳаммият намедиҳад;<br>– қоматро рост ва озод нигоҳ медорад;<br>– аҳаммияти риоя кардани қоидаҳоро бо мисолҳои ба синнаш мувофиқ шарҳ дода метавонад. |
| **3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– тарзи дурусти талаффузи калимаҳои сохтаро такрор мекунад;<br>– луғати бештари дар нутқ шунидаро ҳангоми гуфтор истифода мебарад;<br>– ба маънои саволҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ сарфаҳм рафта, ҷавоби мувофиқ медиҳад;<br>– матнҳои хурди шунидаашро менависад;<br>– калимаҳои имлояшон каме мураккабтареро, ки тарзи навишт ва талаффузашон фарқ дорад, дуруст менависад;<br>– тарзи ғалати талаффузро муайян карда, дурусташро нишон медиҳад;<br>– дар вазъиятҳои шинос табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода мебарад. |
| **3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян карда, хулоса мебарорад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– дастурҳои шифоҳии бисёрамаларо иҷро мекунад;<br>– ба саволҳои одӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ ҷавоб дода метавонад;<br>– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ, |

| |
|---|
| барномаҳои телевизиону радио, муҳокима)-и шунидаро муайян мекунад;<br>– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда (гон)-ро муайян месозад;<br>– суханони шунидаро айнан ва мазмунан нақл карда метавонад. |
| **Гуфтан** |
| **3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён мекунад;<br>– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад;<br>– дар вазъиятҳои шинос ва ношинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад;<br>– дар суҳбатҳо бо навбат сухан мегӯяд;<br>– ҳангоми муошират дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром мекунад;<br>– наҳаросида, бо боварӣ сухан мегӯяд;<br>– аҳаммияти риоя кардани қоидаҳои сухангӯйиро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ дода, дигаронро низ ба риояи ин қоидаҳо даъват мекунад. |
| **3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– нутқи худро пешакӣ ба нақша мегирад;<br>– ба кӣ нигаронда шудани суханро муайян мекунад;<br>– андеша мекунад, ки чӣ ва барои чӣ мегӯяд;<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми суханро муайян мекунад;<br>– барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода мебарад;<br>– дар вазъиятҳои гуногун суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора карда метавонад. |
| **3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ба мақсади суҳбат оростан мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе хабар додан воқеаву ҳодисаҳои дидаву шунидаро муфассал ва интихобан нақл мекунад;<br>– ба мақсади муайян кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ саволҳои мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ медиҳад;<br>– ба мақсади касеро ба амале водор кардан дастур медиҳад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан шифоҳӣ эълон мекунад;<br>– ба мақсади ҳазлу шӯхӣ кардан латифа мегӯяд;<br>– ба мақсади хурсанд кардан шахсро шифоҳӣ табрик мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе огаҳӣ доштани худро баён кардан хусусиятҳои ашёро номбар мекунад. |
| **Хондан** |

| |
|---|
| **3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ, матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ)-ро мехонад;<br>– ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад;<br>– равон (бо суръати муътадил 60 - 70 калима дар як дақиқа) мехонад;<br>– бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) мехонад;<br>– калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи сеюм мувофиқро хонда метавонад;<br>– ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад;<br>– ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад. |
| **3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънии калимаҳои ба ҳайси луғат омада)-ро истифода карда, матнро мехонад;<br>– стратегияҳои гуногунро истифода бурда, унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;<br>– матнҳоро аз рӯйи навъ ва жанр (манзум, насрӣ; ҳикоя, афсона, матнҳои маърифатӣ ва илмӣ-оммавӣ) фарқ карда метавонад;<br>– матнҳои ба синфи сеюм мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.<br>– ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан додашуда ҷавоб мегӯяд;<br>– мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ карда, бо мазмуни матн муқоиса мекунад;<br>– мустақилона бо овози баланд ва хомӯшона хонда, ба саволҳо ҷавоб мeёбад;<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнҳои калонтарро муайян мекунад;<br>– маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғат, фарҳанг, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;<br>– ҷадвал, нақша, диаграммаҳои содаро мехонад;<br>– аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад. |
| **3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.**<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ) карда метавонад;<br>– мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал, мухтасар ва интихобан нақл карда метавонад;<br>– пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягиро муайян карда метавонад;<br>– ба гуфтор ва рафтори симоҳои асар баҳо дода метавонад;<br>– мавзӯъ ва фикри асосии матнро, ки ошкоро ифода шудааст, муайян мекунад;<br>– мазмуни матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ мекунад;<br>– мазмуни ду матнро муқоиса карда метавонад;<br>– мазмуни матнҳои гуногунро бо ҳаёт алоқаманд карда метавонад;<br>– тахайюлот ва воқеӣ будани мазмуни матнҳои каме муракабро муайян карда метавонад. |

| |
|---|
| **Навиштан** |
| **3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– хоно, зебо ва тоза менависад;<br>– калимаҳои ба синфи сеюм мувофикро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта метавонад;<br>– қоидаҳои аз сатр ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калимаро риоя мекунад;<br>– калимаҳо (исм, феъл, сифат, пешояндҳо)-ро фарқ карда, бамаврид истифода мебарад;<br>– аввали ҷумла ва мисраъҳои шеъриро бо ҳарфи калон менависад;<br>– аввали исмҳои хосро бо ҳарфи калон менависад;<br>– дар охири ҷумла аломати мувофиқ (нуқта, савол, хитоб) мегузорад;<br>– пас аз калимаҳои номбаршудаи ифодакунандаи исм, феъл, сифат аломати вергул мегузорад;<br>– ҳангоми навиштани матн сархатро дуруст мегузорад. |
| **3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии хонанда:*<br>– барои ифодаи фикр, пурсидан, касеро ба амале водор кардан ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ навишта, дар охир аломати мувофиқ (нуқта, савол, хитоб) мегузорад;<br>– луғати зиёдро дар нутқи хаттӣ истифода мебарад;<br>– ба мақсади муайян кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷковии худ хаттӣ саволҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ тартиб медиҳад;<br>– бо суръати мувофиқ (тахминан 25 - 30 ҳарф дар як дақиқа) менависад;<br>– имлоҳои зиёди таълимиро барои инкишофи малакаҳои беғалатнависӣ истифода мебарад;<br>– калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъноро дар нутқи хаттӣ истифода мебарад;<br>– дар доири мавзӯъ муколамаи хаттии хурд тартиб медиҳад;<br>– сохтори матнҳои гуногун (эълон, табрикнома, мактуб, ҳикоя)-ро фарқ карда карда метавонад;<br>– мустақилона малака ва маҳорати навиштани худро такмил дода, дафтар ва варақаҳои навиштанро аз қабили “дафтари имло”, “Луғати аввалини ман”истифода мебарад;<br>– маълумотнома (анкета), кроссворд ва сканвордҳои каме мураккабро пур мекунад. |
| **3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.**<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии хонанда:*<br>– ба мақсади нишон додани донишу таҷрибаи тавассути дигар навъҳои нутқ (гӯш кардан, хондан) андӯхта иншо, ҳикоя, афсона (50-60 калима) менависад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан эълон менависад;<br>– ба мақсади хурсанд кардан табрикнома менависад;<br>– ба мақсади муоширати хаттӣ мактуб навишта метавонад;<br>– ба мақсади фаҳмондани тартиби иҷрои амале дастури хурд навишта метавонад. |

### 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти онҳоро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 5 (10, 20, 100) -балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зайлро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | М | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | | |
| Барои таваккал кардан омода аст | | | |
| Тобовар аст | | | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳаммият медиҳад | | | |
| Таҳаммулпазир аст | | | |
| Ҳамкорӣ мекунад | | | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | | |
| Фаъол аст | | | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | | |
| Эҷодкорӣ | | | |

Мунтазам
одатан
баъзан

### 2. 4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки андозаи лаёқати хонандаро нишон медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** Хонанда | |
|---|---|---|
| **Худро идора кардан** | | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз ёрӣ пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худаш кӯшиш мекунад. | |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише мақсад мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад. Кӯшиш мекунад, ки баҳои сазовор гирад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун намуна арзёбӣ шавад. | |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба кардани донишро эътироф мекунад, ҳарчанд он қисман боиси нокомӣ ё танқид гардад. Аммо ин нокомӣ ё танқид набояд барои бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод кунанд. | |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. | |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият, хифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад; | |

| | | |
|---|---|---|
| | – ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. | |
| **Муносибат бо дигарон** | | |
| Аҳаммият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳаммият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). | |
| Таҳамулпазир аст | Ақида ва арзишҳои шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). | |
| Ҳамкорӣ мекунад | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз мекунад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. | |
| Фаъол аст | Нофаъол нест, баръакс, кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. | |
| **Андешаронӣ** | | |
| Фикррониии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикррониии баландро истифода мебарад. | |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. | |

**2. 5. Салоҳиятнокии омӯзгорон**

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни “Забони модарӣ” омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усули таълимеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

**III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм**

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода намоянд. Дар стандартҳои

фанни “Забони модарӣ” ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ ба мақсади муомила ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон мафҳумҳои “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз саволи “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд. Масалан, дар синфи сеюм салоҳияти ***“3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад”*** натиҷаи омӯхтани хонанда аст. Муҳим он аст, ки хонанда барои ифодаи андешаҳои худ ба мақсадҳои гуногун матнҳои сохторашон гуногун таҳия кунад. Агар ин амалро хонанда иҷро карда тавонад, ӯ қодир аст, ки доир ба мавзӯъҳои гуногун чизе бинависад. Масалан, дар мавзӯъҳои “Ватан”, “Сулҳу дӯстӣ” матн офарад. Ин маънои онро надорад, ки мавзӯъҳо муҳим нестанд. Мавзӯъҳо ҳамчун восита барои ноил шудан ба салоҳият хизмат мекунанд.

Барои муайян кардани дараҷаи азбаркунии салоҳиятҳо аз тарафи хонанда барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешаванд. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба омӯзгор имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвимӣ) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад, аммо ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгорон танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳо ва таъмини пешравии онҳо ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро, новобаста ба қобилият ва вазъи иҷтимоӣ, дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои имкониятҳои мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз ҷиҳати касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на аз рӯйи дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани ин мақсад омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи

хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

**3.2. Принсипҳои таълими самаранок**

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усули гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усули гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

**3.3. Ташаккули малакаҳои фикрронӣ**

Дар низоми таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд. Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули фикрронӣ равона мекунад.

Дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар нақшаи зерин мушоҳида карда метавонем:




Фикрронӣ тафаккурро пурра фаро мегирад, ки нишондиҳандаҳои он чунинанд:

- таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла, таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усули мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан, масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва додани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
- муайян намудани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.

Оид ба фикрронӣ якчанд нуктаро бояд ба хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои фикрронӣ, арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, низоми арзёбии мо бояд тағйир ёбад.
2. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки малакаи фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. Алоқаи байнифаннӣ

Ҳудуде, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудааст, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл, шахс дар ҳолате, ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқаи байни фанҳо ба даст меояд (асосан, алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Намунаи алоқаи байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст:

Омӯзгор дар синф “дукони фурӯши маҳсулот” ташкил карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо “маблағи шартӣ” маҳсулот харанд. Онҳо бо навбат нақшҳои фурӯшанда ва харидорро иҷро карда метавонанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки маблағи доштаашонро сарф карда, маҳсулот харанд ва оид ба амали иҷрокардаашон иншо нависанд.

Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:

1) Истифодаи пул/маблағ (математика)
2) Ҳисоб кардани нарх ва бақия (математика)
3) Муқоисаи нарх ва андоза (математика)
4) Пурсидани маҳсулот (забон – гуфтан)
5) Муайян кардани сифат ва макони истеҳсоли мол (табиатшиносӣ)
6) Оид ба маҳсулот маълумоти пурра пайдо кардан (забон – гуфтан)
7) Оид ба вазъият навиштан (забон – навиштан)
8) Навбати худро интизор шудан (малакаи иҷтимоӣ)

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳанд. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 3. 5. Стратегияҳои таълими фанни «Забони модарӣ» дар синфи сеюм

#### 3. 5. 1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муошират бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс ба мақсадҳои гуногун суҳбатҳо, нақл ва дигар навъҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) Гирифтани ахбор;
2) Дарки маънӣ;
3) Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);
4) Барои омӯхтан.

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи шунидаашро ба хотир мегирад[1]. Аз ин рӯ, ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи самаранокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин, малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:
   - ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
   - фикрҳоеро, ки ба гӯш кардан халал мерасонанд, ба як тараф гузоштан;
   - ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;

[1] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

- ба омилҳое, ки ҷараёни гӯш карданро халалдор месозанд (ба монанди овозҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон ва ғ.), аҳаммият надодан;
- ба имову ишораи гӯянда диққат додан.

Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат:

- такрор ба такрор сар ҷунбондан;
- табассум кардан ва аз имову ишораи мувофиқ истифода бурдан;
- қоматро рост ва озод нигоҳ доштан.

Тавзеҳот додан ва ҷавоб гардондан.

Ақидаҳо, боварӣ, таҷриба, арзёбии шахсӣ метавонанд ахбори шунидаро таҳриф намоянд. Вазифаи шунаванда дарки ахбори шунида аст. Барои ин шунаванда бояд ба ахбори шунидааш диққат диҳад ва барои муайян сохтани маълумот савол диҳад. Тавзеҳ додан тавассути суханҳои “Яъне, шумо мегӯед, ки.”, “Ман шуморо дуруст фаҳмидам, яъне.”

Ба таъхир гузоштани хулосабарорӣ.

Буридани сухан ҳамсуҳбат сарфи беҳудаи вакт аст ва гӯяндаро хафа карда, барои пурра дарк кардани ақидаи ӯ халал мерасонад.

- Ба гӯянда имконияти ба охир расонидани суханро дода, сипас савол додан лозим аст;
- Суханони гӯяндаро бо ақидаҳои мухолиф набояд бурид.

Ҷавоби мувофиқ додан.

Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо нишон медиҳад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шахси шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад. Мувофиқи мақсад аст:

- Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан;
- Ақидаро эҳтиромона пешниҳод кардан;
- Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.

**3. 5. 2. Таълими луғат**

Дониши луғавӣ маънои онро дорад, ки шахс аз захираи калимаҳо самаранок истифода мекунад. Захираи луғавӣ аз ду қисм: захираи луғавии нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ иборат аст. Захираи луғавии нутқи шифоҳӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми гуфтан истифода мебарад ва ҳангоми шунидан дарк мекунад. Захираи луғавии нутқи хаттӣ маҷмӯи калимаҳое мебошад, ки шахс ҳангоми хондани матн дарк мекунад ё ҳангоми навиштан истифода мебарад[2].

Ба ҳама маълум аст, ки дониш (захира)-и луғавӣ дар омӯхтани малакаи хондан нақши муҳим дорад. Хонандае, ки акнун малакаи хонданро аз худ мекунад, ҳангоми хондани калимаҳои матн онҳоро ба калимаҳои шунида (дониши заминавӣ) -аш алоқаманд карда, маънои онҳоро дарк мекунад. Масалан, ҳангоми хондани калимаи ***нон*** хонанда аввал овозҳои калимаро муайян карда, онро мехонад ва бо дониши луғавии шифоҳиаш муқоиса карда, маънии онро муайян менамояд. Хонанда калимаи мазкурро хеле зиёд шунидааст ва дар нутқи шифоҳӣ истифода бурдааст. Ин тартиб бо калимаҳое, ки ба хонандагон шиносанд, осон ба роҳ монда мешавад. Аммо кор бо калимаҳое, ки ба хонандагон ношиносанд (эҳтимол хонандагон ин калимаҳоро ягон маротиба дар нутқи шифоҳӣ истифода набурда бошанд ё нашунида бошанд), мураккабтар аст.

Дар шароити Тоҷикистон ба омӯхтани луғат бояд диққати махсус дода шавад, зеро:

- танҳо 10 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд;

---

[2]Аз Put the Reading First. Kidergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan// иқтибос ва мутобиқ гардонида шудааст.

- на ҳамаи волидон бо фарзандонашон оид ба мавзӯъҳои гуногун суҳбат мекунанд;
- шумораи ками волидон ба фарзандонашон китоб мехонанд;
- захираи луғавии хонандагон хеле маҳдуд аст ва танҳо доираи маҳдуди мавзӯъҳоро фаро мегирад.

Қобили қайд аст, ки ақидаҳои "дар китобҳо калимаҳои мушкил ва нофаҳмо истифода мешаванд", "хонандагон маънои матнро намефаҳманд, зеро калимаҳо мушкиланд" ва амсоли он барои ташаккул додани захираи луғавии хонандагон монеа шуда наметавонад ва сабаби наомӯхтани луғати нав намебошад.

Аз ин рӯ, дар стандартҳои фанни "Забони модарӣ" барои синфҳои ибтидоӣ ба ин малака диққати махсус дода мешавад ва аз омӯзгорон талаб карда мешавад, ки захираи луғавии хонандагонро мунтазам бой гардонда, ба онҳо тарзи истифодаи усулу стратегияҳои луғатомӯзиро таълим диҳанд.

Луғат барои хониши бошуурона аҳаммияти муҳим дорад. Хонанда агар маънои аксари калимаҳоро надонад, маънии матни хондаашро дарк карда наметавонад. Вақте ки хонандагон ба мутолиаи матнҳои мураккабтар оғоз мекунанд, онҳо бояд маънои калимаҳоеро, ки намедонанд, муайян созанд.

Аз худ кардани луғат бо ду роҳ сурат мегирад: бевосита ва бавосита. Хонандагон маънои аксари калимаҳоро ***бевосита,*** тавассути муоширати шифоҳӣ ва хондани матн аз худ мекунанд. Аз ҷумла:

- Хонандагони хурдсол маънои калимаҳоро ҳангоми муошират бо одамони дигар, махсусан калонсолон, аз худ мекунанд. Ҳангоми муошират хонандагони хурдсол калимаҳои гуногунро мешунаванд ва ин калимаҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд. Ҳамон қадар, ки хонандагон муошират намоянд, ба ҳамон андоза маънии калимаҳои зиёдро аз худ мекунанд.
- Хонандагон ба маънии калимаҳо тавассути аз тарафи калонсолон хондани матн (афсона, ҳикоя ва ғ.) сарфаҳм меравонд. Аз тарафи калонсолон бо овози баланд хондан дар ҳолате самаранок мегардад, ки агар шахси мутолиакунанда ҳангоми пайдо шудани луғати мураккаб ист карда, маънои онро шарҳ диҳад ё бо хонандагон онро муҳокима кунад. Инчунин, муҳокимаи матн пас аз хондан ба хонандагон имконият медиҳад, ки калимаҳои навро аз худ кунанд ва онро бо дониши заминавии худ муқоиса намоянд.
- Хонанандагон маънии калимаҳоро ҳангоми мустақилона кор кардан бештар аз худ мекунанд. Ҳар қадар ки хонанда зиёдтар мустақилона хонад, ҳамон қадар калимаҳои бештарро меомӯзад.

Баъзе калимаҳо бояд ба воситаи усул ва стратегияҳои гуногун аз худ карда шаванд. Усули омӯзиши луғат ба хонандагон имконият медиҳанд, ки калимаҳои маънояшон мураккабро, ки дар нутқи шифоҳӣ қариб истифода намешаванд, дарк кунанд. Таълими бавоситаи луғати матни додашуда ба дарки маънии матн таъсири мусбат мерасонад. Роҳу воситаҳои гуногуни таълими луғат мавҷуданд, ки дар ҷараёни дарс тарзи истифодаи онҳоро ба хонандагон омӯзондан мумкин аст.

- **Таълими луғати мушаххас пеш аз хондани матн.** Таълими луғати нав пеш аз хондани матн ҳам ба дониши луғавӣ ва хониши бошууронаи хонанда таъсири мусбат мерасонад. Тавсия мешавад, ки пеш аз хондани матн омӯзгор калимаҳои душворфаҳм ва мураккаб, вале барои дарки маънӣ ва мавзӯъ аҳаммиятноки матнро ба хонандагон омӯзонад. Зеро аз худ кардани калимаҳои асосии мавзӯи матн ба дарки он мусоидат мекунад.
- **Машқи тӯлонӣ ва пайдарҳами луғатҳо.** Пӯшида нест, ки машқ ва истифодаи зиёди луғат ба дарки маънӣ ва босалоҳиятона истифода бурдани калимаҳо ёрӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, тавсия мешавад, ки омӯзгорон роҳу усули гуногуни таълими луғатро бо хонандагон машқ кунанд, аз ҷумла, тарзи истифодаи луғату фарҳангҳои гуногун, таҳияи луғати тафсирӣ, кроссвордҳои мавзӯӣ, гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон (маъноӣ, сарфиву наҳвӣ ва амсоли он), бозиҳои гуногуни таълимӣ (бозии "Бинго", "Майдони муъҷизот" ва ғайра), навиштани ҷумла бо калимаҳои додашуда ва ғ.

- **Такроран ва мунтазам кор кардан бо луғат.** Тавсия мешавад, ки луғати нав дар вазъиятҳои гуногун (гуфтан, шунидан, хондану навиштан) мунтазам ва такроран истифода гардад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон калимаҳоро ба хотир гиранд ва бамаврид истифода баранд.

### 3. 5. 3. Таълими хониши равон ва бурро

Хониши равон ва бурро қобилияти дуруст ва босуръат хондани матн аст. Хонандагоне, ки равон ва бурро мехонанд, калимаҳоро ба зудӣ гурӯҳбандӣ карда, маънии матни хондаашонро дарк мекунанд. Хонандагоне, ки қобилияти хониши равон ва ифоданок доранд, бо овози баланд бемамониат ва ифоданок мехонанд. Хониши онҳо табиӣ буда, ба суръат ва оҳанги гуфтор мувофиқат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро надоранд, оҳиста ва калима ба калима мехонанд.

Хониши равон ва ифоданок муҳим аст, зеро он байни шинохти калима ва хониши бошуурона ҳамчун воситаи пайвасткунанда хизмат мекунад. Хонандагоне, ки малакаи хониши равон ва бурро доранд, диққати худро ба маънии матн равона мекунанд, на ба хондани калимаҳои алоҳида (ё рамзкушоӣ). Онҳо байни ақидаҳои дохили матн ва матну дониши заминавии худ алоқа барпо мекунанд. Ба иборaи дигар, хонандае, ки қобилияти хуби хониши равон ва бурро дорад, ҳангоми хондан маънои чизи хондаашро ба осонӣ дарк мекунад.

Хониши равон ва бурро тадриҷан ва тавассути машқҳои зиёд такмил дода мешавад. Дар марҳалаҳои аввали таълими хондан хонандагон хеле оҳиста мехонанд, зеро онҳо акнун ҳарфҳоро мешиносанд, овозҳоро ба ҳамдигар пайваст карда, калимаро мехонанд.

Хонанда калимаҳоро дар алоҳидагӣ ва ба таври автоматӣ хонад ҳам, шояд ҳангоми хондани матн онро равон ва ифоданок хонда натавонад, зеро ҳангоми хониши ифоданок хонанда бояд матнро ба қисмҳо ҷудо кунад. Қисмҳо аз ибораҳо ва ҷумлаҳо иборат буда метавонанд.

Таҳқиқоти фаннӣ[3] ду навъи усули таълими хониши равон ва бурроро пешниҳод кардаанд: 1) хониши такрорӣ бо овози баланд бо роҳнамоии омӯзгор ва 2) хониши мустақилонаи хомӯшона. Ҳар ду усул ба ташаккули малакаи хондани равон ва бурроi хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Аммо усули якум – хониши такрорӣ бо овози баланд бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор – назар ба хониши мустақилонаи хомӯшонаи хонанда ба ташаккули малакаи равон ва бурро хондани хонанда таъсири бештар мерасонад.

Такроран, якчанд маротиба хондани матн (на камтар аз се маротиба) имконият медиҳад, ки хонанда матнро равон ва бурро хонад. Тавсия мешавад, ки барои машқи хондан бо овози баланд матнҳое интихоб шаванд, ки аксари калимаҳо бояд ба хонанда шинос бошанд ва ба дараҷаи хониши мустақиллонаи хонанда баробар бошанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон қариб 95 фоизи матнро дуруст хонда метавонанд, яъне – 1 ғалат дар 20 калима.

Усули хониши такрорӣ бо овози баланд ва бо назорат ва роҳнамоии омӯзгор усули самараноки такмили малакаи хониши равон ва бурроi хонандагон мебошад. Онро метавон бо воситаҳои зерин ташкил намуд:

[3]The Research Building Blocks for Teaching Children to read. Put the Reading First. National Institute for Literacy

**Хониши намунавии омӯзгор**. Бо гӯш кардани намунаи хуби хониши равон ва бурро хонандагон тарзи гузоштани овозро, ки ба фаҳмидани матн ёрӣ мерасонад, аз худ мекунанд. Тавсия мешавад, ки омӯзгорон ҳар рӯз ба хонандагон бо овози баланд ҳамчун намуна хонанд. Ҳангоми равон, бурро ва ифоданок хондан омӯзгор ба хонандагон намунаи хуби хонданро намоиш медиҳад. Пас аз хониши намунавӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки матнро бори дигар хонанд. Онро бо чунин тартиб ба роҳ мондан мумкин аст: *Омӯзгор матни ба дараҷаи қобилияти хониши хонандагон мувофиқро интихоб мекунад (душворип луғат, мавзӯъ, ҳаҷми матн ба эътибор гирифта мешавад). Ӯ онро ҳамчун намуна ба хонандагон бо овози баланд, равон, бурро ва ифоданок мехонад. Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ (ё дунафара ва чорнафара) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд.*

Вақти барои дарс ҷудошуда ба омӯзгорон имконият намедиҳад, ки ҳамаи хонандагон матнро ба пуррагӣ се ё чор маротиба хонанд. Агар имконият бошад, омӯзгор метавонад аз омӯзгорони дигар (ё калонсолону хонандагони синфҳои болоӣ) хоҳиш кунад, ки дар дарс иштирок карда, ба хонандагони алоҳида матнро хононанд ё тарзи хондани хонандагонро гӯш кунанд.

- **Хониши такрорӣ**. Такроран, якчанд маротиба хондани як матн стратегияи хуби ташаккули малакаи хониши равон ва бурроп хонандагон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ба хонандагон имконияти зиёди хондани ҳамон як матнро фароҳам оранд. Чунин имкониятро тавассути усули зерин ба даст овардан мумкин аст:
    - *хониши дунафара* – яъне як хонанда ба хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонад. Хуб мешавад, ки агар яке аз хонандагони ин гурӯҳи дунафара малакаи хубтар дошта бошад. Ин хонанда аввал мехонад ва хонандаи дигар гӯш карда, баъд онро дар навбати худ мехонад.
    - *хониши дастаҷамъона* – хонандагон ба гурӯҳҳои чор-панҷнафара муттаҳид шуда, бонавбат ҳамон як матнро бо овози баланд, равон ва бурро мехонанд. Омӯзгор ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ мерасонад, ё ин ки онҳоро раҳнамоӣ мекунад.
    - *хониши калонсол бо хурдсол* – хонанда ва калонсол ҳамон як матнро ба навбат алоҳида-алоҳида мехонанд. Шахси калонсол волидайн, омӯзгор ё хонандагони синфҳои болоии мактаб буда метавонад. Шахси калонсол аввал матнро ба хонанда мехонад ва тарзи дурусти равон ва бурро хонданро намоиш медиҳад. Сипас хонанда ҳамин матнро мехонад ва шахси калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад, ғалатҳояшро ислоҳ мекунад ва ӯро раҳнамоӣ мекунад.
    - *хониши якҷоя (ҳамагонӣ)* – хонандагон якҷоя, ҳамчун гурӯҳи калон, бо омӯзгор мехонанд. Барои ин хонандагон бояд матни мехондагиашонро бибинанд, он метавонад матни китоби калонҳаҷм ё дар вароқи калон навишташуда бошад. Инчунин омӯзгор ва хонандагон метавонанд матнҳои китоби дарсиро якҷоя хонанд. Матн набояд калон бошад. Аксари калимаҳои матн бояд ба хонандагон шинос бошанд.
    - *хониш баробари матни сабтшуда.* Матнҳо аз тарафи санъаткорони касбӣ равон, бурро ва ифоданок хонда мешаванд. Дар марҳалаи аввали хондан, дар баробари гӯш кардани сабти матн, хонандагон онро бодиққат нигоҳ мекунанд. Сипас хонанда баробари сабт матнро мехонад. Хонандагон бояд се - панҷ маротиба матнро баробари сабт хонанд. Ин корро на дар як рӯз, балки дар давоми якчанд рӯз иҷро кардан мумкин аст.
    - *нақшофарӣ* – хонандагон матнҳои муколамавиро ба нақшҳо ҷудо карда, байни худ тақсим мекунанд ва ба дигарон намоиш медиҳанд.

### 3. 5. 4. Таълими хониши бошуурона

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: “Хониши бошуурона

чараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад”. Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷриба”-и шахс ва он матнест, ки мехонад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими фанни “Забони модарӣ” дар синфи сеюм мебошад. Аз ин рӯ, стандартҳои фанни мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми низомҳои маорифи мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин, арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (*PISA, PIRLS, EGRA*) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

– матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
– ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои хаттиро мехонад;
– аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
– малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
– матнро аз рӯйи сохтори он фарқ карда метавонад;
– ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад.

Дар поён панҷ тавсияе, ки дар асоси таҳқиқотҳои фаннӣ[4] таҳия шудаанд, пешниҳод мегардад. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳо (усул)-и хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияҳои хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифтаест, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикррони) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон имконият медиҳанд, ки сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намоянд ва дониши сусту номукамали худро оид ба матн ҷуброн кунанд.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонанд (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стартегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад:

| Стратегияҳои самаранок | Тафсир |
|---|---|

[4]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., Торгесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010 - 4038). Вашингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

| | |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон бо истифода аз маълумот ва донише, ки ба даст овардаанд, аз рӯйи нишонаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки талабагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯйии худро муайян месозанд. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ифодаҳои саволии *дар куҷо?* ва *барои чӣ?* истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон чизи дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Хулосабарорӣ** | Хонандагон ахбореро, ки барои дарки маънии матн ошкоро наомадааст, муайян мекунанд. |
| **Ҷамъбаст/Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шавад. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне, хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн хонандагон метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд. Сипас оид ба ҳамон матн пешгӯйӣ мекунанд, савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда, сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамойии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд гардад.

**Тавсияи 2.** *Тарзи муайян кардан ва истифодаи сохтори матнро ба мақсади дарк, омӯхтан ва дар хотир нигоҳ доштани муҳтаво ба хонандагон омӯзед.*

Агар хонандагон бо сохтори матн шинос шуда бошанд, маънои матнро хубтар дарк мекунанд ва ахбори онро ба хотир мегиранд, зеро сохтор ба хонандагон барои бардоштан ва сохтани маънӣ ҳангоми хондан ёрӣ мерасонад. Масалан, дарки сохтори матн ба хонандагон имконият медиҳад, ки фарқи байни ҳодисаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро донанд ва ҳодисаҳои ҳикояро пешгӯйӣ кунанд. Хонандагон метавонанд дар зинаи таҳсилоти томактабӣ бо сохтори матн шинос шаванд. Таълим дар ин зина дар асоси матнҳои ҳикоягӣ ба роҳ монда шавад ҳам, хонандагони синфҳои поёнӣ бояд ҳатман ба матни ахборотӣ шинос гарданд, зеро сохтори он фаҳмиши онҳоро ташаккул дода, ба онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои асосии онро бозгӯйӣ кунанд (нигаред ба тафсири навъҳои матн).

**Матнҳои бадеӣ** тасвири ҳикоя ё тартиби ҳодисаҳои бофта ё ҳаққоние, ки симоҳои тахайюлотӣ ва ё шахсҳоро фаро мегирад; дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои бадеӣ – матнҳои бадеӣ - таърихӣ, афсонаву ҳикоя ва тарҷумаи ҳол буда метавонанд.

**Матнҳои ахборӣ** иншои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки дар он як мавқеъ назар ба мавқеи дигари муқобил бартарӣ дода мешавад ва матнҳои дастурдиҳиву ҳуҷҷатҳоро фаро мегиранд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборотӣ хабар, суханони шахсони машҳур (баромад) ва ҷадвалҳо (тақвим ва амсоли он) буда метавонанд.

Барои ташаккул додани дониши хонандагон оид ба сохтори матн ва истифодаи ин дониш барои дарки маънои матн воситаҳои гуногуни таълимӣ мавҷуданд. Масалан, омӯзгорон метавонанд ба хонандагон тарзи истифодаи нақша ва ҷадвалҳои гуногунро омӯзанд. Яке аз чунин воситаҳо тартиб додани ҷадвали қайдҳо аст. Масалан, омӯзгор метавонад аз хонандагон хоҳиш намояд, ки рӯйихати унсурҳои асосии матн (макон, симоҳо, ҳодиса, масъала, ҳал)-ро тартиб диҳанд. Омӯзгорон, инчунин, метавонанд қисмҳои матни ҳикояро тавассути харитаи матн ё дигар воситаҳои графикӣ, ба монанди (1) нақшаи мувофиқгузории сохтор ба мундарича, (2) ҷобаҷогузории қисмҳои матн, расмҳои ҳодисаҳои асосӣ ва ба тартиби муайян гузоштани қисмҳои матни бадеӣ ё (3) диаграммаи сархатҳои матнро, ки ҳодисаҳои асосии матнро алоқаманд мекунанд, пешниҳод намоянд.

Омӯзгорон бояд на танҳо унсурҳои сохтори матни бадеӣ, балки унсурҳои умумии сохтори матни ахборӣ ё тавзеҳиро низ шиносонанд. Сохтори матнҳои ахборӣ одатан аз сархатҳо ё параграфҳо иборат буда, матни пурра метавонад якчанд сохторро фаро гирад. Омӯзгорон барои таълими сохтори матни ахборӣ аз мавзӯъҳои ба хонандагон шинос истифода бурда, матнҳоеро интихоб менамоянд, ки намунаҳои осонфаҳм ва мушаххаси сохтори матни ахбориро фаро мегиранд. Муқоиса ва монандкунӣ намунаи хуб аст. Омӯзгор метавонад матнҳоро оид ба навъҳои гуногуни ҳайвонот, ду ё се навъи нақлиёт истифода бурда, аз хонандагон хоҳиш кунад, ки якҷоя кор карда, ҷадвал таҳия намоянд, ё тавассути диаграммаи Венн монандӣ ва фарқи онҳоро муайян кунанд.

**Тавсияи 3.** *Хонандагонро ба муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагону омӯзгор тавассути саволу ҷавоби мантиқиву таҳқиқӣ ташкил мешавад. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмиҳои матнро равшан мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Омӯзгор тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: “Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳо оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо калимаҳои ғафси сиёҳ оварда мешавад ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана, нигаред, сарлавҳа оид ба “Ғизои оҳувон”. Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳувон маълумот медиҳад”. Ҳамин тавр, муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Инчунин, омӯзгор метавонад матнро бо овози баланд ба талабагон хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад (ҳикоя дар бораи чист, ё ба фикри онҳо, сипас чӣ ҳодиса мешавад ва ғ.). Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни фикрронии дараҷаи баланд ба роҳ мондан ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Гоҳе барои муҳокима омӯзгор метавонад матнеро интихоб кунад, ки ба масъалаи фарогирифтаи он хонандагон шояд розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо, оё натиҷаҳои ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд ё не ва ғ. Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё розӣ набудан) муттаҳид менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаеро интихоб намоянд, ки ақидаи онҳоро дастгирӣ кунад (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ё тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки бо ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикрронииро таҳия намояд, ки оид ба маънии матн хонандагонро ба амиқ фикр кардан водор намояд, на гуфтани маълумоти одӣ. Саволҳо бояд он чизеро инъикос кунанд, ки омӯзгор мехоҳад хонандагон аз матн гиранд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассал. Саволҳо набояд хеле сода бошанд (“Номи писар чӣ буд?”) ё танҳо ақидаи хонандагон пурсида шавад (“Ҳикоя ба шумо маъқул шуд?”). Саволҳои дараҷаи баланди фикрронӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- Барои чӣ.?
- Шумо дар бораи. чӣ фикр доред?
- Агар шумо ба ҷойи муаллиф мебудед.?
- Ин чиро ба ёди шумо меорад ва чаро?

**Тавсияи 4.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то ки хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи “як ченак барои ҳама” бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки дар синфҳои минбаъда пеш меояд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо хонандагонро бо матнҳои гуногун шинос мекунанд, балки боварӣ ҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқ аст. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб мекунад. Малакаи хониши бошууронаи хонандагон тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар стандартҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – *бадеӣ* ва *ахборӣ* ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ** ҳикояҳо ва шеърҳое мебошанд, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқии дорои персонажҳо ё симоҳои тахайюлӣ ҳастанд. **Матнҳои ахборӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар стандартҳо навъҳои жанр вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ – матнҳои ҳикоя ва шеър мебошанд; дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои таърихӣ, афсонаҳо, ривоятҳо ва ҳолномаҳо низ буда метавонанд.
- Матнҳои ахборӣ – матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои ахборӣ чунинанд: хабарҳо, баромадҳо ва ҷадвалҳо.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳарду навъи матн (бадеӣ ва ахборӣ)-ро истифода баранд. Зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Стандартҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва ахбори бою рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матҳои ахборие, ки хуб таҳия шудаанд ва шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона беҳтар мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифатии матн, ки барои ташаккули малакаи фикрронии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои ахборӣ);
- Сохтори хуб;
- Луғати гуногун ва услуби хуби баён.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол ва қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон бошад ва на мушкил. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуд аст: мураккабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва сохти матн, равшании қолаб/сохтор) ва мураккабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабӣ дар ҳамон як матн аз ҳам фарқ карда метавонад, аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ҳардуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, агар ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба хонандагон хеле мушкил мегардад. Ҳамин тавр, агар матн муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошад, дарки чунин матнҳо низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолияти таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд (хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда), мувофиқанд. Шавқи хонандагон ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад, аз ин рӯ, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯи онҳо ба хонандагон маъқул аст ё шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд: (1) ташаккули малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; (2) ташаккули дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; (3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимарониҳо оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайъати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор дар интихоби матн барои таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 5.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани он, ки чӣ тавр стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон барои омӯхтан ёрӣ мерасонад, ташкил мекунад ва доимо ҳис мекунад, ки кадом хонанда муваффақ аст. Илова бар ин, омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, инчунин, барои ба ҳадафҳои калони таълимӣ диққат додани онҳо ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд ҳамон маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки чӣ тавр қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Инчунин, омӯзгорон метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути амалҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз рӯйи матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд. Барои бедор намудани шавқи хонандагон хондани матнҳои ахборӣ оид ба рустаниҳоро пешниҳод кардан мумкин аст. Масалан, хонандагон метавонанд дар тубакҳо донаҳои рустаниро шинонанд ва ҷараёни инкишофи

онро мушоҳида намоянд. Сипас ҳангоми хондани матн омӯзгор метавонад ба хонандагон барои алоқаманд кардани маънои матн ба таҷрибаи шинондан ва нигоҳубини рустанӣ ёрӣ расонад.

**Хулосаҳои умумӣ**

Омӯзгорон бояд ба хонандагон тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикрронӣ ҳангоми хондан омӯзанд. Инчунин, ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои босифат, ки аз лиҳози муҳтаво ва сифат барои фикрронии амиқ мусоидат менамоянд, кор кунанд. Бояд қайд кард, ки хонандагон на танҳо стратегияҳои хонишро бояд дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин рӯ, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъъолона оид ба муҳтавои матн бояд тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

**3. 5. 5. Таълими малакаи навиштан**

Дар стандарти додашуда як қатор салоҳиятҳои навиштан муайян шудаанд. Барои шавқовар ба роҳ мондани навиштан, дар баробари саволу супоришҳои китоб, чанд масъалаҳои шавқовар эҷод карда метавонед:

1. Навиштани дастурамал (Тарзи пухтани ягон навъи хӯрок. Тарзи омода кардани суманак. Тарзи гуфтугӯ бо телефони ҳамроҳ/мобилӣ ва ғ.).
2. Нақлҳои эҷодӣ (Агар ман миллионер мебудам, чӣ кор мекардам? Рӯзе, ки ман бо шахси шинохта вохӯрдам. Зиндагӣ дар деҳаи мо дар соли 2050 чӣ гуна хоҳад буд?)
3. Нақлҳо аз гузашта. (Рӯзи аввале, ки ман компютерро истифода бурдам. Як рӯзи фаромӯшнашавандаи тобистон).
4. Муколамаҳои эҷодӣ (Мусоҳиба бо қаҳрамонҳои матнҳо).
5. Навиштан бо мақсади боваркунонӣ (иншо доир ба вайрон накардани хомӯшӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, матни эълонномае, ки дигаронро ба харидани чизе даъват мекунад).
6. Навиштан бо мақсади тасвири чизе ё ҳодисае (тасвири симои қаҳрамоне аз барномаи телевизионӣ ё китоби бадеӣ, баромадани офтоб дар фасли зимистон, рӯзи аввали ман дар Душанбе пас аз зиндагӣ дар деҳа, дарёи назди хонаи мо, ман уқёнусро чӣ тавр тасаввур мекунам ва ғ.)
7. Шеър/Суруд.
8. Плакатҳо (эълонномаи маҳсулот ё нақл дар бораи филм ё китоби бадеӣ).

Б) Усули «Навигариҳо».

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

1. Хонандагон бо навбат дар гурӯҳ (4-5 нафар) ба ҳамдигар дар бораи воқеаи ба наздикӣ рухдода нақл мекунанд, яъне бо навигариҳои ҳаёти худ ҳамсинфонро шинос мекунанд.
2. Паси ҳам хонандагон навигариҳоро нақл мекунанд ва сипас дар вараќи коғаз тасвир мекунанд.
3. Мазмуни расмро бо ду-се ҷумла менависанд.
4. Кори иҷрокардаро дар гӯшаи «Навигариҳо» ҷой медиҳанд.

Навигариҳо бояд ҳар ҳафта иваз карда шаванд. Азбаски мақсад аз истифодаи ин усул инкишоф додани малакаҳои навиштан аст, сифати расм ба назар гирифта намешавад.

Мунтазам иҷро кардани ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки барои навиштани нақли хаттӣ ва иншо тайёр шаванд.

*Тавсия ба омӯзгор*: Усули «Навигариҳо» хосси синфҳои ибтидоист. Дар вақти кори гурӯҳӣ лаҳзаҳои нақли воқеаи шунидаву дидаи шогирдонро гӯш кунед. Ба назди ҳар гурӯҳ

рафта, фаъолияти хонандагонро мушоҳида кунед. Ба ин васила ба шумо маълум мешавад, ки то кадом дараҷа малакаву маҳорати хонанда ташаккул ёфтааст.

Қисми асосии барномаи самараноки навиштан ин ба хонандагон омӯзонидани раванди навиштан аст. Ба ҷойи ба хонандагон пешниҳод кардани мавзӯъ ва интизор шудани он, ки онҳо матне эҷод мекунанд, беҳтар аст онҳоро ба таҳияи нақшаи матн ва зикри ақидаҳои асосии ҳар як банд водор кунед. Сипас онҳо дастхатте таҳия карда, онро мехонанд ва таҳрир мекунанд. Баъд дастхатти дигар навишта, аз ҳамсинфе хоҳиш мекунанд, ки онро хонад. Онҳо бояд онро бори дигар таҳрир карда, нусхаи дигари онро нависанд. Агар пас аз хондан қаноатманд шаванд, корро ҳамчун нусхаи охирин ба шумо месупоранд.

Шумо ба хонандагон дар ҳолате ёрӣ расонида метавонед, ки аввал диққататонро ба сохтор ва ташкилии матни навиштаи онҳо равона кунед. Танҳо ҳангоми навиштани дастхатҳои минбаъда ба ғалатҳои имлоиву грамматикӣ диққат диҳед. Шумо бояд таъкид кунед, ки то матнро ба шахси дигар барои хондан додан худатон онро пурра хонда, ғалатҳои имлоиву грамматикиашро ислоҳ кунед. Қайд кунед, ки барои нависандаҳои маъруф низ якбора навиштани асар бе навиштани чандинкаратаи сиёҳнавис ғайриимкон аст.

В) Усули «Таҳрир».

Ин усул кор бо матни корҳои хаттӣ буда, он ҳамчун воситаи ба худ ва ё ба ҳамдигар баҳо додан истифода мешавад.

Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?

1. Навиштани матн, нақли хаттӣ ё иншо;
2. Саволҳо барои таҳрири кори худ ё ҳамдигар:
   - оё ҳамаи калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (Ба ёд овардани имлои калимаҳо);
   - ҳамаи ҷумлаҳо фикри тамомшударо ифода мекунанд?
   - ҷумлаҳо мураккаб нестанд? Агар мураккаб бошанд, чӣ тарз метавон онро ихтисор кард ё аз он ду ҷумлаи сода сохт?
   - оё баъд аз аломатҳои нуқта, савол ва хитоб ҷумлаҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд?
   - аломатҳои китобат дуруст гузошта шудаанд?
   - сархатҳо дуруст гузошта шудаанд?
3. Ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед.

Чи тавре ки аз номаш маълум аст, ин усул дар дарсҳои кори хаттӣ (имло, нақли хаттӣ, иншо) истифода мешавад.

Муаллим аз намунаи меъёрҳои арзёбии ташаккулдиҳанда истифода бурда метавонад.

Тавсия ба омӯзгор. Барои санҷидан ва ба кори худ баҳо додан шогирдонро таъкид кунед, ки дар кори хаттии худ ҷумла (ибора, калима)-и барояшон мақбулро бо ягон ранг (беҳтараш қалами сабз) ишора кунанд. Сипас барои такмил додани корашон ҷумлаеро интихоб кунанд, ки ислоҳталаб аст. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хонанда муваффақият ба даст оварад ва ҳам кори устодаш (масалан, ислоҳи ғалатҳои китобат, имло) сабук шавад.

Воситаи хуб ин равона сохтани диққати онҳо ба навиштаи бад аст. Дар ин ҳолат диққати асосӣ ба сифат равона мешавад, на ба миқдор.

Барои равона кардани диққати хонандагон ба сифат, чунон ки дар боло қайд кардем, мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки дигарон матни эҷодкардаи онҳоро мехонанд. Шумо метавонед ҷузвдоне ташкил карда (барои ҳар як мавзӯъ - ҷузвдони алоҳида), нусхаи охирини корҳои хаттии хонандагонро дар он нигоҳ доред. Ин матнҳоро минбаъд ҳамчун маводди хониши хонандагон истифода бурда метавонед. Тадриҷан метавонед аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни беҳтаринро аз ин маҷмӯа барои аҳли синф хонанд.

Ҳангоми таҳлили кори хаттии хонандагон инҳоро бояд арзёбӣ кард:

- сохтор ва пешниҳоди матн (кори хаттӣ);
- баёни мавзӯъ (агар пешниҳод шуда бошад);
- истифодаи воситаҳои бадеӣ;

– истифодаи луғати ғайриодӣ;
– сохтори дурусти грамматикӣ;
– истифодаи дурусти аломатҳои китобат.

***Г) Ҳамгироии малакаҳои муаррифӣ кардан – Кори лоиҳавӣ***

Корҳои лоиҳавӣ фаъолияти дарозмуҳлат буда, хонандагон ё гурӯҳи хонандагон таҳқиқот бурда, кори эҷодӣ таҳия мекунанд. Лоиҳа ба хонандагон имконият медиҳад, ки малакаи забондонии худро озодона ва эҷодкорона истифода бурда, воситаҳои гуногуни ахборро пешниҳод кунанд. Лоиҳаҳо низ воситаи хуб барои такрори маводди азхудкардаи хонандагон аст.

Илова ба мақсадҳои забонӣ, кори лоиҳавӣ малакаҳои иҷтимоӣ ва ташкилии хонандагонро вусъат медиҳад. Барои таҳияи кори лоиҳавӣ хонандагон дар алоҳидагӣ ё дар гурӯҳҳо машғул мешаванд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки ҳамкорӣ кунанд, масъулиятро ба дӯш гиранд, вақтро ба ҳисоб гирифта, кори худро ташкил кунанд.

***Намуна:***

**“Қаҳрамонони Тоҷикистон”**

1. Синфро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо кунед. Ба онҳо супориш диҳед, ки қаҳрамонеро интихоб кунанд.
2. Якҷоя рӯйхати саволҳоро доир ба онҳо тартиб диҳед ва онро дар тахтаи синф нависед. Масалан,

а) Кай ва дар куҷо фаъолият кардааст?
б) Ӯ чӣ корнамоиҳо нишон додааст?
в) Ягон чизи ғайриодиро доир ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ пешниҳод кунед.
г) Дигарон дар бораи ӯ чӣ гуфтаанд? ва ғ.

3. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки воситаи муаррифии ахбори дарёфтаашонро интихоб кунанд. Барои хонандагон ин метавонад плакат ё гузориш бошад.
4. Ба хонандагон таърихи супоридани корҳои лоиҳавиро пешниҳод кунед.
5. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақшаи иҷрои кори лоиҳавиро омода кунанд.
6. Хонандагон муаррифии худро омода мекунанд.
7. Хонандагон муаррифиашонро пешниҳод мекунанд.
8. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки муаррифии дигаронро гӯш карда, ҷадвали зеринро пурра кунанд:

| **Ному насаби қаҳрамонон** | **Корнамоиҳо** | **Чизи наве, ки ман доир ба қаҳрамони мазкур донистам** |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

Чиро бояд арзёбӣ кард?

Агар кор дар гурӯҳҳо бошад, оё ҳамаи хонандагон фаъолона иштирок мекарданд?
Хонандагон аз китобҳои дарсӣ ва дигар мавод самаранок истифода бурданд?
Муаррифӣ мувофиқи қоидаҳои имлоиву услубии забони адабии тоҷикӣ таҳия шудааст?
Плакат/муаррифӣ шавқовар тарҳрезӣ шудааст?
Муаррифии шифоҳии хонандагон равшан ва шавқовар буд?
Ахбори пешниҳодшуда дуруст буд?

Ҳангоми таҳияи масъалаи кори лоиҳавӣ боварӣ ҳосил кунед, ки барои гузаронидани таҳқиқот маводди зарурӣ доред. Масалан, шояд дар мактаби шумо китоб доир ба ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамонон набошад. Маълум аст, ки деҳот сарчашмаи ҳикояҳои шифоҳӣ аст. Масалан, шумо аз хонандагон хоҳиш карда метавонед, ки мавзӯи «Мактабхонӣ 50 сол қабл»-ро таҳқиқ кунанд. Онҳо метавонанд инро аз модаркалону бобоҳои худ пурсон шаванд.

## IV. Арзёбӣ

### 4.1. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои хондан

Бо назардошти мураккабии малакаи хондан, ки маҷмӯи малакаҳоро фаро мегирад, мо бояд як қатор тартиботи арзёбиро истифода барем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо наметавонем як қатор салоҳиятҳоро дар як вақт бо воситаҳои содаи арзёбӣ санҷем. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи андозаи сатҳи иҷро карда тавонистани хонанда хеле муҳимманд.

### 4.2. Воситаҳои арзёбии ташаккулидиҳандаи малакаҳои хондан

#### 4.2.1. Санҷидани хондани калимаҳои шинос

Дар синфи сеюм хонандагон чанд калимаи шинос (маъмул)-ро ба таври автоматӣ мехонанд (яъне ҳарфакӣ ё бо ҳиҷо намехонанд). Роҳи осони санҷидани ин дараҷаи маҳорат гӯш кардани тарзи хондани матн аст.

Шумо, инчунин, метавонед чанд калимаҳои шиносро интихоб карда, дар вараќе нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин калимаҳоро бо овози баланд хонанд. Албатта, тарзи хондани хонандагон аз ҳамдигар фарқ хоҳад кард. Дар ҳолате ки агар хонандагон калимаҳои ба синнашон мувофиқро хонда натавонанд, онҳоро ба машқи хондани ақаллан даҳ калима дар як рӯз водор кунед.

Намуна

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | корхона | сурх | китобхона | рӯбоҳ | себ | дастархон |
| муаллима | муаллиф | нардбон | падар | дилрабо | одам | гуворо |
| ҳашт | тобистон | паланг | садбарг | тирамоҳ | гандум | барф |
| Наврӯз | машқ | китоб | ошёна | бемор | шабнам | рафиқ |
| гунҷишк | навиштан | баҳор | дувоздаҳ | гӯсола | бадан | рухсора |
| курта | вазифа | каланд | меоярд | зимистон | дӯст | сулҳ |
| омӯзгор | фароштурук | нома | тахта | чил | дил | шарбат |

#### 4.2.2. Гӯш додан ба тарзи хондани хонандагон

Яке аз воситаҳои сода, ки шояд шумо истифода мебаред, ин аст, ки дар синф давр зада, аз хонандагон хоҳиш мекунед, то ба шумо матнеро хонанд. Агар шумо ҷадвал ё вараќи бақайдгирӣ дошта бошед, ҳамзамон чанд салоҳияти хонандагонро санҷида метавонед. Масалан:

- Оё хонанда калимаҳои маъмул ва ба ин синф мувофиқро равон мехонад (яъне калимаро мебинаду дарҳол мехонад)?
- Оё онҳо пешбинии мантиқии калимаро аз муҳтавои матн барои суръати хониш истифода бурда метавонад?
- Оё хонанда қобилияти бо овози баланд ва бо суръати ба ин синну сол мувофиқи хонданро, ки барои дарки маънӣ мусоидат мекунад, дорад?

#### 4.2.3. Саволҳо барои санҷидани дарки маънии матни хондашуда

Пас аз он ки хонанда матнро мехонад, барои муайян кардани қобилияти фаҳмиши ӯ чанд савол диҳед. Танҳо нақл кардани маънои матн кофӣ нест. Шумо бояд санҷед, ки оё онҳо ҳодисаҳои дар матн инъикосгардидаро дарк кардаанд ва маънии матнро муайян карда метавонанд ё не. (Ба фикри шумо чӣ ҳодиса рух медиҳад?) Шумо сипас мувофиқи дараҷаҳои ташаккули тафаккур саволу масъалаҳо тартиб дода метавонед. (Шумо дар ин вазъият чӣ кор карда метавонед?)

Дар асл агар шумо нишонаи дарки маънии матни хондаро мушоҳида карда натавонед, бояд бо ин хонандагон барои такмил додани тарзи истифодаи стратегияҳои хондан кор кунед.

### 4.3. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии малакаҳои хондан

Баъзе воситаҳои арзёбиеро, ки дар боло шарҳ дода шудаанд, метавонед ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ низ истифода баред. Ҳарчанд мақсади арзёбии ҷамъбастӣ муқоисаи як хонанда ба хонандаи дигар бошад ҳам, истифодаи воситаи санҷиши хониши калимаҳои

шинос натиҷа намебахшад. Зеро то рӯйхати калимаҳои шиносро барои ҳар як синф таҳия накунем, воситаи мазкур барои санҷидан мувофиқат намекунад.

Диққат!!! Мо ҳеҷ гоҳ набояд маълумоти аз арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъовардаамонро ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ истифода барем. Барои чӣ? Зеро мо бояд маълумотеро истифода барем, ки дар ҷараёни таълим ҷамъ оварда шудааст, на дар натиҷаи анҷоми таҳсил!

**5. 3.1. Санҷидани суръати хониш**

Яке аз воситаҳои хубе, ки шумо айни замон истифода мебаред, дар як дақиқа чанд калимаро дуруст хондан аст. Одатан ба хонанда матни ношинос дода мешавад ва ӯ ин матнро дар вақти муайян бо овози баланд мехонад. Хонанда то тамом шудани вақти муқарраршуда матнро мехонад. Сипас миқдори калимаҳои хондашударо бо дақиқа/сонияҳо ҷудо мекунем. Усули дигар ин шумораи муайяни калимаҳо ва санҷидани вақтест, ки барои хондани онҳо сарф мешавад.

**Аммо мо бояд дарк кунем, ки ин усули дуруст аст, зеро ҳамеша матни монанд ва вақти муайян истифода мешавад, аммо он мувофиқ нест, зеро хонандагон метавонанд калимаҳоро нодуруст хонанд, аммо маънои он калимаҳоро донанд.**

Умуман, хуб мешавад, ки дар арзёбии ҷамъбастӣ ба натиҷаи ниҳоӣ диққат диҳем. Мақсад аз хондан дарк кардани маънии матни хондашуда мебошад.

**4.3.2. Санҷиши дарки маънӣ**

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур шумо бояд супоришҳои хондан ва дарки маънӣ, ки дар фасли “Арзёбии ташаккулдиҳанда” шарҳ дода шудааст, таҳия кунед. Аммо айни замон чанд воситаҳои стандартии арзёбии малакаи дарки маънӣ истифода мешаванд, ки тавассути онҳо метавонем натиҷаҳои хонандагонро байни худ, дар сатҳи синф ва мактаб муқоиса кунем.

Намуна:

***Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.***

*Ману бародарам ба хонаи бобоям ба деҳа рафтем. Аз назди хонаи бобоям дарёчае мегузарад. Ману бародарам ба назди дарёча рафтанӣ шудем. Модарам моро таъкид кард, ки дар дарёча оббозӣ накунем. Мо ба суханони модарамон гӯш надода, дар дарёча оббозӣ кардем. Ногаҳон дар вақти оббозӣ ба пойи бародарам шишапорае халид. Пойи бародарам захмин шуд. Мо ба хонаи бобоям баргаштем. Модарам инро дида, моро сарзаниш кард. Ба пойи бародарам дору гузошта, онро бастанд.*

***Саволҳо:***

*1. Бародарон дар куҷо буданд?*

*2. Модар ба писаронаш чӣ гуфт?*

*3. Бо бародари дуюм чӣ ҳодиса рух дод?*

*4. Чаро модар писаронашро сарзаниш кард?*

*5. Агар писарбачаҳо ба гапи модарашон гӯш медоданд, чӣ мешуд?*

Мо метавонем салоҳиятҳои қадр кардани хонишро чунин мушоҳида кунем, ки хонандагон то кадом андоза аз хондан ҳаловат мебаранд ва барои хондан чанд маротиба мустақилона китоб интихоб мекунанд ва ба дигарон мехонанд.

**4.4. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи навиштан**

Навиштан раванди хеле мураккаб буда, малакаҳои гуногунро талаб мекунад. Барои ҳамин ба омӯзгорон воситаҳои гуногуни арзёбӣ зарур аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо натавонем ба воситаи усулҳои сода як қатор салоҳиятҳоро бисанҷем. Дар ин марҳала ташхиси малакаи навиштани ҳар як хонанда ва муайян кардани он ки кадом амалро иҷро карда метавонад ва кадом амалро наметавонад, хеле муҳим аст.

**4.4.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи навиштан**

1) Ҳусни хат ва қоидаҳо. Мақсади ин восита муайян кардани малакаи хушнависӣ ва истифодаи қоидаҳои хат (аломати китобат, ҳарфи калон ва хурд, сархат гузоштан) аст. Барои ин матни хурде ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Хонандагон матнро дар

дафтар мекӯчонанд. Омӯзгор матни кӯчондаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои зерин баҳо медиҳад ва натиҷаи баҳоро дар ҷадвал ба қайд мегирад.
Намунаи матн:

*Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Ногаҳон аз дасти пиразан рӯймолчае афтод. Духтарон рӯймолчаро гирифтанд. Дар рӯймолча дафтарча ва калидҳо буданд. Духтарон давида рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда, ба онҳо ташаккур гуфт.*

| **Меъёрҳо** | Баъзан (камтар аз нисф) | Зиёда аз 50 фоиз | Пурра |
|---|---|---|---|
| Хаташ мавзун ва моил (ба рост, тахти кунҷи 65°) аст. | 1 | 2 | 3 |
| Қоидаи васлшавии ҳарфҳо ва масофаи байни калимаҳо риоя шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Калима ва ҷумлаҳо зебо, тоза ва беғалат кӯчонда шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Харфи аввали номи одамон, шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, кӯчаҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд. | 1 | 2 | 3 |
| Аввали ҷумларо бо ҳарфи калон навишта, дар охир аломати нуқта ва савол гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Пас аз калимаҳои пайиҳамомада (ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат) аломати вергул гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| Ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст гузоштааст. | 1 | 2 | 3 |
| **Ҷамъ** | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | |

2) **Санҷиши имло**. Рӯйхати калимаҳои имлояшон мураккабро тартиб диҳед. Ҳангоми тартиб додани рӯйхат ғалатҳои эҳтимолии имлоиро ба эътибор гиред. Масалан, шояд хонандагон дар имлои ҳарфҳои *ӯ, ӣ, ъ* ё ҳамсадоҳои такрор (мушаддад) ба ғалат роҳ диҳанд. Сипас калимаҳоро хонед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо хол гузоред. Сипас холи гирифтаи хонандаро бо холи қисми санҷиши наҳв ҷамъ карда ба ҷадвал нависед.
Намуна:
*рӯзнома, зиндагӣ, баъд, шанбе, якшанбе, муаллим, китобхона, парвозкунон, арра, раъд* ва амсоли ин.
Меъёрҳо:
Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол.
Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол.
Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол.
3) **Санҷиши наҳв/синтаксис**. Барои санҷиш метавонед ба хонандагон чанд калимаи шинос пешниҳод кунед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки як ё ду ҷумла нависанд.
Намуна: *китоб, модар, мактаб, ҳамсинф, дӯст.*
Сипас ҷумлаи навиштаи хонандагонро дар асоси меъёрҳои поён санҷида, ба онҳо хол гузоред.

| Меъёрҳо | Дуруст нест | Қисман дуруст аст | Пурра дуруст аст |
|---|---|---|---|
| Тартиби калимаҳои ҷумла дуруст аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷумлаи навиштаи хонанда мувофиқи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ аст. | 0 | 1 | 2 |
| Ҷамъ | | | |

5) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонандагон чанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида ва натиҷаи холҳо дар ҷадвал дарҷ мешавад.

Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

Намунаи мавзӯъҳо:

*Чаро ман мактабро дӯст медорам; Китоб – дӯсти инсон; Тобистон хуш гузашт; Дӯст; Тирамоҳ; Офтоб; Замин; Падар; Модар ва монанди инҳо.*

| **Меъёрҳо** | Нодуруст | Қисман дуруст | Пурра дуруст |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ** | | | |

### 4.4.2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии навиштан

1) Санҷиши имло.

Барои ба роҳ мондани санҷиши имло омӯзгорон бояд рӯйхати калимаҳои маъмули синфи сеюмро таҳия кунанд. Мақсади асосӣ муайян кардани сатҳи мувофиқи талаботи имлои забони тоҷикӣ калимаҳои шиносро дуруст истифода бурдани хонандагон мебошад.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои навиштан омӯзгор кори хонандаро месанҷад ва рӯйхати калимаҳоеро, ки ғалат навишта шудаанд, тартиб дода, аз хонанда хоҳиш мекунад, ки тарзи навиштани калмаҳои мазкурро дар хона машқ кунад. Дар ин ҳолат омӯзгор воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода мебарад. Роҳи осони санҷидани имло санҷиши кори хаттии хонандагон ва муайян кардани дурустии имлои калимаҳо мебошад.

Дастурҳо:

- кори хаттии хонандагонро ҷамъ оваред;
- ибора, ҷумла ё матни навиштаи хонандагонро санҷед ва калимаҳои ғалатнавиштаро муайян кунед;
- миқдори калимаҳои ғалат навишташудаоро муайян кунед ва ба хонанда баҳо гузоред.

*2) Санҷиши синтаксис (наҳв)*

Дар синфи сеюм хонандагон ҷумлаҳои сода менависанд. Инчунин, матнҳои кӯтоҳ таҳия мекунанд. Кори хаттии хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин арзёбӣ мегардад:

- тартиби калимаҳо дар ҷумла дуруст аст;
- ҷумла мувофиқи талаботи синтаксиси забони тоҷикӣ мебошад.

*3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида*

Барои санҷиши истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- матни навиштаи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро тавассути матн (навиштан) баён карда метавонад.

### 4.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии малакаи шунидан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби ба ҳам пайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои шунидану гуфтанро бо воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои

арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи шунидану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда хеле муҳим аст.

### 4.5.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардан (шунидан)

*1) Санҷиши малакаи қабули овозҳо*

Дар синфи сеюм омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо ҳарфҳо навишта шудаанд, бисанҷанд. Онҳо овозро мегӯянд ва хонандагон ҳарфро нишон медиҳанд.

*2) Санҷиши малакаи қабули калима ва ибораҳо*

Дар синфи сеюм омӯзгорон метавонанд малакаи мазкурро тавассути варақҳои махсуси санҷишӣ, ки дар онҳо калима ва ибораҳо навишта шудаанд, бисанҷанд. Онҳо калима ё ибораро мехонанд ва хонандагон онҳоро нишон медиҳанд.

*3) Имло (диктант)*

Машқи имло барои муайян кардани он аст, ки хонандагон то кадом андоза калимаи шунидаашонро мефаҳманд ва навишта метавонанд.

*4) Санҷиши дарки ахбори шунида*

Матнро ба хонанда хонед ва сипас ба ӯ чанд савол дода, бисанҷед, ки то кадом андоза онро дарк кардааст. Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмидану таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн низ санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, “Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед?” Тавсия мешавад, ки дар синфи сеюм саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат бигирад.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян шавад, ки малакаи дарки маънии ахбори шунида дар хонанда то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонанда дар алоҳидагӣ кор карда, стратегияҳои ташаккули малакаи гӯш карданро биомӯзонед.

*5) Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан*

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану шунидан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия кунед:

- ҳангоми гуфтор баландии овозаш мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмо ва бо суръати мувофиқ гап мезанад;
- дигаронро бодиққат гӯш мекунад;
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

### 4.5. 2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии шунидан

Асосан барои ба натиҷаи ниҳоӣ баҳо додан бояд дарки маънии ахбори шунида санҷида шавад. Аз ин рӯ, воситаҳои санҷиши дарки маънии ахбори шунида (нигаред ба боло) барои арзёбии ҷамъбастӣ мувофиқанд.

## 4. 6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гуфтан

### 4. 6. 1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои шунидан

1) Санҷиши тарзи талаффузи фонемаҳо ва калимаҳо.

Дар синфи сеюм санҷидани тарзи талаффузи фонемаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ, махсусан, фонемаҳои /ӣ/ ва /ӯ/ санҷида мешавад. Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва, мутаносибан, бароиислоҳи ғалатҳо ба хонандагон тавсия медиҳад ва роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

*2) Санҷиши морфологӣ ва синтаксисӣ*

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣ ҷумлаҳои дуруст гуфта тавонанд ҳам, омӯзгор ба гуфтори хонандагон аҳаммият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

– тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
– ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ аст.

*3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида*

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

– як қатор луғатро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
– нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
– хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

**4. 6. 2. Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан**

Бо мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии кортҳои мавзӯиро истифода баред.

**Нақшаи тақвими корӣ аз фанни “Забони модарӣ” барои синфи сеюм**

| Бобҳои таълим | Соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | Феврал | | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум** | **136** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1.Мактаб. Ватан. Модар | **20** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2. Чашма, дарё ва кӯлҳо | **26** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 3. Одоби ҳамида | **30** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4. Барқ ва аҳаммияти он дар рӯзгори мо | **14** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5. Муҳити зист ва муҳофизати он | **46** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи дуюм | **136** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6. Далерӣ ва қаҳрамонӣ. | **30** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 7. Парандагон зебу зинати табиатанд | **26** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 8. Эҳтироми падару модар ва омӯзгор | **38** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9.Олами ҳайвоноти Тоҷикистон | **42** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳафта | | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** | **24** | **25** | **26** | **27** | **28** | **29** | **30** | **31** | **32** | **33** | **34** |

**Ҷадвали тақсимтои соатҳо аз рӯйи навъҳои дарс**

| № | Навъҳои дарс | Миқдори соатҳо |
|---|---|---|
| **1** | Дарсҳои омӯзишӣ ва ташаккули салоҳиятокӣ | 202 |
| **2** | Дарсҳои арзёбӣ | 17 |
| **3** | Дарсҳои корҳои хаттии таълимӣ (омӯзишӣ) | 8 |
| **4** | Дарсҳои хониши беруназсинфӣ | 16 |
| **5** | Дарсҳои ҷамъбастӣ ва кор бо ғалатҳо | 15 |
| **6** | Дарсҳои эҷодӣ (кори лоиҳавӣ) | 14 |
| | | **Ҳамагӣ: 272 соат** |

Шарҳи мухтасари дарсҳо. Ҳамаи дарсҳои фанни «Забони модарӣ» дар синфи сеюм чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

1. Дарсҳои ташаккули салоҳиятнокӣ (омӯзиши маводди нав, мустаҳкамкунӣ, истифода ва арзёбии ташаккулдиҳанда) - 202 соат

Ин дарсҳои муқаррарӣ буда, асоси таълими забони модариро дар синфи сеюм ташкил медиҳанд. Фаъолиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан, навиштан асоси ин дарсҳоро ташкил медиҳанд, ки ҳамгиро таълим дода мешаванд.

**2. Дарсҳои арзёбӣ (17 соат):**

Аз ин 12 соат барои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар се давра (аввали соли таҳсил (4 соат), нимсолаи 1 (4 соат) ва дар ҷамъбасти соли таҳсил (4 соат); 5 соат барои арзёбии корҳои хаттии санҷишӣ (имлои санҷишӣ) дар давраҳои муайяни таҳсил. Ҳангоми дарҷи ин мавзӯъҳо нишон додани унвони матн барои арзёбии корҳои хаттӣ ҳатмист. Дар саҳифаи баҳогузорӣ низ барои ҳамаи хонандагоне, ки кори хаттиро иҷро кардаанд баҳо гузоштан ҳатмӣ мебошад.

**3. Дарсҳои корҳои хаттии таълимӣ (омӯзишӣ) (8 соат)**

Вобаста ба душворӣи ташаккули малакаҳои матнофарӣ барои омӯзондани корҳои хаттӣ (нақли хаттӣ, иншо, ҳикоя) 8 соат ҷудо мешавад. Ин дарсҳоро аз дарсҳои арзёбии ҷамъбастӣ бояд фарқ кард. Дар ин дарсҳо танҳо тарзи матнофарӣ омӯзонда мешавад. Дар дафтари синф мавзӯи кори хаттӣ навиштан ҳатмӣ бошад ҳам, ба ҳама баҳо гузоштан шарт нест (Ниг. ба дарсҳои «Машқи навиштани нақли хаттӣ», «Машқи навиштани иншо»)

*4. Дарсҳои хониши беруназсинфӣ (муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарс хондашуда)*

Дарсҳои мазкур ба муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарсхонади хонандагони синфи чорум бахшида мешавад. Низоми таълими салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи мактаб таълим гирифтан, балки таълими беруназсинфии хонандагонро низ тақозо мекунад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.

*5. Дарсҳои ҷамъбастӣ ва кор бо ғалатҳо (15 соат)*

Дарсҳои мазкур ба муайян кардани душвориҳои хонандагон ва ёрии амалии бештар расондан ба онҳо равона карда мешавад. Дар раванди таълим шумо бояд муайян кунед, ки кадом хонандаи шумо дар ин ё он масъалаи таълим душворӣ мекашад. Дар ин дарсҳо шумо душвориҳои хонандагонро гурӯҳбандӣ намуда, бо ёрии хонандагони пешсаф ба онҳо барои ноил шудан ба салоҳиятҳо ёрӣ мерасонед.

*6. Дарсҳои эҷодӣ (Кори лоиҳавӣ) (14 соат)*

Дарсҳои мазкур ба мақсади ривоҷ додани эҷодкории хонандагон равона шуда, таълифи китобча, гирдоварии мавод доир ба ягон мавзӯи таълим ё мушоҳидаҳои ҳаётии хонандагонро дар бар мегирад.

**Шарҳи нақшаи дарс**

Дарсҳо вобаста ба мақсад ва навъ сохтори гуногун доранд.

| | |
|---|---|
| **Фан** | Дар ин қисм номи фан навишта мешавад. Масалан, забони модарӣ |
| **Синф** | Дар ин қисм синф навишта мешавад. Масалан, синфи 3 "а" |
| **Санаи баргу-зории дарс** | Дар ин қисми нақша рӯзи баргузории дарс навишта мешавад. Масалан, 12. 12. 2016 |
| **Мавзӯъ** | Пас аз навиштани фан, синф, санаи баргузорӣ номи мавзӯъ навишта мешавад. Мавзӯъ умумӣ буда, дар доираи он ташаккул додани ҳамаи салоҳиятҳо гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан дар назар дошта шудааст. На ҳамеша мавзӯъ номи матни дар ин дарс омӯхташавандаро ифода мекунад. Номи баъзе матнҳо ҳам дар асл мавзӯъ буда наметавонанд. Дар низоми кунунӣ ду мавзӯъ: хониш (номи матн) ва забонӣ навишта мешуд. Дар ин тарзи номгузории мавзӯъ инкишофи нутқи шифоҳӣ: гӯш кардану гуфтан ба эътибор гирифта намешуд. |
| **Салоҳиятҳо** | Дар ҳамаи нақшаи дарсҳо салоҳиятҳо бояд нишон дода шаванд. Ин ба шумо барои муайян кардани он ки ин дарс барои ноил гаштан ба кадом салоҳият равона карда шудааст, зарур мебошад. |
| **Мақсадҳои дарс** | Пас аз салоҳиятҳо мақсадҳои дарс оварда мешаванд. Мақсадҳо ҷузъи таркибии салоҳиятҳо буда, мазмун, метод ва арзёбии дарсро муайян мекунад. |
| **Ташкили арс** | Дар оғози ҳар дарс тартиби гузарондани қисми ташкилӣ ба салоҳдиди омӯзгорон вогузор шудааст. |
| **Пурсиши вазифаи хонагӣ** | Тарзи пурсиши вазифаи хонагӣ низ ба салоҳдиди омӯзгор аст. Аммо кӯшиш бояд кард, ки он ба қолаби анъанавии якрангу дилбазан ва воситаи сарзанишу ҳукмбарорӣ (доно/нодон) мубаддал нашавад. |
| **Муҳокимаи мақсадҳои дарс** | Муаррифии мавзӯи нав аз муҳокимаи мақсадҳои дарс оғоз мешавад. Дар ин лаҳзаи дарс хонандагон бо мақсадҳои дарс шинос шуда, имкони истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳои андӯхтаашонро дар ҳаёт муҳокима мекунанд. Ин тарзи кор имкон медиҳад, ки хонандагон донанд ва фаҳманд, ки дар ин дарс аз онҳо чӣ талаб карда мешавад ва онро дар куҷо истифода карда метавонанд. |
| **Фаъолиятҳои таълим** | Фаъолиятҳои таълими дар дарсҳо пешниҳодшуда мисли таълими кунунӣ яксону якранг набуда, дар асоси технологияти таълим ба роҳ монда мешаванд. Дар ин қисми дарс ҳам усулҳои анъанавӣ ва ҳам усулҳои интерактивии таълим истифода шудаанд. Хонандагон бештар бо саволу супоришҳое, ки боиси инкишофи тафаккур ва бедор шудани шавқу ҳаваси донишандӯзӣ мегарданд фаъолият мекунанд. Раванди таълим то андозае фардӣ кунонда мешавад. Баъзе супоришҳо хусусияти интихобӣ дошта, хонандагон метавонанд аз рӯйи шавқу ҳавас, майлу рағбат ва минтақаи актуалии инкишофашон онҳоро интихоб намоянд.<br>Таъкид! Дарсҳо хусусияти тавсиявӣ дошта омӯзгорон вобаста ба шароит ва имконият метавонанд онро тағйир диҳанд. Омӯзгорон ҳақ доранд миқдори супоришҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ (корҳои мустақилона, гурӯҳӣ)-и мувофиқро низ вобаста ба шароит ва имконоти худ интихоб намоянд. |
| **Арзёбии нати-ҷаҳои дарс** | Дар охири ҳар нақшаи дарс барои муайян кардани он ки то кадом андоза хонандагон ба мақсадҳои дарс ноил шудаанд саволу супоришҳо пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои он барои таълими минбаъдаи хонандагон замина хоҳад шуд. |
| **Вазифа барои хона** | Дар ин лаҳзаи дарс омӯзгор дар асоси мушоҳидаҳои худ вобаста ба минтақаи актуалии инкишоф ба хонандагон вазифаҳои инфиродӣ медиҳад. Бо мақсади ҷалби падару модар ба раванди таълиму тарбияи фарзандон дар баъзе дарсҳо вазифаи хонагӣ тарзе супорида шудааст, ки бояд дар ҳамкорӣ бо аъзои хонавода иҷро карда шавад. |

**ФАСЛИ I. Нимсолаи якум**
**Дарсҳои 1 - 2. Дарси сулҳ. Рӯзи Дониш (2 соат)**

**Барнома.** Нақли омӯзгор дар бораи сулҳ: маънои сулҳ, рамзи сулҳ, аҳаммияти сулҳ барои инсоният, муқоисаи сулҳ ва ҷанг, вазифаи мо барои пойдории сулҳ–омӯхтани илму маърифат. Сулҳ барои чӣ даркор аст? Машқи бурро талаффуз кардани калимаи «Сулҳ». Машқи талаффуз ва навиштани дигар калимаҳое, ки овози [х] доранд. Ибораҳои ифодакунандаи «сулҳ» ва «ҷанг»-ро муайян кардан ва бо онҳо навиштани ҷумлаҳо. Навиштани зарбулмасалу мақолҳо оид ба сулҳ.

**Салоҳиятҳо:** 3.1.1. Хонанда қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда,-аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.
3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синнашон мувофиқ аст, муайян карда, хулоса мебарорад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- нақли омӯзгорро бодиққат гӯш кунанд;
- мазмуни матни шунидаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи сулҳ фикру андешаҳои худро баён карда тавонанд;
- дар бораи сулҳ фикрашонро навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба рамзи сулҳ, шеърҳо дар бораи сулҳ.
**Равиши дарс.** Ба мақсади самаранок ташкил кардани машғулияти мазкур дар поён чанд тавсияҳои методӣ пешниҳод мешаванд. Шумо метавонед тавсияҳои мазкурро дар раванди таҳияи нақшаи дарс истифода баред.
1) Хонандагонро бо фарорасии соли нави таҳсил ва акнун дар синфи сеюм таҳсил карданашон табрик гӯед. Дар бораи сулҳ ва аҳаммияти он ба хонандагон нақл кунед.
2) Сипас аз хонандагон чанд савол доир ба мазмуни матни нақлкардаатон пурсед.
Намунаи саволҳо:
*Сулҳ дар чӣ эҳсос мешавад? Сулҳро ба чӣ ташбеҳ додан мумкин аст? Оё сулҳ ба осонӣ ба даст омадааст?*

3) Дар тахтаи синф даврае кашед ва дар дохили он калимаи сулҳро нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар гурӯҳҳои чорнафарӣ тақсим шуда, хусусиятҳои сулҳро дар давраҳои атрофи он навишта, алоқамандии онҳоро барқарор кунанд:



4) Хонандагон нақшаро омода карда, Сипас алоқамандии байни унсурҳои нақшаро муайян мекунанд.
Намуна:




5) Сипас гурӯҳҳо натиҷаи корашонро муаррифӣ мекунанд. Ҳар гурӯҳ як нафариро барои муаррифӣ кардан интихоб мекунанд. Муаррифӣ ба таври шифоҳӣ сурат мегирад. Хонандагон нақшаро ба аҳли синф мефаҳмонанд. Яъне, ба саволи “Сулҳ чист?” ва “Сулҳ чӣ аҳаммият дорад?” ҷавоб мегӯянд.
6) Хонандагон дар гурӯҳ кор карданро идома медиҳанд. Акнун рамзи сулҳро ба хонандагон нишон диҳед. Ба онҳо фаҳмонед, ки кабӯтар ҳамчун рамзи сулҳ истифода мешавад. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки рамзи саволҳо дар вараҷи алоҳида кашанд ва дар бораи сулҳ дар зери расм ду ё се ҷумла нависанд. Ҳангоми иҷрои вазифаи мазкур ба назди гурӯҳҳо рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.
7) Вақте ки гурӯҳҳо корашонро ба охир мерасонанд, аз ҳар гурӯҳ як нафарро интихоб карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба гурӯҳи дигар рафта, расми кашидаашонро нишон диҳанд ва дар бораи сулҳ нақл кунанд. Ин амалро то нақл кардани ҳамаи гурӯҳҳо идома диҳед. Ҳар дафъа аз гурӯҳ барои нақл кардан хонандаи навро интихоб кунед, то ҳамаи хонандагон имкони нақл карданро дошта бошанд.
8) Дар ҷамъбасти машғулият. Ҳар як хонанда мустақилона дар бораи сулҳ ду ё се ҷумла менависад. Ба хонандагон барои навиштани ҷумла ёрӣ расонед.

**Дарсҳои 3 - 4. Кор бо китоби дарсӣ ва замима (2 соат)**

**Барнома.** Шиносоӣ бо китоби «Забони модарӣ». Тарзи истифодаи китоб. Суҳбат аз рӯйи мазмуни расми муқоваи китоби «Забони модарӣ». Кори амалӣ доир ба тарзи истифодаи китоб. Мазмуни матн ва саволу супоришҳо. Кор бо чанд намунаи машқ ва саволу супоришҳо. Ташкили воситаҳои таълим: дафтарҳои корӣ, дафтари корҳои хаттӣ, дафтарҳои «Имло» ва «Луғат». Тарзи ташкили портфолио. Хониши берунасинфӣ. Рӯйхати адабиёт барои хониши берунасинфӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.1. Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд.
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро самаранок истифода мебарад.
3.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- тарзи истифодаи китоби «Забони модарӣ» ва замимаи онро фаҳмонда тавонанд;
- дафтар, портфолио ва дигар ашёи барои омӯзиши фанни забони модариро ташкил намуда, тарзи истифодаи онҳоро гуфта тавонанд;
- тарзи иҷрои вазифҳои берунасинфиро гуфта тавонанд.
- қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро номбар карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, намунаи дафтарҳои имло, луғат, намунаи портфолио

**Равиши дарс.** Ин дарси шиносӣ бо китоби «Забони модарӣ» мебошад.
1) Ташкили дарс;
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед;
3) Дар аввал тарзи истифодаи китоби дарсӣ нишон ва шарҳ диҳед. Пас аз он дар бораи хусусиятҳои он сухан ронед.
4) Хонандагонро бо мундариҷаи китоб шинос кунед. Бо хонандагон чанд намунаи машқ ва саволу супоришҳоро аз китоб ва замима таҳлил кунед. *(Тавсия: Мо одат кардаем, ки ҳамеша шарти машқу супоришҳоро ба хонандагон худамон фаҳмонем, аммо ин тарз барои мустақилона фикр ва фаъолият намудани онҳо мусоидат намекунад. Чӣ бояд кард? Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шарти машқ ё супоришро хонанд. Масалан, дар шарти супориш омадааст, ки «Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст, онро хонед».*

*Пас аз хондани шарти супориш аз онҳо пурсед, ки мо бояд чӣ кор кунем? Бояд боварӣ ҳосил намоем, ки хонандагон моҳияти супоришро фаҳмидаанд. Онҳо бояд ҷавоб диҳанд, ки масалан, «Аз матн ҷумлаеро ёфта мехонем, ки мақсади асосии матнро ифода мекунад.» ё «Матнро хонда мазмунашро мухтасар нақл мекунем.». Дар аввал ин кор баъзе душвориҳо дорад, аммо баъди пайваста иҷро кардани ин амалҳо хонандагон одат мекунанд. Танҳо пас аз пурра боварӣ ҳосил намудан, ки хонандагон вазифаро фаҳмидаанд, онҳоро ба иҷрои он ҳидояташон намоед).*
5) Аз рӯйи мазмуни расми муқоваи китоби «Забони модарӣ» суҳбат гузаронед. Дар бораи аҳаммияти тозаву озода нигоҳ доштани китоб суҳбат ороед.
6) Бо хонандагон қоидаҳои гӯш карданро муҳокима намуда, аҳаммияти риоя кардани онҳоро дар таълим ва ҳаёт таҳлил кунед:
– суханони гӯяндаро бодиққат гӯш кардан;
– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан;
– фикрҳое, ки ба гӯш кардан халал мерасонад, ба як сӯ гузоштан;
– ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳаммият надодан;
– ҳар сари вақт сар ҷунбонда, розигии худро нишон додан;
– имои мувофиқ нишон додан, ки гӯш карда истодаам;
– қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан;
– аҳаммияти риоя кардани қоидаҳоро шарҳ додан.

Тавсия: Ин қоидаҳоро дар варақи алоҳида навишта, дар гӯшае овезон кунед. Онро ҳамеша вақте сухан дар бораи гӯш кардан меравад, таъкид намоед.
7) Ташкил намудани дафтарҳои кории хонандагон. Тарзи пур кардани дафтарҳои корӣ (даврӣ), дафтари корҳои хаттӣ (барои иншо ва нақли хаттӣ)-ро нишон диҳед. Зебо, тоза ва беғалат навиштанро таъкид кунед. Тарзи ташкил намудани дафтарҳои луғат ва имлоро нишон дода, мақсад ва вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳед. Мақсади ташкили дафтари имло такмили малакаҳои беғалатнависӣ буда, дафтари «Луғат» имкон медиҳад, ки захираи луғавии хонандагон инкишоф ёбад.
8) Тарзи ташкил намудани портфолиоро нишон диҳед ва мақсаду вазифаҳои онро фаҳмонед.
Дар бораи тарзи истифодаи «Гӯшаи хониш» маълумот дода, таъкид кунед, ки моҳе як маротиба ҷараёни китобхонии ҳар хонанда муҳокима карда мешавад.
**Тавсия:** Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки *«Дафтари имло»* ташкил намоянд. Ҳар варақи дафтарро ба ҳарфе бахшанд (ҳарфҳои имлояшон душвори и, ӣ, ӯ, й, д, т, ҳ, ё, е, ю, я, ъ, ҳарфҳои такрор). Хонандагон дар ҳар дарс калимаҳоеро, ки имлои махсус доранд, мувофиқи ҳарф дар дафтари имло нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.
Масалан,

| **й** | **ӯ** | **ъ** | **Ҳарфҳои такрор** |
|---|---|---|---|
| *моҳӣ* | *дирӯз* | *меъда* | *иттиҳод* |
| *гуфтаӣ* | *шӯр* | *маъно* | |

Ҳар дафъае, ки хонандагон дар навишти калимаҳо душворӣ мекашанд, ин дафтарро барои таҳрири корашон истифода мебаранд. Омӯзгор низ ҳангоми таҳлили кори хонандагон аз онҳо хоҳиш карда метавонад, ки барои ислоҳи ғалатҳои имлоӣ ба *«Дафтари имло»* муроҷиат намоянд.
**Таъкид! Ин фаъолиятро дар ҳар дарс ба роҳ монед. Пур кардани дафтарро пайваста назорат кунед.**

9) Қоидаҳои гуфтору рафтор, аҳаммияти риоя намудани онҳоро дар дарсхона ва мактаб муҳокима намоед.
**Намунаи қоидаҳои рафтор:**
Ба дарс сари вақт меоем.
Дар дарс фаъолона иштирок менамоем.
Суханони дигаронро намебурем.
Масъулият нишон медиҳем.
Мустақилона кор мекунем.
Дигаронро таҳқир намекунем.
Омӯзгор ва ҳамсинфонро ҳурмат мекунем.
Дар дарс беҳуда ғалоғула намекунем.
Ашёи хониш ва мактабро тозаву озода нигоҳ медорем.
**10)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Сатҳи ба мақсадҳо ноил гаштанро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред. То ба низоми нави баҳогузорӣ гузаштан аз низоми баҳогузории мавҷуда (5-балла) истифода баред.

**Дарсҳои 5 - 6. Муборак бар шумо! (2 соат)**
**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои шеърӣ. Ифоданок хондан. Машқи тарзи ифоданок хондан. Риояи оҳанги хониш. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Қоидаҳои гуфтору рафтор дар мактаб. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Барои баёни мақсад хонанда мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- қоидаҳои хондани матнҳои шеъриро риоя карда тавонанд;
- калимаҳои навро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода баранд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои нависанд;
- қоидаҳои гуфтору рафторро дар вазъиятҳои гуногун номбар карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба қоидаҳои рафтор дар мактаб
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз рӯйи мазмуни расм сухбат кунед. Хонандагон дар бораи шахсон ва ашёи дар расм тавирёфта фикру андешаҳои худро мегӯянд.
5) Хонандагонро барои бодиққат гуш кардан водор намоед (Ниг. ба дарсҳои қаблӣ). Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед.
Қоидаҳои дуруст хонданро нишон диҳед:

**Менависем:**

Эй насли хушбахти замон,
Фарзандҳои меҳрубон.

**Мехонем:**

Эй насли хушбахти замон/
Фарзандҳойи меҳрубон//
/- исти кӯтоҳ,//- исти дароз

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан, чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

7) Тарзи аз "Луғат"-и зери матн истифода карданро омӯзонед. Шеърро як маротибаи дигар хонда, дар калимаҳои наве, ки бо ситорача ишора шудаанд, истед. Гӯед, ки агар дар матн калима ё иборае бо ситорача ишора шуда бошад, шарҳи вай дар поёни матн оварда мешавад. Масалан,

Бо саъю кӯшиш, дӯстон,
Хонед аъло доимо.

Дар калимаи «саъй» истода, шарҳи онро аз поёни матн хонед ва мазмуни байтро шарҳ диҳед.

Ба ҳамин тариқ, калимаҳои дигарро шарҳ дода, шеърро маънидод кунед.

8) Тариқи саволу ҷавоб шифоҳӣ маънои луғатро пурсед. Бовар ҳосил намоед, ки аксари хонандагон луғати наврo шарҳ дода метавонанд.

9) Доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.

10) Имло ва талаффуз. Бо хонандагон тарзи талаффуз ва навиштани калимаҳои "доимо", "шоиста"-ро машқ кунед.

11) Бо хонандагон дар бораи қоидаҳои рафтор дар мактаб суҳбат кунед. *Намунаи мазмуни суҳбат.*

Мактаб ҷойи ҷамъиятӣ аст. Дар ин макон ҳам калонсолон ва ҳам хурдсолон бояд қоидаҳои ҳатмии рафтор ва тартиботро риоя намоянд. Аксари ин қоидаҳоро шумо аллакай аз рӯзи аввали ба мактаб омадан медонед. Масалан пӯшидани либоси мактабӣ. Пӯшидани либоси мактабӣ диққати махсусро талаб мекунад. Шумо бояд ҳамеша ба тозагиву озодагии либос аҳаммият диҳед.

Духтарону писароне, ки ба мактаб костюм пӯшида меоянд, хеле зебо менамоянд. Шумо низ бояд фаромӯш накунед, ки тарзи либоспӯшӣ ба муошират бо дигарон ёрӣ мерасонад. Дар бораи шумо аз тарзи либоспӯшӣ баҳо медиҳанд. Либоспушӣ ба таълим гирифтан низ ёрӣ мерасонад. Хуб мешавад, ки агар ду ҷуфт пойафзол дошта бошед. Як ҷуфт барои аз хона то мактаб омадан ва дигар барои дар дохили мактабу синфхона гаштан истифода бурдан хуб аст.

12) Дар тахтаи синф ҷадвали зерро тасвир кунед.

| Қоидаҳои рафтор дар дарсхона | Қоидаҳои рафтор дар даҳлез ва роҳравҳо | Қоидаҳои рафтор дар ошхона | Қоидаҳои рафтор дар китобхона |
|---|---|---|---|
| | | | |

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи қоидаи рафтор фикру андешаашонро гуфта, чандтоашро нависанд. Пас аз навиштан супориш диҳед, ки қоидаҳои рафторро аз замимаи китоби дарсӣ хонанд ва ба ҷадвал иловаҳо кунанд.

13) Хонандагонро ба иҷрои машқҳои супоришҳои 1 – 7 ҳидоят намоед.

**14)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Бовар ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 10. Дарси арзёбии дониш, малака ва маҳорат (4 соат)**

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар охири соли таҳсил. Усулҳои гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Тавсия.**

Омӯзгори гиромӣ! Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар аввали соли таҳсил барои шумо таҷрибаи нав аст. Шояд дар шумо доир ба ин дарс саволҳои зиёде пайдо шаванд: чиро арзёбӣ мекунем? Чӣ тарз арзёбӣ мекунем? Барои чӣ арзёбӣ мекунем?

Пеш аз ҳама қайд кардан бамаврид аст, ки дарси мазкур яке аз талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ буда, мақсади асосии он муайян кардани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагон дар аввали соли таҳсил аст. Натиҷаҳои таҳлили он имкон медиҳанд, ки шумо дар бораи дониш, малака ва маҳорати ҳар як хонанда маълумоти дақиқ дошта бошед. Дар раванди таълим ин натиҷаҳоро барои инкишофи минбаъдаи онҳо ба эътибор гиред. Илова бар ин шояд ин синф барои шумо нав асту шумо дар бораи салоҳиятнокии онҳо маълумот надоред ё дар синф хонандагони нав омадаанд.

Дар доираи дарси мазкур салоҳиятҳои хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, гӯш кардан (шунидан), хондан ва навиштан санҷида шуда, маълумоти ибтидоӣ гирд оварда мешавад. Натиҷаҳои арзёбии мазкурро шумо метавонед минбаъд бо ду арзёбии дигар: арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи якум ва охири соли таҳсил муқоиса карда, инкишофи онҳоро муайян созед. Барои омӯзгороне, ки дар синфашон шумораи хонандагон зиёд аст, барои арзёбии салоҳиятҳои хондану дарк кардан ва гуфтан шояд вақт камӣ кунад. Онҳо метавонанд аз кумаки ҳамкасбони худ ва хонандагони синфҳои болоӣ истифода баранд.

**Маводди таълим:** ҷадвалҳои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон, матн барои хондан ва гӯш кардан, саволнома барои ҳар як хонанда

**Равиши дарс**

**Соати якум.**

**Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гӯш кардану дарк намудан)**

1) Матнро дар ҳаҷми 100 - 110 калима интихоб кунед.

Намунаи матн:

Шере хобида буд. Як муш аз рӯйи бадани ӯ давида гузашт. Шер аз хоб бедор шуд ва мушро дошта гирифт. Муш зорию тавалло кард, ки ӯро сар диҳад.

Муш ба Шер гуфт: «Агар ту маро сар диҳӣ, ман ба ту некӣ мекунам». Шер хандид, ки муш ба ӯ ваъдаи хубӣ карда истодааст. Пас мушро сар дод.

Рӯзе шикорчиён шерро дастгир карда бо арғамчин ба танаи дарахт бастанд.

Муш наъраи шерро шунида ҳамоно давида омад ва арғамчинро бо дандонҳояш хоида буриду гуфт: «Дар хотират ҳаст, хандида будӣ, ки ман ба ту хубӣ карда метавониста бошам? Акнун дида истодаӣ, ки аз дасти мушон ҳам хубӣ меомадааст?».

1) Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирфтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.
Намуна:
Синфи 3 «_ » МТМУ № ___ Ному насаб ______________________________
Саволнома
1. Симоҳои асосии матн дар кадом қатор омадааст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. шер, муш, шикорчиён
Б. шер, муш
В. шер, шикорчиён
Г. муш, шикорчиён
2. Воқеа дар куҷо рух додааст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Дар боғи ҳайвонот
Б. Дар сирк
В. Дар ҷангал
Г. Дар биёбон
3. Барои чӣ муш ба шер некӣ кард? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Барои он ки шер ба вай некӣ карда буд.
Б. Барои он ки ба шер ваъда дода буд.
В. Барои он ки дилаш ба шер сӯхт.
Г. Барои он ки шикорчиёнро бад медид.

4. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Шер ва муш
Б. Муши зирак
В. Шоҳи ҳайвонот
Г. Некӣ

5. Фикри асосии матн чист? (ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).
А. Мушон ҳам некӣ карда метавонанд.
Б. Ваъда додӣ, вафо кун.
В. Агар ба касе некӣ карданӣ бошӣ аввал фикр кун.
Г. Ба бузургон некӣ кун.

2) Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Ман ҳозир як матнро мехонам. Шумо бодиққат гӯш кунед, Сипас ба саволҳо ҷавоб гӯед».
3) Матнро як маротиба равону бурро хонед.
4) Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 5-10 дақиқа вакт диҳед, ки аз рӯйи матни гӯш кардаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.
5) Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед.

*Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гӯш кардан ва дарк намудан*

Синф___ МТМУ № _______________ Ноҳия (шаҳр) ____________________________

| **Ному насаби хонандагони синф** | **Аз рӯйи матни гӯшкарда хонанда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод?** | | |
|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| 1. Аййюбзода Аббос | 4 | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | 3 | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | 2 | | |

Ҷадвали боло нишон медиҳад, ки Аййюбзода Аббос аз панҷ савол ба чортоаш ҷавоби дуруст додааст. Гулмуҳаммадзода Гулнора ба 2 савол ҷавоби дуруст додааст. То моҳи декабр (арзёбии нимсола) бо вай дар масъалаи фаҳмидани маънои чизи шунида кор баред.
*Дар нимаи дуюми дарси якум*
1) Матнро дар ҳаҷми 60-70 калима пешакӣ интихоб кунед.
Намунаи матн:

*Дар беша Хирсаке бо бибияш зиндагӣ мекард. Рӯзи таваллуди бибӣ Хирсак ба он тарафи ҷӯй барои гулчинӣ рафт. Аз болои пули ҷӯй гузашта, ба об нигоҳ кард. Дар назараш як ҳайвони ба худаш монанд, вале азимҷуссаро дид. Хирсак тарсида ба қафо баргашт. Каме дур рафта, зодрӯзи бибияш ба хотираш расид. Аз роҳаш гашта, дуюмбора аз болои пулак гузашт. Ин дафъа ба об нигоҳ накард. Як даста гул чида овард. Бибиаш хурсанд шуд.*
2) Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирифтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.

*Саволнома*
1. Дар кадом қатор симои асосии матн оварда шудааст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Бибӣ
Б. Хирсак
В. Бибии хирсак
Г. Хирсбача

2. Воқеа дар куҷо рух дод? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Дар он тарафи ҷӯй
Б. Дар ҷангал
В. Дар беша
Г. Дар болои пул

3. Барои чӣ Хирсак ба гулчинӣ рафт? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Бибияшро дӯст медошт.
Б. Бибияш зодрӯз дошт.
В. Бибияш хоҳиш кард.
Г. Мехост, ки гул чинад.

4. Хирсак аз болои пул ба об нигоҳ карда чиро дид? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. ҳайвони азимҷуссаро
Б. моҳии калонро
В. сояи худро
Г. аждаҳоро

5. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Гулчинии Хирсак
Б. Зодрӯзи бибӣ
В. Хирсак
Г. Тарсидани Хирсак
3) Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Шумо ҳозир дар як дақиқа як матнро хомӯшона мехонед, Сипас ба саволҳо ҷавоб мегӯед».
4) Матнро пешакӣ дар вароқи сафеди калон ё тахтаи синф ба андозае, ки ҳамаи хонандагон онро хонда тавонанд, нависед.
5) Барои хондан як дақиқа вақт диҳед. Пас аз гузашти як дақиқа рӯйи матнро пӯшед.
6) Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 10 дақиқа вақт диҳед, ки аз рӯйи матни хондаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

7) Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед. Шумораи ҷавобҳои дурустро дар ҷадвали зер нависед.

*Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан*

Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ________________________________

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд?** | | | **Аз рӯйи матни хонда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод?** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсола и II | Аввали сол | Нимсола и I | Нимсола и II |
| Айюбзода Аббос | 76 | | | 4 | | |
| Беҳрӯздухти Бунафша | 80 | | | 3 | | |
| Гулмуҳаммадзода Гулнора | 71 | | | 2 | | |

**Соати дуюм.**

Дар ин дарс суръати хонишро санҷед. Ҳар як хонандаро назди худ хонда, хоҳиш намоед, ки матнеро, ки дар боло оварда шудааст, хонанд. Муайян кунед, ки хонанда дар як дақиқа чанд калимаи дуруст хонд. Натиҷаҳои нишондодаро сутуни аввал (зерсутуни якум)-и ҷадвали боло дарҷ кунед. Дар сурати пурра санҷида нашудани ҳамаи хонандагон пас аз дарс барои онҳо вақти муайян ҷудо кунед. Аммо он набояд вақти зиёди хонандагонро гирад.

**Соати сеюм. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи хаттӣ (навиштан)**

Дар ин соат салоҳияти навиштани хонандагон арзёбӣ карда мешавад.

Тартиб:

1) Расми мазмуннокеро, ки аз рӯйи он ҳикоя навишта шавад пешакӣ интихоб намоед.
2) Онро дар тахтаи синф овезон кунед.
3) Хонандагонро водор намоед, ки расмро бодиққат тамошо кунанд.
4) Аз рӯйи мазмуни расм ҳикоя нависанд.
5) Барои навиштани ҳикоя 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
6) Баъди навиштани ҳикоя имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
7) Ҳикояҳои навиштаи хонандагонро ҷамъ карда, арзёбӣ кунед ва натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер дарҷ намоед. Ҳангоми арзёбии ҳикояҳои навишта ду баҳо гузошта мешавад

**Баҳои мазмуннокӣ** (1. Мувофиқати мазмун ба расм (агар хонанда аз доираи мазмуни расм берун баромада, фикрҳои ҷолиброн пешниҳод кунад, боз ҳам хубтар мешавад), 2. Риояи сохтор (оғоз, қисми асосӣ, анҷом; пайдарпайӣ (алоқамандӣ)-и мантиқии ҷумлаҳо; гузоштани сархат)

**Баҳои саводнокӣ** (ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат (аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла; аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат; зебо ва тозагии навишт).

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои навиштан:

Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ________________________

| Ному насаби хонандагон | **Мазмуннокӣ**<br>- мувофиқати мазмун ба расм<br>- риояи сохтор (пайдарпайии баёни фикр, сархат) | **Саводнокӣ**<br>- ғалатҳои имлоӣ<br>- ғалатҳои аломати китобат<br>- ҳусни хат |
|---|---|---|

| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Айюбзода Аббос | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | |
| 4. Далерпур Даврон | | | | | | |

**Тавсия.** Ҳангоми арзёбии саводнокӣ дар ҳикоя меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.

- Ғалатҳои имлоӣ. Ғалатҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ - ғ, ӣ - и, ӯ - у, й - е, е - й, е - э, э - е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машққо - машқо); илова кардани ҳарфҳо (дос - дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба - рубта); нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ ✓ аст.
- Аломатҳои китобат. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд: нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат. Ишораи ғалати аломати китобат ⊙ аст.
- Ғалатҳои услубӣ (агар хонанда калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад маънои ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ ☒ аст.
- Агар ислоҳи хонанда дуруст бошад, калима дуруст ҳисоб мешавад.
- Агар ислоҳи хонанда нодуруст бошад, калима нодуруст ҳисобида мешавад.
- Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд (дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд), як ғалат шумурда мешаванд. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешаванд.
- Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат оварда мешавад.
- Пас аз арзёбии имлои санҷишӣ ғалатҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда мешаванд.
- Дар дарсҳои минбаъда кор бо ғалатҳо гузаронда мешавад.

**Соати чорум. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гуфтан)**

1) Миқдори муайяни номгӯйи мавзӯъҳоро тартиб диҳед ва дар варақа нависед («Сулҳ», «Дӯстӣ», «Ватан», «Эҳтироми падару модар», «Фасли дӯстдошта», «Шуғли дӯстдоштаи ман», «Барномаҳои телевизионӣ» ва ғайраҳо).
2) Варақаи мавзӯъҳоро ба хонандагон тақсим кунед. Шарт нест, ки ҳар як хонанда як мавзӯъ гирад. Як мавзӯъро метавонад чанд хонанда гирад.
3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи мавзӯъ шифоҳӣ нақл тартиб диҳанд. Барои ин ба онҳо панҷ дақиқа вақт диҳед.
4) Хонандагон мавзӯъҳои худро ҳикоя мекунанд.
5) Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ карда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер қайд намоед. Баҳо гузоред (5, 4, 3, 2, 1).

*Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гуфтан*

Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ________________________________

| Ному насаби хонандагон | **Мазмуннокӣ**<br>· нақл ба мавзӯъ мувофиқ аст;<br>· нақл аввал, қисми асосӣ ва хотима дорад. | | | **Риояи қоидаҳои гуфтор**<br>- бо забони адабӣ сухан меронад;<br>- пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора мекунад;<br>- аз луғати мувофиқ истифода мебарад. | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи I I |
| 1. Айюбзода Аббос | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | |
| 4. Далерпур Даврон | | | | | | |
| ………… | | | | | | |

**Дарсҳои 11 - 12. Ватан – Модар. 2 соат**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Машқи тарзи ифоданок хондан. Хондан аз рӯйи синтагма. Риояи оҳанги хониш. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Сохтори матн. Оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.2. Ахбори шунидаи каме мураккабтарро дар навъҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад;

3.3.2. Миқдори бештари стратегияҳои гуфтанро истифода мебарад;

3.3.2. Миқдори бештари стратегияҳои гуногунро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад;

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

– мафҳуми “Ватан”-ро шарҳ дода тавонанд;
– матнро бурро ва равон хонанд;
– доир ба Ватан ва Модар шеърҳо гуфта тавонанд;
– доир ба Ватан матни хурд эҷод кунанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Оид ба мафҳумҳои Ватан, Модар суҳбат кунед. Ватан гуфта чиро мефаҳмед? Офтобакро пур кунед.




5) Оид ба хӯшаи тартибдода муҳокимаи умумӣ гузаронед.
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни “Ватан - Модар”-ро мустақилона хонанд ва калимахои ашъор (шеърҳо), моликият (ҷамъи молу мулк)-ро шарҳ диҳанд.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бори дигар матнро хонанд. Ба калимаҳои “Ватан” ва “Модар” диққат диҳанд. Чаро ин калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд? Фикри хонандагонро гӯш кунед ва бо суханҳои худ ҷамъбаст намоед.
8) Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз матн истифода бурда, ба саволи “Ватан аз чӣ сар мешавад?” ҷавоб ёфта хонанд.
9) Аз хонандагон пурсед: “Ватан боз аз чӣ сар мешавад?” Ба хонандагон имкон диҳед, ки фикру андешаи худро баён созанд. Сипас дунафарӣ кор карда, гуфтаҳояшонро хаттӣ пешниҳод намоянд. Муҳокимаи умумӣ гузаронед.
10) Барои инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон аз усулҳои зерин истифода баред:
Усули “Ахбори рӯз”
Тартиб:
Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳар рӯз дарсро аз ахборе оғоз мекунем.
Рӯйхати хонандагон ва рӯзҳои баромади онҳоро тартиб диҳед.
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар рӯз дар муддати ду дақиқа ахбор (воқеаи дидаю шунида, барномаи тамошокарда, китоби хонда) омода кунанд.
Барои ахбори рӯз метавонанд аз расму мусаввараҳо низ истифода баранд.
Мавзӯъҳо гуногун буда метавонанд. Интихоби мавзӯъро ба зиммаи хонандагон гузоред. Ҳар дарс як-ду нафарро пурсед ва барои беҳтар шудани нутқ тавсияҳо диҳед.
Тавсия: Ин фаъолиятро ба ҷойи гузориши навбатчӣ, ки ҳамеша якрангу қолабӣ мегузарад истифода намоед.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи Ватан ҳикоячаи хурд нависанд. Тарзи иҷрои вазифаро назорат кунед ва ба хонандагоне, ки мушкилӣ мекашанд, ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми кор чанд хонанда ҳикояи навиштаи худро ба дигарон хонанд. Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ намуда, барои беҳтар шудани онҳо тавсияҳо диҳед.
12) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 13 - 14. Тоҷикистон. 2 соат**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Фарқ карда хондани матнҳои манзум ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Хондан аз рӯйи синтагма. Риояи оҳанги хониш. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Муқоисаи хусусиятҳои матни назмӣ ва насрӣ. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Сохтори матн: оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн. Машқи саволгузории калимаҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни шеърӣ ва маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
- фарқи тарзи хониши матнҳои шеърӣ ва маърифатиро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс ва "Ахбори рӯз" (ниг. ба дарсҳои қаблӣ**);**

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.;

3) Муҳокима намудани мақсадҳои таълимии дарс бо хонандагон;

4) бо хонандагон дар бораи Тоҷикистон суҳбат кардан.

«Кишвари мо чӣ ном дорад?», «Пойтахти Тоҷикистон кадом шаҳр аст?», «Барои чӣ Тоҷикистонро Ватан мегӯем?», «Ватан чӣ маъно дорад?», "Ватан аз чӣ сар мешавад?"ва амсоли он.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (ниг. ба қоидаҳои гӯш кардан) Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед ва доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

- *Як маротиба шеър (матн)-ро бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.*
- *Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Онро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*
- *Дар ҳар қисми шеър бо оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи матниқӣ)-ро ҷудо кунед (ин калимаҳои фикри асосиро ифода мекунанд).*
- *Ҳар як қисми шеърро бо кадом оҳанг хонданӣ ҳастед? Ҳолати эмотсионалии муаллифро муайян кунед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*

***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани шеърҳо ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***

7) Матни «Тоҷикистони ман»-ро тибқи қоидаҳои хониши матнҳои маърифатӣ хонед. Хондани матнҳои маърифатӣ (ахборӣ) нисбатан осон аст. Ҳангоми хониши ин гуна матнҳо овоз пасту баланд, тезу оҳиста намешавад ва бо маром сурат мегирад, зеро дар он симоҳо иштирок намекунанд ва ҳолати эмотсионалӣ низ истифода намешавад.

***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани матнҳои маърифатӣ ин қоидаҳоро риоя намоед.***

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро монанди шумо хонанд. Фарқи тарзи хондани шеър ва матни маърифатиро нишон диҳед.

Хонандагон бояд тарзи хондани шеър ва матни маърифатиро чанд маротиба машқ кунанд. Хондани онҳоро назорат баред ва ғалатҳоро ислоҳ кунед.

9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фарқи матни шеър ва матни маърифатиро муайян кунанд.

Хонандагон матнҳои "Тоҷикистон" шеъри Лоиқ Шералӣ ва матни "Тоҷикистони ман"-ро муқоиса мекунанд. (Хонандагон бояд одитарин фарқи матнҳои манзум ва насриро нишон дода тавонанд).

10) Дар тахтаи синф ду давраеро, ки ҳамдигарро мебуранд, тасвир кунед.



- Усули мазкур “Диаграммаи Венн” ном дорад. **Диаграммаи Венн** усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёи гуногун истифода барад. Хонандагон монандӣ ва фарқро дар дафтари худ ё лавҳаи синф менависанд.

**Тартиб:**
- Ба хонандагон ду навъи матн (ашё, масъала) пешниҳод кунед. Масалан: афсона ва ҳикоя.
- Дар тахтаи синф ду доираеро, ки ҳамдигарро мебуранд, кашед.



- Дар болои доираи якум матни назмӣ ва дар болои доираи дуюм матни насрӣ нависед.




- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнҳоро якҷоя муҳокима карда, ҷиҳатҳои монандии онҳоро муайян кунанд. Монандиҳоро дар байни буриши доираҳо нависед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷиҳатҳои фарқкунандаи матнҳоро муайян кунанд ва ин фарқро мувофиқи навъи матн ба дохили доираи зарурӣ нависанд.



– Сипас маълумоти дохили доираҳоро таҳлил кунед. Хонандагонро ба муҳокима ҷалб кунед.

Хусусиятҳои матни шеърӣ:

1. Шоир эҷод мекунад.
2. Мисраъ, байт дорад.
3. Аввали мисраъхо бо ҳарфи калон навишта мешаванд.
4. Дар охир мисраъҳо (ё калимаҳои ҳамқофия) меоянд.
5. Як мисраъро дар як сатр менависанд.

Хусусиятҳои матнҳои насрӣ:

1. Нависанда эҷод мекунад.
2. Ҷумлаҳо, сархат (банд)-ҳо.
3. Аввали ҷумлаҳо - бо ҳарфи калон.
4. Калимаҳо ҳамқофия нестанд.

11) Имло ва талаффуз.

а) Ба хонандагон тарзи талаффузи калимаҳои ӣ, ӯ, ҳ-дорро машқ кунед. Ин машқ бо усули “Имлои дунафарӣ” иҷро мешавад. Тартиби иҷрои машқ:

1. Хонандаи А калимаҳоро мехонад, хонандаи Б менависад, Сипас баръакс.
2. Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд.
3. Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.

б) Машқи тарзи талаффузи онҳоро ба роҳ монед.

в) Ба хонандагон гӯед, ки ин калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” кӯчонанд ва тарзи талаффузу навишти онҳоро дар хотир гиранд.

12) Хонандагонро ба иҷрои супоришҳои ҳидоят намоед. Тарзи иҷрои онҳоро аввал аз худи хонандагон пурсед. Хонандагон метавонанд супоришҳои 1 - 5-ро низ интихобан иҷро намоянд.

**13)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ супоред. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супориш диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

14) Натиҷаҳои дарсро арзёбӣ кунед. Хонандагон дуруст ё нодуруст будани ҷумларо муайян мекунанд (шарҳ медиҳанд).

| **Ҷумла** | **ДУРУСТ** | **НОДУРУСТ** |
|---|---|---|
| Матни шеъриро монанди матнҳои насрӣ мехонем | | |
| Матни шеъриро монанди матнҳои насрӣ намехонем | | |

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 15 - 16. Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2 соат**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Хондан аз рӯйи синтагма. Фарқ карда хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Риояи оҳанги хониш.Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Хонанда барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни шеърӣ ва маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
- фарқи тарзи хониши матнҳои шеърӣ ва маърифатиро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеърҳо дар васфи Тоҷикистон. Сабти суруди “Тоҷикистон” (шеъри Ҳ. Қурбонова) аз рӯйи имкон.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс ва “Ахбори рӯз” (ниг. ба **дарсҳои 11 - 12-уми Боби I)**

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.;

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Агар сабти овозиро дастрас карда тавонед, онро тавассути компютер (планшет ё телефон) шунавонед. Агар сабти овозиро дастрас карда натавонед, матни шеърро як маротиба ифоданок хонед.

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан, чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки онҳоро нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред. Шумо метавонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки шеърро бо оҳанг ҳамсарой кунанд.

6) Имлои “Худамро месанҷам!”. Ибораҳои намуди “Оби Шоҳамбарӣ”, “мӯзаи чармӣ”, пудинаи кӯҳӣ”-ро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон таъкид кунед, ки онҳоро хонанд ва тарзи навишти онҳоро дар хотир гиранд. Як дақиқа вақт диҳед. Сипас рӯйи навиштаҳои худро пӯшонед. Хонандагон аз рӯйи хотир ибораҳоро менависанд. Рӯйи навиштаҳои тахтаи синфро кушоед ва имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро бо тахтаи синф муқоиса карда ғалатҳои худро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷед ва дурустии кори онҳоро муайян кунед.

Диққати хонандагонро ба тарзи навишти-и (изофат) ва *-ӣ* равона кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки монанди намунаҳои боло чанд мисол оварда,-и ва *ӣ*-ро дуруст истифода кунанд.

Мисол, неругоҳи бодӣ, гӯшти моҳӣ, забони модарӣ.

Хонандагон дафтарҳои худро бо ҳам иваз намуда, ғалатҳои ҳамдигарро ёфта ислоҳ мекунанд. Тарзи иҷрои ин фаъолиятро дар тахтаи синф низ машқ мекунанд. Ин фаъолятро қариб дар ҳамаи дарсҳо гузарондан мумкин аст. Мақсади асосӣ ин фаъолият такмили малакаю маҳорати беғалатнависӣ буда, фаъолияти бештари фикррониро талаб мекунад. Ин фаъолиятро бо имлои ҳарфҳои у\ӯ, е, ё, ю, я, ъ, д, т, ҳ ва ҳарфҳои такрор низ гузарондан мумкин аст. Мунтазам иҷро кардани он хонандагонро саводнок намуда, дар ташаккули салоҳияти навиштан ёриашон мерасонад.

**Таъкид! Ин фаъолиятро пайваста гузаронед! Гоҳ-гоҳ иҷро кардани он натиҷаи дилхоҳ намедиҳад!**

7) Аз рӯйи саволу супоришҳои саҳ. 13-и китоб бо хонандагон кор баред. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ таълими грамматика ба таври функсионалӣ ба роҳ монда мешавад. Хонандагон мисли солҳои қаблӣ дар бораи қоидаю таърифҳои ҳиссаҳои нутқ муфассал намеистанд. Аз матн ёфтани ҳиссаҳои нутқ, навиштану ба зери онҳо хат кашидан, ба онҳо савол гузоштан шарт набуда, муҳим он аст, ки хонандагон дар як ё ду дарс аз рӯйи маъно фарқ кардани онҳоро омӯзанд.

**8)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 17 - 18. Шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон (2 соат)**
**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои маърифатӣ. Машқи хондани матнҳо. Хондан аз рӯйи синтагма. Риояи оҳанги мувофиқи хониш. Ислоҳи ғалатҳо. Хониш ба мақсади дарёфти ахбор. Тарзи пур кардани ҷадвал.
**Салоҳиятҳо:** 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- қоидаҳои хонданро риоя кунанд;
- аз матни хонда ахбори заруриро ёфта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҷадвалро пур карда тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, харитаи Тоҷикистон, расму суратҳо доир ба мавзӯъ.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс. ва "Ахбори рӯз" (ниг. ба **дарсҳои 11 - 12-уми Боби I).**
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дар тахтаи синф "Ҷумҳурии Тоҷикистон" нависед. Аз хонандагон пурсед: Дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ медонед? Ақидаи хонандагонро гӯш кунед ва чанд ақидаро дар тахтаи синф нависед.
5) Дар тахтаи синф (ё варақи калон) калимаҳои мазкурро нависед: *мамлакат, аҳолӣ, ҳудуд, ҳамсарҳад, пойтахт, километр, квадратӣ.* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои калимаҳоро гӯянд. Сипас ҳар як калимаро шарҳ диҳед. Маънои онро дубора аз хонандагон пурсед. Диққати хонандагонро ба имлои калимаҳо равона кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро рӯйнавис карда, тарзи навишт ва талаффузи онҳоро дар хотир гиранд.
6) Харитаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба хонандагон намоиш дода, дар бораи он ба хонандагон нақл кунед.

Намунаи нақл: *Номи кишвари мо Тоҷикистон аст. Он дар Осиёи Марказӣ ҷойгир аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 8 миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳудуди Тоҷикистон 140 ҳазор километри квадратӣ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбакистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст.*
7) Сипас дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ тақсим кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пурра кунанд. Шумо метавонед ҷадвалро якҷоя бо аҳли синф пур кунед.
Матн:

*Номи кишвари мо Тоҷикистон аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ҷойгир аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 8 миллион нафар зиндагӣ мекунанд. Ҳудуди Тоҷикистон 140 ҳазор километри квадратӣ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбакистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст.*
Ҷадвал:

| | |
|---|---|
| **Ном** | |
| **Ҷойгиршавӣ** | Осиёи Марказӣ |
| **Пойтахт** | |
| **Аҳолӣ** | |
| **Ҳудуд** | |
| **Ҳамсарҳад** | |

Намунаи маълумотдор:

| Ном | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|
| **Ҷойгиршавӣ** | Осиёи Марказӣ |
| **Пойтахт** | Душанбе |
| **Аҳолӣ** | зиёда аз 8 миллион |
| **Ҳудуд** | 140 ҳазор км квадратӣ |
| **Ҳамсарҳад** | Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбекистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. |

**Эзоҳ:** Вобаста ба қобилияти хонандагон шумо метавонед маълумоти бештарро илова кунед: вилоятҳо, истеҳсолот ва амсоли он.

8) Ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро санҷед ва ба онҳо дар пур кардани ҷадвал ёрӣ расонед.

9) Пешакӣ дар бораи вилоят, шаҳр ва ноҳияи худ монанди намунаи боло матн тартиб диҳед. Хонандагон матнро хонда, дар асоси он ба монанди ҷадвали боло маълумотнома таҳия мекунанд.

10) Баъд аз тартиб додани ҷадвали маълумотдор, гурӯҳҳо натиҷаи корашонро муаррифӣ мекунанд. Пас аз ҳар муаррифӣ саволу ҷавоб ташкил кунед. Дар ҷараёни муаррифӣ гурӯҳҳо метавонанд аз харита истифода баранд.

11) Ҳар як гурӯҳ натиҷаи корашро муаррифӣ мекунад. Ҳангоми муаррифӣ ба гуфтори хонандагон диққат диҳед. Саволу ҷавоб ташкил кунед.

**12)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

13) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

### Дарсҳои 19 - 20. Забони тоҷикӣ (2 соат)

**Барнома.** Суҳбат перомуни забони тоҷикӣ – забони модарӣ. Забони тоҷикӣ – забони давлатӣ. Кишварҳое, ки дар он ба забони тоҷикӣ ҳарф мезананд. Забони модарии халқу миллатҳои Тоҷикистон. Эҳтироми забони тоҷикӣ – эҳтироми модару ватан. Шеър, ҳикоя, панд ва зарбулмасалу мақол дар бораи бузургии забони тоҷикӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Машқи навиштани исмҳои хос. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Хонанда барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқро интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- қоидаҳои хондани матнро риоя карда тавонанд;
- диаграммаро хонда тавонанд;
- ибора ва ҷумларо фарқ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, панд, зарбулмасалу мақолҳо дар бораи забони тоҷикӣ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс ва "Ахбори рӯз" (ниг. ба **дарсҳои 11 - 12-уми Боби I)**;
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.;
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Сипас калимаҳои мураккаб ва барои хонандагони синфи сеюм нофаҳмои матнро муайян карда, дар тахтаи синф ё вараќи калон нависед. Калимаҳоро ба хонандагон шинос кунед ва аз онҳо пурсед, ки кадоме аз ин калимаҳоро медонанд. Баъди муҳокима ҳар як калимаро бори дигар хонед ва маънидод кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро дар дафтари луғат нависанд.
5) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва мазмуни онро ба ҳамдигар бонавбат гӯянд. Қоидаҳои хондани матнҳои маърифатиро хотиррасон кунед. Ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ба онҳо барои фаҳмидани матн ва нақл кардани он ёрӣ расонед.
6) Пеш аз машғулият доир ба миллату халқиятҳое, ки дар ҷумҳурии мо зиндагӣ мекунанд, маълумот ҷамъ оред.
7) Ба хонандагон гӯед, ки ба забони тоҷикӣ дар чандин кишварҳои дунё гап мезананд. Дар ҷумҳурии мо низ халқу миллатҳои гуногуне зиндагӣ мекунанд, ки бо забони модарии худ гуфтугӯ мекунанд. Сипас диаграммаи зеринро шарҳ диҳед.
Намуна:




8) Аз хонандагон пурсед, ки дар маҳалла/деҳаи онҳо ҳама бо як забон гап мезананд? Шумо бо дигар забонҳо гап заданро шунидаед? Дар куҷо? Номи кадом забонҳоро медонед? Суханони хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Сипас номи чанд миллатро нависед: рус, узбак, қирғиз, туркман. Як намунаи аз номи миллат сохтани забонро ба хонандагон нишон диҳед.
Намуна:
Рус – русӣ; узбак – узбакӣ, қирғиз – қирғизӣ, туркман – туркманӣ ва амсоли он. Калимаҳоро хонед ва имлои ҳарфи ӣ-ро фаҳмонед.
9) Як ҷумла нависед ва сохтори онро ба хонандагон фаҳмонед: "Мардуми рус бо забони русӣ гап мезананд." Ҷумларо бо хонандагон якҷоя таҳлил кунед. Сипас бозии "Тӯбча"-ро гузаронед. Номи як забонро гиред ва тӯбчаи аз коғазҳои нодаркор сохтаатонро ба сӯйи ягон хонанда партоед. Хонандае, ки тӯбчаро медорад бо ин калима ҷумла мегӯяд ва бо гуфтани номи дигари забон тӯбчаро ба тарафи хонандаи дигар мепартояд. Масалан: *Шумо мегӯед "қирғизӣ". Тӯбчаро ба тарафи хонандае паратоед. Ӯ мегӯяд: "Мардуми қирғиз бо забони қирғизӣ гап мезаванд. Туркманӣ" ва тӯбро ба тарафи хонандаи дигар мепартояд.* Ҳамин тавр бозиро чанд маротиба гузаронед.
10) Дар бораи дӯстию рафоқат ва ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд муҳокима ташкил кунед.
11) **Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15-16-уми боби I.**

12) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Боби 2. Чашма, дарё ва кӯлҳо. Обҳои шифобахш (26 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Ду чашма (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи чашма. Аз рӯйи номи матн пешгӯйӣ кардан, ки сухан дар бора чӣ меравад. Хондан (гӯш кардан) ва муқоиса кардани пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Машқи мустаҳкамкунии малакаҳои пешгӯйӣ дар матнҳои дигар. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Навиштани номи матн ва пешгӯйӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоию луғавӣ ва ҷумласозӣ. машқи саволгузории калимаҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- номи матнро муайян карда тавонанд;
- номи матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи ном мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- доир ба мазмуни матн ҷумла тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мавзӯъ мувофиқ.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс ва “Ахбори рӯз” (ниг. ба **дарсҳои 11 - 12-уми Боби I**);
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.;
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
**4)** Дар тахтаи синф номи матнро нависед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳоло шумо тарзи аз номи матн муайян кардан ва пешгӯии мазмун ва мавзӯи онро нишон медиҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки суханони шуморо бодиққат гӯш кунанд.
5) Шумо амалҳои мазкурро иҷро карда, тартиби иҷроро бо овози баланд нақл кардан гиред: *Матн “Ду чашма” ном дорад. Дар он сухан дар бораи ду чашма меравад, ин дар номи матн оварда шудааст. Ба фикрам, ду чашма бо ҳам дӯстанд.* Ин суханонро бори дигар такрор кунед.
6) Сипас аз хонандагон пурсед, ки мо чӣ кор кардем? Хонандагон амал ва суханони шуморо нақл мекунанд. Баъд матни “Ду чашма”-ро бо овози баланд равону бурро хонед. Пас аз хонандагон пурсед, ки оё он чизе, ки онҳо пешакӣ фикр мекарданд, дуруст баромад ё не. Муҳокимаи умумӣ ташкил кунед.
7) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки номи ду чашмаро нависанд ва ҳар яки онро шарҳ диҳанд.
8) Бо хонандагон номи матнҳои “Навоҳои Гулдара” ва “Шукри Нӯшервон”-ро низ монанди намунаи боло муҳокима кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи ном мазмуни матнро пешгӯйӣ карда, дар хотир гиранд. Сипас аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хомӯшона хонанд ва муайян кунанд, ки оё пешгӯии онҳо ба мазмуни аслии матн мувофиқ аст ё не. Пас аз хондан ба мақсади муқоисаи фарзияҳои пешина ва мазмуни аслии матн

муҳокимаи умумӣ ташкил кунед. Сипас доир ба мазмуни матнҳо чанд саволи дараҷаи гуногун таҳия намуда, аз хонандагон пурсед. Муҳокимаи умумӣ ташкил кунед.
9) Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ ҷудо кунед. Ба онҳо матнеро бе ном супоред. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва якҷоя онҳоро муҳокима карда, ба матн ном гузоранд.
10) Гурӯҳҳо номи барои матн интихобкардаашонро муаррифӣ карда, барои чӣ маҳз чунин ном гузоштанашонро шарҳ медиҳанд. Пас аз муаррифии ҳар як гурӯҳ саволу ҷавоб ташкил кунед.
11) Машғулиятро ҷамъбаст намуда, ба хонандагон вазифа супоред, ки дар хона матнеро интихоб кунанд. Номи онро хонанд ва пеш аз хондани матн фикрашонро доир ба мазмун ва мавзӯи матн пешакӣ ба дафтар нависанд (ду ё се ҷумла). Сипас матнро хонанд ва ҳар замон ба пешгӯии худ баргарданд ва мазмуни матнро бо он муқоиса кунанд. (Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро мушаххас фаҳмонед.) Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Хоҷаобигарм (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи номи матн. Аз рӯйи номи матн пешгӯйӣ кардан, ки сухан дар бора чӣ меравад. Саволу ҷавоб. Мазмуни матнро муайян кардан. Савол тартиб додан. Машқи калимасозӣ. Калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навиштан. Матни хурд тартиб дода тавонистан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- матни маърифатиро равону бурро хондатавонанд;
- номи матнро муайян карда тавонанд;
- номи матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи ном мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- савол тартиб дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс "Ахбори рӯз" (ниг. ба **дарсҳои 11 - 12-уми Боби I)**
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Оё шумо чашмаҳои гарму ҷӯшонро дидаед ё дар бораи онҳо шунидаед? Фикри хонандагонро бишнавед ва номи матнро нависед. Дарси қаблиро ба хотир оварда гӯед, ки ба фикри онҳо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро аввал як маротиба хонанд ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунанд. Андешаҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, дар бораи мувофиқати номи матн ба мазмуни он суҳбат кунед.
6) Тарзи хондани матнро чанд маротиба нишон диҳед.

Ҳангоми хондан аз рӯйи синтагмаҳо хонаданро нишон дода, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро монанди шумо хонанд. Тарзи хонадани хонандагонро назорат карда, ҳангоми ғалат кардан ислоҳ кунед.
7) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мазмуни матнро аз худ кардаанд.
***8) Бозии «Савол чӣ буд?»*** Дар 10 корт (варақ) пешакӣ савол омода кунед. Саволҳои содаи кӯтоҳро интихоб намоед. Саволҳои шумо бояд дароз ва мураккаб набошанд. Саволҳоро аз доираи мавзӯъҳои таълим, ки ҳоло хонандагон наомӯхтаанд, нагиред. Намунаи саволҳо:
*Ту шаб чӣ кор кардӣ?*
*Пагоҳ ба куҷо меравӣ?*
*Дирӯз чӣ хӯрда будӣ?*
*Кадом бозии варзиширо дӯст медорӣ?*

Як нафар хонандаи нисбатан зиракро назди тахтаи синф даъват кунед. Бо ӯ маслиҳат кунед, ки саволҳоро хомӯшона хонад, то дигарон нашунаванд. Ҷавобашро бо овози баланди гӯшрас гӯяд: "Ман пагоҳ ба мактаб меравам". Ба хонадагони дигар мурочиат намуда, пурсед, ки чӣ савол буд, ки фулонӣ ин тавр ҷавоб дод?

Хонандагон гунаҳои саволи худро пешниҳод мекунанд. Агар якумӣ саволро дуруст ёбад ҳам, имкон диҳед, ки дигарон низ саволи худро гӯянд. Ҳеч гоҳ аз хонандагони пешқадам сар накунед, зеро дигарон гуфтаҳои онҳоро тӯтивор такрор кардан мегиранд (Ба ҳамин тариқ, хонандаи назди тахтаи синфбуда ба чанд савол ҷавоб медиҳад, дигар хонандагони синф ба ҷавоби ӯ савол фикр мекунанд). Ин машғулиятро дар чанд дарс ба роҳ монед. Аҳён-аҳён гузарондани он натиҷае нахоҳад дод.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди саволҳои боло аз рӯйи матн саволҳо тартиб диҳанд.
10) Усули "Курсии сеҳрнок" гузаронед.
11) **Имлои дунафарӣ.** а) Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз хонандаи А хоҳиш намоед, ки сархати охири матн-ро хонад ва хонандаи Б онҳоро нависад. Сипас аз хонандаи Б хоҳиш намоед, ки сархати охири матнро хонандаи А нависад.
б) Баъд аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд ва ба ҳамдигар тавсия диҳанд.
в) Барои боварӣ ҳосил кардан, дафтари якчанд хонандаро санҷед.
12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо калимаҳои зерин имлои эҷодӣ нависанд: об, буғ, беморихо, шифо, мебахшанд. Хонандагон пас аз навиштани имлои эҷодӣ онро мехонанд. Ба хонандагон тавсияҳо диҳед.
**13)** Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Машқи 4. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 5 - 6. Чилучорчашма (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи Чилучорчашма. Аз рӯйи номи матн пешгӯйӣ кардан, ки сухан дар бора чӣ меравад, номи матнро муайян карда тавонанд. Номи матнро шарҳ додан. Саволу ҷавоб. Мазмуни матнро муайян кардан. Савол тартиб додан. Калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навиштан. Матни хурд тартиб дода тавонистан.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни маърифатиро равону бурро хондатавонанд;
- номи матнро муайян карда тавонанд;
- номи матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи ном мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- савол тартиб дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарси гузаштаро ба ёд оварда дар бораи чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон суҳбат кунед. (Кӯшиш кунед, ки ба аксари бачаҳо имкони сухан гуфтан диҳед.)
5) Ба хонандагон ребуси зеринро пешниҳод намоед:

**44 +**  **+ а =.**

Ба фикри шумо, имрӯз мо дар бораи кадом матн суҳбат мекунем? *Чилучорчашма.*

6) Ба фикри шумо чаро Чилучорчашма мегӯянд? Бачаҳои азиз мехоҳед, дар бораи ин чашма маълумоти бештар дошта бошед?! Пас, бодиққат гӯш кунед, ман матнро мехонам. Матнро равону бурро хонед. Ба қоидаҳои хондани матнҳои маърифатӣ риоя намоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро тмонанди шумо хонанд. Тарзи хондани онҳоро назорат карда, ғалатҳоро ислоҳ кунед.

7) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб гузаронед.

а) Чилучорчашма дар куҷо ҷойгир аст?
б) Хусусиятҳои оби чашмаро номбар кунед.
в) Ба фикри шумо, барои чӣ дар таги маҷнунбедҳо катҳо гузошта шудаанд?

Оё шумо, ҳамроҳи хонавода ба саёҳати чашмаҳои шифобахш рафтаед?
Кай? Ба куҷо? Дар он ҷо чиҳоро дидед? Чӣ ба ба шумо аз ҳама бештар маъқул шуд?

8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни “Чилучорчашмаро”-ро мустақилона хонанд ва исмҳои хосро ёбанд. Бо ҳарфи калон навишта шудани, онҳоро шарҳ диҳанд. Ба хонандагон супориш диҳед, ки калимаҳои муайянкардаашонро дар дафтарашон нависанд: Чилучорчашма, Носири Хисрав, Давлатёр, Ҳоҷӣ Арбобшоҳ, Тоҷикистон.

9) Стратегияи тасаввур кардан. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло шумо матнро мехонед ва онҳо чашмонашонро пӯшида, манзараеро тасаввур мекунанд. Сархати сеюм ва чорумро ифоданок хонед. Хонандагон манзараи тасвиршударо пеши назар меоранд.

10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки манзараи тасаввуркардаашонро баён кунанд. Ба нутқи хонандагон диққат диҳед. Бартарии нақли хонандагонро таъкид намоед. Агар хонанда ғалат содир кунад, пас аз анҷоми нақл ғалатро якҷоя бо хонандагон ислоҳ намоед.

11) Аз рӯйи имкон агар расми манзараҳои Чилучорчашма бошад, диққати хонандагонро ба расмҳои Чилучорчашма равона кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки тасаввуроти худро бо расмҳо муқоиса кунанд ва гӯянд, ки онҳо ин мавзеъро чунин тасаввур карданд ё не.

12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар гурӯҳҳои дунафара муттаҳид шуда, ба саволи *Оё Шумо ба Чилучорчашма рафтан мехоҳед?* ҷавоб гӯянд. *Агар ҳа ё не, чаро? Шарҳ диҳед.* Фикру ақидаҳои гурӯҳҳоро шунавед.
13) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар ҷадвали зерин бо кӣ рафтан, бо худ чӣ бурдан ва хоҳиши чиро дар Чилучорчашма диданашонро нависанд.
Ҷадвал:

| Бо кӣ рафтан мехоҳед? | Бо худ чӣ мебаред? | Чиро дидан мехоҳед? |
|---|---|---|
| *Намуна: Падару модар* | *Нон, хӯрок барои моҳӣ* | *Моҳиҳоро* |

**14) Вазифаи хонагӣ**. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи ҷадвали таҳиякардаашон матн офаранд.
**Намуна**: *Ман бо падару модарам ба Чилучорчашма рафтан мехоҳам. Бо худ нон ва хӯроки моҳӣ мебарам. Дар он ҷо моҳиҳоро дидан мехоҳам.*

**15) Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**
Дарсро бо саволу ҷавоб ҷамъбаст кунед. Саволҳо: *Мо метавонем дар маҳалли худ чунин истироҳатгоҳ бунёд намоем? Агар ҳа, чӣ тавр? Чаро аксари истироҳатгоҳҳо дар деҳа ё минтақаҳои аз шаҳр дур сохта мешаванд?*
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 8. Кӯли Сарез (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи кӯлу обанбор. Аз рӯйи номи матн пешгӯйӣ кардан, ки сухан дар бора чӣ меравад. номи матнро муайян карда тавонанд. Номи матнро шарҳ додан. Саволу ҷавоб. Мазмуни матнро муайян кардан. Савол тартиб додан. Калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навиштан. Шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонистан. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима)-ро, ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- матни маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
- номи матнро муайян карда тавонанд;
- номи матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи ном мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- савол тартиб дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ, навори видеоӣ дар бораи кӯли Сарез (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс:**
1) Ташкили дарс. "Ахбори рӯз" (ниг. ба дарс**ҳои 11 - 12-уми Боби I**).
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Оид ба кӯл бо хонандагон суҳбат кунед. *Бачаҳои азиз, оё шумо кӯлро дидаед? Агар ҳа, дар куҷо? Дар бораи кӯл чӣ гуфта метавонед? Оё шумо ба назди ягон кӯл барои тамошо рафтаед?* (Кӯшиш кунед, ки ба аксари бачаҳо имкони сухан гуфтан диҳед.)

5) Дар тахтаи синф номи матнро нависед ва дар атрофи номи мавзӯъ суҳбат гузаронед. Муҳтавои суҳбат чунин буда метавонад: *Ба фикри шумо чаро кӯли Сарез мегӯянд? Бачаҳои азиз мехоҳед, дар бораи ин кӯл маълумоти бештар дошта бошед? Пас, бодиққат гӯш кунед, ман матнро мехонам.* Матнро равону бурро хонед. Диққати хонандагонро ба тарзи хондани ибораҳои матн равона кунед. Тарзи хондани ибораҳои *"дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшони Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон"*-ро такроран чанд маротиба нишон диҳед. Бо як нафас (синтагма) хондани ин ибораро таъкид кунед.

6) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб гузаронед.

а) Кӯли Сарез кай ва дар куҷо пайдо шудааст?

б) Кӯли Сарез дар кадом вилояти Тоҷикистон воқеъ аст? Онро аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳед.

в) Кӯли Сарез ба мардум чӣ манфиат дорад?

г) Бачаҳо ба фикри шумо, кӯли Сарез ягон хатар дорад? Аз матн далел оред.

ғ) Аз рӯйи манзараи расмҳо ва мазмуни матн муайян карда метавонед, ки ин мавзеъ гарм аст ё хунук.

7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни "Кӯли Сарез"-ро мустақилона хонанд ва калимаҳои ифодакунандаи исми хосро ёбанд. Чаро ин калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд бачагон шарҳ диҳанд. Ба хонандагон супориш диҳед, ки калимаҳои муайянкардаашонро дар дафтарашон нависанд.

8) Аз рӯйи имкон навори видеоиро намоиш дода, дар атрофи мавзӯъи он суҳбат ташкил кунед.

9) Дар бораи аҳаммияти тоза нигоҳ доштани обҳои кишвар суҳбат намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар мавзӯйи "Барои чӣ обро бояд тоза нигоҳ дорем?" ҳикояи хурди шифоҳӣ тартиб диҳанд. Ҳикоя аз се қисм иборат аст:

1. Оғоз
2. Қисми асосӣ
3. Анҷом.

- Дар қисми аввал хонандагон бо як-ду ҷумла дар бораи об ва аҳаммияти он маълумот медиҳанд.
- Дар қисми дуюм доир сабабҳои тоза нигоҳ доштани об се-чор ҷумла ҳикоя мекунанд. (Вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд аз он зиёдтар ҷумла гӯянд).
- Дар қисми сеюм бо як-ду ҷумла муносибати худро баён мекунанд. (Вобаста ба сатҳи омодагии синф хонандагон метавонанд се ё зиёдтар ҷумла гӯянд).

10) Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ карда, барои беҳтар шудани нутқи шифоҳии онҳо тавсияҳо диҳед.

11) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Арзёбӣ.**

**Бо воситаи ҷадвали "Харитаи бародмад" хонандагонро арзёбӣ намоед:**

| | |
|---|---|
| **Номи кӯл** | |
| **Соли пайдоиш** | |
| **Макони ҷойгиршавӣ** | |
| **Ғунҷоиш** | |
| **Дарозии кӯл (км)** | |
| **Бари кӯл** | |

| | |
|---|---|
| **Чуқурии кӯл (км)** | |
| **Баландии кӯл аз сатҳи баҳр** | |
| **Сабаби пайдоиши кӯл** | |

**Дарсҳои 9 - 10. Симоҳои матнро ёбед (2 соат)**
**Барнома.** Кор бо матн. Муайян кардани симоҳо/қаҳрамонҳои матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоию луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳои хонанда:** 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– маънои мафҳуми симоро донад ва онро шарҳ дода тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда, асосӣ ва дуюмдараҷа будани онҳоро муайян карда тавонанд;
– фикри асосии матнро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, зарбулмасалу мақол ва ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс.** Муайян кардани симоҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи матн ба хонандагон имкон медиҳад, ки мазмуни матнро хубтар дарк кунанд. Дар поён чанд намунаҳои усули муайян кардани симоҳои матн оварда мешаванд. Боварӣ дорем, ки шумо тавсияҳои мазкурро истифода хоҳед бурд.
1) Калимаи “симо”-ро дар тахтаи синф нависед. Аввал аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин калимаро чӣ тавр мефаҳманд, гӯянд. Сипас маънои калимаи мазкурро ба хонандагон фаҳмонед ва бо фарзияҳои пешниҳодкардаашон муқоиса кунед.
**Симо** 1. рӯй, чеҳра; шамоил, шакл, қиёфа. 2. шахсият. 3. образ, тип. 4. *маҷ*. телевизион.
**Симо** – қаҳрамон, персонажи матн
2) Сипас матни “Чаро ранги Собирҷон канд?”-ро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки як маротибаи дигар онро хонанд. Симоҳои онро муайян намуда, номи онҳоро нависед: Собирҷон, модараш, Оқил, Расул, Акбар
3) Аз хонандагон пурсед, ки дар ин ҳикоя киҳо бештар нақш доранд? (Собирҷон ва модараш)
4) Киҳо нақши камтар доранд: (Расул, Оқил, Акбар)
5) Барои чӣ Собирҷону модар нақши асосӣ доранд?
Барои чӣ Оқилу Расулу Акбар нақши дуюмдараҷа доранд? Сабаби нақши асосӣ ва дуюмдараҷа доштани симоҳои матнро муҳокима кунед. Барои ин бори дигар матнро хонед ва муайян кунед, ки кадом симо бештар ва кадомаш камтар иштирок мекунад. Ҳамин тавр, шумо бо хонандагон симои асосӣ ва дуюмдараҷаи матн (ҳикоя, афсона)-ро муайян карда метавонед.
Симоҳои асосии матн: Собирҷон ва модараш
Симоҳои дуюмдараҷа: Оқил, Расул ва Акбар
*6)* Барои санҷидани фаҳмиши хонандагон аз онҳо пурсед: *Мо чӣ тавр муайян кардем, ки симои асосии матн кист?* Хонандагон ҷавоб мегардонанд. Сипас боз як матни дигарро ба ҳамин усул якҷоя бо хонандагон таҳлил кунед.
*7)* Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ тақсим кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнеро аз китоби дарсӣ интихоб кунанд (“Мор ва моҳӣ”, “Иззатулло ва даванд” ва симоҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи онро муайян кунанд.

*8)* Муҳокимаи умумӣ. Пас аз иҷрои вазифаи муайянкунии симоҳои матн муҳокимаи умумӣ гузаронед. Ба саволҳои “Чӣ тавр хонандагон симоҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро муайян карданд? Чӣ ба онҳо ёрӣ расонд?”

*9)* Аз рӯйи мазмуни матни “Чаро ранги Собирҷон канд?” саволу ҷавоб кунед.

Аз рӯйи машқҳо кор баред. Пас аз иҷрои машқи 1 аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни онро бо мазмуни аслии матн муқоиса кунанд. Умумият ва фарқи онҳоро гӯянд. Иҷрои ин машқро чунин хулосабарорӣ кунед: муаллиф вақте дар бораи чизе ҳикоя мекунад, муносибати худро ба он баён месозад. Муаллиф бо навиштани ҳикоя, шеър мехоҳад, ки ба мо чизеро таъкид (талқин, таблиғ) кунад. Ана ҳамин таъкид (талқин)-и муаллиф фикри асосии матн мебошад. Дар матни «Чаро ранги Собирҷон канд?» нависанда мехоҳад, нишон диҳад, ки оқибати мумсикӣ ба чӣ оварда мерасонад? Муаллиф метавонист монанди машқи 1 ҳикоя нависад, аммо вай мехоҳад, ки тавассути беадабии як нафар дигаронро хӯшдор диҳад, ки Собирҷон кори хуб накардааст.

10) **Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.**

11) Барои хона вазифа супоред.

12) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед.

Меъёрҳои арзёбии кори хонандагон:

| **Меъёр** | **Наметавонад** | **Метавонад** |
|---|---|---|
| Хонанда симоҳои матнро муайян карда метавонад. | 0 | 1 |
| Хонанда симои асосӣ ва дуюмдараҷаи матнро муайян карда метавонад. | 0 | 1 |
| Фикри асосии матнро майян карда метавонанд | 0 | 1 |

**Дарсҳои 11 - 12. Чӣ? Кай? Дар куҷо? (2 соат)**

**Барнома.** Кор бо матн. Саволҳои кӣ, чӣ, кай, дар куҷо. Муайян кардани симо, замон ва макон дар матн. Таркиби матн, ба қисмҳо ҷудо кардани он ва таҳлили қисмҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:** 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни диалогиро хонда тавонанд;
- симоҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи матнро муайян карда тавонанд;
- замон ва макони баргузории воқеаро муайян карда нависанд
- фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- доир ба мазмуни матн ҷумла навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** замимаи китоби дарсӣ, шеър, зарбулмасалу мақол ва ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс. “Ахбори рӯз”

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Дар тахтаи синф як ҷумла нависед, ки дар он *шахс, замон* ва *макон* тасвир шуда бошад. Намуна: *Дирӯз Рустам ба хонаи бобояш рафт.* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба калимаҳои матн савол гузоранд. *Дирӯз (кай?) Рустам (кӣ?) ба хонаи бобояш (ба куҷо?) рафт.*

5) Агар хонандагон саволҳоро дуруст мувофиқ гузоранд, аз онҳо пурсед, ки чӣ ба онҳо ёрӣ расонд. Ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Сипас ба хонандагон тарзи муайян кардани шахс, замон ва маконро дар мисоли ҷумлаи дигар намоиш диҳед.

6) Монанди намуна чанд ҷумлаи дигар таҳия кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ ё мустақилона ба калимаҳо савол гузоранд. Шахс, макон ва замонро муайян кунанд. Ба назди хонандагон рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.

7) Матни "Алафи газанда"-ро ҳамроҳ бо аҳли синф хонед. Дар қисми дуюми матн диққати хонандагонро ба "тире"-и аввали сатрҳо равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки барои чӣ баъзе ҷумлаҳо бо тире сар мешаванд. Ҷавобҳои онҳоро бишнавед ва хулоса бароред, ки матнҳо монологӣ ва диалогӣ мешаванд. Дар матнҳои монологӣ ҳодисаву воқеаҳо аз номи шахси сеюм ҳикоя карда мешаванд. Дар матнҳои диалогӣ гуфтугӯйи симоҳои матн айнан оварда мешавад. Барои ҷудо кардани суханони симоҳои матн онҳоро бо тире ишора мекунанд ва бо оҳанги мувофиқ мехонанд.

8) Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро мустақилона хонанд. Баъд аз он бо ҳамнишасти худ дунафарӣ хонанд. Яке хонад ва дигаре гӯш карда тавсия диҳад.

9) Симоҳо, замон ва макони дар матн тасвирёфтаро муайян кунед. Ҳар замон савол дода, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳо симоҳо, замон ва макони воқеаи матнро муайян кунанд.

11) Нақшаи поёнро ба хонандагон фаҳмонед. Дар давраи мобайн номи матн навишта мешавад. Дар се давраи атрофи он (1) симоҳо, (2) макон ва (3) замон навишта мешавад. Хонандагон матнро мехонанд ва калимаҳоеро, ки симоҳо, макон ва замонро ифода мекунанд, аз матн ёфта, дар даврачаҳои атрофи ҳар як давра менависанд.

Намуна:




12) Сипас ҳар як қадамро шарҳ диҳед. Аз хонандагон пурсед, ки барои муайян кардани шахс, макон ва замони воқеа чӣ амалҳоро иҷро карданд. Ақидаи хонандагоро гӯш кунед, агар ғалате содир кунанд, ислоҳ кунед.

13) Хонандагон дар асоси нақшаи таҳиякардаашон ду ё се ҷумла менависанд.

14) Ба хонандагон вазифа супоред: матнеро интихоб кунанд ва ба монанди боло ҷадвал таҳия карда, мисолҳоро аз матн ёбанд ва дар ҷадвал нависанд.

15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 13 - 14. Дарси навиштани мактуб (2 соат)**
**Барнома.** Матни мактуб. Хондани мактуб ва муайян кардани сохтори он. Қисмҳои мактуб. Мурочиат. Баёни мақсад. Номи мактубнавис. Вазифаҳои ҳар як қисм. Тибқи сохтор навиштани мактуб. Хондан ва муайян кардани ғалатҳо. Ислоҳи ғалатҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо!**
3.4.1. Қоидаҳои навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- сохтори матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи сохтор мактуб навишта тавонанд;
- ғалатҳоро дар навиштаҳои худ муайян сохта, ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ.
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Ба хонандагон мавзӯъ ва мақсади машғулиятро фаҳмонед. Сипас аз онҳо пурсед, ки оё ягон маротиба мактуб навиштаанд ё мактуб хондаанд? Ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Баъд намунаи мактубро ба хонандагон супоред (ё дар тахтаи синф ба намоиш гузоред). Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мактубро хонанд ва гӯянд, ки он аз кадом қисмҳо иборат аст.
Намуна:
*Дӯсти азиз Раҳимҷон,*
*Ман мехоҳам, як ҳодисаро ба Шумо нақл кунам. Моҳи июл ман ба деҳа рафтам. Дар он ҷо ман бо рафиқонам ба оббозӣ рафтам. Дар лаби об занбӯри бисёр буд. Як ҷӯраам занбӯронро халал расонд. Онҳо моро газиданд. Сару рӯйи мо варам кард. Мо ба хона давида рафтем. Бибиам ба рӯйи мо бо пахта намакоб молид.*
*Бо эҳтиром,*
*Рустам.*

3) Метавонед мактубро ба қисмҳои зерин ҷудо кунед ва ҳар як қисмро фаҳмонед.

| | |
|---|---|
| ***Мурочиат*** | *Дӯсти азиз Раҳимҷон,* |
| ***Қисми асосӣ*** | *Ман мехоҳам, як ҳодисаро ба Шумо нақл кунам. Моҳи июл ман ба деҳа рафтам. Дар он ҷо ман бо рафиқонам ба оббозӣ рафтам. Дар лаби об занбӯри бисёр буд. Як ҷӯраам занбӯронро халал расонд. Онҳо моро газиданд. Сару рӯйи мо варам кард. Мо ба хона давида рафтем. Бибиам ба рӯйи мо бо пахта намакоб молид.* |
| ***Мурочиат*** | *Бо эҳтиром,*<br>*Рустам* |

5) Баъд диққати хонандагонро ба қисми асосии мактуб равона кунед. Он ҳам аз қисмҳо иборат аст: (1) *Ман мехоҳам, як ҳодисаро ба Шумо нақл кунам. (2) Моҳи июл ман ба деҳа рафтам. (3) Дар он ҷо ман ҳамроҳи рафиқонам ба оббозӣ рафтам. Дар лаби об занбӯри бисёр буд. Як ҷӯраам занбӯронро халал расонд. (4) Онҳо моро газиданд. Сару рӯйи мо варам кард. (5) Мо ба хонаҳо давида рафтем. Бибиам ба рӯйи ман бо пахта намакоб молид.*
6) Ба хонандагон фаҳмонед, ки барои нақл кардани ҳодисае мо бояд ба чанд савол ҷавоб гардонем, ки дар натиҷа ҳикоя/нақли мо сохтори хуб ва пайдарпайии мантиқӣ пайдо мекунад.
Намунаҳои савол:
(1) Чӣ мехоҳед? Яъне ба дӯстатон чиро нақл кардан мехоҳед?

(2) Ҳодиса кай ва дар кучо сар зад?

(3) Сабаби ҳодиса чӣ буд? Яъне чӣ кор боиси сар задани ҳодиса шуд? Оббозӣ рафтанд. Занбӯрҳоро халал расонданд.

(4) Ҳодиса чӣ буд? Занбӯрҳо газиданд. Сару рӯи бачагон варам кард.

(5) Натиҷа чӣ шуд? Ба хонаҳо рафтанд. Бо пахта намакоб молиданд.

7) Бори дигар саволҳо ва ҷумлаҳои мактубро бо хонандагон таҳлил кунед.

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки лаҳзае фикр карда, ҳодисаҳои дар тобистон рух додаро ба хотир оранд ва якеро интихоб кунанд. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки он ҳодисаро ба ҳамнишинашон нақл кунанд.

9) Баъд як ҳодисаро якҷоя бо аҳли синф интихоб кунед. Онро якҷоя бо аҳли синф дар тахта мувофиқи саволҳо ва сохтори боло нависед. Онро таҳлил кунед.

10) Дар марҳалаи дуюми дарс хонандагон мустақилона кор карда, ба дӯсташон мактуб менависанд. Ҳангоми иҷрои вазифаи мазкур ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро назорат кунед ва ба хонандагон дар навиштан ёрӣ расонед. Диққати хонандагонро ба тартиби нақли ҳодиса равона кунед.

11) Маротибаи дуюм ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед ва диққати онҳоро ба имлои калимаҳо, тартиби калимаҳо дар ҷумла ва аломати китобат равона кунед. Барои дуруст ва бамаврид истифода бурдани аломатҳои китобат ба хонандагон тавсияҳо диҳед.

12) Вақте ки хонандагон мактубҳояшонро омода мекунанд, аз онҳо хоҳиш кунед, ки мактубашонро ба ҳамнишинашон хонанд. Онро якҷоя таҳлил карда, ба якдигар тавсияҳо пешниҳод кунанд.

13) Аз чанд хонанда хоҳиш кунед, ки мактубашонро ба аҳли синф хонанд. Мактубҳои навиштаи хонандагонро ҷамъ оварда, пас аз дарс дар асоси меъёрҳои арзёбӣ ба кори хонандагон баҳо диҳед.

14) **Арзёбӣ. Нишондиҳандаи муваффақият.**

**Шарҳ:** Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ аз хонандагон мунтазам таҳия ва тартиб додани намунаҳои зиёдӣ корҳои хаттӣ ва шифоҳӣ талаб карда мешавад. Нишондишандаҳои муваффақият ба хонандагон имконият медиҳад, ки ин талаботро муҳокима карда, онро ҳамчун намунаи кори хеш истифода баранд.

**Тартиб:**

- ду кор (иншо, ҳикоя, эссе, нақли хаттӣ)-и пешинаи хонандагонро доир ба як мавзӯъ, як намунаи хуб ва як намунаи сусттарро интихоб намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷиҳатҳои хуб ва такмилталаби корро муайян созанд. Хонандагон ақидаҳояшонро мегӯянд:

*Масалан*: дар кори дуюм хонанда пеш аз пайвандаки “ки” вергул нагузоштааст; ҷумлаҳои кори дуюм пурра нестанд.

- Омӯзгор ба аҳли синф муроҷиат карда мегӯяд, ки биёед, якҷоя нишондиҳандаҳои муваффақиятро тартиб медиҳем:

  *Масалан*:
  - пеш аз пайвандаки “ки” вергул гузоштан;
  - ҷумлаҳоро ба охир расондан.
- Омӯзгор нишондиҳандаҳоро дар тахтаи синф менависад.
- Сипас ба хонандагон муроҷиат карда, амалҳои дигарро низ ба ин васила таҳлил мекунанд. Омӯзгор мекӯшад, ки аксари хонандагон дар ин раванд фаъолият кунанд.
- Баъд аз анҷоми нақли хаттӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки корашонро дар асоси нишондиҳандаҳо санҷанд. Хонандагон кори худро санҷида, ғалатҳои содиркардаашонро ислоҳ кунанд.

**Диққат!** Нишондиҳандаҳои муваффақият ҳадафҳоеанд, ки хонандаро ба мақсади таълим мерасонанд. Яъне, хонанда чӣ кор кунад, ки ба мақсади таълим ноил гардад?

Нишондиҳандаҳои муваффақият ҳамчун зинаҳоеанд, ки тавассути онҳо хонанда қадам ба қадам ба мақсад наздик мегардад.

*Тартиб додани нишондиҳандаҳои муваффақият чунин бартариҳо дорад:*

- сифати корҳои хонандагон беҳтар мегардад;
- хонандагон зимни иҷрои кор масъулият ҳис мекунанд;
- ғалатҳои маъмулӣ аз байн мераванд;
- роҳи расидан ба мақсад барои хонандагон равшантар мегардад;
- аксари хонандагон натиҷаҳои хубро ба даст меоранд.

**Тавсия: Ин фаъолиятро вобаста ба имконият ва шароит дар дарсҳои минбаъда истифода баред. Онро на танҳо ҳангоми арзёбии корҳои хаттӣ, балки ҳангоми гузарондани ҳар фаъолияте доир ба хондану гуфтан низ истифода кардан мумкин аст.**

**Дарсҳои 15 - 16. Чӣ тавр? Барои чӣ? (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Тарзи аз матн ҷавоб ёфтан ба саволҳои “Чӣ тавр” ва “Барои чӣ?” Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)- ҳои мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба саволҳои “Чӣ тавр?»ва “Барои чӣ” ҷавоб ёфта тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба мазмуни афсона, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс. “Ахбори рӯз” (ниг. ба дарсҳои 11 - 12-уми Боби I).

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.

4) Бо хонандагон дар бораи мушу гурба суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш кард, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он ки мо ҳоло афсонаеро дар бораи ин ҳайвонҳо мехонем.
5) Ҳикояро бо усули "Пешгӯйӣ" хонед.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Гурбачаи сода" ном дорад?
6) Хонандагон қисми аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Мошон чӣ орзу мекард?
Мошон ба куҷо рафт?
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Гӯед, оё Мошон мушро шикор мекунад?
8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.
9) Хонандагон қисми дуюмро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Гӯед, оё гурба розӣ мешавад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
11) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми сеюми матнро хонанд.)
Ба ҳамин тариқ, матн то охир пешгӯйӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
12) Дар бораи тарзи хондани сухани симоҳои матн суҳбат кунед. Тарзи хондани сухани симоҳои матнро нишон диҳед. Аз чанд нафар хоҳиш кунед, ки тарзи хондани сухани симоҳои матнро машқ кунанд. Сипас бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
Симоҳои матнро номбар кунед.
Воқеаи асосӣ дар куҷо рух дод?
Гурбачаи сода чӣ тарз мушбачаро шикор кард?
Мушбача чӣ тавр Мошонро фиреб дод?
Барои чӣ Мошон ба сухани мушбача бовар кард?
Барои чӣ мушбача Мошонро фиреб дод?
Агар мушбача Мошонро фиреб намедод, чӣ воқеа рух медод? Барои чӣ?
Агар ба Мошон ба сухани мушбача бовар намекард, чӣ воқеа рух медод? Чаро?
Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
Дар мисоли гурба чӣ хел одамон тасвир шудаанд? Дар симои мушак-чӣ?
Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
Акнун биёед, сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби "Гурбачаи сода" ном гирифтани онро шарҳ медиҳем. Барои чӣ ин тавр фикр мекунед? (хонандагон шарҳ медиҳанд).
**12) Диққати хонандагонро бори дигар ба саволҳои "Чӣ тавр?" ва "Барои чӣ" равона кунед. Тарзи саволгузорӣ ва ёфтани ҷавобро нишон диҳед.**
13) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача тайёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
14) Кори дунафарӣ**:** ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ ду ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз карда, ғалатҳоро муайян сохта, фаҳмонда, ислоҳ намоянд.
15) Вазифа барои хона: аз рӯйи мазмуни матн нақли хаттӣ нависед.
16) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.

Саволнома

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**

**а)** Мошон ба.... даромад.

б) Мебинад, ки аз... дараке нест.

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (*Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)*

А. Гурба ва муш
В. Гурбача ва мушак
Б. Гурбачаи сода ва муш
Г. Мошон ва мушбача

**3. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Дар ҳавлӣ
Б. Дар хонаи гурбача
В. Дар хонаи мушбача
Г. Дар таҳхона

**4. Чаро Мошон мушбачаро нахӯрд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. Дилаш ба мушбача сӯхт.
Г. Мехост, ки бозӣ кунад.
Б. Мушбача вайро фиреб дод.
В. Зӯраш ба мушбача нарасид.

**Саволнома**

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқро нависед.**

а). Мошон муш доштанӣ шуд.

б) Мошон. даромад

**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Гурбаҳо ва гурбача
Б. Мошон ва мушбача
В. Мошон, гурбачаи сода
Г. Гурбаҳо ва мушбача

**3. Воқеаи асосӣ кай рух дод?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. бегоҳе
Б. саҳаре
В. шабе
Г. рӯзе

**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дод?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. дар саҳро
Б. дар хонаи соҳиб
В. дар таҳхона
Г. дар каҳтӯда

**5. Чаро Мошон мушбачаро нахӯрд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. Дилаш ба мушбача сӯхт.
Б. Мушбача вайро фиреб дод.
В. Зӯраш ба мушбача нарасид.
Г. Мехост, ки бозӣ кунад.

**6. Чаро мушбача Мошонро фиреб дод?**

(Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. Мошон мушро намешинохт.
Б. Мушбача бисёр зирак буд.
В. Онҳо бозӣ карданд.
Г. Мошон сода буд

**7.** Дар ҷумлаи «Мошон чашмашро кушода дид, ки аз мушак дараке нест.” таркиби **“аз мушак дараке нест”** чӣ маъно дорад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. аз мушак хабаре нест
Б. мушак фиреб кардааст
В. мушак аз дарича гурехтааст
Г. мушак пинҳон шудааст

**8. Калимаҳоро бо шарҳашон мувофиқ гузоред.**

| | |
|---|---|
| **боре** | хабаре |
| **камин гирифтан** | рӯзе, замоне |
| **дараке** | паноҳ шуда истодан дар интизори дастгир кардани чизе |

**9. Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Аз шахсе, ки туро фиреб медиҳад, ҳушёр бош.
Б. Пеш аз кореро кардан маслиҳат пурс.
В. Ба ҳеч кас бовар накун.
Г. Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.

16) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Бовар ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 17 - 18. Чӣ тавр? Ба кадом мақсад? Барои чӣ? (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Саволҳои Чӣ тавр? Ба кадом мақсад? Барои чӣ? Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурданини табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.**
Хонандагон бояд:
– мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
– мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;

– гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
– фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, зарбулмасалу мақол ва ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс. "Ахбори рӯз" (ниг. ба дарсҳои 11 - 12-уми Боби I**).**
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Бо хонандагон дар бораи тӯб суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш кард, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он, ки имрӯз матнеро дар бораи тӯб мехонем.
5) Монанди дарсҳои қаблӣ аввал ба қоидаҳои хондани матни диалогӣ диққат диҳед. Аввал як маротиба хонед ва сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бо оҳанги мувофиқ хонанд. Диққати асосиро ба тағйир додани оҳанги гуфтори симоҳои матн равона кунед. Хонандагон дунафарӣ матнро мехонанд.
6) Монанди дарси қаблӣ аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.
Намуна: Бачаҳо чӣ кор мекарданд?
Бачаҳо дар кучо бозӣ мекарданд?
Барои чӣ бозӣ тез–тез қатъ мешуд?
Бачаҳо ба сӯйи кӣ тохтанд?
Бачаҳо чӣ тавр Искандарро розӣ мекунонданд?
Искандар ба чанбарак чӣ тарз менигарист?
Ба сангпушту бодбарак-чӣ?
Оё Искандар розӣ шуд? Барои чӣ?
Барои чӣ Искандар шах шуда монд?
Агар Искандар тӯбро медод, минбаъд чӣ воқеа рух медод?
Агар дар он ҷо мебудед, Искандарро чӣ тарз розӣ мекунондед?
Агар ба ҷойи Искандар мебудед, чӣ кор мекардед?
Ба ҷойи бачаҳо-чӣ?
7) Монанди дарси қаблӣ диққати хонандагонро бори дигар ба саволҳои "Чӣ тавр?" ва "Барои чӣ" равона кунед. Тарзи саволгузорӣ ва ёфтани ҷавобро нишон диҳед.
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача тайёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
9) Хонандагонро барои иҷрои машқҳои китоби дарсӣ водор кунед. Дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед.
10) Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
11) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер истифода баред.
Саволнома
**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**
а) Искандар ба.... чанбарак нигарист.
б) Бачаҳо боз бо тӯби... худ машғули бозӣ шуданд.

**2. Дар кадом қатор симои асосии матн оварда шудааст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Раҷаб
Б. Мурод
В. Искандар
Г. Бадал
**3. Барои чӣ бачаҳо Искандарро розӣ мекарданд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. барои якравияш
Б. барои тӯбаш
В. барои бозӣ
Г. барои хасисияш
**4. Бачаҳо чӣ тарз Искандарро розӣ мекарданд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Ба ӯ чанбараки дучарха пешкаш карданд.
Б. Ба ӯ бозичаҳои худро пешкаш намуданд.
В. Ба ӯ футболбозиро пешниҳод карданд.
Г. Ба ӯ сангпушт пешкаш намуданд.
**5. Чаро Искандар тӯбашро надод?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Искандар хасис буд.
Б. Искандар эҳтиёткор буд.
В. Искандар аз кафидани тӯб тарсид.
Г. Искандар бачаи зӯр буд.
**6. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Ба Искандар чанбарак пешкаш карданд. |
| | Тӯби бачаҳо кафида буд. |
| | Ба Искандар бодбарак пешкаш карданд. |
| | Искандар тӯбашро ба ҳеҷ кас надод. |
| | Искандар бо тӯбаш омад. |
| | Ба Искандар сангпушт пешкаш карданд. |

16) Вазифа барои хона. Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Бовар ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои islоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 19 - 20. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»** (муҳокимаи хониши беруназсинфӣ) **(2 соат)**
**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Кор бо рӯзномаву маҷаллаҳо ва кроссворду сканвордҳо.
**Салоҳиятҳо:** 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола, китоб)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

***Тавсияҳо ба омӯзгор***

**Хониши берун аз дарс чист?**

Хониши берун аз дарс (хониши беруназсинфӣ) гуфта, фаъолияти мустақилона хондан, таҳлил ва хулоса баровардани хонандагонро дар назар доранд, ки аз доираи китобҳои дарсӣ берун аст. Онро чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст?

Дар синф гӯшаи "Хониши берун аз дарс" (беруназсинфӣ, беруназмактабӣ) ташкил кунед. Барои ин гӯша рафҳои китобмонӣ, ҷевон ё сабадҳои махсус омода созед. Дар ин гӯша китобҳои бадеӣ, энсиклопедия (донишнома)-и бачагонаро гирд оваред. Шумо ин корро аз ҳисоби фонди китобхонаи мактаб, сарпарастон ё аз маблағҳои падару модарон ба анҷом расонед. Рӯйхати китоб, рӯзнома ва маҷаллаҳои гирдовардаро тартиб диҳед. Ба хонандагон мақсад ва вазифаҳои ташкили ин гӯшаро фаҳмонед. Дар дафтари махсус рӯйхати хонандагонро тартиб диҳед. Таърихи гирифтан ва баргардондани китобҳоро дар ҳамин дафтар дарҷ кунед. Раванди китобхонии хонандагонро арзёбӣ кунед. Нигаред ба "Рӯзномаи хониш".

Мақсадҳои хониши берун аз дарс (беруназсинфӣ, беруназмактабӣ):

- инкишофи шавқу рағбати маърифатҷӯии хонандагон;
- шиносоии хонандагон бо муаллифон ва китобҳои бачагона;
- инкишофи завқи китобхонии хонандагон;
- тавассути китобҳонӣ ташаккул додани сифатҳои шаҳрвандии хонандагони хурдсол.

Эзоҳ*: муфассалтар дар ин бора нигаред ба китоби Лутфуллоев М. "Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Нашриёти «Маориф». - Душанбе, 1985. Саҳ. 86.*

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо

**Равиши дарс.** Дарси мазкур ба хониши беруздарсии хонандагони синфи сеюм бахшида мешавад. Чунон ки маълум аст, таълим набояд дар доираи мактаб маҳдуд гардад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.

1) Ташкили дарс
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
3) Дар оғози дарс ҳамроҳи хонандагон аҳаммияти китобхониро муҳокима кунед.
4) Китоб ё матнҳои берун аз дарс хондаи хонандагонро муҳокима намоед.

Шумо метавонед аз фаъолияти зерин низ истифода баред.

**Фаъолият: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?**

1. Муаллиф:__________________________________
2. Номи матн (ҳикоя, афсона, шеър) _____________
3. Жанр _______________________________________
4. Мазмуни асосии матн (дар бораи чӣ?) ____________аст.
5. Воқеа (дар куҷо?) _______ ба вуқӯъ омадааст?
6. Воқеа (кай?) _______ ба вуқӯъ омадааст?
7. Симоҳои асосӣ ________.
8. Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд ____________________
9. Мавзӯъ ва фикри асосӣ______________________________.

3) Ба хонандагон тарзи ташкили “Рӯзномаи хониш”-ро нишон диҳед ва фаҳмонед.

а) Дар паҳноии дафтар ҷадвали зер тасвир мешавад.

| № | **Ному насаби муаллиф** | **Номи ҳикоя** | **Кай хондам?** | **Чанд саҳифа буд?** | **Симоҳои асосӣ** | **Мавзӯъ** | **Фикри асосӣ** | **Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд (нашуд)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Пӯлод Толис | «Лолачинӣ» | Моҳи октябр | 10 | Юсуф Ҳошим Чӯпони қирғиз | Дӯстӣ | Бузургтарин хурсандии одам, бо одами нағз вохӯрдан аст. | |
| | Акобир Шарифӣ | «Гунҷишкаки якрав» | Моҳи ноябр | 4 | Гунҷишкак Падару модари вай Гурба Бахтиёр | Раҳму шафқат | Ҳамеша падару модари худро гӯш кунед. | |

б) Рӯзнома баъди хондани китоб пурра карда мешавад.

в) Ин ҷадвал барои назорат ва арзёбии китобхонии мактаббачагони хурдсол лозим аст.

5) Оид ба матн ё китоби хонда тарзи маълумотнома навиштанро омӯзонед.

Ба мақсади назорати китобхонии мактаббачагон ва одат кунондани онҳо ба хулосабарорӣ аз матн ё китоби хонда хонанда бояд тарзи навиштани таассуроти худро ёд гирад. Хаттӣ баён кардани таасуроти худ аз китоби хонда имкон медиҳад, ки барои иншонависӣ дар синфҳои болоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад. Навиштани таассурот бояд бандҳои зеринро дарбар гирад:

1. Муаллиф
2. Жанр
3. Номи матн (ҳикоя, афсона, китоб)
4. Мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа)
5. Лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?)
6. Хулоса

Намунаи навиштани маълумотнома дар бораи ҳикояи «Гунҷишкаки якрав»-и Акобир Шарифӣ. Тазкираи адабиёти бачагон. Ҷилди 2. Наср. - Душанбе, 1989. Саҳ. 300 - 303.

Ман ҳикояи Акобир Шарифӣ «Гунҷишкаки якрав»-ро хондам.

Дар ҳикоя сухан дар бораи гунҷишкаки якрав меравад. Он гунҷишкак Хурдӣ ном дошт. Хурдӣ насиҳатҳои падару модарро гӯш намекард. Оқибат вай ба чанголи гурба афтод. Гунҷишкакро аз чанголи гурба Бахтёр халос кард. Гунҷишкак пас аз ин воқеа падару модарашро гӯш мекард ва боэҳтиёт шуд.

Дар ин ҳикоя ба ман ҳамон лаҳзае, ки Бахтёр ба гунҷишкак раҳмаш омад ва онро аз чанголи гурба халос кард, маъқул шуд. (Ба ман суханҳои гунҷишкак маъқул шуд. Гунҷишкак мегӯяд, ки агар калон шавам, некии Бахтёрро фаромӯш намекунам.)

Ҳамеша падару модари худро гӯш кунед. Онҳо ҳамеша барои шумо некӣ мехоҳанд. Шахсонеро, ки ба шумо некӣ кардаанд фаромӯш накунед. Ба некии онҳо бо некӣ ҷавоб диҳед.

6) Дар баробари муҳокимаи матнҳои хонда ва навиштани маълумотнома, шумо метавонед, тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо, тарзи пур кардани сканворд ва кроссвордҳои содаро нишон диҳед. Як-ду намуна якҷоя пур карда мешаванд, намунаҳои дигарро танҳо хонандагон мустақилона кор мекунанд. Дар дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ чистон, забулмасалу мақолҳоро низ метавонед истифода баред. Машқҳои сароидан ва расмкашӣ ба мазмуни шеъру ҳикоя ва афсона низ аз манфиат холӣ нестанд. Дарсҳои муҳокимаи хониши беруназсинфӣ аз дарсҳои муқаррарӣ он қадар фарқ накунанд ҳам, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар интихоби матн, чистон, зарбулмасалу мақолҳо нисбатан озод бошанд. Дар ҳар сурат, муваффақияти ин дарсҳо чун дарсҳои дигар ба эҷодкорию кордонии шумо вобаста аст.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои таълим бо воситаҳои зерин арзёбӣ карда мешаванд:
Мушоҳидаи раванди мустақилона хондану навиштан муддати тӯлониро дар бар мегирад. Онро метавон тавассути намунаи ҷадвали зер мушоҳида ва арзёбӣ намуд.

| **Нишондиҳандаҳои хонанда** | **Ҳа** | **Не** | **Маълум нест** |
|---|---|---|---|
| Шавқу ҳаваси хондан дорад. Берун аз дарс мунтазам китобҳои бадеӣ мехонад. | | | |
| Рӯзномаи хониш дорад. Мунтазам рӯзномаи хонишро пур мекунад. | | | |
| Ба ин ё он жанр таваҷҷуҳ дорад. Масалан, хондани афсонаҳо (матнҳо дар бораи табиат)-ро дӯст медорад. Китобро мувофиқи завқаш интихоб мекунад. | | | |
| Мустақилона дафтари “Имло” ва “Луғат”-ро истифода мебарад. Ба ин дафтарҳо аз ҳисоби китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо калимаҳои нав ворид мекунад. | | | |
| Ба ҳал кардани сканворд, кроссворд ва анаграммаҳо машғул мешавад. | | | |

**Дарсҳои 21 - 22. Мактаби куҳна (2 соат)**
**Барнома.** Кор бо матни “Мактаби куҳна”. Риоя намудани қоидаҳои хондани матни диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони симои матн. Калимаҳои душвори матнро шарҳ додан. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни матн. Таҳлил ва муқоисаи мазмуни расмҳо. Навиштани матни хурд. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:** 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матни диалогиро хонда тавонанд;
- суханони симои матнро бо оҳанги мувофиқ хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- мавзӯъ ва мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- мазмуни расмҳоро таҳлил ва муқоиса карда тавонанд;
- сабабҳои таҳсил карданро навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо,шеър, зарбулмасалу мақол доир ба мавзӯъ, матну ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс. "Ахбори рӯз"

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Дар бораи мактабу дарсхона суҳбат карда, аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо медонанд, ки дар замонҳои пеш дар чӣ хел мактаб дарс мехонданд. Фикрҳои онҳоро бишнавед ва гӯед, ки имрӯз мо дар ҳамин бора суҳбатт мекунем.

5) Матни "Мактаби кухна"-ро ифоданок хонед. Меъёрҳои хониши матнҳои диалогиро риоя намоед. Диққати хонандагонро ба ин қисми матн равона карда, такроран хонед.

"Дар синни 6-солагӣ маро падарам ба мактаб бурд. Модарам мегуфт:

– Туро дар вақти 4-сола, 4-моҳа, 4-ҳафтаина ва 4-рӯза буданат ба мактаб фиристода будем. Он вақтҳо ту бисёр хурд будӣ.."

6) Диққати хонандагонро ба "тире"-и аввали сатр равона кунед. Аз онҳо пурсед, ки барои чӣ баъзе ҷумлаҳо бо тире сар мешаванд. (ниг. ба дарси "Алафи газанда")

Тарзи хондани қисми дуюми матнро нишон диҳед.

7) Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ ё дунафарӣ матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд (хониши дунафарӣ – яъне як хонанда бо хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонанд) Ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ҳангоми зарурат ёрӣ расонед ё онҳоро раҳнамоӣ кунед. Ба иваз шудани оҳанги гуфтор диққат диҳед.

8) Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро як маротиба аз назар гузаронанд ва калимаҳои душворфаҳмро муайян кунанд. Калимаҳоро бо хонандагон таҳлил ва маънидод кунед.

Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян кунед.

10) Ба хонандагон расми "Мактаби кухна" ва мактаби муосирро нишон диҳед.

11)



- Аз хонандагон пурсед: Шумо дар расм чиро мебинед? Дар расм одамон ба чӣ кор машғуланд? Воқеа дар куҷо воқеъ шуда истодааст?
- Хонандагонро водор кунед, ки ба саволҳо ҷавоб дода муҳокима кунанд. (Ин расм аз китоби «Мактаби кухна» аст).
- Сипас дар тахтаи синф нақшаи зеринро кашед ва бо хонандагон якҷоя монандӣ ва фарқи мактаби кухна ва мактаби навро муайян кунед.

10) Дар тахтаи синф ду доирае, ки ҳамдигарро мебуранд, кашед.



11) Дар болои доираи якум *мактаби куҳна* ва дар болои доираи дуюм *мактаби нав* нависед.




12) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя муҳокима карда, ҷиҳатҳои монанди мактабҳоро муайян кунанд. Монандиҳоро дар байни буриши доираҳо нависед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷиҳатҳои фарқкунандаи матнҳоро муайян кунанд ва ин фарқро мувофиқи навъи матн ба дохили доираи зарурӣ нависанд.




13) Сипас маълумоти дохили доираҳоро таҳлил кунед. Хонандагонро ба муҳокима ҷалб кунед.
14) Сипас дар гурӯҳҳои хурд 10 сабаберо, ки бояд онҳо барои таълим гирифтан масъулияти бештар нишон диҳанд, муайян мекунанд ва менависанд:
Намуна:
Намуна: Шароити мактаби мо назар ба шароити мактабҳои куҳна беҳтар аст...

**Дарсҳои 23 - 24. Шаҳри Душанбе (2 соат)**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Фарқ карда хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан.Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Муқоисаи хусусиятҳои матни назмӣ ва насрӣ. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ.

Матнофарӣ. Сохтори матн. Оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

– матни шеърӣ ва маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
– фарқи тарзи хониши матнҳои шеърӣ ва маърифатиро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, расму суратҳо доир ба мавзӯъ, матну ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс. “Ахбори рӯз”.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Бо хонандагон дар бораи Тоҷикистон суҳбат кунед.

«Кишвари мо чӣ ном дорад?», «Пойтахти Тоҷикистон кадом шаҳр аст?», «Душанбе чӣ маъно дорад?» ва амсоли он.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед ва доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.

Тавсия:

*–Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро фаҳмед. Хаёлан тасаввур кунед.*

*–Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*

*–Дар ҳар қисми шеър бо овоз калимаи асосиро ҷудо кунед (ин калимаҳо фикри асосиро ифода мекунанд).*

*–Бо кадом тобиш (оҳанг) ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни «Шаҳри Душанбе»-ро хонанд ва онро бо матни шеъри Б. Раҳимзода муқоиса кунанд.



8) Имло ва талаффуз
а) Ба хонандагон тарзи талаффузи калимаҳои “”ӣ, ӯ, ҳ”-дорро машқ кунед. Ин машқ бо усули “Имлои дунафарӣ” иҷро мешавад. Тартиби иҷрои машқ:
1. Хонандаи А калимаҳоро мехонад, хонандаи Б менависад, Сипас баръакс.
2. Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз карда имлои навиштаашонро санҷанд.
3. Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.
б) Машқи тарзи талаффузи онҳоро ба роҳ монед.
в) Ба хонандагон гӯед, ки ин калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” кӯчонанд ва тарзи талаффузу навишти онҳоро дар хотир гиранд.
9) Хонандагонро ба иҷрои супоришҳо ҳидоят намоед. Тарзи иҷрои онҳоро аввал аз худи хонандагон пурсед. Хонандагон метавонанд супоришҳои 1 - 5-ро низ интихобан иҷро намоянд.
10) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 25 - 26. Деҳаи мо (2 соат)**
**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Фарқ карда хондани матнҳои назмӣ ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Риояи оҳанги хониш. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Муқоисаи хусусиятҳои матни манзум ва насрӣ. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Шифоҳӣ ва хаттӣ ҳикоя кардан. Сохтори матн. Оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.1.2. Ахбори шунидаи каме мураккабтарро дар навъҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад;
3.3.2. Миқдори бештари стратегияҳои гуногунро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад;
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- мафҳуми “деҳа”-ро шарҳ диҳанд;
- матнро бурро ва равон хонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- доир ба деҳаи худ шифоҳӣ ҳикоя кунанд;
- доир ба деҳаи худ ҳикояи хурд нависанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо, матну ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс. “Ахбори рӯз”.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Оид ба деҳа бо хонандагон суҳбат кунед. Дар бораи деҳа чӣ медонед? Хусусиятҳои фарқкунандаи шаҳр ва деҳаро номбар кунанд. Ба аксари хонандагон имкони сухан гуфтан диҳед.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро занҷирӣ хонанд. Саволу ҷавоб гузаронед:
- Деҳа чӣ ном дошт?
- Аз деҳа кадом дарё мегузарад?

– Мактаби деҳа дар куҷо ҷойгир шудааст?
– Дар бораи манзараҳои зебои деҳа нақл кунед.
– Ба фикри шумо, чаро чашма Бибизубайда ном гирифтааст?
– Агар шумо имкон медоштед, дар ин матн чиро тағйир медодед?
– Деҳаи шумо (зодгоҳ ё ҷойи зисти шумо) ба деҳаи Туғмазор чӣ монандӣ дорад.
– Шумо доир ба ин мавзӯъ боз чиро донистан мехостед?

6) Кори инфиродӣ: якчанд калимаро дар лавҳи синф нависед ва ба хонандагон супориш диҳед, ки ҳаммаънои ин калимаҳоро гӯянд. Сипас дар дафтарашон ин калимаҳоро нависанд:
зодгоҳ – деҳа
мактаб – дабистон
дил – қалб
шифобахш – давобахш
бемор – касал
дармон – даво
7) Кори гурӯҳӣ
*Гурӯҳи 1. Матнро бори дигар хонед ва исмҳои хоси онро муайян карда, бо тартиби алифбо нависед.*
*Исмҳои хос: Бибизубайда, Вахш, Олуча, Полез, Туғ, Туғмазор, Хуч, Хушкак.*
*Гурӯҳи 2. Аз матн ибораҳоеро, ки зебоии деҳаро ифода мекунанд, ёбед ва онҳоро нависед.*
*Гурӯҳи 3. Аз матн муайян кунед, ки хусусиятҳои шифобахшии чашма кадомҳоянд. Онҳоро нависед.*
Фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Дар лавҳи синф нақшаи “Офтобак”-ро тасвир кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз мазмуни матн истифода бурда, хӯшаро пур кунанд.




9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз мазмуни боло истифода бурда, дар бораи деҳа ё маҳалли худ ҳикоячаи хурд нависанд. Ба кори онҳо назорат баред.
Аввал дар бораи деҳа/маҳалла/шаҳри худатон ба хонандагон маълумот пешниҳод кунед. Сипас тарзи навиштани эълонро ба онҳо нишон диҳед. Ин корро дар асоси намунаи матн иҷро карда метавонед.
**Намунаи ҳикоя:**
*Хуш омадед ба деҳаи мо – Заргар!*
*Деҳаи мо дар доманаи кӯҳ воқеъ шудааст. Аз чор тарафи деҳа чашмаҳои шафоф бо обҳои хунук ҷорӣ мешаванд. Дар деҳаи мо қадимтарин масҷиди ноҳия воқеъ аст. Мардуми*

*зиёд аз гӯшаҳои гуногуни кишвар барои дидани ин масҷид меоянд! Шуморо низ ба деҳаи Заргар даъват мекунем! Биёед ва аз оби зулоли чашмаҳои мо ҳаловат баред!*
10) Якҷоя бо аҳли синф сохтори матн ва луғати заруриро муҳокима ва таҳлил кунед.
11) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафара машғул шуда, дар бораи кадом мавзеъҳои деҳа (маҳалла,шаҳр) навиштанро муайян кунанд. Сипас калима ва ибораҳои заруриро нависанд ва ба шумо пеш аз навиштани матн нишон диҳанд. Калима ва ибораҳоро санҷед ва ба хонандагон тавсияҳо пешниҳод кунед.
12) Хонандагон ба навиштани матн шурӯъ мекунанд. Ба назди гурӯҳҳои дунафара рафта, кори онҳоро санҷед ва ба онҳо ёрӣ расонед.
13) Сипас якчанд хонанда метавонанд матни навиштаашонро хонанд. Агар дар мазмун ва ё навишти ҷумлаҳо хонанда ба ғалатҳо роҳ дода бошад, саривақт онро ислоҳ кунед, ё тавсияҳои худро пешниҳод намоед.
14) Арзёбӣ. Нишондиҳандаи муваффақият.

**Боби 3. Одоби ҳамида (30 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Ба муаллим (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат перомуни омӯзгор, устод ва муаллим. Ба хотир овардани матнҳои синфҳои 1 - 3 доир ба омӯзгор, муаллим ва устод. Кор бо матн. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои омӯзгор, устод. Имлои калимаҳои душвор. Бахшида ба иди касбии омӯзгорон навиштани табрикнома ва оро додани он. Исмҳои танҳо ва ҷамъ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмни матнро муайян карда тавонанд;
- матнҳои гуногун эҷод карда тавонанд.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс. “Ахбори рӯз”
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
**Салоҳиятҳо:** 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;

–мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
–калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
–матни хурди табрикнома навишта тавонанд;
– матни хурди шеър эъҷод кунанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, шеър, панду ҳикматҳо доир ба устод, омӯзгор.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
4) Пеш аз машғулият чанд панду андарзро доир ба устод (муаллим, омӯзгор) ҷамъ оваред. Сипас барои ҳар яки он саволу масъала омода кунед.

Намуна:
Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В - аз падар устод дар пеш аст.

*Чаро шоир ҳаққи устодро аз падар бештар медонад?*
*Чаро шоир устодро аз падар пеш мегузорад?*

5) Сипас калимаҳоро дар лавҳи дарсхона нависед. Масалан: *ҳақ, в-аз* ва амсоли он. Аввал аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо маънои калимаҳои мазкурро медонанд. Ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Баъд шумо метавонед маънои калимаҳоро ба хонандагон гӯед. Диққати онҳоро ба тарзи талаффуз ва имлои калимаҳо равона кунед. Калимаҳоро чанд маротиба якҷоя бо аҳли синф хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро дар дафтари луғат нависанд.
6) Хонандагонро ба ифоданок хондани шеъри “Ба муаллим” ҳидоят намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд.
7) Интихобан, чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
8) Бозии «Савол чӣ буд?». Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
9) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
10) Ба хонандагон мурочиат карда, қисмҳои сохтори табрикномаро муҳокима ва таҳлил кунед. Хонандагон қисмҳоро номбар мекунанд ва он қисмҳоро ишора мекунад. Агар хонандагон номбар карда натавонанд, он гоҳ ба ҳар қисми матн ишора карда, номи он қисмро гӯед ва шарҳ диҳед. Муҳокимаи умумӣ имконият медиҳад, ки тамоми синф ба дарс фаро гирифта шавад.

Масалан:
Омӯзгори муҳтарам! (**Мурочиат**)
Шуморо бо Рӯзи омӯзгорон табрик гуфта, бароятон умри дароз ва саломатӣ орзу дорем (**Мақсад**).
Бо таманниёти нек хонандагони синфи 3 “б” (**Ҷамъбаст ва муаррифӣ**).

11) Хонандагон аввал дар асоси намуна табрикнома менависанд. Омӯзгор кори хонандагонро месанҷад ва ба онҳо барои ислоҳ кардани ғалатҳои мантиқӣ, имлоӣ ва наҳвӣ ёрӣ мерасонад.
12) Хонандагон дар алоҳидагӣ матни табрикнома таҳия мекунанд. Онро оро медиҳанд ва ба аҳли синф мехонанд. Онро пас аз хондан ба омӯзгор ҳадя мекунанд.
13) Сипас дар тахтаи синф ҷадвали зеринро кашед. Аз хонанагон хоҳиш кунед, ки барои ҳар як сатр калима ва ҷумла гӯянд:

Намунаи ҷадвал:

| Кӣ? | Омӯзгор |
|---|---|
| Чӣ хел? | |
| Чӣ кор мекунад? | |
| Дар бораи ӯ чӣ фикр доред? | |
| Калимаи ҳаммаъно | |

*Намунаи пуршудаи ҷадвал:*

| Кӣ? | омӯзгор |
|---|---|
| Чӣ хел? | меҳрубон |
| Чӣ кор мекунад? | дарс медиҳад |
| Дар бораи ӯ чӣ фикр доред? | ман ӯро ҳурмат мекунам |
| Калимаи ҳаммаъно | муаллим |

14) Ҷадвалро бо хонандагон муҳокима кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар асоси он чанд ҷумла гӯянд. Масалан, *Омӯзгор шахси меҳрубон аст. Ӯ ба мо дарс медиҳад. Мо ӯро ҳурмат мекунем.*

15) Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвалро дар алоҳидагӣ пур кунанд, лекин ин дафъа миқдори калимаҳои ҳар як сатр тағйир меёбад.

| Кӣ? | омӯзгор |
|---|---|
| Чӣ хел? | (ду сифат) |
| Чӣ кор мекунад? | (се амал) |
| Дар бораи ӯ чӣ фикр доред? | (як ҷумла ё ибора) |
| Калимаи ҳаммаъно | (як калимаи ҳаммаъно) |

16) Ба хонандагон миқдори калима ва ҷумлаҳоро фаҳмонед. Хонандагон ҷадвалро пур мекунанд. Сипас аз чанд хонанда хоҳиш кунед, ки дар асоси ҷадвал ҷумла гӯянд.

17) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маълумоти дар сутуни ҷавоб навиштаашонро аз ҷадвал бароранд.

18) Усули боло "Синквейн" ном дорад. Тарзи навиштани синквейнро ба хонандагон омӯзед. Дар поён шарҳ ва моҳияти усулро ба шумо пешкаш мекунем:

**СИНКВЕЙН (мухаммас)**

**(***Калимаи фаронсавӣ буда, маънояш 5 мисраъ аст. Синквейн – ин шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад***).**

**Мақсад:** фикру мулоҳизаҳои шахсии худро хаттӣ ифода ва хулосабарорӣ карда тавонистан**,** нутқи хаттиро инкишоф додан, ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ ҳавсманд кардан.

Инро чӣ тавр гузарондан мумкин аст:

- Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан - исм).
- Ифода кардани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат).
- Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол).
- Муносибат ба мавзӯъ, ҳиссиёт ва ҳаяҷон (ҷумлаи иборат аз чор калима).
- Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

***Сохти синквейн чунин мешавад***

**1. ________________.**

**2. ________________, ________________.**

**3. ________________, ________________, __________________.**

**4. ________________ _________________ __________________ _________________.**

**5. _______________.**

**Намунаҳо:**

1. **Хона.**
2. Зебо ва равшан.
3. Зистан, тоза кардан, фурӯхтан.
4. Хонаро бояд тоза кард.
5. Манзил.

1. Китоб.
2. Бадеиву илмӣ.
3. Чоп мекунанд, мехонанд, эҳтиёт мекунанд.
4. Аниси кунҷи танҳоист.
5. Дӯст.

**Тавсия ба омӯзгор.** Вақте ки шумо шогирдонро бо ин усул шинос мекунед, сараввал ба онҳо чӣ тавр иншо шудани шеърро шарҳ диҳед. Сипас чанд намуна биёред. Барои самаранокии кор хонандагонро ба кори дунафарӣ ҷалб кардан беҳтар аст. Барои навиштани синквейн ба ҳар кас 5 - 7 дақиқа вақт муайян кунед. Сипас як нафар ба шарики худаш муроҷиат карда, дар машварат синквейнро мукаммал мекунанд.

19) Ба хонандагон барои хона вазифа супоред. Иҷрои машқи 3 саҳ. 46. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар бораи яке аз аҳли оила, ашё ё ҳайвони дӯстдошта, рустанӣ як синквейн нависанд.

Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун низ метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

20) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Соати бибиам (2 соат)**

**Барнома.** Кор бо матни “Соати бибиам”. Риоя намудани қоидаҳои хондани матни диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони симои матн. Калимаҳои душвори матнро шарҳ додан. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоию луғавӣ. Кроссвордҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матни диалогиро хонда тавонанд;
- суханони симои матнро бо ҳанги мувофиқ хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- мавзӯъ ва мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо доир ба мавзӯъ, шеър, зарбулмасалу мақол доир ба мавзӯъ, матну ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн: Ибораи «Соати бибиям»-ро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон савол диҳед. Киро бибӣ мегӯянд? Ҷавоби хонандагонро дар тахтаи синф нависед.




5) Бо калимаи «бибӣ» ибора ва ҷумла гӯед. Бибии ман меҳрубон аст. Бибии ман афсонагӯйи хеле хуб аст.
Ибораи «Соати бибиям»-ро шарҳ диҳед.
6) Истифодаи (усули СИНКВЕЙН) (интихобӣ).

| | |
|---|---|
| Кӣ ё чӣ? | Исм |
| Чӣ хел? | Ду сифат |
| Чӣ кор мекунад? | Се амал |
| Дар бораи ӯ чӣ фикр доред? | Як ҷумлаи аз 4 калима иборатбуда ё ибора |
| Калимаи ҳаммаъно | Як калимаи ҳаммаъно |

1. Бибӣ.
2. Меҳрубон, ғамхор.
3. Мепазад, мегӯяд, насиҳат мекунад
4. Ман бибиямро дӯст медорам.
5. Модаркалон.

7) *Шиносоӣ бо матн ва муайян кардани душворӣ.*
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳои ношиносу мураккабро муайян намуда, дар дафтари луғат нависанд. Бо ёрии хонандагон калима ва ибораҳоро шарҳ диҳед ва хонандагон дар дафтари луғат нависанд.
8) Диққати хонандагонро ба тарзи хондани нутқи айнан нақлшудаи матн равона карда тарзи хондани онро монанди дарсҳои қаблӣ машқ кунед. Хонандагон онро бо оҳанги мувофиқ мехонанд.
Тарзи хондани як қисми матнро нишон диҳед.
9) Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ ё дунафарӣ (чорнафарӣ) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд (хониши дунафарӣ – яъне, як хонанда бо хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонанд). Ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ҳангоми зарурат ёрӣ расонед ё онҳоро раҳнамоӣ кунед. Ба иваз шудани оҳанги гуфтор диққат диҳед.
10) Таҳлили калима ва ибораҳо. Ҷумларо хонед: Бибиям аз хоб хеста ва маро ба хестан водор мекунад. Фикри хонандагонро гӯш кунед ва шарҳ диҳед, яъне хабардор мекунад. Водор намудан - хабардор кардан.

Ҷумлаи дигар: *Саҳар хезӣ дилат кушода мешавад.* Фикри хонандагонро гӯш кунед ва шарҳ диҳед, яъне *кушода шудани дил* – худро хуб ҳис кардан, хурсанд шудан.

11) Хониши дунафарӣ: Хонандагон дунафарӣ бонавбат мехонанд. Масалан, хонандаи якум ҷумлаи якум ва хонандаи дуюм ҷумлаи дуюм ва боз хонандаи якум ҷумлаи сеюм ва ғ. Фаҳмонед, ки ҳангоми хондан ба тарзи хондани ҳамнишин диққат дода, ғалатҳоро ислоҳ намоянд.

12) Бозии «Савол чӣ буд?». Таҳияи саволҳо: Хонандагон аз рӯйи матн савол тартиб дода, байни худ саволу ҷавоб мегузаронанд.

Саҳархезӣ чӣ хосиятҳо дорад?

“Соати қадимаи бибӣ” кадом ҳайвон аст?

Хурӯсон пагоҳӣ чанд маротиба ҷеғ мезананд?

Бибӣ набераашро чӣ таъкид мекард?.

13) Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо карда чунин супориш диҳед. Хосиятҳои хуби саҳархезиро нависед. Саҳархезӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро?

Ба хонандагон 4 - 5 дақиқа вақт дода мешавад. Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд.

14) Имлои таъкидӣ - биноӣ: кроссворд

Хонандагон дунафарӣ аз тахтаи синф калимаҳоро истифода намуда кроссвордро пур мекунанд. Калимаҳо барои истифода: мӯза, хурӯс, нӯл, рӯйнавис, сӯзан, сӯзанӣ, кӯшиш, рӯз.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |
| | | | Ӯ | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | К | Ӯ | Ш | И | Ш | | | |
| | | Н | Ӯ | Л | | | | | |
| | | С | Ӯ | З | А | Н | Й | | |
| | | М | Ӯ | З | А | | | | |
| Х | У | Р | Ӯ | С | | | | | |
| | | Р | Ӯ | Й | Н | А | В | И | С |
| | | С | Ӯ | З | А | Н | | | |
| | | Р | Ӯ | З | | | | | |

15) Имлои дунафарӣ: хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда менависанд. Хонандаи якум сутуни якумро мехонад, хонандаи дуюм менависад ва баръакс.

| СУТУНИ А | СУТУНИ Б |
|---|---|
| рӯз<br>дарозгӯш<br>рӯйхат<br>ҷӯра<br>гӯш | ҷӯроб<br>шӯроб<br>фурӯхт<br>кӯча<br>омӯзгор |

16) Вазифаи хонагӣ: ба саволҳо ҷавоб нависед.
Шуморо дар хона ҳар саҳар кӣ аз хоб бедор мекунад?
17) Ҷамъбаст ва арзёбӣ.
Агар шумо барвақт аз хоб хезед, чӣ кор мекунед?
Агар шумо барвақт аз хоб хезед, чӣ кор мекунед? - Боз хоб меравам.
Агар шумо барвақт аз хоб хезед, чӣ кор мекунед? - Ба варзиш машғул мешавам.
Агар шумо барвақт аз хоб хезед, чӣ кор мекунед? - ....

**Дарсҳои 5 - 6. Беҳтарин ва бадтарин чиз (2 соат)**
**Барнома.** Кор бо матни "Беҳтарин ва бадтарин чиз". Риоя намудани қоидаҳои хондани матни диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони симои матн. Калимаҳои душвори матнро шарҳ додан. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоию луғавӣ. Нақли хаттӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матни диалогиро хонда тавонанд;
- суханони симои матнро бо оҳанги мувофиқ хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- мавзӯъ ва мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарсро аз суҳбат оғоз кунед. Маводди суҳбат чунин буда метавонад: *Беҳтарин ва бадтарин чиз гуфта чиро мефаҳмед?* Ҷавобҳои эҳтимолии хонандагон: *Беҳтарин чиз: либоси зебо, модари меҳрубон, падари хуб, шахси наздик, манзара. Бадтарин чиз: сухани бад, ифлосӣ.*.Фикру ақидаи хонандагонро гӯш кунед ё дар тахтаи синф нависед. Сипас муҳокимаи умумӣ гузаронед.
5) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, пурсед, ки ба андешаи онҳо, имрӯз дарс дар бораи чӣ хоҳад буд.
6) Кор бо матни "Аъзои беҳтарин ва бадтарин". Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Дар меҳмонии афсона" гузаронед. Усули мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки матни кӯтоҳи афсона, ҳикоя, хабар ва муколамаро бурро хонанд. Тартиби гузаронидани ин усул чунин аст.
- Матни ҳикояи "Аъзои беҳтарин ва бадтарин"-ро ба аҳли синф хонед. Овозатонро вобаста ба гуфтори симоҳои матн тағйир диҳед. Масалан, агар суханони хоҷаро хонед, овозатонро ғафстар бароред. Агар суханони Луқмони ҳакимро хонед овозатонро

нармтар баоред. Ҳангоми хондани суханони гӯянда овозатонро муътадил намоед. Аз имову ишораи мувофиқ истифода баред.

– Баъд аз хондан ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро мустақилона хонанд. Баъд аз он ба шарик (ҳамнишаст) дунафарӣ хонанд. Яке хонад ва дигаре гӯш карда тавсия диҳад.

– Баъд аз он аз як ё ду хонанда хоҳиш намоед, ки монанди хониши намунавии омӯзгор хонанд.

– Шумо метавонед байни хонандагон озмун эълон намуда, аз аҳли синф хоҳиш кунед, ки ба онҳое, ки беҳтар хондаанд, баҳо диҳанд.

**Тавсия:** Ҳангоми иҷрои фаъолияти мазкур ба нишондиҳандаҳои зерин аҳаммият диҳед:

– ба моҳияти суханони симоҳои матн сарфаҳм рафта, онҳоро бо оҳанги мувофиқ хонанд;

– барои ҷалби диққати шунавандагон имову ишораи мувофиқро истифода баранд.

7) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, ҷамъбаст кунед: бачаҳои азиз, забони худро бояд бо суханҳои нек, муомилаи хуб, суханҳои оқилона одат кунонем ва аз суханҳои дарднок, ки аз шуниданаш кас ба хиҷолат меафтад, суханҳое, ки ҷангу херхашаро ба амал меоранд ва нишонаи бемаърифатии шахсро нишон медиҳанд парҳез намоем.

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои имлояшон душворро дар дар дафтари имло нависанд ва тарзи навишти онҳоро дар хотир гиранд.

9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хусусиятҳои неку бади забонро аз матн ёфта дар ҷадвал ҷой диҳанд.

| ЗАБОН | |
|---|---|
| **нек** | **бад** |
| дӯстӣ, муттаҳидӣ. | найранг, туҳмат. |

10) Кори дунафарӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор карда, аз рӯйи ҷадвал ҷумла тартиб диҳанд ва дар дафатарашон нависанд. Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд. Пас аз ҳар муаррифӣ кори гурӯҳро таҳлил кунед.

11) Дар нақшҳо хондани матн. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки муколамаи хӯҷаин ва хизматгорро ёбанд ва дар нақшҳо хонанд.

12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро бо ҳамдигар иваз намуда, хонанд ва ба ғалатҳои ҳамдигар тавсияҳо диҳанд.

13) **Арзёбӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд ва нақли ҳикояи “Аъзои беҳтарин ва бадтарин”-ро бо суханони худ нависанд. Ба онҳо таъкид намоед, ки ҳангоми навиштан ба қоидаҳои забони адабӣ риоя кунанд ва нақли худро бо забони адабӣ нависанд.

14) Аз якчанд хонандагон хоҳиш намоед, ки нақли навиштаи худро барои аҳли синф хонанд. Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ намуда, то дарси оянда корашонро арзёбӣ намоед.

15) **Вазифаи хонагӣ**.

Ба хонандагон супориш диҳед, ки матни ҳикояи “Аъзои беҳтарин ва бадтарин”-ро дар хона бо усули “Дар меҳмонии афсона” хонданро машқ кунанд. Дар бораи забон якчанд зарбулмасалу пандҳоро ҷамъоварӣ намоянд. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 8. Маворид ва одоби салом (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат перомуни одоби муомила. Қоидаҳои салом додан ва ҷавоб гардондан. Мавориди салом додан. Нақшофарӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муоширот)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад.

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои таълим.** Хонандагон бояд:

- қоидаҳои салому алейкро донанд ва онҳоро риоя кунанд;
- одоби салому алейкро донанд ва шарҳ дода тавонанд;
- матнро хонанд ва доир ба мазмуни он саволу ҷавоб кунанд;
- фикри асосии матнро муайян кунанд;
- одоби салому алейкро тавассути нақшофарӣ намоиш диҳанд.
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода баранд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, зарбулмасалу мақол ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Бо хонандагон дар бораи одоби салом суҳбат кунед. Чаро салом медиҳем? Шумо бо ҳамдигар чӣ тавр салом мекунед? Ҳангоми вохӯрӣ бо шахсони дигар, аввал кӣ бояд салом диҳад?

Ҳангоми салом додан кадом калимаро истифода бурдан лозим аст? Оё тарзи салом додан бо калонсолон, ҳамсолон, хурдсолон, хешу табор, омӯзгорон ва дигарон аз ҳамдигар фарқ мекунад?

5) Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ тақсим кунед. Ба онҳо вазифа диҳед, ки матнҳои “Мавриди салом” ва “Одоби салом”-ро хонанд ва дар асоси он чанд қоидаи салому алейкро таҳия кунанд. Масалан, *Хурдсолон аввал ба калонсолон салом мегӯянд. Ҳангоми салом додан дастро пеши бар мондан лозим аст.* Ба хонандагон барои иҷрои вазифа вақти кофӣ диҳед. Ҳангоми кор ба назди гурӯҳҳо рафта, кори онҳоро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

6) Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд. Пас аз ҳар муаррифӣ кори гурӯҳро таҳлил кунед.

7) Дар охир якҷоя бо аҳли синф қоидаҳои саломро таҳия кунед. Қоидаҳоро дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик таҳия кунед. Барои ин шумо метавонед матни мувофиқро барои хонандагон хонед.

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки қоидаҳоро ба дафтар кӯчонанд.

9) Имлои дунафарӣ. Пеш аз дарс ба миқдори гурӯҳчаҳои дунафарии синф варақаи таълимии зерро омола кунед.

**Вазифа.**
1. Калимаҳоро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва нависед.
2. Дафтарҳои худро иваз кунед. Тарзи дурустии навиштаҳои ҳамдигарро санҷед.
3. Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда, ислоҳ кунед.
Калимаҳо: *Ассалому алайк, тозарӯйӣ, саломкунанда, такязада, вохӯрӣ, гурӯҳ, рӯй, бигӯй*

10) Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ тақсим карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки як саҳначаи "салому алейк"-ро машқ кунанд. Аз чанд гурӯҳ хоҳиш кунед, ки саҳначаашонро ба аҳли синф намоиш диҳанд. Шумо метавонед пеш аз иҷро саҳнача ба хонандагон намунаи муколамаро пешниҳод кунед. Хонандагон нақши мусоҳибонро бозӣ карда метавонанд.
11) Барои арзёбии натиҷаҳои дарс аз намунаи саволномаҳои зер истифода баред.
**1. Дар кадом қатор калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (**Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Ассалому алаек, тоза рӯйӣ, салокунанда, такиязада
Б. Асалому алайк, тозарӯйи, салом кунанда, такийзада
В. Асалому алайк, тозарӯӣ, саломкунанда, такя зада
Г. Ассалому алайк, тозарӯйӣ, саломкунанда, такязада
**2. Дар кадом қатор калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (**Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. вохӯрӣ, гӯрӯҳ, рӯй, бигӯй
Б. вохӯри, гурӯҳ, руй, бигуй
В. вохӯрӣ, гурӯҳ, рӯй, бигӯй
Г. вохури, гӯрух, рӯй, бигуй
**3. Дар куҷо салом намекунанд? (**Ҳарфҳои ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. дар ҳаммом
Б. дар роҳ
В. дар мақбара
Г. дар ҳоҷатхона
**4. Аввал кӣ бояд салом гӯяд? (**Ҳарфҳои ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. савора бар пиёда
Б. ҳама ба як нафар
В. хурд ба калонсол
Г. шахси нишаста ба одами рост
**5. Маънои "Ассалому алайкум дар кадом қатор дуруст оварда шудааст? (**Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Салом, ассалом
Б. Дуруд, салом
В. Салом ба шумо; осоиш мехоҳам ба шумо
Г. Ба шумо хушбахтӣ мехоҳам
11) Вазифа барои хона: мавзӯи дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима кунед. Ҳамроҳ қоидаҳои салом доданро тартиб диҳед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед ва ба хонадагон муҳокима кунед.

**Дарсҳои 9 - 10. Бачаҳои хуб (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи хислатҳои хубу бад. Кор бо матни "Бачаҳои хуб". Риоя намудани қоидаҳои хондани матни диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони симои

матн. Калимаҳои душвори матнро шарҳ додан. Муайян кардани симоҳои матн. Ба гуфтору рафтори онҳо баҳо додан. Кор бо луғат. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Машқҳои имлоию луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– матни диалогиро хонда тавонанд;
– суханони симои матнро бо ҳанги мувофиқ хонда тавонанд;
– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– тарзҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, шеър, зарбулмасалу мақол ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Ба хонандагон нақшаи зеринро пешниҳод намоед ва гӯед, ки хислатҳои бачаи хуб ва бадро дар он нависанд:

| **Бачаи** | |
|---|---|
| **Хуб** | **Бад** |
| боодоб, меҳнатдӯст. | дурӯғгӯй, ҷангара. |

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки банди якуми шеърро хонанд.

6) Диққати хонандагонро ба "тире"-и аввали сатрҳо равона кунед. Бо оҳанги мувофиқ хондани онҳоро машқ кунед. Сипас хонандагон дар алоҳидагӣ ё дунафарӣ (чорнафарӣ) матнро бо овози баланд ба монанди омӯзгор мехонанд (хониши дунафарӣ – яъне як хонанда бо хонандаи дигар бо навбат матнро бо овози баланд мехонанд). Ҷараёни хонданро мушоҳида карда, ба хонандагон ҳангоми зарурат ёрӣ расонед ё онҳоро раҳнамоӣ кунед. Ба иваз шудани оҳанги гуфтор диққат диҳед.

7) Аз рӯйи матн саволу ҷавоб ташкил кунед. (Бозии «Савол чӣ буд?»)

- Модар аз Акрам чӣ пурсид?
- Акрам чӣ ҷавоб дод?
- Акрам чӣ тавр ҷавоб дод?

8) Хонандагонро ҳангоми иҷрои саволу супоришҳои саҳ. 69 роҳнамоӣ кунед.

9) Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.

10) Вазифа барои хона: мавзӯи дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед, ва муҳокима кунед.

**Дарсҳои 11 - 12. Сухани “сеҳрнок” (2 соат)**

**Барнома.** Одоби муошират. Зебоӣ ва таъсирбахшии сухан. Одоби салому хайрухуш, хоҳишу дархост ва узру миннатдорӣ. Пастиву баландӣ ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Хониши мустақилони матн. Муайян кардани симоҳои матн. Гуфтор ва рафтори симоҳои матн. Аз рӯйи гуфтор ва рафтор муайян кардани хислатҳои онҳо. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори онҳо. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Нақшофарӣ доир ба хоҳиш ва узру миннатдорӣ баён кардан. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Машқҳои луғавию имлоӣ ва матнофарӣ. Навиштани панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ ва аз ёд кардани онҳо.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун (маҳфилҳои адабӣ, мағоза ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.**

Хонандагон бояд:

- калима ва ифодаҳои ифодакунандаи салому хайрухуш, баён кардани хоҳиш ва узру миннатдориро донанд, фарқ кунанд ва дар нутқи шифоҳию хаттӣ истифода баранд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- мисолҳои ҳаётиро таҳлил ва хулосабарорӣ карда тавонанд;
- дархост навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; мақола, панду андарз; шеъру ҳикояҳо доир ба хушмуомилагӣ

**Равиши дарс.**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Бозии “Марҳамату ташаккур!”-ро гузаронед. Тартиби Бозии Хонандагон дар давра меистанд. Як нафар китобро гирифта, ба сӯйи ҳампаҳлуяш дароз мекунад. Нафаре, ки китобро медиҳад, бояд “Марҳамат!” бигӯяд. Нафаре, ки китобро мегирад “Ташаккур!” гуфта, боз “Марҳамат!” – гӯён китобро ба шахси дигар месупорад.

5) а) Одоби муошиoатро бо хонандагон муҳокима намоед. Мисолҳои ҳаётии ба синну сол мувофиқ оред.

б) Муҳокимаро ҷамъбаст ва хулосабарорӣ кунед. Намуна: сухан таъсири калон дорад. Он метавонад одамонро ранҷуру хаста гардонад ва низ метавонад хурсанд карда, илҳом бахшад. Ин аз он вобаста аст, ки мо кадом калимаю ибора ва ҷумлаҳоро истифода мебарем.

6) Хонандагонро ба хондани матни “Сухани сеҳрнок” водор кунед. Хонандагон матнро мустақилона мехонанд. Пас аз хонда тамом кардан мазмунашро тасаввур мекунанд ва агар лозим шавад такроран мехонанд.
7) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед (нигаред ба замима) ва аз чанд хонандае, ки ба фикри шумо, дар нақл кардани мазмуни матн душворӣ мекашанд, хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро нақл кунанд.
8) Хонандагонро ба он водор кунед, ки аз ҳаёт монанди мазмуни матн мисол оварда, онро муҳокима кунанд Ҳангоми ҳикоя кардан ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- Бо забони адабӣ сухан меронад
- Дар доираи мавзӯъ сухан меронад
- Ҷумлаҳо пайдарпай ва ба ҳам алоқаманданд

9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матн-ро хонда мазмуни онро бо матни “Сухани сеҳрнок” муқоиса кунанд. Онҳо бояд ба чунин хулоса оянд, ки агар Нодиру Рустам бо ҳам ҷанг мекарданд, ҳардуро гунаҳкор медонистанд.
10) Хонандагон рӯйхати калима ва ифодаҳои ифодакунандаи салому хайрухуш, баён кардани хоҳиш ва узру миннатдориро тартиб медиҳанд ; мавридҳои истифодаи калимаю ифодаҳои болоро муайян мекунанд.
11) Кор дар гурӯҳҳои дунафарӣ. Хонандагон дунафарӣ ҳикояи хурди шифоҳӣ тартиб медиҳанд ва аз рӯйи нақшҳо мехонанд. Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ёрӣ расонед.
12) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
13) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
14) Вазифа барои хона: мавзӯи дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Бо хонандагон роҳҳои ба мақсадҳо ноил шуданро муҳокима кунед.

**Дарсҳои 13 - 14. Тирамоҳи зарринмӯ (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи тирамоҳ ва нишонаҳои он. Хониши ифоданоки шеър. Муайян кардани сифатҳои тирамоҳ ва воситаҳои тасвири бадеӣ. Тасвири манзара (шифоҳӣ). Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои тирамоҳ. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.**

Хонандагон бояд:

– матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
– дар бораи тирамоҳи маҳалли худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳо, шеър, зарбулмасалу мақол ва ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

**4) Бозии “Бинго”**

Бозии «Бинго» гузаронед. Ин бозии мувофиқгузорӣ буда, ҳамаи хонандагони синф дар як вақт иҷро мекунанд. Ин навъи машғулият-бозӣ барои азхуд кардани луғат ва малакаи навиштан равона шуда, омодагии пешакии шуморо талаб мекунад ва натиҷаи назаррас медиҳад. Пешакӣ рӯйхати номи меваҳоро нависед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.

Тарзи Бозии

1. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 3х3 кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| | | |

2. Сипас хонандагон номи 9 меваро интихоб карда, дар ҷадвал ба монанди намунаи поён менависанд.

| | | |
|---|---|---|
| | | |

3) Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта, бо овози баланд хонед.
4) Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.

Хонандае, ки якумин шуда чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхати худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед.

Калимаи тирамоҳро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи тирамоҳ чӣ медонанд ба шумо гӯянд. Ақидаи хонандагонро гӯш карда, чанд ақидаро ба тахтаи синф нависед.

5) Сипас шеъри “Тирамоҳи зарринрӯ”-и Латофат Кенҷаеваро ба аҳли синф ифоданок хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки кадом калимаҳо тирамоҳро тавсиф мекунанд, бигӯянд. Ба хонандагон як ё ду намунаро гӯед. Масалан, *зарринрӯ, зарринмӯ*. Сипас шеъро бори дигар оҳиста-оҳиста хонед. Пас аз ҳар мисраъ ба хонандагон бо саволи боло муроҷиат кунед. Ҳар як сифати ба тирамоҳ хоси шеъро дар тахтаи синф нависед.

Намуна: *зарринрӯ, зарринмӯ, арӯсаки хушрӯ, заркокул.*

6) Калимаҳоро бори дигар ба хонандагон хонед. Зери калимаҳои *заррин* ва *зар* хат кашед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои ин калимаҳоро гӯянд. Сипас калимаҳоро пурра хонед ва акнун тағйир ёфтани маънои калимаро пурсед: *заррин – зарринмӯ, зарринрӯ; зар – заркокул.*

7) Мисраъҳоеро, ки ин калимаҳоро доранд, бори дигар хонед. Аз хонандагон пурсед, ки чаро шоира тирамоҳро маҳз бо ин калимаҳо тасвир кардааст? *зарринрӯ, зарринмӯ, арӯсаки хушрӯ, заркокул.* Арӯсаки хушрӯ ба тирамоҳ чӣ монандӣ дорад? Хонандагонро ба муҳокима даъват кунед. Кӯшиш кунед, ки аксари хонандагонро ба гуфтани фикрашон водор кунед.
8) Баъд як ҷумла гӯед: *Тирамоҳ зарринмӯ аст.* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба монанди намуна ҷумла гӯянд. Инчунин аз онҳо хоҳиш кунед, ки як ё ду ҷумла нависанд. Диққати хонандагонро ба имлои ҳарфи **ӯ** ва **ташдид** равона кунед.
9) Як маротиба бо синф якҷоя матни шеъро қироат кунед. Сипас аз хонандагон пурсед: “Боз дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?” Бале “меваҳо” дар тирамоҳ меваҳо мепазанд. Биёед бубинем, дар ин шеър номи кадом меваҳо номбар шудаанд? *Анор, дӯлона, себ, ангур, мурӯд, мавиз, қоқ, бодом* (ин калимаҳоро дар тахтаи синф нависед). Ба хонандагон фаҳмонед, ки дар ин ҷо *харбуза сабзавот ва мавизу қоқ* маҳсулоти хушки хӯрока аст.
10) Ба хонандагон бо ин калимаҳо ҷумла гӯед: *“Дар тирамоҳ анор, дӯлона, харбуза, себ, ангур, мурӯд ва бодом мепазанд.”* Бо хонандагон ин ҷумларо такроран якҷоя хонда, диққати онҳоро ба калимаҳои пайиҳамомада ва аломати вергул равона созед. Бори дигар хонед ва пас аз ҳар вергул каме ист кунед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки пас аз калимаҳои пайиҳамомада аломати вергул гузошта мешавад.
11) Номи чанд мева ва сабзавотро дар тахтаи синф нависед: *хурмо, нок, биҳӣ, тарбуз, писата, чормағз, лаблабу, картошка, карам, шалғам.* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба монанди намунаи боло ҷумла гӯянд. Сипас ҷумлааашонро нависанд.
12) Кори мустақилона. Ба хонандагон шеъри “Тирамоҳ”-и Замира Ҳоҷибоеваро супоред. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки онро мустақилона хонанд ва гӯянд, ки боз дар тирамоҳ чӣ корҳо мешаванд? Обу ҳаво чӣ гуна аст?

*1)* Пас аз хониши мустақилона хонандагонро ба муҳокима даъват кунед. Мисраъҳои шеърро якҷоя таҳлил кунед.

*2)* Дар тахтаи синф нақшаи поёнро кашед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар гурӯҳҳои чорнафара машғул шуда, дар асоси ду шеър нақшаро пурра кунанд:




*3)* Пас аз пур кардани нақша аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки онро ба аҳли синф муаррифӣ кунанд. Муаррифии онҳо дар шакли нақл бояд сурат гирад. Намуна: *Тирамоҳ зарринмӯ аст. Дар тирамоҳ борон меборад. Дар фасли тирамоҳ меваҳо мепазанд.*
*4)* Ба нақли гурӯҳҳо гӯш кунед ва бароманди онҳоро арзёбӣ кунед. Инчунин хонанагон метавонанд ба аъзои гурӯҳи муаррификунанда савол диҳанд.
*5)* Кори мустақилона. Дар тахтаи синф чанд савол нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳоро дар шакли матн нависанд:
Намунаи саволҳо: *Тирамоҳ чӣ гуна фасли сол аст? Дар тирамоҳ ранги баргҳои дарахтон чӣ гуна мешаванд? Дар тирамоҳ кадом меваҳо мепазанд? Дар тирамоҳ ҳаво чӣ гуна аст? Шумо тирамоҳро дӯст медоред? Чаро?*

*6)* Ҳангоми навиштани ҷавобҳо (матн) ба назди хонандагон рафта кори онҳоро мушоҳида кунед ва барои навиштан ба онҳо ёрӣ расонед. Хонандагон аввал кӯшиш мекунанд, ки ҷумла нависанд. Сипас диққати онҳоро ба тартиби калимаҳо дар ҷумла, аломатҳои китобат ва имлои калимаҳо равона созед. Барои навиштан ба хонандагон вақти кофӣ диҳед. Агар хонандае навишта натавонад, аз ӯ хоҳиш кунед, ки фикрашро ба шумо бигӯяд ва шумо дар дафтари ӯ нависед.

*7)* Аз чанд хонанда хоҳиш кунед, ки матни ҳосилшударо хонанд.

8) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

9) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули "Робитаи мутақобила" гузаронед:

1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?

Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.

10) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 15 - 16. Витаминҳо (2 соат)**

**Барнома.** Фоидаи истеъмоли меваю сабзавот. Кадом мева ё сабзавот фоидаи бештар дорад. Витамин чист? Он барои чӣ даркор аст. Таъсири витаминҳо ба саломатӣ ва инкишофи инсон. Хондани матни маърифатӣ. Муайян кардани мазмуни он. Шарҳи калимаҳои душвор. Машқҳои имлоию луғавӣ. Ба ҳамсинфон, рафиқон ва дӯстон дар қолаби тавсия дастур (ба мақсади водорнамоӣ) навиштан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- қоидаҳои хонданро риоя кунанд;
- мазмуни матнро муайян кунанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд;
- матни хурд тартиб дода тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми сабзавоту меваҳо, матну ҳикояҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс** 1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Ангезиши зеҳн. Калимаҳои "Витамин", "Микроб", ва "Вирус"-ро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон пурсед, ки ин калимаҳоро ягон маротиб шунидаанд. Дар куҷо? Дар бораи онҳо умумани чизе медонанд ё не? Фикру андешаҳои хонандагонро бишнавед ва гӯед, ки имрӯз мо дар бораи онҳо муфассал сухан меронем. Сипас тести мувофиқатро пешниҳод кунед ва хоҳиш намоед, ки онҳоро мувофиқ гузоранд. Ҷавобҳои хонандагонро санҷед ва шарҳи онҳоро муҳокима намоед.

*Ҷавоби дуруст:*

| Калима | Шарҳ |
|---|---|
| Витамин | моддаҳо, ки дар таркиби меваю сабзавот ва гӯшту равғани ҳайвонот вуҷуд дорад ва барои фаъолияти дурусти ҷисми инсон зарур аст. |
| Вирус | микробҳои хурдтарине, ки боиси сироят (гузаштан)-и беморӣ мешаванд. |
| Микроб | хурдтарин организм, ки фақат бо заррабин дида мешавад. Он сабаби пайдоиши беморӣ, гузаштани он аз як шахс ба шахси дигар мегардад. |

5) Аз хонандагон ҳоҳиш намоед, ки матнро хонанд. Калимаҳои мураккаб ва душворфаҳми онҳоро муайян карда, рӯйхат тартиб диҳед. Маъно ва калимаҳои ҳаммаънои ин калимаҳоро муайян кунед.

6) Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.

*Намуна:*

- Чиро витамин мегӯянд?
- Витамин дар таркиби чиҳо дида мешавад?
- Витамини *А* барои чӣ даркор аст?
- Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?
- Витамини *В* чӣ фоида дорад?
- Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?
- Витамини *С* чӣ манфиат дорад?
- Он дар таркиби кадом меваю сабзавот дида мешавад?

7) Саволу ҷавобро ҷамъбаст намуда, хонандагонро дар чанд гурӯҳ муттаҳид кунед. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ҷадвалро пур кунанд.

Тарзи дуруст пур кардани ҷадвал:

| **Номи витамин** | **Дар кадом меваю сабзавот дида мешавад?** | **Чӣ фоида дорад?** |
|---|---|---|
| *А* | сабзӣ, пиёзи сабз, помидор, қаланфури булғорӣ | барои қадкашӣ ва солим гардондани чашму пӯст фоида дорад |
| *В* | сабзавоти сабз: карам, пиёз, бодиринг, сабзӣ | мушакҳоро қавӣ, асабро ором мекунад; мӯйро зебо ва хотирро қавӣ мегардонад. |
| *С* | афлесун, лимӯ, қаланфур, себ | баданро аз микробу вирусҳо ва бемории саратон ҳифз мекунад; дандонҳоро солим нигоҳ медорад ва хунро тоза мекунад |

8) Гурӯҳҳо бонавбат кори худро муаррифӣ мекунанд. Пас аз муаррифии ҳамаи гурӯҳҳо тарзи дурусти ҷадвалро пешниҳод кунед. Гурӯҳҳо ҷадвалҳоро муқоиса карда, ба кори ҳамдигар баҳо медиҳанд.

9) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо калимаҳои **витамин, вирус** ва **микроб** ҷумла тартиб диҳанд. Сипас дар бораи роҳҳои муҳофизат аз микробу вирусҳо шифоҳӣ ҳикояи хурд тартиб диҳанд.

10) Бозии "Маслиҳати дӯст". Як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват кунед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки дар нақши писар/духтаре, ки ба қоидаҳои беҳдошт (гигиена) риоя намекунанд, бозӣ кунад. Камтар дар бораи "худ" нақл кунад. Хонандагон бо навбат ӯро насиҳат мекунанд. Ин амалро бо чанд хонандаи дигар давом диҳед.

11) Сипас тамоми хонандагон қоидаҳоро дар дафтарашон менависанд.

12) Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.

13) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил гаштанро бо хонандагон муҳокима намуда, ба онҳо баҳо гузоред.

**Дарсҳои 17 - 18. Меваю сабзавотҳо (2 соат)**
**Барнома.** Меваю сабзавот. Фоидаи истеъмоли меваю сабзавот. Гурӯҳбандии мева ва сабзавотҳо. Кадом мева ё сабзавот фоидаи бештар дорад. Витамин чист? Он барои чӣ даркор аст. Таъсири витаминҳо ба саломатӣ ва инкишофи инсон. Хондани матни маърифатӣ. Муайян кардани мазмуни он. шарҳи калимаҳои душвор. Машқҳои имлоию луғавӣ. Ба ҳамсинфон, рафиқон ва дӯстон дар қолаби тавсия дастур (ба мақсади водорнамоӣ) навиштан. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- ба мақсади дарёфти ахбор матнро хонда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд;
- матни хурд тартиб дода тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми сабзавоту меваҳо, матнҳо доир ба мавзӯъ аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс** дар доираи мавзӯи мазкур фоидаи истеъмоли сабзавот шарҳу баррасӣ шавад. Кадом мева ё сабзавот фоидаи бештар дорад, таъсири витаминҳо ба саломатӣ ва инкишофи инсон мавриди баҳс қарор мегирад. Инчунин хонандагон доир ба истеъмоли витамин як ё ду дастури мушаххас менависанд. Калима, мафҳум ва истилоҳоти навро аз худ мекунанд. Дар ҷараёни дарси дуюм хонандагон ба ҳамсинфон, рафиқон ва дӯстонашон дар қолаби тавсия дастур (ба мақсади водорнамоӣ) менависанд. Пеш аз навиштан хонандагон бо намуна шинос шуда онро баррасӣ мекунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аҳли синф якҷоя номгӯйи меваҳои тирамоҳро таҳия мекунанд ва тарзи навишт ва имлои онҳоро аз худ мекунанд. Бо номи меваҳо ва сифати онҳо иборaҳо месозанд. Масалан, *себи ширин, анори сурх* ва ғ.
5) Ба хонандагон матнҳои илмӣ-оммавӣ пешниҳод карда мешавад. Хонандагон тарзи хондан ва дарки маънии чунин навъи матнҳоро машқ мекунанд. Инчунин хусусияти матнҳои илмӣ-оммавиро баррасӣ мекунанд. Калимаҳои мураккаб ва душворфаҳми онҳоро муайян карда, рӯйхат тартиб диҳед. Калимаҳои ҳаммаъноли онҳоро муайян кунед.
6) Хонандагон бори дигар мехонанд. Аз рӯйи мазмуни матнҳои хурд саволу ҷавоб кунед. Дар бораи фоидаи истеъмоли меваю сабзавот ба хонандагон маълумоти хурд пешниҳод кунед.
7) Хонандагонро дар чанд гурӯҳ муттаҳид кунед. Ба ҳар гурӯҳ матни алоҳида пешниҳод намуда, хоҳиш кунед, ки расми мева/сабзавотеро, ки дар матн омадааст, тасвир карда, дар бораи он тамъ, ранг (агар имконият бошад, таркибаш), фоидааш, навъҳояш (хеле сода) маълумотномаи хурд нависанд. Аҳли синф ҳар як матнро якҷоя муҳокима мекунанд ва китоби «Энсиклопедияи хурди меваҳои Тоҷикистон»-ро тартиб медиҳанд.
8) Пеш аз хондан, бори дигар боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон маънои калимаҳоро медонанд.

9) Гурӯҳҳо бонавбат дар бораи мева ва сабзавоти тафсиршуда ба аҳли синф гузориш дода расми кашидаашонро ба ҳамсинфон нишон медиҳанд. Кори гурӯҳҳоро хонандагон тавассути ба ҳамдигар баҳо додан арзёбӣ мекунанд.
10) Намунаи матни зеринро ба хонандагон супоред. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки онро хонанд. Баъд дар бораи мазмуни он бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Намунаи матн:
*Дӯсти азиз Раҳимҷон. Шумо хеле фарбеҳ шудаед. Ман ба шумо тавсия мекунам, ки бештар сабзавот истеъмол кунед. Ҳар рӯз 100 грамм сабзӣ, 200 грамм карам ва 150 грамм шалғамча истеъмол кунед. Ин сабзавот аз витаминҳо бой буда, тамоман чарбу надоранд.*

11) Матнро ба қисмҳо тақсим кунед. Нигаред ба ҷадвали поён:

| | |
|---|---|
| **Мурочиат (ба кӣ)** | *Дӯсти азиз Раҳимҷон.* |
| **Масъала** | *Шумо хеле фарбеҳ шудаед.* |
| **Тавсия (чӣ тавсия медиҳед)** | *Ман ба шумо тавсия мекунам, ки бештар сабзавот истеъмол кунед. Ҳар рӯз 100 грамм сабзӣ, 200 грамм карам ва 150 грамм шалғамча истеъмол кунед.* |
| **Хулоса (Чаро?)** | *Ин сабзавот аз витамин бой буда, тамоман чарбу надоранд.* |

12) Ҳар як қисми матнро бо хонандагон муҳокима кунед. Ба гурӯҳҳо ҷадвали холиро пешниҳод кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки якҷоя муҳокима карда, як симои афсонавӣ (ё симои филми тасвирӣ, бозҳои компютерӣ)-ро интихоб кунанд, барои ӯ ба монанди намунаи боло тавсия нависанд.

| | |
|---|---|
| **Мурочиат (ба кӣ)** | *Дӯсти азиз Симбо.* |
| **Масъала** | *Шумо хеле фарбеҳ шудаед.* |
| **Тавсия (чӣ тавсия медиҳед)** | *Ман ба шумо тавсия мекунам, ки бештар сабзавот истеъмол кунед. Ҳар рӯз 100 грамм сабзӣ, 200 грамм карам ва 150 грамм шалғамча истеъмол кунед.* |
| **Хулоса (Чаро?)** | *Ин сабзавот аз витамин бой буда, дар таркибаш равған надорад.* |

13) Ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
14) Гурӯҳҳо тавсияҳои навиштаашонро ба ҳамдигар мехонанд ва мегӯянд, ки то кадом андоза суханони гурӯҳ таъсирбахш аст ва барои истеъмоли сабзавот бовар мекунонанд.
15) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 19 - 20. Ҷашни Меҳргон (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат перомуни мавсими ҳосилғундорӣ. Кор бо матни "Ҷашни Меҳргон". Шарҳи маънои «Меҳргон». Таърихи пайдоиши «Меҳргон». Ҷашнгирии «Меҳргон» дар замони мо. Мустақилона хондани матн. Шарҳ додани калимаҳои душвор ва навиштани ҷумлаҳо. Дар бораи ҷашни «Меҳргон» маълумот додан. Дар бораи тарзи ҷашнгирии Меҳргон дар маҳалла ва мактаби худ ҳикоя кардан. Имлои калимаҳои душвор.Бахшида ба таҷлили иди «Меҳргон» навиштани эълон ва табрикнома. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- бахшида ба ҷашни Меҳргон шифоҳӣ табрикнома ва эълон тартиб дода тавонанд;
- бахшида ба ҷашни Меҳргон табрикнома ва эълон навишта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; сурат, расму мусаввараҳо оид ба ҷашни Меҳргон; наворҳои видеоӣ (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) «Ангезиши зеҳн»

а) Савол гузоред: дар бораи ҷашни Меҳргон чӣ медонед?




б) Фикри хонандагонро бишнавед ва дар давраҳои атрофи калимаи «Меҳргон» нависед
в) Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, гӯед, ки имрӯз мо донишҳои худро дар бораи ҷашни Меҳргон афзун мекунем.

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва гӯянд, ки барои чӣ ин ҷашнро Меҳргон мегӯянд.
Хонандагон матни «Ҷашни Меҳргон»-ро мехонанд.
6) Бозии «Савол чӣ буд?». Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.
Намунаи саволу ҷавобҳо:

1. Меҳргон дар байни кадом қавмҳо расм шудааст?
2. Эътидоли тирамоҳ чӣ маъно дорад?
3. Меҳргонро кай ҷашн мегиранд?
4. Мардум ҳангоми тайёрӣ ба ҷашни Меҳргон чӣ корҳо мекарданд?
5. Дар ҷашни Меҳргон рӯйи дастархонро бо чиҳо оро медоданд?
6. Чаро рӯйи дастархонро бо анвои ранги зард оро медоданд?
7. Дар ҷумҳурии мо дар айёми тирамоҳ боз кадом идҳоро ҷашн мегиранд?
8. Меҳргонро боз иди чӣ мегӯянд?
9. Дар замони мо Меҳргонро чӣ тарз ҷашн мегиранд?
10. Ин ҷашн кай пайдо шудааст?

7) Машқи ҳикоя кардан дар бораи ҷашни Меҳргон

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба ҷашн гирифтани Меҳргон дар мактаб ва маҳаллаи худ ҳикоя кунанд. Пеш аз ҳикоя кардан меъёрҳоро хотиррасон кунед (ниг. ба дарсҳои қаблӣ).
б) Ҳикояҳои хонандагонро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ кунед, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.
8) Имло ва талаффуз
а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ҳарфи ҳ-дорро дар дафтар нависанд (меҳр, моҳ, Меҳрмоҳ, Меҳргон, ҳосил, рӯзҳо, моҳҳо).
б) Тарзи талаффузи онҳоро машқ мекунанд.
в) Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” мекӯчонанд.
9) *Машқи ҷумласозӣ.*
а) Ба хонандагон вазифа супоред, ки бо калимаҳои “меҳр” ва “меҳрубонӣ” ибораю ҷумла тартиб диҳанд.
б) Ин фаъолиятро метавонед озмуни ҷумлаи дарозтарин гӯед. Ғолиб нафаре дониста мешавад, ки шахсони меҳрубони худ ё ба ӯ меҳрубонро бештар номбар кунанд.
10) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
11) Машқи навиштани табрикнома ва эълон.
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бахшида ба ҷашни Меҳргон ҳамдигарро аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик намоянд. Сохтор ва мазмуни табрикномаро бо онҳо муҳокима намоед.

**Намунаи сохтор ва мазмуни матни табрикнома**
**Муроҷиат:** (Ҳамсинфони азиз!)
**Мақсад**: (Шуморо бо фарорасии ҷашни Меҳргон табрик мегӯям. Ҳамеша бо ҳам меҳрубон бошед.)
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ**: (Бо орзуҳои нек, Беҳрӯз)
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба баргузории ҷашни Меҳргон аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ эълон кунанд (нависанд). Аввал сохтор ва мазмуни эълонро бо онҳо муҳокима намоед.
**Намунаи сохтор ва мазмуни матни эълон**
**Муроҷиат** (Эълон!, Диққат!)
**Замон ва макони баргузории чорабинӣ** (*Имрӯз,07. 10.2015 соати* 13:00 *дар саҳни мактаб)*
**Мақсад** (*бахшида ба ҷашни Меҳргон намоиши калон баргузор мегардад.)*
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ** (*Шитобед ба тамошо!*)
12) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули “Робитаи мутақобила” гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
13) Вазифа барои хона: монанди дарси имрӯза навиштани эълон дар бораи фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 21 - 22. Мо ҳам китоб менависем! (2 соат)**
**Барнома.** Муҳокимаи матнҳои ба фасли тирамоҳ бахшида. Муайян кардани хусусият ва нишонаҳои фасл. Хаттӣ тасвир намудани манзараҳои тирамоҳ. Аз рӯйи мазмуни ҷумла

тасвири расм. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.

**Салоҳиятҳо:**

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни расмро бо ду-се ҷумла навишта тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои сафед (А4) ё албом; коғазу қаламҳои ранга; ширеш.

**Равиши дарс.**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагон мазмуни матни “Тирамоҳи зарринмӯ”-ро ба хотир оварда, хусусиятҳои тирамоҳро номбар мекунанд.
5) *Кор дар гурӯҳҳои дунафарӣ*

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.

б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.

6) Ба онҳо вараки сафед ё ду саҳифаи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз қаламҳои ранга истифода кунанд.

7) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед: “Тирамоҳ”.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи тирамоҳ як-ду ҷумла тартиб диҳанд.

8) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои навиштаи гурӯҳҳо навишта гуногунанд.

9) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи ҷумла расм кашанд.

10) Расмро ранг диҳанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.

11) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.

12) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.

13) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.

14) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3 “А”.

15) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

16) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 23 - 24. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс аз рӯйи бандҳои зайл хондашуда: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор

(маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
– дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
– тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.
**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо.
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои.5-и боби дуюм
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблӣ

**Дарси 25. Имлои санҷишӣ (1 соат)**
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯъ навиштани имлои санҷишӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс:
– дар ҳаҷми 45 - 50 калима имло навишта тавонанд.
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯ] дар ҳаҷми 45 - 50 калима навиштани имло.
**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.** Дар ин дарс дониш, малака ва маҳорати хонандагон оид ба беғалатнависӣ санҷида мешавад.

Тартиби навиштани имло
1. Аз “Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ” матни мувофиқро интихоб намоед.
2. Матни имлои санҷиширо як маротиб мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону ифоданок хонед.
3. Ҳар як ҷумлаи матнро алоҳида-алоҳида хонед. Ҳар як ҷумларо аз ду бор зиёд нахонед.
4. Баъди навиштани ҷумлаи охирин ҳатман, матнро бори дигар ба қадре, ки талаба навиштаи худро аз назар гузаронда тавонад, хонед.
5. Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда гиред.

**Арзёбӣ**
Ҳангоми баҳогузорӣ меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.
- Ғалатҳои имлоӣ. Ғалатҳои зайл ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ - ғ, ӣ - и, ӯ - у, й - е, е - й, е - э, э - е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машқҳо - машқо); илова кардани ҳарфҳо (дос - дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба - рубта); нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ (✓).
- Аломатҳои китобат. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд: нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул

пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат, ҷонишин. Ишораи ғалати аломати китобат (⦿).

- Ғалатҳои услубӣ (агар талаба калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад, маънои ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ (☒).
- Агар ислоҳи талаба дуруст бошад, калима дуруст ҳисоб мешавад.
- Агар ислоҳи талаба нодуруст бошад, калима нодуруст ҳисобида мешавад.
- Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд, дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд, як ғалат шумурда мешавад. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешавад.
- Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат ишора мегардад.
- Пас аз арзёбии имлои санҷишӣ ғалатҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда мешаванд.
- Дар дарсҳои минбаъда кор бо ғалатҳо гузаронда мешавад.

**Дарсҳои 26 - 28. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (3 соат)**

**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

**Равиши дарс.** Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор ҳавола карда мешавад. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.

Тавсияҳо:

1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- o хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- o хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- o хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- o хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо);
- o хонадагоне, ки матн офарида наметавонанд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ карда, вазифаҳои иловагӣ диҳед.

**Дарсҳои 29 - 30. Конститутсияи Тоҷикистон**

**Барнома.** Кор бо матни “Конститутсияи Тоҷикистон”. Машқи равону бурро хондан. Шарҳи калимаҳои душвор. Машқҳои имлоиву луғавӣ. Навиштани табрикнома ва эълон. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– тарзи хондани матнҳои маърифатиро риоя кунанд.
– калимаҳои душворро шарҳ дода, дар нутқ истифода баранд;
– табрикнома ва мактуб навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Калимаи «Конститутсия»-ро дар тахтаи синф нависед. Аввал хонандагон тарзи дуруст талаффуз кардану навиштанашро машқ мекунанд. Сипас онро шарҳ диҳед.
5) Матнро дар бораи Конститутсияи Тоҷикистон хонед ва дар бораи Конститутсия маълумот диҳед. Хонандагон матнро бори дигар мустақилона мехонанд ва калимаҳои мушкилу нофаҳморо менависанд. Кор бо луғат (ҳамроҳи хонандагон калимаҳоро бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ шарҳ диҳед): Истиқлолият, расмият, соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, ҳокимияти миллӣ
6) Хонандагон бахшида ба ин ҷашн шеърҳо дар васфи Ватан, мардонагӣ ва шуҷоатмандӣ қироат кунанд.
7) Таҳияи саволҳо. Хонандагон доир ба матни Конститутсия саволҳо тартиб медиҳанд.
8) «Курсии сеҳрнок» Дар пеши дарсхона курсие гузошта, аз як хонанда хоҳиш кунед, ки дар он нишинад. Дигарон ба ӯ савол медиҳанд. Ҳамин тавр, 2 - 3 хонандаи дигарро пурсидан мумкин аст.
9) Навиштани табрикнома ва эълон. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди дарси «Ҷашни Меҳргон» табрикнома ва эълон нависанд. Аз як чанд хонанда хоҳиш кунед, ки эълон ва табрикномаҳои худро хонанд. Ба тарзи навишт ва алоқаи ҷумлаҳо аҳаммият диҳед ва хатоҳоро ислоҳ намоед.
10) Арзёбии натиҷаҳои дарс.
Дуруст ё нодуруст. Дуруст ё нодуруст будани ҷумлаҳои поёнро пас аз хондани матн муайян кунед.

| **Ҷумла** | **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|---|
| Конститутсия соли 1992 қабул шудааст. | | |
| 6-уми ноябр Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистон аст. | | |
| Конститутсия пеш аз истиқлолият қабул шудааст. | | |
| Дар ин рӯз ҳама истироҳат мекунанд. | | |

12) Вазифа барои хона. Машқи 4. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Боби 4. Барқ ва аҳаммияти он дар рӯзгори мо (14 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Неругоҳҳои барқи обӣ (2 соат)**
**Барнома.** Номбар кардани неругоҳҳои барқи обӣ. Аҳаммияти барқ дар ҳаёти инсон. Идомаи машқҳои равону бурро хондани матнҳои маърифатӣ. Шарҳи калимаҳое, ки ҳамчун луғат омадаанд. Муайян кардани мазмуни матн. Машқҳои имлоию луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Масқадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро равону бурро хонда тавонанд;

– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми нерӯгоҳҳои барқии Сангтӯда, Роғун ва ғ.; сабти наворҳо оид ба нерӯгоҳҳои барқии Тоҷикистон (аз рӯйи имкон); сабти суруд дар васфи нерӯгоҳи барқи обии Роғун (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс:**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бо хонандагон дар бораи нерӯгоҳи барқӣ - обӣ суҳбат кунед. Муҳтавои суҳбат чунин буда метавонад. Чаро нерӯгоҳи барқи обӣ мегӯем? Дар шаҳр (ноҳия, маҳалла)-атон ягон нерӯгоҳи хурди барқӣ - обӣ ҳаст? ва амсоли он.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро мустақилона хонанд ва барои нақл кардан омода шаванд.
6) Нақли матнро метавонед ба таври занҷирӣ пурсед.
7) Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед.
8) Муайян кардани калимаҳои ифодакунандаи исми хос: Ба хонандагон вазифа супоред, ки аз матн номи нерӯгоҳҳои барқи обиро муайян кунанд ва нависанд. Навиштаҳои хонандагонро санҷед. Оё ҳамаи хонандагон пас аз ҳар як калимаи ифодакунандаи исми хос вергул гузоштаанд, ё не? Ба хонандагон фаҳмонед, ки агар мо калимаҳоро номбар кунем пас аз онҳо аломати вергул мегузорем. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки навиштаҳои худро хонанд. Ҳангоми хондан ба қоидаҳои хондан диққат диҳед. Оё оҳанги шуморидан ва ба ҷойи вергул исти кӯтоҳ карданро риоя мекунанд ё не. Агар не, нишон диҳед.
9) Тарзи иҷрои бандҳои 4 ва 5-уми супоришро фаҳмонед. Шумо метавонед вобаста ба сатҳи омодагии хонандагон чанд калимаи дигар илова намоед. Тарзи навишт ва талаффузи номи асбобҳои барқии рӯзгорро ба воситаи имлои дунафарӣ ё «Худамро месанҷам!» машқ кунонед.
1. Хонандаи А калимаҳоро мехонад, хонандаи Б менависад, Сипас баръакс.
2. Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд.
3. Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.
б) Машқи тарзи талаффузи онҳоро ба роҳ монед.
в) Ба хонандагон гӯед, ки ин калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” кӯчонанд ва тарзи талаффузу навишти онҳоро дар хотир гиранд.
10) Бо мақсади мустаҳкам намудани дониши хонандагон доир ба луғатомӯзӣ тарзи иҷрои машқи панҷро пурсед (хонандагон шарти машқро мустақилона хонда, мефаҳмонанд, ки чӣ кор мекунанд) ва хонандагонро ба иҷрои он ҳидояташон намоед.
11) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед:
Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Баҳри Норак (2 соат)**

**Барнома.** Кор бо матни “Баҳри Норак”. Аҳаммияти барқ дар ҳаёти инсон. Идомаи машқҳои равону бурро хондани матнҳои маърифатӣ. Шарҳи калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд. Муайян кардани мазмуни матн. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора

ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан. Машқҳои имлоию луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Масқадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; аксҳои обанбори Норак.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Вазифаи хонагӣ

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед

4) Дарси навро аз суҳбат оғоз кунед.

5) Хонандагонро ба бодиққат гӯш кардани шеър ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи хониши шуморо бодиққат гӯш карда, мазмуни хурсандӣ ё ғаму андӯҳ доштани онро муайян кунанд.

6) Матни шеърро ифоданок хонед. Маънои калимаҳои душворро шарҳ дода, шеърро маънидод кунед.

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Меъёрҳои хониши ифоданокро қаблан муҳокима намоед.

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан, чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

9) Муайян кардани фикри асосии матн.

Муаллифи шеър ба мо чиро таъкид менамояд?

10) Кор бо расм. Аз рӯйи ду расми манзараҳои атрофи Норак суҳбат намоед. Ба расм нигаред ва гӯед, ки чаро шоир “*Баҳр не, гӯё, зи ними осмон, Порае афтода байни кӯҳсор афтодааст”* – гуфтааст.

11) **Имлои “Кӣ зуд менависад?”**: Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин мурочиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар ақиб нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад.» Ин корро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд. Синфро идора кунед, бикӯшед, ки хонандагон ғавғо зиёд накунанд. Пас аз анҷоми имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.

12) Ба хонандагон супориш диҳед, ки машқро аз китоби дарсӣ иҷро намоянд.
Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, матнро нависд. Ба амалҳо савол гузоред.
*Галабон галаро ба сӯйи теппа. Аспе пешпо. ва ба болои тойча. Мо ба ҷойи воқеа. Тойча дар чуқурии байни ду* санг. *Бинобар ин вай ҳеҷ осеб.*
13) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.
14) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули "Робитаи мутақобила" гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
15) Вазифа барои хона: Як банди шеъри "Баҳри Норак"-ро интихобан аз ёд кунед.
Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 5 - 6. Барқ аз куҷо пайдо шудааст? (2 соат)**
**Барнома.** Номбар кардани неругоҳҳои барқи обӣ. Аҳаммияти барқ дар ҳаёти инсон. Идомаи машқҳои равону бурро хондани матнҳои маърифатӣ. Шарҳи калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд. Муайян кардани мазмуни матн. Машқҳои имлоию луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Масқадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- қоидаҳои техникаи бехатариро номбар карда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми нерӯгоҳҳои барқии Сангтӯда, Роғун ва ғ.; сабти наворҳо оид ба нерӯгоҳҳои барқии Тоҷикистон (аз рӯйи имкон); сабти суруд дар васфи нерӯгоҳи барқӣ - обии Роғун (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс:**
1) Ташкили дарс.
2) Пурсиши вазифаи хонагӣ
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дар бораи аҳаммияти барқ суҳбат кунед.
*5)* Раҳнамоӣ ба мавзӯи нав.
*О: Хонандагони азиз, мехоҳед дар бораи чӣ тавр ва аз куҷо пайдо шудани барқ маълумот пайдо кунед?*
*Х-гон: – Бале!*

*О: Пас, нақли маро бодиққат гӯш кунед. (*омӯзгори азиз, шумо метавонед берун аз доираи китоби дарсӣ аз дигар сарчашмаҳо низ дар бораи пайдоиши барқ маълумот ҷамъ оварда ба хонандагон пешниҳод намоед)

5) Кор бо матн. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро мустақилона хонанд ва барои нақл кардан омода шаванд. Нақли матнро метавонед ба таври занҷирӣ пурсед.

6) Доир ба мазмуни матн мубоҳиса ташкил намоед.

Намуна. Кадом олим баркро ихтироъ карда буд? Имрӯз қувваи баркро аз чиҳо ҳосил кардан мумкин будааст? Дар Тоҷикистон кадом намуди нерӯгоҳҳо сохта шудаанд? Инчунин, хонандагон метавонанд саҳначаеро омода кунанд, ки дар он шахси калонсол ба шахси хурдсол насиҳат мекунанд. Як хонанда – нақши шахси калонсол ва хонандаи дигар нақши шахси хурсолро иҷро мекунад.

7) Барои ҳар як гурӯҳ савол ё масъалаи алоҳида доир ба нерӯи барқ пешниҳод карда мешавад.

Мавзӯъҳо/масъалаҳо барои гурӯҳҳо:

- Барқ чист?
- Кадом навъи барқ вуҷуд дорад?
- Барқ чӣ тавр ҳосил мешавад?
- Барқ чӣ тавр ба хонаҳои мардум меояд?
- НБО-ҳои Тоҷикистон.

8) Пас аз муаррифи гурӯҳҳо дар бораи қоидаҳои бехатарӣ суҳбат кунед.

Намунаи қоидаҳои истифодаи асбобҳои барқӣ:

1. Пеш аз истифодаи асбобҳои барқӣ дастурамалро бодиққат хонед. Дастурамал ба ҳар як асбоб замима мешавад.
2. Аз асбобҳои барқӣ танҳо бо иҷозати калонсолон ва дар ҳузури онҳо истифода баред.
3. Эҳтиёт ҳангоми даст задан ба тугмаи асбобҳои барқии синфхона ва хона.
4. Ноқилҳои лучро қапидан қатъия манъ аст.
5. Агар дар мавзее, ки ноқили барқ канда шуда ба замин афтида бошад, оҳиста-оҳиста қадам монда, аз ҷойи бехавф гузаред. Ҳангоми ҳаракат пойҳоро аз замин набардошта, дар замин кашида ба пеш ҳаракат кунед.
6. Ҳангоми истифода бурдани асбоби барқӣ бовар дошта бошед, ки банди он сахт кашида нашудааст ва напечидааст.
7. Ҳангоми аз барқ кашидани сими асбоб онро аз симаш қапида накашед.
8. Агар шахси ҳамроҳатонро барқ зада истода бошад, пеш аз озод кардани ӯ ба болои тахтаи хушк ё гилеми резинӣ бароед. Ӯро аз гиребон ё аз остин ё домани куртааш кашед.

9) Иҷрои машқҳо.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷуфти калимаҳоро хонанд. Ҳангоми хондани калимаҳои овоз ва ҳарфи “ъ”-дор ба талаффузи ин овоз дар калимаҳо эътибор диҳанд. Маънои ҳар як калимаро шарҳ диҳанд.

шер, бад, ман,
шеър, баъд, манъ

10) Бозии “Дар табақ чиҳо ҳаст?” Якчанд ашё ё номи ашёи барқиро навишта ба табақ (ё рӯйи миз) гузоред. Шарт нест, ки ашё ба тартиби муайян гузошта шавад. Шаклу андозаи ашё гуногун бошад, беҳтар аст.

Диққати хонандагонро ба худ ҷалб кунед. Табақро дар болои миз ба муддати 60 сония, ё вобаста ба шумораи ашё аз он вақт камтар гузоред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон табақ ва ашёи дар он бударо дида метавонанд. Сипас табақро ба ҷойи дигар пинҳон намоед.

Сипас хонандагон бояд номи ашёи дар табақ бударо ба ёд оранд ва нависанд.

Ҳар хонандае, ки шумораи зиёди ашёро дуруст менависад, ғолиб дониста мешавад.

Шумо метавонед табақро бори дигар барои санҷидани номи ашё ба болои миз гузоред.

Навиштаҳои хонандагонро арзёбӣ кунед.

11) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед: хондани матн ва машқи 6 (Шарти машқ: матни “Суруди зиндагӣ”-ро нависед. Аз рӯйи саволҳо амал ва ҳолати ашёро муайян кунед.) Тарзи иҷрои машқи шашумро фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Фаъолияташонро муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 8. Нӯшервони одил ва пири боғбон (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурданини табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварaҳо, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Бо хонандагон дар бораи гург суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он, ки мо ҳоло афсонаеро дар бораи ин ҳайвони дарранда мехонем.
5) Ҳикояро бо усули “Пешгӯйӣ” хонед (тавсия ба омӯзгор: аз рӯйи имкон шумо метавонед матнро алоҳида чоп карда, қисм-қисм буред ё аз хонандагон хоҳиш кунед, ки танҳо ҷойи шумо ишоракардаро хонанд. Агар ин корро дар синф бори аввал кардaнӣ бошед, метавонед пешгӯйӣ кардани ду сархати аввалро худатон нишон диҳед).

Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Нӯшервони одил ва пири боғбон" ном дорад?
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки танҳо ду сархат (се ҷумлаи аввал)-ро хонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми қироатшуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Нӯшервони одил ба куҷо баромад? Ӯ киро дид? Вай чӣ кор мекард?
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Ба фикри шумо, Нӯшервони одил ба пирамард чӣ мегӯяд? Чаро ин тавр фикр мекунед?
8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.)
9) Хонандагон суханони Нӯшервони одилро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Ба фикри шумо, пирамард чӣ ҷавоб медиҳад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
11) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки суханони пирамардро хонанд ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунанд.)
Ҳамин тариқ, матн то охир (саҳ. 86) пешгӯйӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
11) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
Кӣ ба сафар баромад? Киро дид? Вай чӣ кор мекард? Ба ӯ чӣ инъом кард?. Зеҳ чӣ маъно дорад? Ашрафӣ-чӣ?
«Аз шарофати адли шумо ин дарахт ҳамин соат мева дод»-ро чӣ хел шарҳ медиҳед?
«Ин дарахти ман дар як замон ду бор мева дод»-ро чӣ хел шарҳ медиҳед.
Агар Нӯшервон баъди якум сухани пирамард пули тило намедод, давоми ҳикоя бо чӣ меанҷомид?
Ба гуфтору рафтори Нӯшервон ва пирамард чӣ хел баҳо медиҳед? Барои чӣ?
Агар ба ҷойи Нӯшервон мебудед, чӣ кор мекардед? Ба ҷойи пирамард-чӣ? Чаро?
Агар ба ҷойи пирамард мешудед, пулҳоро барои чӣ сарф мекардед?
Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
Акнун биёед, сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби "Нӯшервони одил ва пири боғбон" ном гирифтани онро шарҳ медиҳем. Барои чӣ ин тавр фикр мекунед? (хонандагон шарҳ медиҳанд).
12) Дарсҳои қаблиро ба хотир оварда, тарзи хондани матнҳои диалогиро машқ диҳед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача тайёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
**13) Кори дунафарӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ сархати сеюм (- Эй пир.)-ро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз карда, ғалатҳоро муайян сохта, фаҳмонда, ислоҳ намоянд. Интихобан дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед. Дар охири ҷумлаҳо гузоштани аломати саволро санҷед.
14) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки супоришҳои китобро иҷро кунанд.
15) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.
Саволнома
**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқро ёфта, нависед.**
**а)** Дигарон коштанду мо ________, мо бикорем, дигарон _________.
б) Ҳар дарахте соле як бор ________ медиҳад.
**2.** Нӯшервон пирамардро таҳсину офарин кард. Шуморо кӣ таҳсину офарин мекунад? Бо як ҷумла нависед.
________________________________________________________________________________.
3. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Нӯшервон, Ашрафӣ
Б. Нӯшервон ва пирамрд
В. Нӯшервон ва хазинадор
Г. Пирамард ва хазинадор

**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар боғи пирамард
Б. Дар хонаи пирамард
В. Дар ҳавлии Нӯшервон
Г. Дар боғи подшоҳӣ
**5. Чаро Нӯшервон ба пирамард офарин хонд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Пирамард дарахт мешинонд.
Б. Ҷавоби пирамард маъқул шуд.
В. Нӯшервон саховатманд буд.
Г. Пирамард Нӯшервонро ситоиш кард.

**6. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Пирамардро дид, ки дарахт мешинонад. |
| | Хазинадор ба пирамард пули тило дод. |
| | Нӯшервон ба сафар баромад. |
| | Пирамардро ситоиш кард. |

16) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда бароиислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 9 - 10. Ду ҳамсуҳбат (2 соат)**
**Барнома.** Кор бо матни “Ду ҳамсуҳбат”. Аҳаммияти барқ дар ҳаёти инсон. Идомаи машқҳои равону бурро хондани матнҳои маърифатӣ. Шарҳи калимаҳое, ки ба ҳамчун луғат омадаанд. Муайян кардани мазмуни матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Машқҳои имлоию луғавӣ. зебо, тоза ва бғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Масқадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- дар бораи аҳаммияти барқ шифоҳӣ нақл карда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; чароғи керосинӣ (фонус), чароғакҳои дастӣ, шамъ, расми нерӯгоҳҳои барқии Сангтӯда, Роғун ва ғ.; расмҳое, ки аз истифодаи барқ дар соҳаҳои гуногун ҳикоят мекунанд.

**Равиши дарс:**

1) Ташкили дарс.

2) Пурсиши вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Дар бораи чароғ, шамъ ва барқ суҳбат кунед. Муҳтавои суҳбат чунин буда метавонад: *Бачаҳои азиз, шумо кадом воситаҳои рӯшноидиҳиро медонед? Кадоме аз онҳо ба шумо маъқул аст? Чаро? Оё шумо чароғи керосиниро дидаед?* (ҳангоми суҳбат аз ашёи рӯшноидиҳӣ истифода баред)

5) Кор бо матн. Усули пешгӯйӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ба хониши шумо бодиққат гӯш кунанд ва ба саволҳоятон ҷавоб гардонанд. Матнро пешакӣ ба "ист"-ҳо ҷудо кунед ва барои ҳар "ист" ду савол омода намоед. Доир ба ҳар савол фикру ақидаи хонандагонро гӯш кунед ва пас аз он хонданро давом диҳед. Дар охир аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хулосаҳояшонро гӯянд.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавоби чистонро ёбанд ва дар дафтарашон нависанд.
Чистон: Меояд аз роҳи дур,
Қад-қади сим орад нур.

7) Нақшофарӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақши ду ҳамсуҳбат бозӣ кунанд.

8) Бо саволи "Муаллим беҳшавии зиндагии мардумро бо кадом мисолҳо фаҳмонд?" муроҷиат намоед. Ба ҳамаи хонандагон имконияти сухан гуфтанро фароҳам оред.

9) "Имлои ин калимаҳоро ёд гиред!" Ба хонандагон ҷадвали зерини калимаҳоро пешниҳод намоед ва тарзи талаффузи ин калимаҳоро машқ диҳед. Фаҳмонед, ки овоз ва ҳарфи "е" баъд аз овоз ва ҳарфҳои ҳамсадо биёяд "э" талаффуз мешаваду баъд аз овоз ва ҳарфҳои садонок биёяд "йэ" талаффуз мешавад. Масалан: дег –[дэг]; моҳие - [моҳийэ]

| Э | Е | е (йэ) |
|---|---|---|
| боэҳтиёт | дег | моҳие |
| боэътибор | абрешим | деҳае |
| эҳсон | ғалбер | биное |
| боэътимод | беэътибор | оҳуе |

в) Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо калимаҳои "***дег, бед, биное, моҳие***" ҷумлаҳо тартиб диҳанд ва нависанд.

10) Бозӣ. Аз руйи тартиби рақамҳо калимаҳо созед, ҷумла тартиб диҳед ва нависед. Ба зери феълҳо хат кашед.

| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷ** | **Ӯ** | **Б** | **О** | **Р** | **Я** | **К** | **Ҷ** | **О** | **Я** | **Н** | **И** | **С** | **Ф** | **Ч** | **Ӯ** | **Ҷ** | **А** |
| **1** | **4** | **5** | **2** | **3** | **5** | **2** | **3** | **4** | **1** | **3** | **2** | **1** | **4** | **3** | **2** | **1** | **4** |

11) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули "Робитаи мутақобила" гузаронед:

1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?

Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.

12) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед, ки ҳамроҳи падару модар қоидаҳои бехатариро тартиб диҳанд. Тарзи иҷрои вазифаро мушаххас фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 11 - 12. Гург ва харгӯш (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.

4) Бо хонандагон дар бораи гург суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш кард, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он, ки афсонае, ки мо ҳоло афсонаеро дар бораи ин ҳайвони даранда мехонем.

5) Ҳикояро бо усули “Пешгӯйӣ” хонед.

Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн “Гург ва харгӯш” ном дорад?

6) Хонандагон ду сархати аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Барои чӣ гург дар саҳро мегаштааст?

Вай дар роҳ бо чӣ вохӯрд?

7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд.Ба фикри шумо, Харгӯш чӣ зорию тавалло мекунад?

8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед, ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки суханони Харгӯш (сархати сеюм)-ро хонанд.)
9) Хонандагон сархати сеюмро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Харгӯш чӣ зорию тавалло кард? Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Оё гург ба суханони Харгӯш бовар мекунад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
11) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми сеюми матнро хонанд.)
Ҳамин тариқ, матн то охир (саҳ. 97 - 98) пешгӯйӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
11) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
Симоҳои матнро номбар кунед.
Гург дар куҷо мегашт?
Харгӯшак Гургро чӣ тарз фиреб дод?
Оқибати кор бо чӣ анҷомид?
Ба гуфтору рафтори симоҳои матн чӣ хел баҳо медиҳед? Барои чӣ?
Агар ба ҷойи гург мебудед, чӣ кор мекардед? Ба ҷойи Харгӯшак-чӣ? Чаро?
Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
Дар мисоли гург чӣ хел одамон тасвир шудаанд? Дар симои Харгӯшаку Рӯбоҳ-чӣ?
Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
Акнун биёед, сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби “Гург ва Харгӯш” ном гирифтани онро шарҳ медиҳем. Барои чӣ ин тавр фикр мекунед? (хонандагон шарҳ медиҳанд).
12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача таёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
13) Имлои дунафарӣ. Пеш аз дарс ба миқдори гурӯҳчаҳои дунафарии синф варақаи таълимии зерро омода кунед.

| **Вазифа.** |
| --- |
| 1. Калимаҳоро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва нависед. |
| 2. Дафтарҳои худро иваз кунед. Тарзи дурустии навиштаҳои ҳамдигарро санҷед. |
| 3. Агар ғалатҳо бошанд, фаҳмонда, ислоҳ кунед. |
| Калимаҳо: *рӯбоҳ, саҳро, огоҳ, фарбеҳ, ҳилае, меҳмон, эҳтиёт, пинҳон.* |

Пас аз иҷрои вазифа дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед. Сипас дар бораи имлои ҳарфи “ҳ” маълумот диҳед. Дар баъзе калимаҳо овози [х] бурро талаффуз карда намешавад. Аз ин рӯ, бодиққат гӯш кардан ва дар хотир гирифтани ин калимаҳо зарур аст. Тарзи талаффуз ва навиштани калимаҳои “коҳ”, “машқҳо” ва ғайраро машқ диҳед.
14) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи нақшаи нақли хаттӣ нависанд. Дафтари онҳоро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ санҷед. Ғалатҳои онҳоро муайян карда, барои ислоҳи онҳо чораҳо андешед. Диққати асосиро аввал ба пайдарпайии мантиқии ҷумлаҳо, баъд ба ғалатҳои имлоиву китобат равона созед.
15) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.

*Саволнома*

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**
**а)** Гург ба суханҳои... бовар кард.
б) ... ба он хонаи торик даромаданд.

2. “Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.» Боз дар кадом маврид ҳила ба кор намеояд. Нависед.

______________________________________________________________________________.

3. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Рӯбоҳ ва Харгӯш
Б. Рӯбоҳ, Гург ва Харгӯш
В. Рӯбоҳ ва Гург
Г. Харгӯш ва Гург

**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар саҳро
Б. Дар хонаи Рӯбоҳ
В. Дар хонаи Гург
Г. Дар хонаи Харгӯш

**5. Чаро Гург Харгӯшро хӯрд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Харгӯш дурӯғ гуфт.
Б. Харгӯш дӯсти Рӯбоҳ шуд.
В. Рӯбоҳ Харгӯшро фиреб дод.
Г. Гург аз Харгӯш ранҷид.

**6. Дар ҷумлаи «**Гурги гуруснае дар саҳро туъмае меҷуст.» калимаи **“туъма ”** чӣ маъно дорад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. хӯрок
Б. об
В. харгӯш
Г. рӯбоҳ

**7. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқро гузоред).

| | |
|---|---|
| | Гург сари роҳи Харгӯшро гирифт. |
| | Гург ба суханҳои Харгӯш бовар кард. |
| | Гургу Харгӯш ба хонаи торик даромада, ба чоҳ афтоданд. |
| | **Гург гумон кард, ки ин ҳилаи Харгӯш аст, зуд ӯро хӯрд.** |
| | Харгӯш хӯрдани Рӯбоҳи фарбеҳро пешниҳод кард. |
| | Гурги гуруснае дар саҳро туъмае меҷуст. |
| | Харгӯш бо Рӯбоҳ маслиҳат кард, ки меҳмони азизе овардааст. |

**8. Калимаҳои муқобилмаъноии сутуни якумро аз сутуни дуюм ёбед** (бо пайкон ишора кунед).

| | |
|---|---|
| **берун** | равшан |
| **гурусна** | дарун |
| **торик** | сер |

**9. Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Ваъда додӣ, вафо кун.
**Б.** Аз шахсе, ки туро фиреб мекунад, ҳушёр бош.
В. Зӯри беҳуда миён мешиканад.
Г. Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд.

16) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда бароиислоҳи онҳо кӯшиш кунед.

**Дарсҳои 13 - 14. Машқи навиштани нақли хаттӣ (2 соат)**
**Барнома.** Ба хонандагон фаҳмонидани мақсади навиштани нақли хаттӣ. Муҳокимаи имконияти истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби матни нақли хаттӣ доир ба мавзӯъ. Муҳокима намудани нишондиҳандаҳои нақли хуб. Хондани матни нақли хаттӣ. Нақл кардани мазмуни он. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Шарҳи калимаҳои душвор ва навиштани онҳо дар лавҳаи дарсхона. Интихобан нақл кардани хонандагон. Дастаҷамъӣ тартиб додани нақша. Мувофиқи нақша навиштани нақл. Хондани нақли хаттӣ аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани нақлҳои хаттӣ. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.
**Салоҳиятҳо:** 3.4.2.
Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Маводди таълим:** Маҷмӯаи нақли хаттӣ ва имло
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мақсади навиштани нақли хаттиро гуфта тавонанд;
– мазмун ва мақсади матнро муайян карда тавонанд;
– аз рӯйи нақша нақли хаттӣ навишта тавонанд;
– нақли хаттии худро хонда тавонанд;
– душвориҳои худро гуфта тавонанд;
– ғалатҳоро дар навиштаи худ ислоҳ карда тавонанд.
**Тавсия.** Нақли хаттӣ навъи кори хаттиест, ки байни имло ва иншо мақом гирифтааст. Нақли хаттӣ қабул, дарк, пешниҳоди мазмуни матн мебошад. Нақли хаттӣ фикрҳои хонандагонро ба тартиб медарорад, онҳоро ба пешниҳоди пайиҳами ҳодисаву воқеаҳо водор менамояд, ба инкишофи малакаи ҷудо кардани ахбори асосӣ аз дуюмдараҷа, мусоидат мекунад. Дар дарси мазкур тарзи навиштани нақли хаттӣ омӯзонда мешавад.
**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
**Тартиби навиштани нақли хаттӣ:**
1) Матни нақли хаттиро аз маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ интихоб намоед.
2) Матни нақли хаттиро мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону бурро хонед.
3) Калимаҳои душворро нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.
4) Ба он муваффақ гардед, ки хонандагон мазмуни матнро нақл кунанд.
5) Дастаҷамъона нақшаи нақли хаттиро тартиб диҳед.
6) Меъёрҳои нақли хаттиро пеш аз навиштан муҳокима кунед:
– мувофиқати мазмуни нақли хаттӣ ба матн;
– пайдарпайии баёни фикр (алоқаи мантиқии ҷумлаҳо);
– дуруст гузошта шудани сархатҳо.
7) Барои навиштани нақли хаттӣ 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
8) Баъди навиштани нақли хаттӣ имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақли хаттии худро хонанд.
10) Кори онҳоро арзёбӣ кунед.

**Арзёбӣ.**

Тавсияҳо барои арзёбӣ**:**

Аксари мо, омӯзгорон, кори хаттии хонандагонро, аз ҷумла, иншо ва нақли хаттии онҳоро, санҷида, бо аломатҳои махсус ишорат мекунем ва ё хатои содиршударо (асосан имлоро) бо қалами сурх ислоҳ сохта, ба онҳо баҳо мегузорем. Ин амал ба хонандагон барои такмил ёфтан ёрӣ намерасонад, балки онҳоро аз таълим дилхунук месозад. Дар ин ҳолат, хонандагоне, ки баҳои «чору панҷ» гирифтаанд, қаноатманд гашта, баҳои пастгирифтаҳо рӯҳафтода мешаванд. Аксар вақт тамоми рукнҳои забоншиносӣ ҳангоми таҳлили (санҷиши) иншои хонандагон аз тарафи муллимон ба эътибор гирифта мешавад: имлои калимаҳо, аломатҳои китобат ва ғ.

Ахбор дар чунин усули санҷиш хеле зиёд аст ва ба хонанда барои такмил додани нақли хаттии навиштааш ёрӣ намерасонад. Аксари шумо шояд, гӯед, ки мо бояд ҳамаи ин хатоҳоро муайян карда, корро дуруст баҳо диҳем. Бале, лекин мақсади таълим *навиштани нақли хаттӣ* аст. Агар мақсади таълим дуруст навиштани калимаҳои «ӯ»-дор, истифодаи дурусти аломатҳои китобат, хушхат навиштан мебуд, ин усул мувофиқтар мешуд. Барои хонанда "сюжети матнро дуруст тасвир кардааст ё кадом рӯйдоди матни шунидаашро тасвир накардааст", муҳимтар аст. Аз ин рӯ, ба хонанда пешниҳод кардани тавсияҳо доир бамавридҳои дар боло зикршуда таъсири бештар дорад.

Тавсияҳои хаттӣ, асосан, робитаи мутақобилаи масофавӣ мебошанд. Муаллим корҳои хонандагонро ҷамъ карда, онҳоро таҳлил менамояд. Сипас тавсия навишта, ба хонандагон (рӯзи дигар) пешниҳод мекунад. Хонандагон дар асоси тавсияҳои муаллим корашонро беҳтар мегардонанд.

Навиштани тавсия ба кори хонандагон як навъ хусусияти раҳнамоӣ дорад. Ҳангоми тавсиядиҳӣ сараввал се самти хуби корро муайян кардан лозим аст. Онро метавонед бо қалами сабз ишора кунед. Пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед, ки ин се қисм (ё зиёдтар) рукнҳои беҳтарини кори онҳост. Сипас ҷойҳои такмилталабро муайян намуда, бо тирча (пайкон) нишон диҳед. Дар ҳошия ва ё поварақ тавсияи худро нависед.

Се навъи навиштани тавсияҳои ёрирасон маъмул аст:

1. **Хотиррасонӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагони аълохон мувофиқтар аст. Масалан, дар навиштани ҳикоя аз рӯйи расм бо чунин тавсия ба хонанда муроҷиат шудааст: «Вақте ки гӯшу бинии Муки Хурдакак калон шуданд, ӯ чӣ ҳис кард?
2. **Ёрии зинавӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ ба хонандагоне, ки бештар аз рӯйи дастур кор карданро меписанданд, мувофиқтар аст. Он бо якчанд восита ба роҳ монда мешавад. Масалан: **тавассути *а) саволҳо:*** Ба фикрат чӣ Мукро ба хӯрдани себи сабз водор кард? Баъд аз хӯрдани себи сурх бо ӯ чӣ ҳодиса рух дод?

***б) тасвир:*** сабаби ба боғ рафтани Мукро гӯед.

***в) ҷумлаҳои нотамом:*** Мук себи сабзро хӯрд, зеро ….

3. **Пешниҳоди намуна**. Ин восита, махсусан, барои хонандагони дорои дониши миёна кумаки зиёд мерасонад. Масалан, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки яке аз пешниҳодҳои мазкурро интихоб намоянд ва ё дар асоси он худашон ҷумлаи нав тартиб дода, ҷумлаи пешинаро иваз созанд.

*Муки Хурдакак гурусна монд, ӯ ба боғ даромада, хост себ хӯрад.*

*Ӯ ба боғ даромада, себи сабзро чида хӯрд, ногоҳ гӯшу биниаш калон шудан гирифтанд.*

**Худбаҳодиҳӣ:**

- *Ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ба кадом мушкилот дучор шудед?*
- *Чӣ/кӣ ба шумо ҳангоми навиштани нақли хаттӣ ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом маврид барои навиштани нақли хаттӣ ба шумо ёрии бештар зарур аст?*
- *Вобаста ба навиштани нақли хаттӣ чӣ омӯхтед?*

**Боби 5. Муҳити зист ва муҳофизати он (46 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Муҳити зист ва муҳофизати он (2 соат)**
**Барнома.** Муҳити зист ва муҳофизати он. Ба хотир овардани донишу малакаҳои аз фанни табиатшиносӣ омӯхта. Ба хонандагон фаҳмондани мафҳумҳои «муҳити зист» ва «муҳофизат». Кор бо матн. Кор бо луғат. Муайян кардани мазмуни матн. Саволу ҷавоб ва таҳлилу хулосабарорӣ аз мазмуни матн. Алоқаи матн ва ҳаёт. Роҳҳои муҳофизати муҳити зист. Нақши мо дар муҳофизати зист. Машқҳои гуногуни имлоӣ ва луғавӣ. Шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани қоидаҳои муҳофизати зист.

**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода, дар нутқ истифода баранд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳо ва мақола аз рӯзномаву маҷаллаҳо.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Ба савол ҷавоб нависед. Барои чӣ мо бояд муҳити зистро муҳофизат кунем? Агар муҳофизат накунем, чӣ ҳодиса рух медиҳад? Кӣ бештар зарар мебинад? Барои чӣ?
5) Фаъолияти пешинро ҷамъбаст намуда, хонандагонро ба хондани матни маърифатии “Муҳити зист ва муҳофизати он” ҳидояташон намоед.
6) Хонандагон матнро мехонанд ва дар бораи мазмуни он маълумот медиҳанд.
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки доир ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳанд. (Усули “Савол чӣ буд?”-ро ба хотири хонандагон расонед)
8) Хонандагон тарзи саволдиҳиро мустаҳкам мекунанд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки як нафар назди тахтаи синф биёяд. Барои ӯ курсӣ омода кунед. Ӯ дар курсӣ мешинад. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки ба шахси дар курсӣ нишаста савол диҳанд. Ҳангоми саволдиҳӣ ба ду фаъолияти пештараи дарси мазкур такя кунанд.
9) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо навбат ба хонандаи дар “Курсии сеҳрнок” нишаста савол диҳанд. Хонандагон доир ба матни хонда савол медиҳанд.
10) Хонандагон савол ва супоришҳоро иҷро мекунанд. Онҳоро раҳнамоӣ намуда, дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед.
11) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
12) Дар бораи замонҳои феъл маълумот диҳед.
13) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кӯшиш намоед.

**Дарсҳои 3 - 4. Муҳофизати зист (2 соат)**

**Барнома.** Идомаи мавзӯъҳои муҳити зист ва муҳофизати он. Ба хотир овардани донишу малакаҳои аз фанни табиатшиносӣ омӯхта. Ба хонандагон фаҳмондани мафҳумҳои «муҳити зист» ва «муҳофизат». Кор бо матн. Кор бо луғат. Муайян кардани мазмуни матн. Саволу ҷавоб ва таҳлилу хулосабарорӣ аз мазмуни матн. Алоқаи матн ва ҳаёт. Роҳҳои муҳофизати зист. Нақши мо дар муҳофизати зист. Машқҳои гуногуни имлоӣ ва луғавӣ. Шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани қоидаҳои муҳофизати зист. Зебову тоза навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– калимаҳои душворро шарҳ дода, дар нутқ истифода баранд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– тарзҳои гуногуни навиштанро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму сурат ва мақола аз рӯзномаву маҷаллаҳо.

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аҳли синфро дар панҷ гурӯҳ муттаҳид кунед. Пешакӣ дар варақаҳои таълимӣ барои ҳар гурӯҳ супоришҳоро муайян карда нависед. 10) Кор дар гурӯҳҳои хурд.

а) Аҳли синфро дар гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, дар назди гурӯҳҳо гузоред).

***Гурӯҳи № 1***

1. Матни “Муҳофизати об аз ифлосшавӣ”-ро хонед.
2. Се қоидаи асосии тоза нигоҳ доштани обро нависед.

***Гурӯҳи № 2***

1. Матни “Муҳофизати ҳаво аз ифлосшавӣ”-ро хонед.
2. Се қоидаи асосии тоза нигоҳ доштани ҳаворо нависед.

***Гурӯҳи № 3***

1. Матни “Муҳофизати замин аз селоб”-ро хонед.

Се роҳи асосии аз селоб муҳофизат кардани заминро нависед.

***Гурӯҳи № 4***

1. Матни “Дарвеш ва косаи асал”-ро хонед.
2. Дар бораи қоидаҳои беҳдошт (гигиенаи шахсӣ) маълумот диҳед.

***Гурӯҳи № 5***

1. Матнро хонед.
2. Дар бораи муҳофизати зист шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳед.

10) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ёрӣ расонед.
11) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
12) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
13) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
**14) Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои дарс аз усули зерин истифода баред.

Фаъолияти таълим: ба худ баҳо додан
1) Дар анҷоми дарс аз рӯйи намунаи зер саволу ҷавоб кунед.
   Масалан, ҳангоми кор дар гурӯҳ ба кадом мушкилот дучор шудед?
- ҳангоми кор дар гурӯҳ чӣ/кӣ ба шумо ёрӣ расонд?
- Ҳангоми кор дар гурӯҳ ба шумо бештар маъқул афтод?
- Чӣ чизи навро дар гурӯҳ омӯхтед?

2) Пас аз гирифтани ҷавобҳо дастовард ва мушкилоти хонандаро муайян намуда, дар дарсҳои минбаъда барои бартараф кардани душвориҳо чораҳои мушаххас андешед.
15) Вазифа барои хона: дар бораи муҳофизати табиат ҳикояи хурд нависед.
Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 5 - 6. Хаёлҳои ширин (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи одамони меҳнаткаш. Хониши мустақилони матн. Шарҳи калимаҳои душвор. Муайян кардани симои матн. Гуфтор ва рафтори симои матн. Баҳо додан ба гуфтор ва рафтори вай. Муайян кардани мавзӯъ ва мазмуни асосии матн. Алоқамандӣ ба ҳаёт. Нақшофарӣ. Риоя кардани пастиву баландии овоз ва оҳанги мувофиқи гуфтор. Машқҳои луғавию имлоӣ ва матнофарӣ. Имлои у ва ӯ. Зебою тоза навиштан.

**Салоҳиятҳо:**
3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.
3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро хонда тавонанд;
– симои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
– мисолҳои ҳаётиро таҳлил ва хулосабарорӣ карда тавонанд;
– матн тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ;

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагонро дар чор гурӯҳ муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш намоед, бо супориш шинос шаванд, онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед
5) Кор бо матн ва супоришҳои китоби забони модарӣ барои синфи сеюм (саҳ. 114 - 115)
*Супориш барои гурӯҳи 1*
1. Саволҳоро хонед. Аз матн ҷавоб ёфта, нависед.
Саволҳо:
1. Дар гӯшаи шаҳр кӣ зиндагӣ мекард?
2. Аз пагоҳ то бегоҳ ба чӣ кор машғул буд?
3. Дар ҳавлии ӯ кадом дарахт рӯйида буд?
4. Пиразан ғарқи кадом хаёлҳо мешуд?
*Супориш барои гурӯҳи 2*
1. Матнро хонед. Саволномаро навишта, ҷавоби дурустро ба давра гиред. Ба зери феълҳо хат кашед ва замони онҳоро муайян кунед.
Кадом ҷумла саховатмандии пиразанро нишон медиҳад?
А. Дар гӯшаи шаҳре пиразани бекасу наво мезист.
Б. Пиразан дар сари чархи худ хаёлҳои ширин мекард.
В. Имсол ҳосили дарахтро мечинаму ба бозор мебарам.
Г. Аз сари ҳосил ба ҳаққу ҳамсояҳо як сабадӣ медиҳам.
*Супориш барои гурӯҳи 3*
1. Матнро хонед.
Агар шумо нависанда мебудед, ҳикояро чӣ тарз менавиштед? Аз рӯйи мазмуни матн ва намуна ҳикояи хурд (6 - 7 ҷумла) нависед.
Намуна: Дар гӯшаи деҳае як духтарак бо модараш зиндагӣ мекард. Дар ҳавлии онҳо як гармхона буд, ки дар он дарахти лимӯ месабзид. Ӯ ба дарахти лимӯ нигоҳ карда орзуҳои ширин мекард:
– Ҳосили лимӯро ба бозор бурда мефурӯшам. Ба пули он ……….

*Супориш барои гурӯҳи 4*
Хушгӯйиро хонед ва дар нақши наберaю бобо бозӣ кунед.

6) Дар атрофи синф давр зада, муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед. Ҳангоми мушоҳида ба хонандагон ёрӣ расонед, тавсияҳо диҳед.
7) Хонандагон корҳои худро муаррифӣ ва арзёбӣ мекунанд (10 дақиқа)
8) Имлои дунафарӣ. Хонандагон дунафарӣ бонавбат ба ҳамдигар ҷуфти калимаҳоро мегӯянд ва менависанд. Сипас дафтарҳои худро иваз карда, навиштаи якдигарро месанҷанд.
9) Омӯзгор дар тахтаи синф ҷумлаҳои зеринро менависад ва бо хонандагон таҳлил мекунад. Хонандагон ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои дар имлои дунафарӣ машқ кардаашонро менависанд.
Нонро бо корд ….
Бо … дар тахтаи синф менависем.
Падарам дар зодрӯзи модарам …. туҳфа кард.
Ӯ як бачаи …у гаранг буд.
Пеш аз сомонӣ пулро …. мегуфтанд.
Ба …и асп наъл заданд.
Фарзона аз Манижа … аст.

Фаридун себро ….
10) Дарсро муҳокима ва ҷамъбаст намоед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хона дар бораи хаёлҳои ширини худ ҳикояи хурд нависанд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 7 - 8. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**
**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
– дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
– тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.
**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ

**Дарси 9. Имлои санҷишӣ (1 соат)**
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯъ навиштани имлои санҷишӣ

**Салоҳиятҳо:**
3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– дар ҳаҷми 45 - 50 калима имло навишта тавонанд.
**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.** Дар ин дарс дониш, малака ва маҳорати хонандагон оид ба беғалатнависӣ санҷида мешавад.
1) Тартиби навиштани имло
а) Аз “Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ” матни мувофқро интихоб намоед.
б) Матни имлои санҷиширо як маротиб мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ равону ифоданок хонед.
б) Ҳаряк ҷумлаи матнро алоҳида-алоҳида хонед. Ҳар як ҷумларо аз ду бор зиёд нахонед.
в) Баъди навиштани ҷумлаи охирин ҳатман матнро бори дигар ба қадре, ки талаба навиштаи худро аз назар гузаронда тавонад, хонед.
г) Дафтарҳои хонандагонро ҷамъ карда гиред.

**Арзёбӣ**
Ҳангоми баҳогузорӣ меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.

- Ғалатҳои имлоӣ. Ғалатҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ - ғ, ӣ - и, ӯ - у, й - е, е - й, е - э, э - е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машқҳо - машқо); илова кардани ҳарфҳо (дос - дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба - рубта); нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ (✓).
- Аломатҳои китобат. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд: нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат, ҷонишин. Ишораи ғалати аломати китобат (⦿).
- Ғалатҳои услубӣ (агар талаба калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад, маънои ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ (☒).
- Агар ислоҳи талаба дуруст бошад, калима дуруст ҳисоб мешавад.
- Агар ислоҳи талаба нодуруст бошад, калима нодуруст ҳисобида мешавад.
- Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд, дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд, як ғалат шумурда мешавад. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешавад.
- Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат ишора мешавад.
- Пас аз арзёбии имлои санҷишӣ ғалатҳо гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда мешаванд.
- Дар дарсҳои минбаъда кор бо ғалатҳо гузаронда мешавад.

**Дарсҳои 10 - 12. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (3 соат)**
**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.

Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред.Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.

Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- o хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- o хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- o хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- o хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо);
- o хонадагоне, ки матн офарида наметавонанд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ карда, вазифаҳои иловагӣ диҳед.

**Дарсҳои 13 - 14. Декабр (2 соат)**
**Барнома.** Фасли зимистон. Моҳҳои зимистон. Нишонаҳои зимистон. Бозиҳои зимистона. Машқи ифоданок хондани шеър. интихоби оҳанги мувофиқи хониш. Муайян намудани мазмуни шеър. Кор бо луғат. Машқҳои имлоию луғавӣ ва ҷумласозӣ. Машқи шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн дар бораи зимистон.

**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни хурсандӣ ё ғаму андӯҳ доштани матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи фасли зимистон шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба фасли зимистон
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. (Нигаред ба қоидаҳои гӯш кардан). Аз хонандаи фаъол хоҳиш намоед, ки шеърро як маротиба ифоданок хонад. Қоидаҳои дуруст хонданро дар мисоли ду мисраъ нишон диҳед.
6) Дар бораи фасли зимистон суҳбат кунед.
7) Хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намоед. Барои ҳар гурӯҳ дар варақчаи алоҳида супоришро нависед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки бо супориш шинос шаванд, онро дар гурӯҳҳо муҳокима намоянд. Агар дар синф хонандагон бисёр бошанд, як супоришро метавонед барои чанд гурӯҳ пешниҳод кунед. Барои иҷрои супоришҳо вақт диҳед.
8) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро бо хонандагон муҳокима кунед.
9) Кор дар гурӯҳҳо бо матни «Декабр», шеъри М. Миршакар.
**Супориш барои гурӯҳи 1.**
1. Банди якуми матнро ифоданок хонед.
2. Муайян кунед, ки дар он кадом хусусиятҳои фасли зимистон номбар шудаанд.
3. Хусусиятҳои фасли зимистонро нависед.
**Супориш барои гурӯҳи 2.**
1. Банди дуюми матнро ифоданок хонед.
2. Нишонаҳои зимистонро муайян кунед.
3. Бозиҳои зимистонаи бачагонаро нависед.
**Супориш барои гурӯҳи 3.**
1. Банди сеюми матнро ифоданок хонед.
2. Муайян кунед, ки дар он кадом нишонаҳои зимистон омадааст.
3. Муносибати худро ба зимистон ба воситаи матни хурд нависед.
**Супориш барои гурӯҳи 4.**
1. Банди чоруми матнро ифоданок хонед.
2. Муайян кунед, ки дар он муаллиф дар бораи зимистон чиҳо мегӯянд.
3. Муносибати худро ба зимистон ба воситаи матни хурд нависед.
**Супориш барои гурӯҳи 5.**
1. Банди панҷуми матнро ифоданок хонед.

2. Муайян кунед, ки барои чӣ падару модарон хурсанданд.
3. Муносибати худро ба зимистон ба воситаи матни хурд нависед.
*Муҳокимаронии хонандагонро мушоҳида намоед. Ҳангоми мушоҳида ба хонандагон саволу тавсияҳо диҳед.*
6) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
7) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
8) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
9). Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
10) Вазифа барои хона: Дар мавзӯи "Бозиҳои зимистона" шифоҳӣ ҳикоя тартиб диҳед.
11) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули "Робитаи мутақобила" гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Сатҳи ба мақсадҳо ноил шуданро муҳокима кунед.

**Дарсҳои 15 - 16. Зимистон чист? (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурданини табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
– мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;

– фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Бо хонандагон дар бораи зимистон ва нишонаҳои он суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро бишнавед ва пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он, ки.
5) Ҳикояро бо усули "Пешгӯйӣ" хонед.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. *Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Зимистон чист?" ном дорад?*
6) Хонандагон қисми аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Бузи кӯҳӣ дар бораи омадани чӣ хабар медиҳад?
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Ба фикри шумо, фил медонад, ки зимистон чист? Барои чӣ?

8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.)
9) Хонандагон қисми дуюмро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
Ба ҳамин тариқ, матн то охир пешгӯйӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
11) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача тайёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
**13) Кори дунафарӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ чор ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз карда, ғалатҳоро муайян сохта, фаҳмонда, ислоҳ намоянд. Интихобан дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед.
14) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи ҷадвали диаграммаи Венн тартиб дода, умумият ва фарқи ҳайвонҳои хонагию ваҳширо муайян кунанд.
15) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.
Саволнома
**1. Дар кадом қатор калимаҳо дуруст навишта шудаанд? (**Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. гиёҳо, заррофа, нигоҳ, мехурд
Б. гиёҳҳо, заррофа, нигоҳ, мехӯрд
В. гиёҳҳо, заррофа, нигоҳ, мехӯрд
Г. гиёҳҳо, заррофа, нигоҳ, мехӯрд
2. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Фил, Буз, Хирс, Заррофа
Б. Заррофа, Хирс, Маймун
В. Фил, Маймун, Буз
Г. Заррофа, Буз, Хирс
**3. Воқеа кай баргузор шуд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар зимистон
Б. Дар баҳор
В. Дар тирамоҳ
Г. Дар тобистон
**4. Воқеа дар куҷо рух дод?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар Боғи ҳайвонот
Б. Дар бешазор
В. Дар сирк
Г. Дар дашту саҳро
**5. Чаро Маймун, Фил ва Заррофа дар бораи зимистон чизеро намедонанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Онҳо дар кишварҳои гарм зиндагӣ мекунанд.
Б. Буз ба онҳо фаҳмонда натавонист.
В. Онҳо фаҳмидан нахостанд.
Г. Онҳо дар боғи ҳайвонот зиндагӣ мекарданд.
**6. Калимаҳои сутуни дуюмро ба сутуни якум мувофиқ гузошта, ибора созед** (бо пайкон ишора кунед).

| | |
|---|---|
| **заррофа** | кӯҳӣ |
| **хирс** | гардандароз |
| **буз** | паҳлавон |

16) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда бароиислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 17 - 18. Санҷобак ба зимистон тайёрӣ мебинад (2 соат)**
**Барнома.** Зимистон фасли сармо. Тайёрӣ ба зимистон. Одамон чӣ тавр ба зимистон тайёрӣ мебинанд? Олами ҳайвонот ба зимистон чӣ тавр тайёрӣ мебинад? Машқи равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Машқҳои имлоию луғавӣ. Аз матн ахбори муайянро дарёфт карда, пур кардани ҷадвал. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро тибқи меъёрҳо хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи ба зимистон тайёрӣ дидани ҳайвонҳо шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ;

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Калима ва ибораҳоро дар тахтаи синф ё вараки калон нависад. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки оё ягон маротиба хонандагон бо ин калимаҳо вохӯрдаанд ё не. Агар – ҳа, маънои онҳоро гуфта метавонанд? Ҳар як калимаро таҳлил кунед. Барои дар хотир нигоҳ доштани ин калимаҳо бо хонандагон бозиҳои гуногун гузаронед. Масалан, бозии “Бинго”.

**5) Бозии «Бинго».** Пешакӣ калимаҳоро дар варақчаҳои алоҳида нависед.

– Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақшаи зеринро кашанд ва дар дохили ҳар катак калимаеро нависанд:

Масалан,

| | |
|---|---|
| занбӯр | дӯст |
| зангӯла | лӯнда |
| санҷоб | хароб |

– Варақҳои калимаҳоро дар халтача ё қуттӣ омехта кунед. Аз қуттӣ як калимаро бардоред ва онро хонед. Хонандае, ки дар ҷадвал он калимаро навишта бошад, ҳамонро хат мекашад.

Масалан, шумо калимаи «лӯнда»-ро гуфтед, хонанда онро хат мекашад.

| | |
|---|---|
| занбӯр | дӯст |
| зангӯла | ~~Лӯнда~~ |
| санҷоб | хароб |

– Ҳамин тавр, то лаҳзае ки хонандае аввалин шуда, ҳамаи калимаҳоро хат мекашад, бозиро идома диҳед. Хонандае, ки ҳамаи калимаҳоро хат кашад, «Бинго» мегӯяд. Калимаҳои хаткашидаи ӯро санҷед.

– Хонандаи ғолиб бозиро идома медиҳад, яъне ӯ ба ҷойи омӯзгор калима мегӯяд, хонандагони дигар «Бинго» мекашанд. Бозиро се-чор давра идома дода метавонед.

6) Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ тақсим кунед.

7) Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда, дар асоси он ҷадвал омода кунанд:

Намунаи ҷадвал:

| | |
|---|---|
| Номи ҳайвон | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Чӣ тарз ба зимистон тайёрӣ мебинад? | |
| Дар зимистон чӣ кор мекунад? | |

8) Гурӯҳҳо матнро мехонанд, онро таҳлил карда, ҷадвал тартиб медиҳанд. Сипас ҷадвали таҳиякардаашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми кори гурӯҳҳо ба назди онҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

9) Гурӯҳҳо ҷадвалашонро муаррифӣ мекунанд ва аҳли синф ба онҳо савол медиҳанд. Кори ҳар гурӯҳро арзёбӣ кунед.

10) Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки бори дигар матнро хонанд ва доир ба мазмуни он чор савол омода кунад. Саволҳоро дар варақҳои алоҳида нависанд. Сипас саволҳоро ҷамъ карда, байни гурӯҳҳо тақсим кунед. Яъне саволҳои як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар супорида мешаванд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки ба саволҳо мувофиқи он чизе, ки ҳангоми муаррифии гурӯҳҳо фаҳмидаанд, ҷавоб гардонанд.

11) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 19 - 20. Зарари тамоку (2 соат)**

**Барнома.** Тамоку. Нос ва сигор. Зарари тамоку. Пешгирии он. Машқи равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Машқҳои имлоию луғавӣ. Аз матн ахбори муайянро дарёфт кардан ва тартиб додани матн. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:** 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро тибқи меъёрҳо хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи зарари тамоку шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд;
- дар бораи пешгирии тамокукашӣ матн таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ;

**Равиши дарс:** Фаъолиятҳои пешбинишуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва Шумо метавонед вобаста ба шароити муассиса ва қобилияти хонандагон ҳаҷми имконпазирро истифода баред.
1) Қисми ташкилии дарсро гузаронед.
2) Калимаи “*тамоку*”-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи тамоку фикрашонро гӯянд. Муҳтавои суҳбат чунин буда метавонад:
*Тамоку чист? Бачаҳои азиз, оё шумо дар бораи тамоку маълумот доред?* (Метавонед фикри бачаҳоро як-як дар лавҳа нависед.)
*Тамоку дар таркиби чиҳо ҳаст? Сигор. Оё дар оилаи шумо шахси сигоркаш ё носкаш ҳаст? Оё шумо ягон бор пурсидаед, ки барои чӣ онҳо сигор ё нос мекашанд?* (ба ҳамаи хонандагон имкон диҳед, то икрашонро баён намоянд, ҷавоби ҳар кадоми хонандагонро бодиққат гӯш кунед.)
3) Кор бо матн. Диққати хонандагонро ба сарлавҳаи матн равона намоед “Зарари тамоку”. Аз онҳо пурсед: *“Ба фикри Шумо, матн дар бораи чист?”* Ақидаҳои хонандагонро гӯш кунед.
4) Матнро хонда, ба хонандагон онро нақл намоед. Зарари тамоку, сигор ва носро бо мисолҳои ҳаётӣ ба хонандагон фаҳмонед.
5) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро бори дигар мустақилона хонанд ва бо рафиқашон нақл кунанд. Дар ин вақт ҳамаи хонандагонро назорат кунед, то ба дигар кор овора нашаванд.
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз матн ҷумлаҳое, ки зарари тамокуро таъкид мекунанд, муайян карда, дар дафарашон нависанд.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз дарси пешина одатҳои бади инсонро ба хотир оварда, номбар намоянд: *дурӯғ гуфтан, дуздӣ кардан, фиреб додан, қасами дурӯғ додан, калонсолон ва хурдсолонро ҳурмат накардан. Бачаҳои азиз, ба фикри шумо носу сигор*

*кашидан ва арақ нӯшидан ба кадом датҳо дохил мешавад? Хуб ё бад? Чаро?* (кӯшиш кунед, ки дар ин мубоҳиса ҳамаи хонандагон иштирок намоянд)

8) Кор аз рӯйи расм (узвҳои нафаскашии инсон). Сохти узвҳои нафаскаширо нишон дода, тарзи кори онро шарҳ диҳед ва таъсири тамокуро ба шуш, гулӯ ва сурхной шарҳ диҳед.

9) Ба хонандагон супориш диҳед, ки матни “Пушаймонии бемор”-ро хонанд ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд.

*а) Бемор дар назди профессор аз чӣ шикоят мекард?*

*А. гулӯ ва чашм Б. хастагӣ ва фаромӯшхотирӣ В. дил ва шуш*

*б) Профессор сабаби бемор шуданро дар нӯшидани чӣ муаяйн кард?*

*А. машрубот ва кашидани нос*

*Б. хӯрдани ширинии зиёд*

*В. се пиёла қаҳва ва ду қуттӣ сигор*

10) Кори гурӯҳӣ: Ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки дар асоси саволҳои зерин фикрашонро баён кунанд.

– Ба одамоне, ки ба ин одати бад гирифторанд чӣ хел баҳо медиҳед?

– Оё дуди сигор ба аҳли нишаст ҳам зарар мерасонад?

Дар қуттии сигор чунин навиштаҷот аст «Вазорати тандурустӣ хабардор мекунад, ки сигоркашӣ ба саломатӣ зарар дорад!» барои чӣ чунин навишта шудааст?

11) Кори гурӯҳӣ. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар асоси саволҳои зерин оид ба зарари тамоку таъкиднома таҳия намоянд. Барои ин кор ба онҳо вақти муайян диҳед. Дар вақти кори гурӯҳӣ фаъолияти хонандагонро назорат кунед ва агар мушкилӣ дошта бошанд, ёрӣ расонед.

Саволҳо барои намуна:

*1. Чаро истифодаи тамокуро зараровар мегӯянд?*

*2. Ба одамоне, ки ба ин одати бади сигоркашию носкашӣ гирифторанд, чӣ маслиҳату пешниҳод доред?*

*3. Оё дуди сигор ба атрофиёни сигоркаш ҳам зарар мерасонад? чӣ гуна?*

Намуна. (таъкиднома эҳтимолан чунин буда метавонад):

*Диққат! «Вазорати тандурустӣ хабардор мекунад, ки сигоркашӣ ба саломатӣ зарар дорад!»*

*а) Дуди тамоку модаҳои заҳрнок дорад.*

*б) Ҳаворо ифлос мекунад.*

*в) Ба узвҳои нафаскашӣ зарар мерасонад.*

*г) Хунро заҳролуд мекунад.*

*ғ) Рагҳои шуш, гулӯ ва сурхнойро мебандад.*

*д) Заҳри тамоку ба асаб таъсир мерасонад.*

*е) Одамро фаромӯшхотир мекунад.*

*ё) Баъди кашидани тамоку одам худашро бад ҳис мекунад.*

*ж) Аз заҳри тамоку дилу гурда бемор мешавад.*

*з) Ҳушёр бош ва бидон, ки бо истифодаи тамоку (сигор, нос) на танҳо саломатии худ, балки атрофиёнро низ ба хатар мегузорӣ.*

12) Муаррифии кори гурӯҳҳо.

13) Вазифаи хонагӣ: Бо ҳамроҳи аҳли оилаатон дар бораи зарари нос, сигор, тамоку ва машруботӣ спиртӣ суҳбат кунед ва муҳтавои ин суҳбатро дар дафтаратон нависед.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 21 - 22. Газна (2 соат)**

**Барнома.** Гиёҳҳои шифобахш. Аҳаммияти онҳо барои саломатӣ. Идомаи машқҳои равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Хондани нақшаву ҷадвалҳо. Тарзи хондани нақшаю ҷадвал. Тартиб додани нақшаю ҷадвал. Муқоисаи ахбори матн ва ҷадвал. Тартиб додани ҷадвали нав. Дар асоси маълумоти ҷадвал шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:** 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро тибқи меъёрҳо хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи газна аз рӯйи нақша ҳикоя тартиб дода тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс: Ф**аъолиятҳои пешбинишуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва Шумо метавонед вобаста ба шароити муассиса ва қобилияти хонандагон ҳаҷми имконпазирро истифода баред.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарси навро аз суҳбат оғоз намоед. Ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат кунед: *Бачаҳо ба фикри шумо "газна" гуфта чиро мегӯянд?*
5) Фикру ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Ҷавоби дурустро пешниҳод намоед.
6) Аз матн калимаҳои нофаҳмоеро муаяйн карда шарҳ диҳед:
худрӯй – гиёҳе, ки худаш аз замин мерӯяд ва касе ӯро намешинонад
мудаввар – даврашакл
7) Ба хонандагон супориш диҳед, ки дар нақша хосияти давобахшии газнаро бо воситаи пайкон нишон диҳед.
8) Кори дунафарӣ: Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз нақшаи боло истифода бурда, ҷумла тартиб диҳанд ва нависанд. Намуна: *Шираи газна барои санги гурда ва талхадон истифода мешавад.* Сипас аз хонанадгон хоҳиш кунед, ки дафтарҳоро иваз карда корҳои ҳамдигарро санҷанд. Аз гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои навиштаашонро ба аҳли синф хонанд, агар ғалат ҷой дошта бошанд, ислоҳ намоед.
9) Кори мустақилона. Дар тахтаи синф феълҳоро нависед ва аз хонандагон хоҳиш намоед, ки феълҳои ҳаммаъноро ёфта нависанд. Ба онҳо таъкид кунед, ки аз матн истифода бурда метавонанд. *Намуна:*
*тоза мекунад – тоза менамояд*
шифо мебахшад – сиҳат мебахшад, шифо меёбад
истифода мебарад – истеъмол мекунанд
хориҷ мекунад – берун мекунад
фоида дорад – фоидаовар аст
10) Имло. Барои машқи имлои ҳарфи "ӯ" якчанд калимаҳоро интихоб кунед дар лаҳи синф нависед. Тарзи дуруст талаффузашро метавонед машқ кунед: *худрӯй, хӯшаакл, сӯзиш, Абӯалӣ, пӯст, рӯда, кӯфташуда.* Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин калимаҳоро дар дафтари имло нависанд. Аз матн ҷумлаҳоеро, ки дар калимаҳояшон ҳарфи "ӯ"-доранд, муайян карда, дар дафтаршон нависанд.
Намуна: *Абӯалӣ Сино газнаро барои табобати ҷароҳати пӯст кор фармудааст.*
11) Ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат намуда, фикру андешаашонро гӯш кунед: *Бачаҳои азиз, оё мо бе тавсияи табибон аз ин гиёҳ истифода бурда метавонем? Чаро?*
12) Вазифа ба хона: Дар бораи ягон гиёҳ матни хурди илмӣ-оммавиро интихоб карда дар дафтаратон нависед.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 23 - 24. Зимистон (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи зимистон ва нишонаҳои он. Хониши ифоданоки шеър. Тасвири манзара (шифоҳӣ). Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи нишонаҳои зимистон. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Феълҳои зидмаъно. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
- дар бораи зимистони маҳалли худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Дарсро аз суҳбат оид ба фасли зимистон оғоз намоед. Ба хонандагон муроҷиат кунед: *Бачаҳои азиз, чашмонатонро пӯшед ва фасли зимистонро пеши назар оред. Табиат дар ин фасл чӣ гуна мешавад? Одамон чӣ кор мекунанд? Акнун чашмонатонро кушоед ва он чӣ ки тасаввур кардед ба аҳли синф нақл кунед.* (Омӯзгори азиз! Кӯшиш кунед, ки ба бештари хонандагон, агар имкон бошад ба ҳамаи хонандагон имкони сухан кардан фароҳам оред).
5) Хониши намунавӣ: Шеъри “Зимистон”-ро ифоданок хонед. Аз хонандагон пурсед, ки шумо шеърро чӣ тавр қироат кардед? Ба кадом аломатҳо риоя кардед? Кӣ метавонад мисли шумо ба оҳанги хониш риоя карда шеърро хонанд.
6) Шеърро бори дигар хонед ва ҳар як мисраъро ҳамроҳи хонандагон шарҳ диҳед.
7) Кор бо луғат:
фароз – боло, баландӣ
машриқ – шарқ
хурӯшид – вазид
8) Кори гурӯҳӣ: Ба гурӯҳҳо расми манзараи зимистонро пешниҳод намоед ва гӯед, ки аз рӯйи мазмуни расм ҳикоячаи хурде (4 - 5 ҷумла) нависанд. Гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд.
9) Кори инфиродӣ: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба ҷойи саволҳо феълҳои мувофиқ ёфта ҷумлаҳоро нависанд.
Намуна:

Зимистон (чӣ кор кард?) – Зимистон омад.
Оби ҷӯй (чӣ шуд?) – Оби ҷӯй ях баст.
Барф (чӣ кор кард?) – Барф борид.
Мо ба теппа (чӣ кор мекунем?) – Мо ба теппа мебароем.
Мо дар рӯйи барф (чӣ кор мекунем?) – Мо дар рӯйи барф ҳар сӯ метозем.
10) Лаҳзаи дамгирӣ: "Барфбозӣ" Тартиби Бозии Аз коғаз тӯбча месозем. Хонандаи якум калима гуфта ба хонандаи дигар "тӯбча"-ро ҳаво медиҳад. Хонандаи дуюм бо ин калима ҷумла мегӯяд ва калимаи интихобкардаи худро ба хонандаи дигар медиҳад
Масалан:
Омӯзгор: Зимистон
Хонандаи 1. - Зимистон омад. Парандагон...
Хонандаи 2. - Парандагон ба мамлакатҳои гарм парида рафтанд.
Синф. (Бозӣ баъди то 10 нафар шудани ширкаткунандагон қатъ карда мешавад.)
11) Кори дунафарӣ: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз китоби дарсӣ истифода намуда, ҷуфти феълҳои зидмаъноро муқоиса карда, савол гузоранд ва интихобан як ҷумла нависанд.
Масалан: *Хонд – нахонд, омад – рафт.*
*Ҳайдар китоб хонд. Ҳайдар китоб нахонд.*
12) Кори мустақилона: Якчанд калимаҳоро дар тахтаи синф нависед ва нақшаи зеринро тасвир кунед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар дафтарашон ҷадвали зеринро тасвир намоянд ва калимаҳоро гурӯҳбандӣ кунанд. *Салим, барф, сурх, китоб, меборад, баланд, хона, харид, гуфт, дафтар, хӯрд, хурд, хоб рафт.*
Намуна:

| Номи ашё/одам | Аломат | Амал |
|---|---|---|
| Барф | Сафед | Меборад |

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳояшонро иваз намуда, кори ҳамдигарро санҷанд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
15)

**Дарсҳои 25 - 26. Мо ҳам китоб менависем! (2 соат)**

**Барнома.** Тасвири манзараҳои зимистон. Аз рӯйи мазмуни ҷумла тасвири расм. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.
**Салоҳиятҳо:** 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- доир ба фасли зимистон расм тасвир карда тавонанд;
- мазмуни расмро бо ду-се ҷумла навишта тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Тавсия.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарсҳои гузашта буда, хонандагон дониш, малака ва маҳоратҳои андӯхташонро дар амал истифода мекунанд. Ин дарси эҷодии хонандагон буда, дар он дастаҷамъона китобча меофаранд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои сафед (А4) ё албом; коғазу қаламҳои ранга; ширеш.
**Равиши дарс.**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагон мазмуни матнҳои "Декабр", "Зимистон"-ро ба хотир оварда хусусиятҳои зимистонро номбар мекунанад.
5) Кор дар гурӯҳи дунафарӣ
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.

б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.
6) Ба онҳо вараҳи сафед ё дусаҳифаи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.
7) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед: “Зимистон”
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи зимистон як-ду ҷумла тартиб диҳанд.
8) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои гурӯҳҳо навишта гуногунанд.
9) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи ҷумла расм кашанд.
10) Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.
11) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.
12) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.
13) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.
14) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3 “А”.
15) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.
16) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 27 - 28. Гулаки беном (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд.

– фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.
–

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму сурати гулҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бо номи гулҳо бозии «Бинго» гузаронед.
5) Дар бораи номи матн суҳбат кунед.
6) Тарзи муайян кардани симоҳо, замон, макон, мавзӯъ ва фикри асосии матнро бо хонандагон муҳокима кунед. Ҷадвали зерро дар тахтаи синф тасвир кунед. Доир ба ҳар банди он бо хонандагон суҳбат кунед.

**Фаъолият: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар куҷо?**

1. Симои асосии матн (дар бораи кӣ, чӣ?) ____________аст.
2. Воқеа (дар куҷо?) _______ ба вуқӯъ омадааст?
3. Воқеа (кай?) _______ ба вуқӯъ омадааст?
4. Мавзӯъ ва фикри асосӣ______________________________.

7) Ба хонандагон вазифа диҳед, матнро мустақилона хонанд ва ҷадвали болоро пур кунанд.
Хонандагон авал матнро як маротиба мехонанд ва калимаҳои нофаҳморо менависанд. Ҳамроҳи он калимаҳоро шарҳ диҳед. Маротибаи дуюм мехонанд. Аз онҳо пурсед, ки ба саволҳои додашуда ҷавоб ёфтанд ё не. Агар наёфта бошанд, имкон диҳед, ки маротибаи сеюм хонанд.
Сипас барои пур кардани ҷадвал ба онҳо вақт диҳед. Пас аз он хонандагон ҷавобҳои худро мегӯянд. Ҷавобҳои хонандагонро ҳамроҳи хонандагони дигар арзёбӣ намуда, ғалатҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунед. Бори дигар сабаби «Гулаки беном» будани номи матнро муҳокима кунед.

8) Бо хонандагон оид ба тарзи хондани матнҳои диалогӣ суҳбат кунед. Тарзи хондани матнҳои диалогиро нишон диҳанд. Аз чанд дунафарӣ хоҳиш кунед, ки муколамаи Райҳона ва Гулакро аз рӯйи нақшҳо хонанд. Ба оҳанги мувофиқ хондани суханони симоҳои матнро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
9) Ба хонандагон дар бораи муколама маълумот диҳед ва як-ду намуна оред. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ дар доираи мавзӯъҳои таълим муколамаи хурд тартиб дода, онро аз рӯйи нақшҳо хонанд.
10) Чанд дунафарӣ муколамаҳои худро мехонанд. Ҳамроҳи хонандагон кори онҳоро арзёбӣ намуда, ба онҳо тавсияҳо пешниҳод намоед.
11) Бозии “Дар табақ чиҳо ҳаст?”
12) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима намоед. Дар бораи гули дӯстдоштаи падару модар пурсед. Номи гулҳои дӯстдоштаи падару модарро нависед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули “Робитаи мутақобила” гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 29 - 30. Дӯсту душман (2 соат)**
**Барнома.** Дӯсту душман. сифатҳои дӯсту душман. гурӯҳбандии сифатҳои дӯсту душман. Идомаи машқҳои равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Хондани нақшаву ҷадвалҳо. Тарзи хондани ҷадвал. Тартиб додани ҷадвал. Муқоисаи ахбори матн ва ҷадвал. Тартиб додани ҷадвали нав. Дар асоси маълумоти ҷадвал шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо.
**Салоҳиятҳо:** 3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– калимаҳоро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
– доир ба сифатҳои дӯсту душман ибораву ҷумлаҳо тартиб дода нависанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон пурсед. Оё шумо бо нафаре дӯстӣ доред? Барои дӯсту рафиқ будан чӣ корҳоро бояд анҷом дод? Чаро?
5) Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи “Дӯстӣ” ва “Душманӣ” чӣ медонанд. Андешаҳои худро дар ҷавдал нависанд.

| **Дӯст** | **Душман** |
|---|---|
| Намуна: Дӯст некӣ мекунад.<br>Дӯст дастатро мегирад. | Душман бадӣ мекунад.<br>Душман бахилӣ мекунад. |

Чанд хонанда навиштаҳои худро мехонад ва онҳоро якҷоя муҳокима кунед.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ матни “Дӯстӣ ва душманӣ”-ро бодиққат хонанд. Тасаввур кунанд, ки дар он сухан дар бораи чӣ меравад. Агар натавонанд, бори дигар хонанд. Сипас монанди ҷадвали боло як ҷадвали дигар сохта, андешаҳои муаллифи матнро дар бораи дӯстӣ ва душманӣ нависанд.

| **Дӯст** | **Душман** |
|---|---|
| Намуна: Чун калимаи “дӯст”-ро ба забон меорем, табассум дар лабҳо мешукуфад. | Чун калимаи “душман”-ро ба забон мегирем, даҳшат зер мекунад. |

Чанд хонанда навиштаҳои худро мехонад ва онҳоро якҷоя муҳокима кунед.
7) Дар тахтаи синф дар ду қатор нависед:
Дӯст одами (чӣ хел?) нек, хушмуомила.... аст.
Душман одами (чӣ хел?) бад, бадуомила.... аст.

Ба хонандагон ҷумлаҳои болоро муҳокима кунед. Ба онҳо фаҳмонед, ки мо ҳоло хислатҳои дӯсту душманро номбар карда менависем. Пас аз ҳар як хислат гузоштани аломати вергулро нишон диҳед ва таъкид кунед. Хонандагон дунафарӣ ба ҷойи нуқтаҳо хислатҳои дӯсту душманро фикр карда менависанд. Онро метавонед ҳамчун озмун эълон

кунед. Гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки ҳар чӣ бештар хислатҳои дӯсту душманро номбар карда нависад.
Ба хонандагон барои иҷрои вазифа вақти кофӣ диҳед. Ҳангоми кор ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.
8) Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд. Ғолибро муайян кунед. Ба ҳамаи хонандагоне, ки ақаллан як хислатро навиштаанд, ташаккур гӯед.
9) Дар охир якҷоя душвориҳои хонандагонро муайян кунед. Хонандагон дар бораи душвориҳои худ мегӯянд. Ба онҳо маслиҳатҳои муфид диҳед.
10) Ба мақсади инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон аз фаъолияти "Лаҳзаҳои гуворо" истифода баред. Ҳар дарс "Лаҳзаҳои гуворо" ташкил кунед. Ин фаъолият 2-3 дақиқаро мегирад. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бонавбат як воқеа, ахбори дидаю шунида, латифаеро ба тамоми синф нақл кунанд. Нақл бояд шавқовар ва хандаовар бошад.

**Таъкид! Ин фаъолиятро мунтазам бо фаъолияти "Ахбори рӯз" иваз кунед.**
11) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима намоед. Ҳамроҳи онҳо рӯйхати нави хислатҳои дӯсту душманро тартиб диҳед. Озмуни ҷумлаи дарозтарин эълон кунед.
*Намуна:*
Дӯст одами (чӣ хел?) нек,.... аст.
Душман одами (чӣ хел?) бад,.... аст.
Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 31 - 32. Солим ва Ғоним (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи дӯстӣ. Дӯстон ҳангоми сафар. Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги заурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;

–фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.
**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо ва мақолаҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Номи матнро нависед ва бо хонандагон онро муҳокима кунед.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро пешгӯйӣ кунанд.
6) Кор бо матни "Солим ва Ғоним". Ҳикояро бо усули "Пешгӯйӣ" хонед.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. *Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Солим ва Ғоним?" ном дорад? Онҳо кистанд?*
7) Хонандагон қисми аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Солиму Ғоним кӣ будаанд? Онҳо ба куҷо рафтанд? Дар он ҷо чиро диданд? Дар санг чӣ навишта шуда буд?
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Ба фикри шумо, минбаъд чӣ мешавад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
9) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.)
10) Хонандагон қисми дуюмро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
Ҳамин тариқ, матн то охир пешгӯйӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
11) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
а) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
б) Сабаби "Солим ва Ғоним" ном гирифтани онро муҳокима намоед.
**12)** Номи симоҳои матнро нависед.
Симои якум: ………… (Солим).
Симои дуюм: ………… (Ғоним).
**13)** Хислатҳои симоҳои матнро шарҳ диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи хислат ва хулқу атворро нависед.
(Биёед, аввал ба ёд меорем, ки кадом калимаҳо хислат ва хулқу атвори шахсро нишон медиҳанд? Хонандагон андешаҳои худро баён мекунанд: хуб, боадаб, нодон, болаёқат, ростгӯй, фиребгар. Калимаҳои номбаркардаи шумо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? Ин калимаҳо ба саволҳои чӣ хел? ҷавоб мешаванд.)
Солим – ……, …….
Ғоним – ……, ……
14) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки барои исбот кардани сифати симоҳо аз матн далел оранд.
Намуна: Солим шахси тарсончак аст.
15) Муайян кардани фикри асосии матн. Нависанда аз навиштани ин ҳикоя чӣ мехоҳад?
16) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки сифатҳои Солим ва Ғонимро муқоиса карда, дар диаграммаи Венн нишон диҳанд.
17) Хонандагон дигар мисолҳои ҳаётиро мисол оварда, хуб ё бад будани гуфтору рафторро муайян мекунанд.
18) Барои хона вазифа диҳед. Аз ёд кардани шеъри "Саховати фаслҳои сол". Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

19) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 33 - 34. Афсонаи солинавӣ (2 соат)**

**Барнома.** Матни афсона. Хондан ва муайян кардани сохтори матн. Оғози афсона. Симо (ҳо)-и афсона. Тасвири симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Воқеаҳои афсона. Муборизаи қувваи некӣ ва бадӣ. Анҷоми афсона. Ғалабаи қувваи некӣ бар бадӣ. Хондан ва муайян сохтани ғалатҳо. Ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**

3.4.1. Қоидаҳои навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- сохтори матнро муайян карда тавонанд;
- сохтори матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи сохтор матн тартиб дода тавонанд;
- ғалатҳоро дар навиштаҳои худ муайян сохта, ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, матни афсонаҳо

**Равиши дарс**

1. Намунаи қисми аввали чанд афсонаро ба хонандагон нишон диҳед. Онро таҳлил кунед, яъне дар ин қисми афсона чӣ гуфта мешавад.
2. Намунаҳо:
   *Будааст-набудааст, як Ҷуворияк будааст. Вай дар даруни як халтача, ҳамроҳи як гала ҷувориякони дигар, баҳорро мунтазир шуда менишастааст.*
   *Буд-набуд, се гурбача буд. Се гурбачаи хушрӯй, се хоҳараки ҳушёр буд.*
   *Буд-набуд, дар як деҳа як духтарчаи хурдакаки нағзакаке буд, ки мисли вай дар олам набуд. Модараш вайро бо ҷону дил дӯст медошт, модаркалонаш бошад, аз вай ҳам зиёдтар.*
3. Намунаҳоро метавонед дар тахтаи синф ё вараҳи калон нависед, то ҳама бубинанд. Онҳоро хонед ва калима ва ибораҳои монандро якҷоя бо хонандагон муайян кунед. Диққати хонандагонро ба вергули баъди “*Буд-набуд*” равона кунед.
4. Сипас ба хонандагон савол диҳед ва ба ҷумлае, ки ба савол ҷавоб медиҳад ишора кунед:
   *Буд-набуд, кӣ буд? Ӯ чӣ хел буд? Вай дар куҷо буд?*
5. Навиштан. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фикр кунанд, як симоро (аз худашон) ихтироъ кунанд ва як ҷумла нависанд.
6. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳоро бо овози баланд хонанд.
7. Акнун ҷумлаи дуюмро нависед. Дар ҷумлаи дуюм бояд дар куҷо зиндагӣ кардан ё будани онро тасвир кунанд.
8. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар ду ҷумларо бо овози баланд хонанд.
9. Акнун ҷумлаи сеюмро нависед. Дар ҷумлаи сеюм бояд чӣ гуна будани симо тасвир карда шавад.
10. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар се ҷумларо бо овози баланд хонанд.
11. Акнун ҷумлаи чорумро нависед. Дар ҷумлаи чорум бояд барои чӣ дар чунин ҳолат будани симо тасвир карда шавад.

12. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар чор ҷумларо бо овози баланд хонанд.
13. Акнун ҷумлаи панҷумро нависед. Дар ҷумлаи панҷум бояд дар бораи чӣ тавр ба анҷом расидани афсона нависед.
14. Назди ҳар як хонанда рафта, ҷумлаҳояшонро санҷед ва ба онҳо барои дуруст навиштан ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳамаи ҷумлаҳоро бо овози баланд хонанд.
15. Ба хонандагон гӯед, ки бори дигар ҷумлаҳои навиштаашонро хонанд ва тозанавис кунанд.
16. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Онҳо якҷоя бо аҳли оила расми симои афсонаашонро мекашанд.

**Дарсҳои 35 - 36. Саъва ва фил (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои фил ва саъва

**Равиши дарс.**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Расмҳои фил ва саъваро овезон кунед Ба хонандагон гӯед, ки ба расмҳо бодиққат нигоҳ кунанд. Дар бораи ин ду ҷонвар чӣ медонанд? Онҳоро муқоиса намуда, дар диаграммаи Венн ҷой диҳанд. (Ин фаъолиятро дастаҷамъона иҷро кунед)



5) Диққати хонандагонро ба сарлавҳаи матн ҷалб намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро пешгӯйӣ кунанд. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро хонанд ва мазмунашро таҳлил кунанд. Шумо метавонед онро вобаста ба сатҳи инкишофи хонандагони синфи худ бо усули «Пешгӯйӣ» ё фаъолияти «Чӣ? Кай? Дар куҷо? Барои чӣ?», ё «Нақл: муфассал, мухтасар ва интихобӣ” гузаронед.
7) Саволу ҷавобро метавонед тавассути усули “Барои чӣ” гузаронед.

Усули «Барои чӣ?» ё «Чаро?» силсилаи муҳокимаронии барои муайян кардани асос ва сабаби пайдоиши натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд:

- ҳалли мушкил/проблемаҳо;
- муайян кардани сабаби ин ё он тавр рафтор кардани симои адабӣ (образ);
- муайян кардани сабаби рух додани ҳодисаю воқеаҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, сабаби ҳама гуна натиҷаро ёфтан осон аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: дурандешӣ, илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ ҷустан ва амсоли инҳо замина мегузорад.

Усули мазкурро чӣ тавр истифода бояд кард?

**Қадамҳо:**

1) аввал матн хонда, ё нақл карда мешавад;
2) сипас натиҷа муайян мегардад. Асосан натиҷаи ин ё он амал дар ҷумлаи охир ифода меёбад;
3) баъд аз муайян кардани натиҷа силсилаи саволҳои «Барои чӣ?» гузошта мешавад, то даме, ки сабаби пайдоиши он муайян карда шавад. Дар зинаи аввали истифода танҳо тавассути саволҳо (бе истифода аз нақша) ба амал меояд. Ҷавоб ба саволҳо дар нақша батадриҷ ҷой дода мешаванд.

Намуна:
Саъва аз ҷабри фил наҷот ёфт?
Барои чӣ?
Фил дар ҳавзи пуроб ғарқ шуд.
Барои чӣ?
Об нӯшидан мехост.
Барои чӣ?
Аз ҳад зиёд ташна буд.
Барои чӣ?
Чашмонаш ҳеҷ чизро намедид?
Барои чӣ?
Мурғаки дарознӯл чашми вайро кӯр карда буданд.
Барои чӣ?
Мурғаки дарознӯл ба Саъва ёрӣ дод.
Барои чӣ?
Фил саъваро азоб медод.......

8) Хонандагон дар нақши симоҳо матнро мехонанд. Ҳангоми хониши онҳо ба оҳанги гуфтори симоҳо диққат диҳед.

9) Ҳамроҳи хонандагон нақшаи матнро тартиб диҳед ва вазифа супоред, ки аз рӯйи нақшаи тартибдода нақли хаттӣ нависанд. Хонандагон пас аз навиштани нақли хаттӣ онро мехонанд. Корҳои хаттии хонандагонро арзёбӣ намоед. Диққати асосиро аввал ба гузоштани сархат ва пайдарпайии мантиқии ҷумлаҳо равона созед.
10) Вазифа барои хона: аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи нақшҳо хондан ва иваз кардани суръат ва оҳанги гуфторро машқ кунанд.
11) Мақсадҳои дарсро ба хотир оред ва муйян кунед, ки хонандагон ба онҳо ноил шуданд. Душвориҳои ҷойдоштаро таҳлил намуа, дар дарсҳои минбаъда бо онҳо кор баред.

**Дарсҳои 37 - 38. Арча (2 соат)**
**Барнома.** Арча. Дарахти ороишӣ ва ҳамешасабз.Аҳаммияти он барои табиат ва инсон. Идомаи машқҳои равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Кор бо луғат. Хондани нақшаву ҷадвалҳо. Тарзи хондани нақшаю ҷадвал. Тартиб додани нақшаю ҷадвал. Муқоисаи ахбори матн ва ҷадвал. Тартиб додани ҷадвали нав. Дар асоси маълумоти ҷадвал шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– матнро тибқи меъёрҳо хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи арча аз рӯйи нақша ҳикоя тартиб дода тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақола аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Калимаи «Арча»-ро дар тахтаи синф нависед. Арча - номи дарахт мебошад.
5) Матнро як маротиба хонед. Бо ёрии хонандагон аз матн калимаҳои ношинос ё мураккабро муайян кунед: ҳамешасабз, аҷдодони мо
Аз матн ҷумлае, ки калимаи “ҳамешасабз” дорад ёбед: Дарахти арча ҳамешасабзи дарозумр аст. Шарҳи калимаи “ҳамешасабз” дар чор фасли сол барги арча сабз аст.
1. Саволу ҷавоб.
1. Арча чӣ гуна дарахт аст?
2. Ҷаро дар иди Соли Нав аз дарахти арча истифода мекунанд?
3. Ҷӯби арчаро барои чӣ истифода мебаранд?
4. Тухмӣ ва барги арча барои чӣ лозим аст?
5. Калимаи «Арча»-ро дар ноҳияҳои гуногуни кишвар чӣ мегӯянд?



Аҳаммияти арча барои инсонро шарҳ дода, аз рӯйи он ҷумла тартиб диҳед:

АРЧА

- Чӯби арчаро дар кулолгарӣ ва оҳангарӣ ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебаранд.
- Аз тухми арча дору тайёр мекунанд.
- Ҳаворо тоза нигоҳ
- Барги арча гӯштро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад.
- Решаҳои арча васеъ ва паҳн буда, заминро аз борон ва сел муҳофизат мекунанд.

7) Аз дарс хулосабарорӣ намуда, чунин қайд мекунед. Арча бисёр суст месабзад. Вай дар 100 сол 6 метр дароз мешавад.

8) Корҳои гурӯҳӣ (4-5нафарӣ). Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, пешакӣ саволҳоро омода кунед.

1. Чаро дар иди Соли нав одамон барои ороиш арчаро интихоб мекунанд?
2. Шумо розӣ ҳастед, ки барои дилхушии чандрӯза дарахти арчаи дар чанд сол сабзидаро истифода кунед?
3. Агар шумо барои ниҳолшинонӣ арча наёбед, ба ҷойи он кадом дарахтро интихоб мекунед? Чаро?
4. Дарахти арчаро тасвир кунед.

Ба гурӯҳҳо 5-6 дақиқа вақт диҳед. Сипас гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд.

9) Хониши дунафарӣ (барои инкишофи малакаи хониши буррову равони хонандагон нигаронида мешавад) Хонандагони синфро бо тартиби зерин ҷудо кунед: хонандаи аълохон бо хонандаи сустхон, аълохон бо миёнахон ва аълохон бо аълохон. Ҳангоми хондани матн ғалатҳои якдигарро ислоҳ менамоянд. Кори хонандагонро назорат карда, ёрӣ расонед.

10) Курсии сеҳрнок. Хонандагонро бонавбат дар курсӣ шинонда, аз рӯйи матни «Арча» бо онҳо саволу ҷавоб ташкил кунед.

Намуна: *Чӯби арчаро барои чӣ истифода мебаранд? Арчаро дар кулогарӣ ва оҳангарӣ ҳамчун сӯзишворӣ истифода мебаранд.* (Ба ҷавобҳои хонандагон диққат диҳед. Онҳо бояд ба савол пурра бо забони адабӣ ҷавоб гардонанд. 4-5 хонанда).

11) Бо ёрии хонандагон матнро ба қисмҳо ҷудо карда нависед.

Оғоз: Бачаҳои азиз! Шумо ҳам, дар муҳофизати дарахтони арча ва сабзиши онҳо саҳмгузор бошед.

Мақсад: Дар заминҳои назди мактаб ва ҳавлиҳо ниҳоли арча парвариш кунед, зеро арчазор ҳаворо тоза намуда, муҳити зисти диёрамонро зебу зинат медиҳад.

Анҷом: Табиатро аз нобудшавӣ муҳофизат намоед.

12) Вазифаи хонагӣ: Аз рӯйи ҷадвал ҷумла нависед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дарахти | арча<br>ар-ар<br>сада | қоматбаланд<br>ҳамешасабз<br>сершоху барг | аст. |

**13) Ҷамъбаст ва арзёбӣ:** Ақидаи зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки ақидаи мувофиқро интихоб кунанд ё ақидаи худро пешниҳод намоянд.

Ту барои муҳофизати маҳалли худ чӣ кор мекунӣ? (Ман барои муҳофизати маҳалли худ дарахт мешинонам. Ман барои муҳофизати маҳалли худ гулу гулбуттаҳо мешинонам….)

**Дарсҳои 39 - 42. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи дуюми соли таҳсил (4 соат)**

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар охири соли таҳсил. Усули гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Тавсия.** Дар доираи дарсҳои мазкур салоҳиятҳои хонандагонро доир ба гӯш кардан (шунидан), гуфтан, хондан ва навиштан арзёбӣ намуда, маълумоти ниҳоӣ гирд оред. Натиҷаҳои арзёбии мазкурро бо ду арзёбии қаблӣ муқоиса кунед ва салоҳиятнокии хонандагони синфи чорумро баҳогузорӣ намоед.

Барои гузаронидани арзёбӣ аз дастур ва намунаҳои дарсҳои 7 - 10-уми боби якум истифода бурда метавонед. Танҳо дар арзёбии ниҳоӣ ҳаҷми матнҳо нисбат ба арзёбии нимсолаи якум барои гӯш кардан (5 калима), барои хондан (5 калима) зиёд карда мешавад.

**Дарсҳои 43 - 44. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо нишон додани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хондашуда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,

**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ

**Арзёбӣ.** *Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ*

**Дарсҳои 45 - 46. Саргузашти Барфибобо (2 соат)**

**Барнома.** Бобои Барфӣ ва Барфак. Иди Арча. Тарзи ҷашнгирии ид. Идомаи машқҳои равону бурро хондан. Хондан ба мақсади дарёфти ахбор. Кор бо луғат. Машқҳои имлоиву луғавӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан. Тартиб додани матни шифоҳӣ дар бораи ҷашнгирии "Иди Арча" Ба хондани ҳамдигар баҳо додан. Муаррифӣ ва ислоҳи ғалатҳо.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро тибқи меъёрҳо хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро шарҳ дода, дар нутқ истифода баранд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи ҷашнгирии “Иди Арча” ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму мусаввараҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Ангезиши зеҳн. Калимаи «саргузашт» ва «Барфибобо»-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро бонавбат шарҳ диҳанд. Фикри хонандагонро бо диққат гӯш дода ҷамъбаст кунед.

Намуна: *Саргузашт - воқеъаи рӯйдодашуда бо ягон шахс ё қаҳрамони афсона, ҳикоя, матн ва ғ.*

5) Шеъри Мавҷуда Ҳакимова «Саргузашти Барфибобо»-ро қироат намоед ва мазмуни шеърро таҳлил кунед. Бо хонандагон якҷоя як бори дигар шеърро бурро ва ифоданок хонед. Аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, як банди шеърро хонанд. Ба тарзи хондани шеър диққат диҳед.

6) Шиносоӣ бо матни шеър ва муайян кардани мушкилот. Калимаҳои ношинос ва мушкилро аз матни шеър бо ёрии хонандагон ҷудо карда, дар тахтаи синф нависед. Намуна: *Барфи лак-лакӣ – барфи калон-калон*

Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ибораро дар мисраи шеър ёбанд:

Барфи лак - лакӣ борид, яъне барфи калон ва хеле зиёд борид, ки ҳама ҷо сап-сафед шуд.

7) Супориш: Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз рӯйи мазмуни матни шеър хислатҳои «Барфибобо»-ро (бо усули «Хӯша» (кластер)) муайян кунанд. Онро дар тахтаи синф иҷро кунанд, сипас ба дафтар кӯчонанд:




8) Хониши дунафарӣ: ба хонандагон супорида мешавад, ки ҳангоми хониши дунафарӣ бояд якдигарро бо диққат гӯш диҳанд, ба аломатҳои китобатӣ, пасту баландшавии овоз диққат диҳанд. Бори дигар ҳама хомӯшона шеърро қироат мекунанд.

9) Таҳияи саволҳо:

Симои матнро номбар кунед.

Фикри асосии матн дар кадом банди шеър омадааст?

Барфибобо ба бачагон чӣ навишт?

Бачаҳо бяд соати чанд Барфибоборо интизор шаванд?
10) Ангезиши зеҳн: ба хонандагон бо савол муроҷиат менамоед: “Барфак кист?” (“Барфак ин набераи Барфибобо аст.”, “Барфак рақами 24-ро аз соат наёфт.” Муаллим: “Набошад, биёед, ба Барфак ёрӣ расонед”. (барои шарҳ додани савол 1 дақиқа вақт диҳед)
11) Корҳои гурӯҳӣ: синфро ба 5 гурӯҳ муттаҳид кунед. Ба гурӯҳҳо вазифа диҳед, ки 4 мисраъ матни шеърро ба наср баргардонанд. Ба хонандагон 5 - 7 дақиқа вақт ҷудо кунед. Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд.
Намуна:
*Барфибобо шабона,*
*Баромада аз хона,*
*Пӯстинашро биафшонд*
*Дуои некашро хонд.*
*Барфибобо шабона аз хонааш ба берун баромад. Ӯ ба чор тараф нигоҳ кард. Даст ба дуо бурд. Барфибобо дуо карда, пӯстинашро сахт афшонд. Барф ба боридан сар кард.*
12) Хонандагон дар васфи зимистон чистон ва шеърҳо қироат кунанд ва аз рӯйи саволҳо матн менависанд.
Чӣ омад? Чӣ хел барф борид? Оби равони ҷуй чӣ кор кард? Моҳира аз барф чӣ месозад? Бачаҳо дар болои ях чӣ кор мекунанд? Онҳо аз омадани зимистон чӣ кор мекунанд?
Калимаҳо барои истифода: дурахшон, барф, ях баст, хурсандӣ мекунанд, бозӣ мекунанд, Бобои Барфӣ, Зимистон.
Зимистон омад. Барфи дурахшон борид. Оби равони ҷуйҳо ях баст. Моҳира аз барф Бобои Барфӣ месозад. Бачаҳо дар болои ях бозӣ мекунанд. Онҳо аз омадани зимистон хурсандӣ мекунанд.

13. Вазифаи хонагӣ: аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки аз рӯйи намуна табрикномаи Солинавӣ нависанд:

| **Муроҷиат (ба кӣ?)** | Модарҷони азизу меҳрубонам! |
|---|---|
| **Мақсад** | Шуморо бо фаро расии Соли Нави мелодӣ табрик намуда, ба шумо умри дароз, саломатӣ ва дар корҳоятон комёбиҳо орзумандам. |
| **Ҷамъбаст ва муаррифӣ** | Бо эҳтиром, фарзанди шумо Комила. |

14) Ҷамъбаст ва арзёбӣ: дуруст ё нодуруст
Дуруст ё нодуруст будани ҷумларо аз матни шеър муайян кунед:

| Ҷумла | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Барфибобо шабона аз хона баромад. | + | |
| Барфи лак-лакӣ борид ва ҳама ҷо сап-сафед шуд. | + | |
| Барфибобо ба бачагон хат навишт. | + | |
| Ӯ гуфт, ки омада наметавонад. | | + |
| Барфибобо гуфт: “Маро соати 24 интизор шавед”. | + | |

**НИМСОЛАИ 2**
**Боби 6. Далерӣ ва қаҳрамонӣ. Шахсони муътабар (30 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Суҳбати дӯстон (2 соат)**

**Барнома.** Шифоҳӣ дар мавзӯи «Ман таътили зимистонаро чӣ тавр гузарондам?» ҳикоя кардан. Дар ҳикояи худ ба саволҳои «Ба куҷо рафтам?», «Чиро дидам?», «Чӣ барои ман нав буд?», «Ба кадом бозиҳои зимистона машғул шудам?» ҷавоб гуфтан. Ҳангоми гуфтор мувофиқи меъёрҳои забони тоҷикӣ талаффуз кардани калимаҳо. Бодиққат гӯш кардани ҳикояҳои ҳамдигар. Барои муайян сохтан мавзеъ ва амалҳо саволу ҷавоб кардан. Барои беҳтар шудани нутқи ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод намудан. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Ҳикояи шифоҳии худро хаттӣ навиштан. Муҳокимаи ҳикояҳои ҳамдигар. Тавсияҳо доир ба беҳтар шудани ҳикояи навишташуда.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар бораи чӣ тавр гузарондани таътили зимистона шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд;
- дар бораи чӣ тавр гузарондани таътили зимистона ҳикоя навишта тавонанд.

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бо хонандагон дар бораи чӣ тавр гузарондани таътили зимистона суҳбат кунед.
«Ба куҷо рафтед?» «Чиро дидед?», «Чӣ бароятон нав буд?», «Чӣ маъқул шуд ё нашуд?», «Шумо мактабу таҳсил карданро пазмон шудед? «Барои чӣ?», «Кадом лаҳзаҳои таҳсилро пазмон шудед?»
5) Доир ба чӣ тавр гузарондани таътили зимистона аз рӯйи нақшаи зер шифоҳӣ ҳикоя кунед.
Дар таътили тобистона ба куҷо рафтед?
Дар он ҷо ба чӣ кор машғул шудед?
Кадом лаҳзаҳои мактабхониро ёд кардед?
Чӣ тавр ба мактаб тайёрӣ дидед?
Тавсия: ҳангоми нақл кардан ба меъёрҳои зерин аҳаммият диҳед:
- мувофиқи нақша риоя намудани пайдарпайии нақл;
- дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён кардан;
- риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ.

6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки:
а) мувофиқи нақшаи банди 5 дар бораи чӣ тавр гузарондани таътили зимистона ҳикоя нависанд.
б) ҳикояҳои навиштаи худро хонанд.
в) ҳикояҳои навиштаи онҳоро арзёбӣ кунед ва барои беҳтар шудани он тавсияҳо диҳед.
7) Дарсро ҷамъбаст кунед.
Дарси имрӯза дар бораи чӣ буд?
Кадом фаъолиятҳоро иҷро намудем?
Чиро омӯхтем?
8) Барои хона вазифа супоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Шӯриши Восеъ (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи қаҳрамониву далерӣ. Аз рӯйи сарлавҳа ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақола аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс:**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Дар тахтаи синф «Шӯриши Восеъ»-ро нависед.

5) Калимаи «шӯриш»-ро дар алоҳидагӣ нависед ва аз хонандагон пурсед. Фикри хонандагонро гӯш кунед ва якҷоя шарҳ диҳед. «шӯриш - балво. исён

6) Ба хонандагон савол диҳед. Бачаҳо оё шумо медонед, ки Восеъ кист? Дар бораи корнамоии ин шахс ягон маълумот доред? Оё шумо дигар қаҳрамонони халкро медонед? Фикри хонандагонро гӯш карда, номи қаҳрамонҳои халқиро дар тахтаи синф менависем. Намуна: Эраҷ, Маздак, Борбад, Симбоди Муғ, Заррина ва ғ.

7) Шиносоӣ бо матн ва муайян кардани мушкилот: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни «Шӯриши Восеъ»-ро мустақилона хонда, калимаҳои нофаҳморо муайян намуда, дар ягон варақ нависанд. Хирман, зиндон, андоз, мансабдорон

8) Кор бо луғат: Намуна: Восеъ дар теппаи баланди хонаи худ хирман мекӯфт

Хирман – як ҷойи муайяншударо мегӯянд, ки дар он ҷо гандуми даравидаро оварда мекӯбанд, гандумро аз хӯша ҷудо мекунанд.

Мансабдорон – шахсони вазифадор; зиндон – маҳбас; андоз – як навъи даромад ба хазинаи давлат.

9) Хониши занҷирвор: хонандагон бонавбат аз матн як ҷумларо бо овози баланд, равону бурро мехонанд, дигарон хат мебаранд.

10) Ёфтани ҷавобҳо аз матн тибқи саволҳо. Омӯзгор пешакӣ саволҳоро тартиб дода, бо ёрии хонандагон аз матн ҷавобҳоро меёбанд.
Восеъ чӣ кор мекард?
Мансабдорон аз ӯ чӣ талаб карданд?
Восеи далер бо мансабдорон чӣ гуна рафтор кард?
Восеъ ба куҷо гурехта меравад?
Адади шӯришгарон ба чанд расида буд?
Восеъро чӣ тавр асир гирифтанд?
Ӯро ба куҷо бурда партофтанд?
11) Намуна: "Восеъро чӣ тавр асир гирифтанд?" (Ҷавоб: (Як хонанда ҷумларо мехонад: "Оқибат ӯро бо фиребу найранг асир намуда, ба қалъаи Балҷувон бурда, ба зиндон мепартоянд").
12) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки феълҳои ҳаммаънои сутуни якумро аз сутуни дуюм интихоб карда, нависанд.

| | |
|---|---|
| Муҳосира кард | Ҳимоя кардан |
| Муҳофизат намуданд | Шикаст хӯрдан |
| Мағлуб шуд | Иҳота намуд |
| Равон кард | Амр мекунад |
| Бархост | тараққӣ кард |
| Фармон медиҳад | Фиристод |
| Рӯ ба беҳбудӣ ниҳод | Ҷанг кардааст |
| Мубориза бурдааст | Хест |

Намуна: *Воқеъ аст - ҷойгир аст.*
13) Имлои эҷодӣ: Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо тартиб диҳед.
1. Абрҳо, фаро, осмонро, гирифтанд, сиёҳ, сахт, ба, борон, сар, кард, шуд, тар, ҳама, ҷо.
2. Тамом, дарс, шуд, аз, мактаб, баромаданд, бачаҳо, хона, ба, онҳо, рафтанд

14) **Вазифаи хонагӣ**: Хислатҳои Восеъро номбар кунед ва аз рӯйи он ҷумлаҳо нависед:




**Намуна:** *Восеъ паҳлавон буд.*
15) Ҷамъбаст ва арзёбӣ.
Саволнома
**1. Сабаби шӯриши Восеъ дар чист?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред)
А. Вай мехост, ки сарватманд шавад
Б. Вай мехост, ки Беки Балҷувон шавад
В. Вай мехост, ки зӯрии худро нишон диҳад.
Г. Вай мехост, ки ӯро таъриф кунанд
**2. Восеъро дар кадом қалъа ба зиндон партофтанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред)
А. Қалъаи Ҳисор
Б. Қалъаи Балҷувон
В. Қалъаи Бухоро
Г. Қалъаи Ҳулбук
**3. Восеъ баъди аз асп афтондани мансабдорон ба кадом тараф гурехта меравад?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред)

А. Кӯлоб
Б. Балҷувон
В. Судара
Г. Ховавлинг

**Дарсҳои 5 - 6. Одам зери барф (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Калимаи «Барф»-ро дар тахтаи синф синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз калима истифода намуда, ҷумла гӯянд. Намуна: *Бачаҳо барфбозӣ мекунанд. Камила ва Гулшан аз барф Бобои барфӣ месозанд. …*
5) Дар тахтаи синф синф номи матнро нависед ва ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳои ношинос ва ё мушкилро муайян намуда, дар варақча нависанд.

ЛУҒАТ

миннатдорӣ – раҳмат, ташаккур;
буғ – ҳангоми ҷӯшидани об, ё дар ҳавои хунук аз бинӣ ва даҳон мебарояд.

6) Таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм. Дар ҷумла калимаҳои ҳаммаъноро истифода бурда муқоиса кунед:

Падару модари Содикҷон ба шикорчӣ **миннатдорӣ баён карданд**.
Падару модари Содикҷон ба шикорчӣ **раҳмат гуфтанд.**

7) **Хониши дунафарӣ**: Хонандагон мисли дарсҳои пеш дар гурӯҳҳои дунафарӣ матнро мехонанд ва хатогиҳои якдигарро ислоҳ менамоянд.
8) **Таҳияи саволҳо**: Аз рӯйи матн саволҳо таҳия менамоем (кори гурӯҳӣ).
9) «Курсии сеҳнок»: Як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват карда мешавад ва хонандагон ба ӯ савол медиҳанд (таҳияи саволҳо аз рӯйи матн).
Намуна:
Ба Содиқҷон чӣ ҳодиса рӯй дод? (Содиқҷон барои ҳезум ба ҷангал рафт ва роҳашро гум кард.)
10) Имлои эҷодӣ: Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо созед: *ба оғӯш, аз шодӣ, бо шумо, дар саҳро, бе дафтар, дар оби хунук*
Намуна: *Модар Содиқҷонро ба оғӯш кашид ва бӯсид.*
11) Кор аз рӯйи расми манзараи ғуруби офтоб дар зимистон
Бачаҳо, шумо дар расм чиро мебинед?
– Мо дар расм дарё, кӯҳҳо, абрҳо, осмон ва шуоъҳои офтобро мебинем.
Кадом рангҳоро мебинед?
– Рангҳои сиёҳ, сурх, гулобӣ, сафед ва зардро мебинем.
– Дар расм кадом манзара тасвир шудааст?
– Дар расм манзараи ғуруби офтоб ар фасли зимистон тасвир ёфтааст.
12) Аз рӯйи мазмуни расм ҳикояи хурд тартиб дода нависед.
Намуна:
«Ғуруби офтоб»

Рӯз бегоҳ шуд. Офтоб оҳиста-оҳиста дар паси кӯҳҳо нишаст. Ҳангоми ғуруби офтоб осмон ранги дигар мегирад. Абрҳои пароканда дар осмон ранги сурх, зард ва гулобиро менамоянд. Оби дарё ранги сурхро ба худ гирифтааст. Чӣ қадар зебост табиати диёри мо.
13) Вазифаи хонагӣ: матнро аз рӯйи нақша ба қисмҳо ҷудо кунед: (оғоз, мақсад, анҷом)
Ҳавои гарми бешамол заминро метафсонад. Духтарчаи рӯйборики сурхпӯш бо оби софи хунуки дара рӯяшро шуст. Аз болотари дара кабки хушнавое мехонд. Духтарак ба хониши ин парандаи хушхон гӯш медод.

| | |
|---|---|
| оғоз | ҷумлаи 1 |
| мақсад | ҷумлаи 2 – 3 |
| анҷом | ҷумлаи 4 |

13) Ҷамъбасти дарс ва арзёбӣ:
Барои дар зери барф намондан чӣ бояд кард? (Ҷавобҳои эҳтимолӣ: – Дар ҳавои хунук ба ҷангал рафтан лозим нест. – Танҳо аз хона набароед ва дур наравед.

**Дарсҳои 7 - 8. Таҷрибаи Абуалӣ ибни Сино (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Тарзҳои хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Номи мавзӯъро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон муроҷиат намоед. Абуалӣ Сино кист?




5) Аз ашъори Абуалӣ Сино як порчаи шеър қироат намуда онро шарҳ диҳед:

Аз қаъри гили сияҳ то авҷи зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун гаштам зи ҳар яке банду ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд магар банди аҷал.

6) Хонандагон матни «Таҷрибаи Абуалӣ Сино»-ро мустақилона хонда, калимаҳои нофаҳмо ва мушкилро ишора мекунанд.

**Кор бо луғат**

Туъма – хӯрок.
Лоғар - хароб
Луғатро ҳамроҳи хонандагон шарҳ диҳед.

7) Кори гурӯҳӣ (синфро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед): Хонандагон андешаҳои худро дар бораи тарзи зиндагии ду барра баён мекунанд.

*Гурӯҳи 1.* Сабаби пурқувватии барраи панҷараи якумро гӯед
*Гурӯҳи 2.* Сабаби заифу лоғар шудани барраи панҷараи дуюмро фаҳмонед.
Ба хонандагон вақт дода мешавад. Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд.

8) Имлои эҷодӣ: Аз калима ва ибораҳои дода шуда ҷумлаҳо созед.

Калон. Бузург. Азим. Аъзам
Чеҳраи хуррам. Боди форам. Номи нек.
Пули оҳанин. Хонаи сангин. Кишту кори баҳорӣ. Асбобҳои халқӣ.
Намуна: Падарам аз бозор тарбузи калон овард. Боди форам мевазад. Дар деҳаи мо пули оҳанин сохтанд.

9) Супориши тестӣ. Ба кадом калимаҳо мувофиқат доштани муродифҳоро нишон диҳед.

| | |
|---|---|
| А) қашшоқ, нодор, бечора | 1. баҳодур |
| В) паҳлавон, пурзӯр, таҳамтан | 2. содиқ |
| С) бемор, нотоб, касалманд | 3. камбағал |
| Д) вафодор, босадоқат, босубот | 4. бемор |

10) **Вазифаи хонагӣ**: Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.
- Абуалӣ ибни Сино ду барраро дар ду ………… ҷой дод.
- Дар пеши панҷараи якум расмеро бо ……………овезон кард.
- Дар пеши панҷараи дуюм расмеро бо ……………овезон кард
- Баррачаи якум ……………………… калон мешавад.
- Баррачаи дуюм рӯз то рӯз ………………… мешавад.

11) **Ҷамъбасти дарс ва арзёбӣ.**

Ҷумлаи зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки мувофиқашро интихоб намоянд ё ҷумлаи нав гӯянд.

А) Агар ҳамаи имкониятҳо барои ту фароҳам мешуд, чӣ кор мекардӣ?
Б) Агар ҳамаи имкониятҳо барои ту фароҳам мешуд, чӣ кор мекардӣ?
В) Агар ҳамаи имкониятҳо барои ту фароҳам мешуд, чӣ кор мекардӣ?

**Дарсҳои 9 - 10. Гурги нодон (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму мусаввараҳо доир ба мазмуни афсона, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Бо хонандагон дар бораи гург суҳбат кунед. Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, аз онҳо пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи он суҳбат кардем? Барои он, ки мо ҳоло афсонаеро дар бораи ин ҳайвони даранда мехонем.
5) Ҳикояро бо усули "Пешгӯӣ" хонед.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. *Мисол: Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Гурги нодон" ном дорад?*
6) Хонандагон қисми аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Барои чӣ гург дар дашту саҳро мегаштааст?
Вай дар роҳ бо чӣ вомехӯрад?
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯӣ кунанд. Гӯед, ки оё гург бузро мехӯрад?

8) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.)
9) Хонандагон қисми дуюмро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, чаро ин тавр фикр карда буданд.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯӣ кунанд. Гӯед, оё гург розӣ мешавад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
11) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми сеюми матнро хонанд.)
Ҳамин тариқ, матн то охир (саҳ. 170) пешгӯӣ, хонда ва муқоиса карда мешавад.
11) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед.
Симоҳои матнро номбар кунед
Гург дар куҷо мегашт?
Гурги ғамгину маъюс дар роҳ бо бузаке вохӯрдааст. Ба фикри шумо, дар ин ҷумла калимаи маъюс чӣ маъно дорад? Агар хонандагон наёбанд, ба онҳо ёрӣ расонед (маъюс - ноумед, дилшикаста, руҳафтода)
Бузак чӣ тавр гургро фиреб дод? Асп-чӣ?
Барои чӣ асп аз ҳуш рафт?
Ба гуфтору рафтори симоҳои матн чӣ хел баҳо медиҳед? Барои чӣ?
Агар ба ҷойи гург мебудед, чӣ кор мекардед? Ба ҷойи бузу асп-чӣ? Чаро?
Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?
Дар мисоли гург чӣ хел одамон тасвир шудаанд? Дар симои бузак ва асп-чӣ?
Дар замони мо чунин одамон ҳастанд? Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?
Акнун, биёед, сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби "Гурги нодон" ном гирифтани онро шарҳ медиҳем. Барои чӣ ин тавр фикр мекунед? (хонандагон шарҳ медиҳанд).
12) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача таёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
13) Кори дунафарӣ: ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ ду ҷумлаи аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз карда, ғалатҳоро муайян сохта, фаҳмонда, ислоҳ намоянд. Интихобан дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед. Ба тарзи навишти калимаҳои "Будааст-набудааст" диққат диҳед.

14) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи нақшаи дар саҳ. 169 омада нақли хаттӣ нависанд. Дафтари онҳоро ҷамъ карда, дар вақти мувофиқ санҷед. Ғалатҳои онҳоро муайян карда, барои ислоҳи онҳо чораҳо андешед. Диққати асосиро ба пайдарпайии мантиқии ҷумлаҳо равона созед, баъд ба ғалатҳои имлоию китобатӣ.
15) Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.

*Саволнома*

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**
**а)** Гурги ғамгину.. дар роҳ бо Бузаке вохӯрд.
б) Гурги гурусна боз машғули... хӯрок шудааст.
2. "Бо мардуми доно ҳила ба кор намеояд». Боз дар кадом маврид ҳила ба кор намеояд. Нависед.
3. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Бузак, Гург ва Асп
Б. Рӯбоҳ, Гург ва Асп
В. Бузак ва Гург
Г. Асп ва Гург
**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар сахро
Б. Дар хонаи Бузак
В. Дар хонаи Гург
Г. Дар хонаи Асп
**5. Чаро Гурги гурусна Бузакро нахӯрд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Вай бемадор буд.
Б. Бузак вайро фиреб дод.
В. Асп дандонҳои Гургро шикаст.
Г. Гург бисёр сер буд.
**6. Дар ҷумлаи «**Гурги ғамгину маъюс дар роҳ бо бузаке вохӯрдааст.» калимаи **"маъюс"** чӣ маъно дорад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. дилтанг
Б. шоду хурсанд
В. ноумед, руҳафтода
Г. ночор
**7. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Гург бо асп вомехӯрад. |
| | Гург дигар аз ҷояш хеста наметавонад. |
| | Вай дар роҳ бо Бузак вомехӯрад. |
| | Асп ҳам Гургро фиреб медиҳад. |
| | Будааст набудааст, як Гург будааст. |
| | Бузак Гургро фиреб медиҳад. |

**8. Калимаҳои сутуни дуюмро ба сутуни якум мувофиқ гузошта, ибора созед** (бо пайкон ишора кунед).

| | |
|---|---|
| **гӯшти** | гурусна |
| **гурги** | ақиб |
| **пойи** | бемаза |

**9. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Ҳоли нодон дар азоб.
Б. Ҳамеша ҳушёр бош.
В. Ба ҳар кас бовар макун.
Г. Асло фиреб мадеҳ.

16) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
17) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 11 - 12. Машқи навиштани иншо (2 соат)**
**Барнома.** Мақсади навиштани иншо. Муҳокимаи имконияти истифодаи он дар таҳсили минбаъда ва ҳаёт. Интихоби мавзӯи иншо: «Расму оини мардуми Тоҷикистон». Муҳокима намудани тартиб ва қоидаҳои иншонависӣ (мувофиқи мавзӯъ, пайдарҳамӣ ва алоқамандии мазмуни ҷумлаҳо, гузоштани сархат ва ғайраҳо). Тартиб додани нақшаи иншо. Мувофиқи нақша навиштани иншо. Хондани иншо аз тарафи хонандагон. Мувофиқи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кардани иншо. Пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ва тарзи ислоҳи ғалатҳо.
**Салоҳиятҳо:**
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мавзӯъ ва мақсади навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- меъёрҳои навиштани иншоро муайян карда тавонанд;
- сохтори иншо (аввал, қисми асосӣ, анҷом)-ро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни расм бо риояи меъёрҳо иншо навишта тавонанд;)
- ғалатҳоро дар иншои худ ва дигарон муайян сохта ислоҳ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** намунаи иншоҳои гуногун, расмҳои мазмуннок
**Равиши дарс. Тавсия.** Иншонависӣ аз рӯйи мазмуни расм воситаи муҳимми инкишофи тахайюлоти бадеӣ ва завқи зебопарастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ буда, боиси инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мегардад. Мазмун дар расм ба воситаи манзара, одамон ва дигар ашёи дар амалиёту ҳаракатбуда тасвир мегардад. Вале ин чунин маъно надорад, ки хонандагон да доираи расм маҳдуд шуда, мустақилона ва ҳаматарафа фикр намеронда бошанд. Баръакс онҳо метавонанд мақсадашонро ба воситаи пардози хаёл (тахайюлоти бадеӣ) баён намуда, мазмуни расмро пурра ва васеъ кунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳои дарс
4) Ангезиши зеҳн: «Барои чӣ мо иншо ё ҳикоя менависем?»
5) Муҳокимаи меъёрҳои иншонависӣ
Аз кадом қисмҳо иборат аст? (аввал, қисми асосӣ, анҷом);
Дар ҳар қисм сухан дар бораи чӣ меравад?
Оғози иншо бояд чӣ гуна бошад?
Ҷумлаҳо бо ҳам чӣ хел алоқаманд мешаванд?
Дар қисми асосӣ дар бораи чӣ менависем? Дар анҷом-чӣ?
6) Машқи мустақилона навиштани иншо
**Тартиби навиштани иншо:**
– хонандагонро ба он водор кунед, ки расмро бодиққат тамошо кунанд;
– бо хонандагон дастаҷамъона мазмуни расмро муҳокима кунед;
сарлавҳаи мувофиқ интихоб намоед;
7) Барои навиштани иншо 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
Баъди навиштани иншо имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки иншо худро хонанд.
Кори онҳоро арзёбӣ кунед.
8) Ҷамъбаст ва арзёбӣ

9) Вазифа барои хона (оид ба тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд)

**Дарсҳои 13 - 14. Бузургони миллат (2 соат)**

**Барнома.** Маънои "Бузургони миллат". Номи бузургони миллат. Барои чӣ мо онҳоро бузургони миллат мегӯем? Онҳо кадом корҳоро анҷом додаанд? Чӣ гуна хислат дорранд? Тарзҳои гуногуни хондан. Ёфтани амали бузургони миллат. Хислатҳои онҳо. Кор бо луғат. Машқҳои имлоиву луғавӣ. Машқҳои ҷумласозӣ. Зебо ва тоза навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

мазмуни матнро муайян карда тавонанд;

калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;

калимаҳои «луғат»-ро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода карда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳо барои бозии "Бинго!", суратҳои шахсони маъруф, наворҳои видеоӣ (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

Бозии «Бинго» гузаронед. Ин бозии мувофиқгузорӣ буда, онро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт иҷро мекунанд. Ин навъи машғулият-бозӣ барои азхуд кардани луғат ва малакаи навиштан равона шуда, омодагии пешакии шуморо талаб мекунад ва натиҷаи назаррас медиҳад. Пешакӣ рӯйхати чеҳраҳои маъруфи Тоҷикистонро тартиб диҳед. Онҳоро алоҳида дар варақчаҳои хурд навишта, тоб дода, ба қуттӣ (халтача) андозед.

Тарзи Бозии

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 3х3 кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

Сипас хонандагон номи он 9 шахсияти маъруфро интихоб карда, дар ҷадвал ба монанди намунаи поён менависанд.

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

3) Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта бо овози баланд хонед.

4) Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё мухра мегузоранд.

Хонандае, ки якумин шуда чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхати худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед.

5) Шарҳи маънои сарлавҳаи матн. Бо хонандагон дар бораи мафҳуми "Бузургони миллат" суҳбат кунед. Сабаби бузург шудани онҳоро фаҳмонед. Барои мисол бузургии чанд нафар, аз ҷумла Қаҳрамони Тоҷикистон ва чеҳраҳои бузурги таърихиву фарҳангиро мисол оред.

Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи онҳо чӣ медонанд. Андешаронии хонандагонро бишнавед ва хулоса бароред.

6) Хонандагонро ба мустақилона хондани матн ҳидояташон намоед. Тарзи хонданро таъкид намоед. Хондани чанд нафарро арзёбӣ намуда, барои ислоҳи ғалатҳо тавсияҳо диҳед.
7) Хонандагон матнро мехонанд ва калимаҳои нофаҳморо қайд мекунанд. Онҳоро нависед ва шарҳ диҳед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои навро дар дафтари луғат нависанд.
8) Аз рӯйи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Агар хонандае ба савол ҷавоб дода натавонад, тарзи ёфтани ҷавобро нишон диҳед.
9) Аз хонандагон пурсед, ки дар матн кадом исмҳои хос ҳастанд. Онҳоро нависанд. Сипас аз онҳо пурсед, ки боз номи киҳо ва чиҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад. Барои чӣ?
Ин фаъолият имкон медиҳад, ки донишу малакаҳои худро ба хотир оварда, тарзи дуруст навиштани исмҳои хосро дар хотир гиранд.
10) Имлои "Худамро месанҷам!" гузаронед. Ибораҳои **Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шахсони муътабар, санъати меъморӣ, Абурайҳони Берунӣ**-ро дар тахтаи синф нависед. Ба хонандагон таъкид кунед, ки онҳоро хонанд ва тарзи навишти онҳоро дар хотир гиранд. Як дақиқа вақт диҳед. Сипас рӯйи навиштаҳои худро пӯшонед. Хонандагон аз рӯйи хотир ибораҳоро менависанд. Рӯйи навиштаҳои тахтаи синфро кушоед ва имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро бо тахтаи синф муқоиса карда, ғалатҳояшонро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷед ва дурустии кори онҳоро муайян кунед.
Диққати хонандагонро ба тарзи навишти-и (изофат) ва ӣ равона кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки монанди намунаҳои боло чанд мисол оварда, и ва ӣ-ро дуруст истифода кунанд.
Мисол, Лоиқ Шералӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ
Хонандагон дафтарҳои худро бо ҳам иваз намуда, ғалатҳои ҳамдигарро ёфта, ислоҳ мекунанд. Тарзи иҷрои ин фаъолиятро дар тахтаи синф низ машқ мекунанд. Ин фаъолятро қариб дар ҳамаи дарсҳо гузародан мумкин аст. Мақсади асосии ин фаъолият такмили малакаву маҳорати беғалатнависӣ буда, онро мунтазам иҷро кардан мумкин аст.
11) Доир ба калимаҳои муқобилмаъно суҳбат кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба калимаҳои "калон", "бузург," "нек" ва "хурсанд" калимаҳои муқобил маъно ёфта нависанд. Сипас бо ҷуфти калимаҳо аввал ибора, баъд ҷумла нависанд.
намуна: *хурсанд - ғамгин. Одами хурсанд - одами ғамгин.* Одами хурсанд механдад. Одами ғамгин гиря мекунад. Мазмуни ҷумлаҳоро муҳокима кунед.
12) Мувофиқи шароит ва имкон ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед монанди намунаи банди 11 ба хонандагон вазифа диҳед. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро мушаххас фаҳмонед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Мақсадҳои дарсро бори дигар муҳокима кунед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян сохта, барои ислоҳи онҳо дар дарсҳои минбаъд нақша кашед.

**Дарсҳои 15 - 16. Мубоҳиса (2 соат)**
**Барнома.** Маънои "Мубоҳиса". Дар куҷо мубоҳиса мекунанд? Қоидаҳои мубоҳиса. Идомаи машқи малакаҳои хондану навиштан ва гуфтану гӯш кардан. Тарзҳои гуногуни хондан. Кор бо луғат. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурданини табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Машқҳои имлоиву луғавӣ. Машқҳои ҷумласозӣ. Зебо ва тоза навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
калимаҳои «луғат»-ро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода карда тавонанд;
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Дар тахтаи синф калимаи «Мубоҳиса»-ро нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаро шарҳ диҳанд. Фикри хонандагонро гӯш кунед ва калимаро шарҳ диҳед. *Мубоҳиса – баҳс кардан, даъво кардан.*
*5)* Саволгузорӣ ба матн – пеш аз хондани матн:
Барои чӣ матн «мубоҳиса» ном дорад?
Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
6) **Хониши ботаваққуф:** Матнро то ҷумлаи 3 хонед. Ба хонандагон муроҷиат намоед:
*–Ба фикри шумо, чаро шоирон дар Ғазнӣ ҷамъ шуданд*? - фикри хонандагонро гӯш кунед, баъд давом диҳед. Ҷумлаҳои 4 - 5-ро хонда, боз ба хонандагон муроҷиат намоед:
*– Ба фикри шумо, шоирон дар бораи чӣ мубоҳиса карданд*? Фикри хонандагонро аввал гӯш кунед, баъд давом диҳед. Ҷумлаи 6 – 7-ро хонда, боз ба хонандагон муроҷиат намоед:
*– Мутаввавъӣ аз Фирдавсӣ чӣ пурсид? Ва Фирдавсӣ чӣ ҷавоб дод?*
Фикри хонандагонро гӯш дода, боз давом диҳед. Ҷумлаҳои 8 - 13-ро хонед. Боз ба хонандагон муроҷиат намоед:
*– Мутавваъии араб боз чӣ савол дод?*
Фикри хонандагонро гӯш карда, баъд давом диҳед. Ҷумлаҳои 14 - 17-ро хонда, боз ба хонандагон муроҷиат намоед:
*– Ба фикри шумо, Фирдавсӣ чӣ ҷавоб медиҳад?*
Фикри хонандагонро гӯш кунед ва ҷумлаҳои 18 - 22-ро хонда, аз хонандагон пурсед:
*– Гуфтаҳои Фирдавсӣ ба ду нафар тоҷикзабон нафорид. Барои чӣ?*
Фикри хонандагонро гӯш кунед ва ҷумлаҳои 18 - 22-ро хонда, аз хонандагон пурсед:
*–Чаро Фирдавсӣ дар ғазаб шуд? Ӯ чӣ гуфт?*
Фикри хонандагонро гӯш кунед ва матнро то охир хонед.
7) Бори дигар дар бораи мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
8) Кор бо луғат: Бо ёрии хонандагон аз матн калимаҳои ношинос ва мураккабро муайян кунед. Сипас бо хонандагон калима ва ибораҳои мушкилро таҳлил намоед:
*банда – ишора ба худ*
*даъво – ҷанҷол кардан, баҳс кардан*
*моиндар – модари угай, модарандар*
*инкор – рад кардан, нодуруст ҳисобадан*
*бадсиришт – бадфеъл, бадкор*
*бадгавҳар – бадасл, бадзот*
9) Нақли занҷирвор: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро мустақилона ва хомӯшона хонанд. Хонандаи якум нақли мазмуни матнро оғоз карда, дигарон ба анҷом мерасонанд. Ин корро дар гурӯҳҳои хурд низ иҷро кардан мумкин аст. Нақша:



10) Саволу ҷавоб
Дар симои Фирдавсӣ чӣ гуна одамон тасвир ёфтаанд?
Дар симои Абӯмузаффару Абдулмалик-чӣ?
Сабаби ба забони тоҷикӣ шеъргӯйии Фирдавсӣ чист?
Мутавваъӣ ба Фирдавсӣ чӣ савол дод?
Фирдавсӣ чӣ ҷавоб дод?
Фирдавсӣ бартарии забони форсиро дар чӣ мебинад?
Забони форсӣ (дарӣ) чӣ гуна забон аст?
Шумо, кадом забонҳоро медонед?
Кадом забон ба шумо маъқул аст? Барои чӣ?
11) Курсии сеҳрнок: Дар пеши дарсхона курсиро гузоред. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват карда, аз ӯ хоҳиш кунед, ки нақши Фирдавсиро бозида, ба саволҳои хонандагон ҷавоб диҳад.
Намуна:
Хонандаи 1: – Фирдавсӣ, барои чӣ шумо бо забони форсӣ шеър гуфтанро меписандед?
"Фирдавсӣ" ҷавоб медиҳад: – Барои он, ки ман форсзабон ҳастам.
(Боз якчанд савол дода мешавад. Хонандаи дар нақши Фирдавсибударо ба хонандаи дигар иваз кунед. Ӯ дар нақши Абӯмузаффар ба саволи хонандагон ҷавоб мегӯяд.
12) Имлои дунафарӣ: хонандаи якум мехонад, хонандаи дуюм менависад ва баръакс. Навиштаи якдигарро назорат карда, хатоҳояшонро ислоҳ мекунанд.

| СУТУНИ 1 | СУТУНИ 2 |
|---|---|
| Ёрӣ<br>Ҳушёр<br>Бисёр<br>Ёдгор<br>Сомониён<br>Миёна | Осиё<br>Дунё<br>Сиёҳ<br>Наёфт<br>Ёсуман<br>Ёвар |

13) Калимаҳои муқобилмаъноро мувофиқ гузошта нависед:
Наздик - - - - - ширин
Бузург - - - - - фарбеҳ
Донишманд - - - - пурхӯр
Далер - - - - - ҳимматбаланд
Бадсиришт - - - - сангдил
14) Кор бо саволнома
1. Калимаву таркибҳои сутуни чапу ростро тарзе мувофиқ гузоред, ки зарбулмасалҳо ҳосил шаванд.

| | |
|---|---|
| А) Меҳнат кунӣ | 1) шараф аст |
| Б) Меҳнат | 2) роҳат муяссар намешавад |
| В) Бе меҳнат | 3) роҳат мебинӣ |

2. Пайдарҳамии дурусти ҷумларо муайян кунед (дар дохили хонача рақам гузоред):

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

4. ба
5. пирамарде
2. баромад
3. дарави
1. гандум
15) Вазифа барои хона: Калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз карда нависед.
- Қосимҷон муаллимро **фиреб дод**.
- Комила дар иҷрои ҳалли мисол ба додараш **мадад расонд.**
- Муаллима Саминаро барои ба дарс даромадан **рухсат дод**.

- Беҳтарин ҷойи дамгирӣ канори **дарёст.**
- Салима духтари **шармгин** мебошад.

16) Ҷамъбасти дарс ва арзёбӣ. Ақидаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ақидаи мувофиқро интихоб намояд ё ақидаи навро пешниҳод кунанд. «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ»-ро чӣ тарз шарҳ медиҳед? – Ман аввал бояд забони худамро дуруст донам ва бо он ҳарф занам.

**Дарсҳои 17 - 18. Заҳҳок. Фиреби Аҳриман (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, китоби “Шоҳнома”, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо, сабти овозии “Шоҳномахонӣ” (аз рӯйи имкон) филми мустанади “Коваи оҳангар” (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

Ангезиши зеҳн: Калимаи «Шоҳнома»-ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон пурсед. Оё дар бораи «Шоҳнома» ягон маълумот доранд ё не. Фикри хонандагонро бишнавед ва дар бораи ҳаёту фаъолияти Абулқосими Фирдавсӣ ва китоби безаволи ӯ «Шоҳнома» мухтасар маълумот диҳед. Аз рӯйи имкон сабти овозии «Шоҳномахонӣ»-ро шунавонед ва суҳбат кунед.

*Абулқосими Фирдавсӣ дар асри X зиндагӣ кардааст. Асари ӯ «Шоҳнома» 60 ҳазор байтро дар бар гирифта, дар он таърихи чандинҳазорсола мардуми мо рӯйи коғаз оварда шудааст.*

*«Шоҳнома» дар бораи одамони далер, ҷасур, халқпарвар ва ватандӯстӣ ҳикоят мекунад. Фирдасӣ дар асараш подшоҳони беадолат, разил, худпарастро зери танқид гирифтааст. Заҳҳок яке аз қаҳрамони достони «Шоҳнома» мебошад.*

4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матнро мустақилона хонанд ва калимаҳои ношиносу мушкилро муайян карда, нависанд. Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед ва якҷоя таҳлил кунед.

*Фитнаангез – дасисагар, фиребгар, дурӯғгӯй*
*Сангдил – бераҳм*
*Савганд – қасам*
*Бадсиришт – бадфел, бадкор*
*Савгандзада – қасамзада*
*Сирр – роз*
*Ҷавони сабук – зудқаҳр*
*Ҷавони бодӣ – шахси ҳавобаланд*
*Шоиста – арзанда*
*Падид омад – намоён шуд*

Тарзи таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм: Ҷумларо бо овози баланд хонед: Аҳримани фитнаангез як пагоҳ ба назди Заҳҳок омад ва бо забони нарму овози форам ба ӯ гуфт: Аҳриман ин девест, ки худашро дар симои ҳама гуна махлуқоти рӯйи замин оварда метавонад ва мардумонро ранҷу озор медиҳад.

5) Симои матнро аз рӯйи нақша муайян кунед:




6) Сифатҳои Мардос ва Заҳҳок-ро аз рӯйи ҷадвал нависед ва муқоиса кунед.

| СИФАТҲОИ МАРДОС (ПАДАР) | СИФАТҲОИ ЗАҲҲОК (ПИСАР) |
|---|---|
| савховатманд<br>накӯкор<br>раҳмдил | сабук<br>ҳавобаланд<br>сангдил |

Аз рӯйи сифатҳои падар ва писар ҷумла нависед.

Намуна: Мардос шоҳи накукор буд. Шоҳ Мардос шахси саховатпеша буд. Заҳҳок ҷавони хеле сангдил буд.

7) Корҳои гурӯҳӣ. Хонандагонро дар гурӯҳҳои 4-5-нафарӣ муттаҳид кунед. Супориш диҳед, ки гуфтугӯйи Заҳҳоку Аҳриманро аз матн ёфта хонанд ва дар нақши онҳо бозӣ кунанд.

Ба назди гурӯҳҳо рафта, ёрӣ расонед. Пас аз он гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд.

8) Курсии сеҳрнок. Дар назди лавҳи синф курсиро гузоред. Хонандаеро даъват карда, аз ӯ хоҳиш кунед, ки ҳоло ӯ дар нақши Заҳҳок бозӣ карда, ба саволҳои хонандагон ҷавоб медиҳад.

Намуна: *Заҳҳок, барои чӣ шоҳ шудан хостӣ? Хонандаи дар курсинишаста: Ман мехоҳам, ки дар тамоми мамлакат ҳукумрон шавам*. Саволҳо аз матн гирифта мешавад.

Дуруст ё нодуруст: дуруст ё нодуруст будани ақидаро пас аз хондани матн муайян кунед.

| Ақида | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Аҳримани фитнаангез як пагоҳӣ ба назди Заҳҳок омад. | + | |
| Дар дили Заҳҳоки мансабпараст хоҳиши шоҳ шудан | | |

| | | |
|---|---|---|
| падид омад | | |
| Аҳриман ӯро тарсонд | | |
| Аҳриман шоҳ Мардосро кушт | | |

*Саволнома*

1. Ҷумларо пурра кунед.

1) Аҳримани фитнаангез - - - - - - - - - - - - - - - - - - - - - ба назди Заҳҳок омад.

А. як бегоҳ

Б. як шаб

В. як пагоҳ

Г. як рӯз

2) Ман ба ту як - - - - - - - - - - - - - - - мегӯям

А. хабар

Б. сирре

В. гап

Г. кор

3) Деви бадсиришт - - - - - - - - - - - - - - дар боғ чоҳе канд.

А. рӯзона

Б. нисфирӯзӣ

В. бегоҳӣ

Г. шабона

4) Ба кадом ҷумлаҳо мувофиқ будани калимаҳоро нишон диҳед.

| | |
|---|---|
| А) Телефони Соҷида……. | 1. Юнон |
| Б) Қадимтарин мамлакати ҷаҳон …. аст | 2. чаққон |
| В) Салима духтари ………… мебошад | 3. занг зад |
| Г) Беҳтарин ҷойи дамгирӣ канори ……. | 4. баҳр |

9) Вазифа барои хона. Хондани қисми дуюми матн «Фиреби Аҳриман» ва омода кардани нақли муфассал ва мухтарсари он.

**10) Ҷамъбасти дарс ва арзёбӣ**. Ақидаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ақидаи мувофиқро интихоб намоянд ё ақидаи навро пешниҳод кунанд:

А) Шумо ба ҷойи Заҳҳок мебудед, чӣ кор мекардед? - Ман ба гапи Аҳриман гӯш намедодам.

В) Шумо ба ҷойи Заҳҳок мебудед, чӣ кор мекардед? – Баъди падар тахти шоҳӣ насиби ман мешуд.

С) Шумо ба ҷойи Заҳҳок мебудед, чӣ кор мекардед? ……………………

**Дарсҳои 19 - 20. Хоб дидани Заҳҳок. Набарди Фаридун бо Заҳҳок (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– суханони муаллиф ва симоҳори матнро муайян карда тавонанд;
– суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ хонанд;
– мазмун (таъриф ё дурӯғ)-и суханони симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– мақсади асосии муаллифро муайян карда тавонанд;
– муносибати муаллифро ба мазмуни матн муайян карда тавонанд;
– тарзҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, филми мустанади "Коваи оҳангар"

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.
3) Арзёбии вазифаи хонагӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни қисмҳои 1 ва 2-юмро нақл кунанд. Нақли занҷирворро истифода баред.
3) Номи қисми сеюми матнро нависед ва муҳокима кунед. ("Хоб дидани Заҳҳок")
4) Аз хонандагон пурсед, ки ба фикри онҳо, Заҳҳок чӣ хоб мебинад. Фикри хонандагонро гӯш кунед ва онҳоро ба бодиққат гӯш кардани матн ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи хониши шуморо гӯш карда, мазмуни онро бо суханони худ муқоиса кунанд.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки пешгӯйии худро бо мазмуни матн муқоиса кунанд. Оё пешгӯйии онҳо ба мазмуни аслии матн мувофиқ омад ё не. Шарт нест, ки он мувофиқ бошад. Муҳимтарин нукта дар ин фаъолият ин инкишофи тафаккур ва нутқи хонандагон аст. Доир ба мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки номи қисми чорумро шарҳ диҳанд ва мазмуни онро пешгӯйӣ кунанд.
7) Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро занҷирвор хонанд. Пешакӣ қоидаҳои гӯш карданро бо онҳо муҳокима куунед. Хонандагон занҷирвор қисми боқимондаи матнро мехонанд. Пас аз хондан бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. (Нигаред ба саволҳои пас аз матни китоби дарсӣ).
8) Озмуни "Кӣ зудтар?" Пешакӣ аз матн рӯйхати калимаҳоеро, ки ҳарфҳои ӯ, ӣ, ъ доранд, тартиб диҳед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳоеро, ки ҳарфи ӯ, ӣ, ъ доранд, аз матн ёфта, дар дафтар нависанд. Ғолиб нафароне дониста мешаванд, ки аз ҳама бештар, зудтар ва беғалат ин калимаҳоро муайян карда навиштаанд.
9) Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки машқи дигарро бо ин калимаҳо иҷро кунанд. Мақсад аз гузарондани ин фаъолият ба хотир овардани калимаҳои ҳарфҳои ӯ, ӣ, ва ъ-дор мебошад.
Намуна:
1. Хонед ва нависед: чӯпон, кӯҳ, ӯ, тӯда. Боз кадом калимаҳо ҳарфи «ӯ" доранд? Нависед.
2. Хонед ва нависед: хоҳӣ, метавонӣ, хӯрдӣ. Боз кадом калимаҳо ҳарфи "ӣ" доранд? Нависед.
3. Хонед ва нависед: қалъа, маълум, ваъда. Боз кадом калимаҳо ҳарфи "ъ" доранд? Нависед.
Хонандагон навиштаҳои худро мехонанд. Кори хонандагонро арзёбӣ кунед.
10) Хонандагонро дар иҷрои супориш (банд)-ҳои 5 ва 6-ум роҳнамоӣ кунед.
11) Барои хона вазифа супоред. (Машқи 5). Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 21 - 22. Кори лоиҳавӣ (2 соат)**

**Барнома**. Гирдоварии расм, мақолаҳо, шеъру пандҳо дар бора ё аз эҷодиёти шахсни бузурги миллат. Гурӯҳбандии онҳо. Саҳифабандии варақаҳо. Номгузории китобча. Хондани китобча.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун (маҳфилҳои адабӣ, мағоза ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муоширает)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- дар кори гурӯҳ саҳм гузошта тавонанд;
- дар бораи шахсони бузург зарбулмасалу мақол, панд ва шеърҳоро гирд оварда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш

**Равиши дарс:**

1) Хонандагонро дар гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
2) Ба онҳо вараqи А4 ё ду саҳифаи дафтар диҳед.
3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. Масалан: “Бузургони миллат”
4) Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи фарзандони машҳури Тоҷикистон зарбулмасалу мақол, панд ва шеърҳои гирдовардаашонро гуфта, расму суратҳоро нишон диҳед.
5) Боварӣ ҳосил намоед, ки маводди гирдовардаи хонандагон такрор нашудаанд.
6) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи тартиб зарбулмасалу мақол, пандҳо ва шеърҳоро нависанд.
7) Сарвараqи онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
8) Варақҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
9) Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
10) Номи китобчаҳои хонандагонро муҳокима кунед.
11) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3“А”.
12) Саҳифаҳои китобчаро банавбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**Дарсҳои 23 - 24. Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон (2 соат)**

**Барнома.** Маънои “Қуваҳои мусаллаҳ” Вазифаи “Қувваҳои мусаллаҳ”. Мо ҳам ба Ватан хизмат мекунем. Идомаи машқи малакаҳои хондану навиштан ва гуфтану гӯш кардан. Тарзҳои гуногуни хондан. Кор бо луғат. Машқҳои имлоию луғавӣ. Машқҳои ҷумласозӣ. Навиштани табрикнома ва эълон. Пешояндҳо. Зебо ва тоза навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- калимаҳои «луғат»-ро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода карда тавонанд;
- табрикнома ва мактуб навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расму суратҳои ба мавзӯъ мувофиқ, наворҳои видеоӣ доир Артиши миллӣ (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Ибораи «Артиши Миллӣ»-ро дар тахтаи синф нависед ва бо ёрии хонандагон онро шарҳ диҳед. Дар бораи Артиши миллӣ саволу ҷавоб кунед.

Рӯзи Артиши Миллиро кай ҷашн мегирем?
Оё бародар ва падари шумо дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хизмат мекунад?
Артиши миллӣ барои чӣ лозим аст?

5) Матнро хонед. Сипас аз хонандгон хоҳиш кунед, ки матнро бори дигар мустақилона хонанд ва калимаҳои мушкилу нофаҳморо муайян кунанд.

Кор бо луғат:
*Мусаллаҳ* - *яроқдор; муҳофизгарон – ҳимоятгарон; осоишта – ором; мустаҳкам – бақувват.*

6) Таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм: Намуна «Мо ҷангро маҳкум месозем». - Мо фикр мекунем, ки калимаи «маҳкум» маънои зидди ҷангро мефаҳмонад, яъне «Мо зидди ҷангем» Калимаҳои боқимондаро ҳамин тавр шарҳ диҳед.
7) Корҳои гурӯҳӣ: ба хонандагон супориш диҳед, ки дар зарфи 15–20 дақиқа бахшида ба рӯзи 23 – феврал – рӯзи Артиши Миллӣ як газетаи девории хурдакак бароранд. Ба хонандагон дар таҳияи газетаи деворӣ кумак расонед. Ба назди гурӯҳҳо рафта, кори онҳо назорат кунед.
8) Гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд. Хонандагон бахшида ба ин ҷашн шеърҳоро қироат кунанд.
9) Таҳияи саволҳо (метавонед аз усули «Савол чӣ буд?» истифода баред).

Мардуми мо рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳро чӣ тавр ҷашн мегиранд?
Дар ин рӯз афсарону аскарон муҳофизони мо чӣ гуна либосҳо мепӯшанд?
Собиқадорони ҷанг бо кӣ вохӯриҳо мегузаронанд?
Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон чӣ мақсад доранд?
Барои чӣ мо ҷангро маҳкум месозем?

10) «Курсии сеҳрнок». Як хонанда дар курсӣ менишинад, дигарон ба ӯ савол медиҳанд. Ҳамин тавр 2-3 хонандаи дигарро пурсидан мумкин аст.
11) Ба хонандагон тарзи навиштани мактубро фаҳмонед. Бачаҳои азиз, ба бародару хешу табор, ки дар сафи Артиши миллӣ хизмат мекунанд, мактуб нависед. Хонандагон мисли дарҳои қаблӣ аз рӯйи нақша мактуб навиштанро машқ мекунанд.

| | |
|---|---|
| Мурочиат (ба кӣ?) | Ассалом, бародари азиз Комилҷон! |
| Мақсад | Инак, рӯзи ҷашни Артиши миллӣ наздик омада истодааст. Дар мактаб мо бо афсарон ва собиқадорони ҷанг вохӯрӣ гузаронидем. Онҳо аз ҳаёти гузаштаи худ ба мо нақлҳои хеле ҷолиб намуданд. Ман ҳам дар пеши худ мақсад гузоштам, ки вақте калон мешавам, мисли шумо барои муҳофизати Ватан – модар дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон хизмат мекунам. Акаҷон, шуморо бо ин ҷашн табрик гуфта, бароятон саломатӣ ва шуҷоатмандиро орзумандам. |
| Ҷамъбаст ва муаррифӣ | Бо эҳтиром, бародари шумо Камолҷон! |

11) Аз чанд хонанда хоҳиш кунед, ки мактубҳои навиштаашонро хонанд. Ба тарзи навишт а алоқаи ҷумлаҳо аҳаммият диҳед ва хатоҳоро ислоҳ намоед.
12) Ҷамъбаст ва арзёбӣ
Саволнома

1) Рӯзи Артиши миллиро кай ҷашн мегиранд?
А) 23 январ Б) 23 феврал В) 23 март
2) Давидани гӯсола то ………
А) хона Б) ҳавлӣ В) каҳдон
3) Аз гунҷишк ………… арзан макор!
А) гурезӣ Б) тарсӣ В) шитобӣ
4) Ба………… кор фармо, панд шунав.
А) танбал Б) қобил В) доно
13) Дуруст ё нодуруст. Дуруст ё нодуруст будани ҷумлаи поёнро пас аз хондани матн муайян кунед.

| Ҷумла | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 23-юми феврал Рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон аст | | |
| Дар ин рӯз афсарон ва аскарон либосҳои идона мепӯшанд | | |
| Собиқадорони ҷанг ба вохӯрию мулоқотҳо меравшанд. | | |
| Ҷумҳурии мо такягоҳи сулҳ ва ваҳдат дар руйи замин аст. | | |

14). **Вазифаи хонагӣ**: Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз карда нависанд.
Рустам аз ҷой ҷаҳид, гурзи **гаронро** бардошта, берун давид.
Фаридунро падараш ба як марди **порсо** барои тарбия супурд.
Борбад **ромишгар**и хубе буд ва шогирдони зиёд дошт.
Ба Соро сароидани ҳофиз **маъқул шуд.**
15) Ҷамъбасти дарс ва арзёбӣ.
Ҷумлаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки мувофиқашро интихоб намоянд ё ҷумлаи навро пешниҳод намояд.
А) Ту дар оянда дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат кардан мехоҳӣ? - Албатта, ман мехоҳам, ки либоси ҳарбиро ба бар кунам.
В) Ту дар оянда дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат кардан мехоҳӣ? – Бале, ман мехоҳам, ки Ватанамро муҳофизат кунам.
С) Ту дар оянда дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат кардан мехоҳӣ? - ………………

**Дарсҳои 25 - 26. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**
**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо нишон додани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд, барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда нигаред дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ

**Дарси 27. Имлои санҷишӣ (1 соат)**
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯъ навиштани имлои санҷишӣ
**Салоҳиятҳо:**
3.1.2. Ахбори шунидаи нисбатан мураккабро дар навъҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс:
- дар ҳаҷми 50 - 55 калима имлои санҷишӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмӯаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
Ниг. ба дарсҳои қаблии “Имлои санҷишӣ”.

**Дарсҳои 28 - 30. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (3 соат)**
**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.
Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо);
- хонадагоне, ки матн офарида наметавонанд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Бо ҳар гурӯҳ алоҳида кор баред.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ карда, вазифаҳои иловагӣ диҳед.

**Боби 7. Парандагон зебу зинати табиатанд (26 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Барф (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- суханони муаллиф ва симоҳори матнро муайян карда тавонанд;
- суханони муаллиф ва симоҳои матнро бо оҳанги мувофиқ хонанд;
- мақсади асосии муаллифро муайян карда тавонанд;
- муносибати муаллифро ба мазмуни матн муайян карда тавонанд;
- тарзҳои гуногуни навиштанро истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Номи матнро нависед ва дар бораи номи он муҳокима ташкил кунед.
5) Доир ба нишонаҳои баҳор суҳбат карда, усули «Синквейн»-ро ба хотир оред. Хонандагон дар бораи баҳор Синквейн менависанд.
Барф
Сафед, хунук
Меборад, медурахшад, меравад
Барфҳо об мешаванд.
Бахти сафед
5) Меъёрҳои наққардани маззмуни матнро бо хонандагон муҳокима кунед Хонандагон матни афсонаро мустақилона мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд. Метавонед аз усули «Нақли занҷирвор» истифода баред. Нақли хонандагонро аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ карда, ба онҳо маслиҳат диҳед.
6) Калимаҳои ношинос ва мураккабро муайян карда, ҳамроҳи хонандагон онҳоро шарҳ диҳед.
7) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз матн симо, макон ва замони баргузории воқеаро муайян кунанд.
8) **Нақшофарӣ.** Хонандагон дар нақши донакҳо бозӣ мекунанд. Ба хонандагон вақти муайян дода мешавад. Хонандагон корашонро муаррифӣ мекунанд.
9) Аз рӯйи нақша тартиб додани матни хурд.
НАҚША
Донакҳо дар куҷо мехобиданд?
Онҳо дар бораи чӣ баҳс карданд?
Омадани баҳорро аз куҷо фаҳмидан мумкин аст?
10) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
**11)** Барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба маскадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба мақсадҳои дарс ноил шуданро муайян кунед ва ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Баҳор (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро

истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Калимаи «Баҳор»-ро дар тахтаи синф нависед. (усули «Хӯша»).

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нишонаҳои фасли баҳорро номбар кунанд. Фикри хонандагонро дар атрофи давраи баҳор нависед. Доир ба нишонаҳои баҳор суҳбат карда, учули «Синквейн»-ро ба хотир оред. Хонандагон дар бораи баҳор синквейн менависанд.

Баҳор
Гулпӯш, нозанин
Мешукуфад, меборад, мепазанд
Баҳор фасли зеботарин аст.
Арӯси сол

5) Хонандагон матни афсонаро мустақилона мехонанд ва калимаҳои ношинос ва мураккабро муайян мекунанд.

6) Кор бо луғат. Таҳлили калимаҳои душвор. Ҷумларо бо овози баланд хонед: «Гулҳо шукуфта, бо бӯйи дилкаши худ табиатро муаттар месозанд.» Муаттар - бӯйи хуш. Яъне, бӯйи хуши гулҳо тамоми табиатро фаро мегирад.

7) Аз рӯйи нақша симо, макон ва замонро муайян мекунанд.

Хонандагон як маротиба матнро мехонанд. Муқоиса.

8) Кори гурӯҳӣ бо усули «Хӯша». Хонандагонро дар гурӯҳҳои 4-5-нафарӣ муттаҳид карда, хоҳиш кунед, ки матнро аз назар гузаронида, нуктаҳои муҳимми онро дар нақшаи зерин нишон диҳанд.




9) **Нақшофарӣ.** Хонандагон дар нақши Пиразан, Дарахт, Гунҷишк ва Баҳор бозӣ мекунанд. Ба хонандагон вақти муайян диҳед. Хонандагон корашонро муаррифӣ мекунанд.

10) Аз рӯйи нақша тартиб додани матни кӯтоҳ

НАҚША

Табиат дар баҳор.

Кор дар заминҳои обчакорӣ.

Боғ дар баҳор

*Моҳи март дар Тоҷикистон баҳор сар мешавад. Ҷӯйҳо аз оби равон пур мешаванд. Офтоб ба ҳама ҷо нур мепошад. Дар ҳама ҷо кишту кори баҳорӣ сар мешавад.*

*Баъдтар корҳои обчакорӣ ҳам сар мешавад. Аз гармхонаҳо помидор, карам, каду, боимҷон, бодиринг ва дигар сабзавотҳоро гирифта ба ҷӯякҳои пешакӣ тайёр кардашуда мешинонанд.*

*Дар боғҳо дарахтон гул карда, манзараи баҳорро зеботар мекунад. Насими форами баҳорӣ ба кас ҳаловат мебахшад.*

13) Супоришҳои тестӣ.

А) Ба ҷойи нуқтаҳо таркибҳои мувофиқро нависед.

1. Рӯзе Баҳори хурдакак _____________ баромад.

А) ба ҳавлӣ; Б) ба айвон; В) ба кӯча

2. Кампир аз рафтори Баҳор ………… гашт.

А) ғамгин; Б) шод; В) ҳайрон

3. Абрҳои ……………. парешон шуданд.

А) тира; Б) сиёҳ; В) сафед

4. Баҳор …………………ро калон кушод.

А) даҳон; Б) дастон; В) чашмон

5 Ба ҷумлаҳои сутуни якум аз сутуни дуюм калимаҳои мувофиқ интихоб намоед.

А). Шаби ороми деҳаро гиряи ……. халалдор кард. 1. қафасҳо;

Б). Модар суруди зиндагиро ……… мекард. 2. ҳайвонот;

В). Бачаҳо ба боғи ………… рафтанд. 3. замзама;

14) Вазифаи хонагӣ. Ба саволҳо ҷавоб нависед.

Духтарак чӣ ном дошт?

Духтарак ба куҷо баромад?

Ӯ ба кӣ ёрӣ дод?

Баҳор ба орзуҳояш мерасад?

15) Ҷамъбаст ва арзёбии дарс

Ҷумлаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намуда хоҳиш кунед, ки якеро интихоб намоянд ё ҷумлаи нав гӯянд.

А) Шумо ба ҷойи Баҳор мебудед, либосҳоятонро ба дигарон медодед? – Ман ба ҷойи Баҳор мебудам, либосамро медодам.
Б). Шумо ба ҷойи Баҳор мебудед, либосҳоятонро ба дигарон медодед? - Ман мебудам, либосамро намедодам, чунки худам хунук мехӯрдам.
В). Шумо ба ҷойи Баҳор мебудед, либосҳоятонро ба дигарон медодед? - …………………

**Дарсҳои 5 - 6. Дасти модар (2 соат)**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои шеърӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Фарқ карда хондани матнҳои манзум ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Риояи оҳанги хониш. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Муқоисаи хусусиятҳои матни шеърӣ ва насрӣ. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Сохтори матн. Оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матни шеърӣ ва маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
- фарқи тарзи хониши матнҳои шеърӣ ва маърифатиро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; шеър, панду ҳикмат ва мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бо хонандагон дар бораи модар суҳбат кунед.
5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед ва доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

*Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.*

*Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*

*Дар ҳар қисми шеър бо оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи матниқӣ)-ро ҷудо кунед (ин калимаҳои фикри асосиро ифода мекунанд).*

*Бо кадом оҳанг ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Ҳолати эмотсионалии муаллифро муайян кунед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*

***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани шеърҳо ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***

7) Матни «Модар ва фарзанд»-ро тибқи қоидаҳои хониши матнҳои маърифатӣ хонед. Хондани матнҳои маърифатӣ (ахборотӣ) нисбатан осон аст. Ҳангоми хониши ин гуна

матнҳо овоз пасту баланд, тезу оҳиста намешавад ва бо маром сурат мегирад, зеро дар он симоҳо иштирок намекунанд ва ҳолати эмотсионалӣ низ истифода намешавад.
***Таъкид! Дар дарсҳои минбаъда ҳангоми хондани матнҳои маърифатӣ ин қоидаҳоро ҳатман риоя намоед.***
8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро монанди шумо хонанд. Фарқи тарзи хондани шеър ва матни маърифатиро нишон диҳед.
Хонандагон бояд тарзи хондани шеър ва матни маърифатиро чанд маротиба машқ кунанд. Хондани онҳоро назорат баред ва ғалатҳоро ислоҳ кунед.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фарқи матни шеърӣ ва насриро муайян кунанд.
Хонандагон матнҳои “Дасти модар”шеъри М. Турсунзода ва матни “Модар ва Фарзанд”-ро муқоиса мекунанд. (Хонандагон бояд одитарин фарқиятҳои матни шеърӣ ва насриро нишон дода тавонанд).
10) Дар тахтаи синф ду даврае, ки ҳамдигарро мебуранд тасвир кунед.



Дар болои доираи якум “Дасти модар” ва дар болои доираи дуюм “Модар ва фарзанд” нависед.




Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки якҷоя муҳокима карда, ҷиҳатҳои монанди матнҳоро муайян кунанд. Монандиҳоро дар байни буриши доираҳо нависед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷиҳатҳои фарққунандаи матнҳоро муайян кунанд ва ин фаркро мувофиқи навъи матн ба дохили доираи зарурӣ нависанд.
Сипас маълумоти дохили доираҳоро таҳлил кунед. Хонандагонро ба муҳокима ҷалб кунед.
11) *Имло ва талаффуз*
а) Ба хонандагон тарзи талаффузи калимаҳои “ӣ, ӯ, ҳ”-дорро машқ кунед. Ин машқ бо усули “Имлои дунафарӣ” иҷро мешавад. Тартиби иҷрои машқ:
1. Хонандаи А калимаҳоро мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
2. Баъд аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз карда, имлои навиштаашонро санҷанд.
3. Барои боварӣ ҳосил кардан дафтари якчанд хонандаро санҷед.
б) Машқи тарзи талаффузи онҳоро ба роҳ монед.
в) Ба хонандагон гӯед, ки ин калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” кӯчонанд ва тарзи талаффузу навишти онҳоро дар хотир гиранд.
12) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмиданд.

13) Натиҷаҳои дарсро арзёбӣ кунед. Хонандагон дуруст ё нодуруст будани ақидаро муайян мекунанд. (шарҳ медиҳанд)

| Ҷумла | ДУРУСТ | НОДУРУСТ |
|---|---|---|
| Матни шеъриро монанди матнҳои насрӣ мехонем | | |
| Матни шеъриро монанди матнҳои насрӣ намехонем | | |

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ноилшавӣ ба мақсадҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 8. Модари ман (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи модар. Хониши ифоданоки шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавониста. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои модар. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд;
- дар бораи модари худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед

4) Бо хонандагон дар бораи модар суҳбат кунед.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед ва доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор кунед.

Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

*Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.*

*Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*
*Дар ҳар қисми шеър бо оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи матниқӣ)-ро ҷудо кунед (ин калимаҳои фикри асосиро ифода мекунанд).*
*Бо кадом оҳанг ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Ҳолати эмотсионалии муаллифро муайян кунед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*
7) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.
8) Имло ва талаффуз
а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ҳ-дорро дар дафтар нависанд.
б) Тарзи талаффузи онҳоро машқ кунанд.
в) Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари "Имло" кӯчонанд.
9) Машқи навиштани табрикнома ва эълон.
а) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бахшида ба рӯзи Модарон ҳамдигарро аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ табрик намоянд. Сохтор ва мазмуни табрикномаро бо онҳо муҳокима намоед.
**Намунаи сохтор ва мазмуни матни табрикнома**
**Мурочиат** (Модарҷони азиз!)
**Мақсад** (Шуморо бо фарорасии Рӯзи модарон табрик мегӯям. Ҳамеша сиҳҳату саломат бошед!)
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ** (Бо орзуҳои нек, Беҳрӯз)
б) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба баргузории ҷашни Меҳргон аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ эълон кунанд (нависанд). Аввал сохтор ва мазмуни эълонро бо онҳо муҳокима намоед.
**Намунаи сохтор ва мазмуни матни эълон**
**Мурочиат** (Эълон!, Диққат!)
**Замон ва макони баргузории чорабинӣ** (*Имрӯз,07. 03. 2017 соати* 13:00 *дар саҳни мактаб)*
**Мақсад** (*Бахшида ба рӯзи модарон намоиши калон баргузор мегардад.)*
**Ҷамъбаст ва муаррифӣ** (*Шитобед ба тамошо!*)
11) Вазифа барои хона: навиштани табрикнома ба хоҳар. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 9 - 10. Алла гӯяд модарам (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи модар. Хониши ифоданоки шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои модар. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд;
- дар бораи модари худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ба мазмуни матн мувофиқ; мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо, сабти овозии суруди "Алла" (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед

4) Дарси навро метавонед аз шунавонидани суруди "Алла" оғоз кунед. Сурудро метавонед тавассути компютер, планшет, смартфон ё телефон шунавонед. Аз хонандагон пурсед, ки ҳангоми шунидани суруд чӣ пеши назари онҳо омад.

5) Хонандагонро барои бодиққат гӯш кардан водор намоед. Матни шеърро як маротиба ифоданок хонед ва доир ба мазмуни шеър саволу ҷавоб ташкил кунед.

6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шеърро як маротиба хомӯшона хонда, ба хониши ифоданок тайёр шаванд. Баъд матнро бо овози баланд ифоданок хонанд. Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

Тавсия. *Қоидаҳои хондани шеърро риоя намоед.*

*Як маротиба шеърро (матнро) бодиққат мустақилона хонед. Кӯшиш кунед, ки дар бораи чӣ навиштани муаллифро ҳис кунед. Хаёлан тасаввур кунед.*

*Матнро бори дигар бо овози баланд хонед. Шеърро хаёлан ба қисмҳо ҷудо кунед.*

*Дар ҳар қисми шеър бо оҳанги махсус калимаи асосӣ (задаи матниқӣ)-ро ҷудо кунед (ин калимаҳои фикри асосиро ифода мекунанд).*

*Бо кадом оҳанг ҳар як қисми шеърро хонданӣ ҳастед. Ҳолати эмотсионалии муаллифро муайян кунед. Барои ин мисраъҳои шеърро чанд маротиба бо овози баланд хонед ва оҳангро интихоб кунед.*

9) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.

10) Имлои "Худамро месанҷам!" Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.

11) Имлои "Кӣ зуд менависад?": Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин муроҷиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад». Ин фаъолиятро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд. Синфро идора кунед, бикӯшед, ки хонандагон ғавғои зиёд накунанд. Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.

12) Хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро машқ мекунанд. Қаблан меъёрҳои нақли шифоҳиро муҳокима кунед. Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои гуфтаи онҳоро арзёбӣ кунед.

13) Барои хона метавонед чунин вазифа супоред: дарси имрӯзаро бо модари худ муҳокима кунед. Аз баён (дикта)-и модар чор мисраъ суруди "Алла"-ро нависед. Вобаста ба

қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Баҳо гузоред.

**Дарсҳои 11 - 12. Баҳор омад! (2 соат)**

**Барнома.** Қоидаҳои хондани матнҳои шеърӣ ва насрӣ. Машқи хондани матнҳо. Фарқ карда хондани матнҳои шеърӣ ва насрӣ. Машқи тарзи ифоданок хондан. Риояи оҳанги хониш. Ислоҳи ғалатҳо. Тарзи истифодаи луғати зери матн. Муқоисаи хусусиятҳои матни шеърӣ ва насрӣ. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Сохтори матн. Оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матн.

**Салоҳиятҳо:**

3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун (маҳфилҳои адабӣ, мағоза ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад.
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1.Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- матни маърифатиро равону бурро хонда тавонанд;
- тарзи хониши матни маърифатиро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи нақшҳо хонда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи ҳодисаҳои табиии фасли баҳор шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба фасли баҳор

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Диққати хонандагонро ба сарлавҳа ҷалб намуда, пурсед, ки барои чӣ дар сарлавҳа аломати хитоб омадааст. Сабаби аломати хитоб доштани сарлавҳаро муҳокима намуда, оҳанги хониши чанд ҷумлаи хитобиро машқ кунед.
5) Кор дар гурӯҳҳои хурд.
а) Аҳли синфро ба гурӯҳҳои чор-панҷнафарӣ муттаҳид кунед.
б) Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
в) Барои ҳар гурӯҳ вазифа супоред (пешакӣ вазифаҳоро дар варақаҳои таълимӣ навишта, назди гурӯҳҳо гузоред).

***Гурӯҳи № 1***

1. Қисми аввали матнро хонед. Ба саволи “Гармӣ аз куҷо меояд?” ҷавоб гардонед.
2. Монанди намунаи матн муколами хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

***Гурӯҳи № 2***

1. Қисми аввали матнро хонед. Ба саволи “Чаро борон мебоард?” ҷавоб гардонед.
2. Монанди намунаи матн муколами хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

***Гурӯҳи № 3***

1. Қисми аввали матнро хонед. Ба саволи “Гармӣ ба куҷо меравад?” ҷавоб гардонед.
2. Монанди намунаи матн муколами хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.

***Гурӯҳи № 4 (Хонандагони пешсаф)***
1. Матнро хонед. Монанди он дар бораи ягон ҳодисаи табиӣ маълумот диҳед.
2. Монанди намунаи матн муколами хурд тартиб дода, аз рӯйи нақшҳо хонед.
6) Барои гурӯҳҳо вақт диҳед. Назди онҳо рафта, ба онҳо ёрӣ расонед.
7) Муаррифӣ ва арзёбии кори гурӯҳҳо. Намояндагони гурӯҳҳо кори худро нишон медиҳанд.
8) Арзёбии кори гурӯҳҳо. Ҷиҳатҳои хуби кори хонандагонро таъриф кунед. Барои ислоҳи ҷиҳатҳои манфӣ тавсияҳо диҳед.
9) Аз аъзои гурӯҳ даъват намоед, ки кори гурӯҳи худро арзёбӣ кунанд.
10) *Имлои шунавоӣ*
Аз матни чанд ҷумла (хабарӣ, саволӣ, хитобӣ)-ро интихоб кунед. Мувофиқи мақсади гуфтор онҳоро баён кунед. Хонандагон менависанд. Пас аз навиштан аввал хонандагон дафтарҳои худро иваз карда кори ҳамдигарро месанҷанд ва ғалатҳоро муайян мекунанд. Дафтари хонандагонро санҷед ва дурустии кори онҳоро муайян намоед.
Сипас чанд ҷумлаи дигарро хонандагон бо овози баланд мехонанд. Дигарон менависанд ва аломати мувофиқ мегузоранд. Хонандагоне, ки ҷумлаҳоро мегӯянд, бояд ба оҳанги хониши ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва хитобӣ риоя намоянд.
11) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули “Робитаи мутақобила” гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
12) Вазифа барои хона: дар мавзӯи “Баҳори маҳаллаи мо” ҳикояи хурд нависед.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 13 - 14. Мо китоб менависем! (2 соат)**
**Барнома.** Тасвири манзараҳои баҳор. Рангу бор кардани расмҳо. Аз рӯйи мазмуни ҷумла тасвири расм. Ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳо ва сохтани китобча. Хондани китобча. Муҳокимаи мазмуни он.
**Салоҳиятҳо:**
3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.
3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муоширaт)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун-эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- доир ба фасли баҳор матни хурд тартиб дода тавонанд;
- кори худ ва гурӯҳро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар фаъолиятҳои гурӯҳи саҳм гузошта тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расмҳои манзараи баҳор; гулу себарга; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш
**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии мавзӯи гузашта буда, хонандагон манзараҳои фасли баҳорро тасвир карда аз рӯйи мазмуни он ҷумла ё ҷумлаҳои мазмунан алоқаманд менависанд.
1) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
2) Хонандагон мазмуни матнҳои ба баҳор бахшидаро ба хотир оварда хусусиятҳои баҳорро номбар мекунанд.
3) Кор дар гурӯҳчаҳои дунафарӣ
а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафарӣ кор кунанд.
б) Қоидаҳои корро муҳокима кунед.

2) Ба онҳо вараќи сафед ё дусаҳифаи дафтарро диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки қаламҳои ранга гиранд.
3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед: "Қадами неки баҳор"
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи баҳор як-ду ҷумла тартиб диҳанд.
5) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳояшонро гӯянд. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҷумлаҳои гурӯҳҳо навишта гуногунанд.
6) Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи ҷумла расм кашанд.
7) Расмро ранг кунанд ва ҷумлаи тартибдодаашонро дар поёни варақ нависанд.
8) Ҳангоми кор ба хонандагон ёрӣ расонед.
9) Ҳангоме ки ҳама корро ба анҷом расонданд, варақҳоро ҷамъ оварда, пайиҳам часпонед ва онро муқова кунед.
10) Номи китобчаро якҷоя бо хонандагон муҳокима кунед.
11) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: *Хонандагони синфи 3 "А"*.
12) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.
14) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо падару модар муҳокима намоед. Кори кардаи худро нишон диҳед ва дар бораи он нақл кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 15 - 18. Марҳабо, Наврӯзи Аҷам (4 соат)**
Барнома. Хондани матн доир ба Наврӯз. Таҳлилу баррасии матн. Луғат: *анъана, эронинажод, солшумории шамсӣ, солшумории мелодӣ, марбут, такмил ёфтан, эҳё гардидан, вобаста будан, байналмилалӣ, манша, пайдоиш, ҷашн, оин, тағйирнопазир, фарвардинмоҳ, ҳикоят, ривоят, бузург, муаззам, хулосабарорӣ кардан, густурда, таҳқиқот, маросим*.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- ба мақсади шиносоӣ ва интихоб кардани ахбори муайян калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи ҷашнгирии Наврӯз шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба фасли баҳор; сабти наворҳо аз таҷлили ҷашни Наврӯз (аз рӯйи имкон)
**Равиши дарс.** Дар ҷараёни дарси мазкур хонандагон матнҳои илмӣ-оммавӣ ва намунаи ривоятро мехонанд. Мазмуни матнҳоро баррасӣ ва таҳлил карда, дониши худро доир ба ҷашни байналхалқии Наврӯз ва таърихи пайдоиши он бой мегардонанд. Дар ҷараёни хондан хонандагон стратегияҳои гуногуни хонданро истифода мебаранд. Инчунин малакаи навиштанашонро тавассути навиштани хулоса ба матн машқ мекунанд.
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Ба хонандагон мавзӯъ ва мақсади дарсро фаҳмонед. Сипас дар тахтаи синф даврае кашед ва дар дохили он калимаи "Наврӯз"-ро нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи Наврӯз чӣ медонанд, гӯянд.

Намуна:




4) Пас аз нақшаро пур кардан ба хонандагон ташаккур гӯед. Аз хонандагон пурсед, ки оё мехоҳанд доир ба таърихи Наврӯз донанд? Пас чиро донистан мехоҳанд? Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хоҳишашонро ба таври савол пешниҳод кунанд. Намунаи саволҳо: *Кӣ Наврӯзро аввалин маротиба ҷашн гирифтааст? Мардум Наврӯзро дар қадим чӣ тавр ҷашн мегирифтанд?*

5) Чанд саволро дар тахтаи синф ё вараҷи калон нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки саволҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Матни "Марҳабо, Наврӯзи Аҷам"-ро ба хонандагон пешниҳод кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ба саволҳо ҷавоб ҷӯянд. Пас аз хондани матн бо ҳар саволи пешакӣ таҳиякардаи хонандагон муҳокима ташкил кунед.

6) Аввал аз хонанагон хоҳиш кунед, ки дар бораи хӯрокҳое, ки дар Наврӯз омода мешаванд, нақл кунанд. Оё дар Наврӯз хӯрокҳои махсус мепазанд? Онҳо чӣ ном доранд? Ақидаи хонандагонро гӯш карда, чанд номи хӯрокаро дар тахтаи синф нависед.

7) Сипас калимаҳои зеринро дар тахтаи синф ба таври омехта нависед: *сирпиёз, шакароб, шавла, суманак, мураббо, шакар, сабзӣ, манту, мош, ширбиринҷ, санбӯса, сабза, мурғбирён, шибит, шафтолу, себ, мурӯд, шарбат, моҳӣ,释armiҷон, сипанд.*

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафара кор карда, калимаҳоро мувофиқи ҷадвали зерин ба се гурӯҳ ҷудо кунанд.

| С | Ш | М |
|---|---|---|
| *сирпиёз* | *шакароб* | *мураббо* |

9) Ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва ғалати онҳоро ислоҳ кунед. Калимаҳоро якҷоя бо хонандагон маънидод кунед.

10) Доир ба анъанаи густурдани дастархони наврӯзӣ ба хонандагон суҳбат ороед.

11) Сипас ба хонандагон вазъияти мазкурро фаҳмонед: "Тасаввур кунед, ки як меҳмони хориҷӣ барои тамошои ҷашни Наврӯз омадааст. Ӯ ба назди дастархони наврӯзӣ меояд. Шумо ба ӯ анъанаи дастархони наврӯзиро фаҳмонед. Як хонандаро ҳамчун "меҳмони хориҷӣ" интихоб кунед. Ӯро ба назди лавҳаи дарсхона даъват карда, хоҳиш кунед, ки ба курсӣ нишинад. Аҳли синф бонавбат ба ин "меҳмони хориҷӣ" анъанаи дастархони наврӯзиро мефаҳмонанд. Бозии мазкурро бо се "меҳмони хориҷӣ" гузаронед.

12) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки як хӯрокро интихоб кунанд. Онро шарҳ диҳанд, ки ин хӯрокро чӣ тавр тайёр мекунанд. Аз чанд хонанда хоҳиш кунед, ки дар бораи хӯроки интихобкардаашон ба аҳли синф нақл кунанд.

13) Вазифа барои хона: Дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима намоед. Ҳамроҳ дар бораи тарзи оростани дастархони наврӯзӣ ҳикояи хурд нависед.

Намуна: Дар оилаи мо рӯзи Наврӯз дастархони идона мекушоянд. Дар рӯйи дастархон суманак...

Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

14) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

*Соатҳои сеюму чорум*

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Ба хонандагон мавзӯъ ва мақсади дарсро фаҳмонед.
4) Аввал аз хонандагон пурсед, ки ягон анъанаи наврӯзиро медонанд? Онро дидаанд ё иштирок кардаанд? Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нақл кунанд.
5) Сипас синфро ба шаш гурӯҳ тақсим кунед. Ба ҳар гурӯҳ як қисми матнро доир ба анъанаҳои наврӯзӣ супоред. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар гурӯҳ матнро хонанд, онро муҳокима кунанд ва ду нафарро барои ба аҳли синф муаррифӣ кардани ин анъана интихоб кунанд.
6) Ба назди хонандагон рафта, корашонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Калима, ибора ва ҷумлаҳои нофаҳмоеро ба онҳо фаҳмонед.
7) Гурӯҳҳо натиҷаи корашонро барои аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифӣ шумо ва аҳли синф ба гурӯҳи муррификунанда савол медиҳед.
8) Пас аз муаррифӣ матнҳои гурӯҳҳоро иваз кунед. Ин амалро чанд маротиба такроран иҷро кунед, то ҳамаи гурӯҳҳо қисмҳои матнро хонанд.
9) Дар охир доир ба анъанаҳо саволу ҷавоб ва муҳокимаи умумӣ ташкил кунед.
Намунаи матнҳо барои гурӯҳҳо.
10) Вазифа барои хона: монанди дарси имрӯза озмуни ҷумлаи дарозтарин ва беғалатро эълон кунед. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
12) Барои арзёбӣ ҷадвали зеринро истифода баред:

| | |
|---|---|
| **Номи ҷашн** | |
| **Асосгузори ин ҷашн** | |
| **Замони (фасли) баргузорӣ** | |
| **Рӯзи ҷашнгирӣ** | |
| **Макони ҷашнгирӣ** | |
| **Таърихи пайдоиш** | |
| **Киҳо ҷашн мегиранд?** | |
| **Таоми махсуси ҷашн** | |
| **Дастархони идонаро чӣ гуна оро медиҳанд?** | |
| **Суруди махсуси ҷашн** | |
| **Бозиҳое, ки дар ин ҷашн баргузор мегарданд, кадомҳоянд?** | |

**Дарсҳои 19 - 20. Бозиҳои варзишии наврӯзӣ (2 соат)**
**Барнома.** Бозиҳои варзишӣ. Бозиҳои варзишии наврӯзӣ. Таърихи пайдоиш, қоидаҳои бозӣ. Бозиҳои варзишии дӯстдошта. Аҳаммияти бозиҳои варзишӣ. Таблиғи тарзи ҳаёти солим. Тарзҳои гуногуни хондан. Кор бо луғат Саволу ҷавоб. Машқҳои имлоиву луғавӣ. Таҳияи "Фарҳанги хурд"-и бозиҳои варзишии наврӯзӣ. Шифоҳӣ дар бораи навъи варзиши дӯстдошта ҳикоя кардан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калон (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро ифоданок хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи бозиҳои варзишӣ шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба фасли баҳор; сабти наворҳо аз таҷлили ҷашни Наврӯз (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс** Машғулияти мазкур ба ду қисми калон ҷудо мешавад: (1) хондану муҳокимаи навъҳои варзиши анъанавии наврӯзӣ; (2) дар амал машқ кардани ин бозиҳо. Барои қисми аввал ду соат ва барои қисми дуюм ду соат ҷудо карда мешавад.

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Бозии «Бинго» гузаронед. Пешакӣ рӯйхати навъҳои варзишро тартиб диҳед (на кам аз 12 - 15)

Тарзи Бозии

5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақи алоҳида ҷадвали 3х3 кашанд. Нигаред ба намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

6) Сипас хонандагон он номи 9 навъи варзишро интихоб карда, дар ҷадвал ба монанди намунаи поён менависанд.

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

7) Варақаҳои тобдодаи дохили қуттиро як-як гирифта бо овози баланд хонед.
8) Агар калимаи хондаи шумо, дар ҷадвали хонандагон бошад, он гоҳ онро хат мезананд ё муҳра мегузоранд.

Хонандае, ки якумин шуда чор номро (аз поён ба боло ё аз чап ба рост) хат мезанад, «Бинго» мегӯяд. Ҷадвали «Бинго»-и ӯро бо рӯйхати худ муқоиса карда, бурд кардани хонандаро тасдиқ кунед.

9) Дар тахтаи синф як калимаро нависед. Масалан, “бандкашӣ” сипас аз хонандагон пурсед: Ин калима чӣ маъно дорад? Аз чанд қисм иборат аст? Бале, “банд” ва “кашӣ” (кашидан). Якҷоя як навъи бозии варзиширо мефаҳмонад. Яъне “бандкашӣ” кашидани банд.

10) Биёед, чанд калимаи ба ин монанд месозем. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф кашед ва маълумоти онро нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ машғул шуда, аз калимаҳои ҳар ду сутуни ҷадвал як калима созанд. Масалан, *аспдавонӣ.*

| | |
|---|---|
| асп, банд, чавгон, гуштин, тухм, хурусҷанг, кабк, чилик, даст, пиёда, арғамчин, тир, лаклак, банд | давонӣ, кашӣ, бозӣ, гирӣ, ҷанг, андозӣ, хобонӣ, парӣ |

11) Ҳангоми иҷрои вазифаи мазкур ба назди гурӯҳҳо рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед ва ёрӣ расонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои сохтаашонро ба аҳли синф хонанд. Агар ягон ғалат содир шуда бошад, якҷоя бо аҳли синф ислоҳ кунед.

12) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни “Бозиҳои варзишии наврӯзӣ”-ро аввал мустақилона хонанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ тақсим кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар асоси мазмуни матн луғатнома (фарҳанг) таҳия кунанд. Нигаред ба намуна:

***ГУШТӢ (ГӮШТИНГИРӢ)*** *навъи варзиш, ки иборат аз зӯрозмоии ду ҳариф барои ғалтонидани якдигар аст, куштӣ (гӯштӣ).*
13) Ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро мушоҳида кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Гурӯҳҳо бо навбат фарҳанги навиштаашонро ба аҳли синф муаррифӣ мекунанд. Кори хонандагонро арзёбӣ намоед.
14) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ низ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Дараҷаи ба мақсадҳо ноил шуданро муҳокима намуда, ба хонандагон баҳо гузоред.
**Арзёбӣ:**

| Номи бозӣ | Шарти бозӣ |
|---|---|
| Бандкашӣ | Бозии миллӣ аст. Дар ин бозӣ ду гурӯҳ иштирок мекунанд, ки шумораи иштирокчиёни ду тараф бояд баробар бошад. Довар хатти марраро муайян мекунад. Иштирокчиён аз ду тараф бандро мекашанд. Ҳамонро гурӯҳе ғолиб меояд, ки агар ҳарифонро аз хатти марра берун кунанд. |
| | |
| | |

**Дарсҳои 21 - 22. Наврӯзнома (2 соат)**
**Барнома.** Истифодаи донишу малака ва маҳорат дар амал. Баровардани газетаи деворӣ. Муҳокимаи бахшҳои он. Вазифаи ҳар бахш. Интихоб намудани матни мувофиқ ба ҳар бахш. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
сохтори матнро муайян карда тавонанд;
сохтори матнро шарҳ дода тавонанд;
аз рӯйи сохтор матн тартиб дода тавонанд;
ғалатҳоро дар навиштаҳои худ муайян сохта, ислоҳ карда тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба фасли баҳор; варақҳои калон, коғазу қаламҳои ранга
**Равиши дарс:** Ҳамгиро истифода бурдани салоҳиятҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки алоқамандии онҳоро бо ҳаёт муқоиса кунанд. Кори лоиҳавии хурд барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо усули мувофиқ аст.
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Пешакӣ мувофиқи миқдори гурӯҳҳои синф ватман (коғази ҳаҷман калон) омода кунед. Инчунин қалами ранга, ширеш, қайчӣ низ ба хонандагон лозим мешавад.
5) Хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд тақсим кунед. Ба онҳо қолаби газетаи девориро нишон дода, сохтори онро фаҳмонед.



Намунаи қолаби газетаи деворӣ:

6) Яъне дар газетаи деворӣ гурӯҳҳо як шеъри наврӯзиро интихоб мекунанд ва онро менависанд. Инчунин табрикномаи умумии наврӯзӣ таҳия мекунанд. Дар қисми поён орзуҳои наврӯзиашонро дар шакли мактуб менависанд ва дар қисми табрикномаҳо онҳо ба ҳамсинфонашон табрикнома менависанд. Расми наврӯзӣ мекашанд.

7) Ба гурӯҳҳо ватман, қалами ранга ва дигар воситаҳоро супоред. Аз онҳо хошиш кунед, ки аввал як шеър интихоб кунанд, табрикномаи наврӯзиро дар вараќи алоҳида таҳия кунанд, ҳар як намояндаи гурӯҳ мактуби орзуҳои наврӯзӣ менависад. Инчунин барои намояндагони гурӯҳаш табрикномаи наврӯзӣ таҳия мекунад. Сипас аз коғази алоҳида ду лифофа омода мекунанд ва онҳоро дар газетаи деворӣ мечаспонанд. Яке барои орзуҳои наврӯзӣ ва дар дигар табрикномаҳоро мегузоранд. Расми наврӯзиро интихоб мекунанд ва онро дар газетаи деворӣ мекашанд. Ба гурӯҳҳо барои омода кардани газетаи деворӣ вақти кофӣ диҳед.

8) Ба назди ҳар як гурӯҳ чанд маротиба рафта, корашонро назорат кунед ва ёрӣ расонед.

9) Хонандагон газетаи девориашонро оро медиҳанд, таҳрир мекунанд ва барои муаррифӣ омода мекунанд. (Дар хотир дошта бошед, ки расми кашидаи онҳо метавонад идеалӣ ҳам набошад. Инро ба онҳо фаҳмонед.)

10) Ҳар як гурӯҳ корашро бо навбат муаррифӣ мекунад (ба намоиш мегузорад ва шарҳ медиҳад).

11) Газетаҳои девории хонандагонро дар синф ҷой диҳед ва онҳоро қадр кунед.

12) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ низ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 23 - 24. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**

**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ

**Дарси 25. Имлои санҷишӣ (1 соат)**
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯъ навиштани имлои санҷишӣ
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд дар интиҳои дарс:

- дар ҳаҷми 55-60 калима имлои санҷишӣ навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
Ниг. ба дарсҳи қаблии “Имлои санҷишӣ”.

**Дарси 26. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (1 соат)**
**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.
Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред.Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғ.);
- хонадагоне, ки матн офарида наметавонанд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор барид.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ карда, вазифаҳои иловагӣ диҳед.

**Боби 8. Эҳтироми падару модар ва омӯзгор (38 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Дилсӯзӣ**
**Барнома.** Суҳбат аз рӯйи расм. Шарҳи “дилсӯзӣ”. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Навиштани ҳикоя аз рӯйи мазмуни расм. Арзёбии ҳикояҳои навишта. Хондани матн. Кор бо луғат. машқҳо имлоию луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;

– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– дар бораи дилсӯзӣ шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расм, панд ва зарбулмасалу мақолҳои ба мавзӯъ мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз рӯйи мазмуни расмҳо суҳбат ташкил кунед. Дар китоб расмҳо аз ҳаёти деҳот оварда шудаанд, ки шояд барои бачаҳои шаҳрӣ ношинос бошанд. Аз ин рӯ, омӯзгорони муасисаҳои шаҳр ва маркази ноҳияҳо метавонанд расмҳои ба ҳаёти шахр мувофиқро интихоб намуда, ба ҷойи расмҳои китоб истифода баранд. Шарт нест, ки дар расм ёрии фарзандон ба падару модарон тасвир шуда бошад. Расмҳо метавонанд гуногун бошанд: манзараи саёҳати падару модар бо фарзандон, китобхонии падару модар ба фарзанд ва ғайра. Мактаб - интернатҳои барои шахсони ятиму бепарастор метавонанд ин бобро сарфи назар намоянд ё ба ҳаёти кӯдакони муассисаҳои мазкур мувофиқ гардонда гузаранд.
5) Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда аз онҳо хоҳиш кунед, ки доир ба мазмуни расмҳо ҳикоя нависанд. Пас аз навиштан ҳикояҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
6) Калимаи «дилсӯзӣ»-ро дар тахтаи синф навишта, аз хонандагон пурсед, ки маънии ин калимаро чӣ гуна шарҳ медиҳанд? Фикрҳои баёнкардаи шогирдонро дар давраҳои атрофи «дилсӯзӣ» нависед. Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст карда калимаи «дилсӯзӣ»-ро шарҳ диҳед: калимаи дилсӯзӣ калимаи муракаб буда аз се қисм иборат аст «дил», «сӯз» ва пасванд –ӣ. Маънояш - раҳмхӯрӣ, ғамхорӣ.
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи дилсӯзии падару модари худ ҳикоя кунанд. Сипас хонандагонро ба хондани матни “Дилсӯзӣ” водор кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва дилсӯзии симоҳои матнро бо дилсӯзии падару модари худ муқоиса карда, умумият ва фарқи онҳоро ёбанд. Шарт нест, ки фикрҳои пешниҳодкардаи онҳо бо мазмуни матн мувофиқат кунад.
8) Доир ба мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб карда, хулосаҳои онҳоро бишнавед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон мавзӯъ ва фикри асоси матнро дарк кардаанд.
9) Хонандагнро дар иҷрои супоришҳои раҳнамоӣ кунед. Диққати асосиро ба оҳанги гуфтор равона созед.
10) Имлои “Худамро месанҷам!” Ниг. ба дарсҳои 15 - 16-уми боби I.
11) Мувофиқи шароит ва имконият аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи дилсӯзӣ (ба падару модар, хоҳару бародар, ҳамсолон, хурдсолон, ҷонварон, рустанӣ ва дарахтон) саҳначаҳои хурд омода кунанд.
11) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 3 - 4. Панди падар ва насиҳат ба фарзанд (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи насиҳатҳои падар. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Хониши ифоданоки шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои падар. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
- дар бораи падари худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, мақола, панд, шеъру ҳикояҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарашонро ба ду қисм тақсим кунанд ва ҳар қисмро номгузорӣ кунанд (агар дар синф хонандагони ятим бошанд, ҳангоми иҷрои ин фаъолият бисёр эҳтиёткор бошед). Намуна:

| Насиҳатҳои падари ман | Насиҳатҳои падари шоир |
|---|---|
| | |

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ чанд насиҳати падари худро ба хотир оварда, дар сутуни аввал нависанд. Баъзеҳо эҳтироми худро нисбат ба падар дар шахси сеюми ҷамъ ифода мекунанд. Бигзор ҳамин тавр нависанд.
6) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матни “Панди падар” (саҳ.259)-ро хонанд ва насиҳатҳои падари шоирро аз матн муайян ва ба наср баргардонда, нависанд.
Намуна:

| Насиҳатҳои падари ман | Насиҳатҳои падари шоир |
|---|---|
| Намуна: Падарам насиҳат мекунанд, ки дурӯғ нагӯй. Ба одамони калонсол салом деҳ. | Падари шоир мегӯяд, ки одамонро қадр кун, дасти одамонро бигир. |

7) Санҷанд, ки оё насиҳатҳои падари онҳо дар матн мавҷуд аст ё не? Шарт нест, ки онҳо якхела бошанд. Муҳим он аст, ки онҳо бо насиҳатҳои гуногун шинос шаванд.
Умумият ва фарқи насиҳати падаронро муҳокима намуда, хулоса бароранд.
8) Хонандагонро ба ифоданок хондани шеъри “Панди падар” ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд.
9) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
10) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
Муаллифи шеъри “Насиҳати модар” кист?
Падар ба Низом Қосим чиҳоро насиҳат кардааст?
11) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳои навро дар дафтари луғат нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.
12) Кор бо матни шеъри “Панди падар”. Матни шеърро барои хонандагон ифоданок хонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мустақилона худашон тарзи хондани шеърро машқ кунанд. Баъд хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки шеърро барои якдигар хонанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б гӯш мекунад ва баръакс.

13) Машқи шифоҳӣ: тартиб додани ҳикоя.
14) Аз рӯйи шароит ва имкон метавонед иҷрои машқҳоро ба роҳ монед.
15) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 5 - 6. Ҳурмати падару модар (2 соат)**

**Барнома.** Суҳбат дар бораи эҳтироми падару модар. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Мустақилона хондани матн. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониш. Нишон додани тарзи дурусти хониш. Такроран хондан. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозии бештарро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги гуфторро идора кардан.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
- дар бораи эҳтироми калонсолон шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, мақола, шеъру ҳикояҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо доир ба эҳтироми падару модар ва калонсолон

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарашонро ба ду қисм тақсим кунанд ва ҳар қисмро номгузорӣ кунанд (агар дар синф хонандагони ятим бошанд, ҳангоми иҷрои ин фаъолият бисёр эҳтиёткор бошед). Намуна:

| Ман падару модар ва калонсолонро чӣ хел эҳтиром мекунам? | Дар матн дар бораи эҳтироми падару модар ва калонсолон чӣ гуфта шудааст? |
|---|---|
| | |

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ чанд қоидаи эҳтироми падару модар ва калонсолонро ба хотир оварда, дар сутуни аввал нависанд. Баъзеҳо эҳтироми худро нисбат ба модар дар шахси сеюми ҷамъ ифода мекунанд. Бигзор ҳамин тавр нависанд.
6) **Кор бо матн**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни “Ҳурмати падару модар”-ро хонанд ва қоидаҳои эҳтиромро дар сутуни дуюм нависанд.
7) Санҷанд, ки оё қоидаҳои тартибдодаи онҳо дар матн мавҷуд аст ё не? Шарт нест, ки онҳо якхела бошанд.

8) **Муҳокимаи умумӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки чор насиҳатеро, ки хонданд барои аҳли синф шарҳ диҳанд.
9) Як маротибаи дигар барои хонандагон аз матни “Ҳурмати падару модар” насиҳатҳоро хонда пурра шарҳ диҳед.
**10) Имлои дунафарӣ**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки панди зайлро аз саҳифаи 266-и китоби забони модарӣ ёбанд ва аз баёни ҳамдигар матн нависанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хизматаш ба ҷон бош.
Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дафтарҳои ҳамдигарро иваз намуда, онҳоро хонанд ва барои ҳамдигар тавсияҳо диҳанд.
**12) Арзёбӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки аз чор насиҳате, ки онҳо дар ин дарс хонданд, кадомаш ба онҳо писанд омад ва барои чӣ? Фикрашонро нависанд.
Аз якчанд хонандагон хоҳиш намоед, ки фикрҳои навиштаашонро барои аҳли синф хонанд.
**13) Вазифаи хонагӣ:** дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо қоидаҳои гуфтору рафтор бо калонсолонро тартиб диҳед.

**Дарсҳои 7 - 8. Куҷо рафтӣ, Анварҷон? (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Хониши ифоданоки шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои падар. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ (Муколама). Зебо, тоза ва беғалатнависӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурданини табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд
- ибора, ҷумла ва матни хурд (муколама) навишта тавонанд.
- дар бораи падари худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Падар, модар, хоҳару бародар аз шумо чизеро мепурсанд? Чӣ мепурсанд? Чӣ тарз мепурсанд? Бок адом оҳанг мепурсанд?
Ҷавобҳои хонандагонро бишнавед ва диққати онҳоро ба оҳанги ҷумлаҳои саволӣ равона кунед.
5) Хонандагон аз рӯйи савол ва супоришҳои 1-3-юми саҳ 268-и китоби дарсӣ кор мекунанд.
6) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни «Куҷо рафтӣ Анварҷон?»-ро дунафарӣ аввал хомӯшона, баъд аз рӯйи нақшҳо хонанд. Чанд дунафарӣ матнро аз рӯйи нақшҳо мехонанд. Ба оҳанги хониши симоҳои матн диққат диҳед. Дар мавриди зарурӣ ба онҳо ёрӣ расонед.
7) Пас аз нақшофарӣ доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.
Намуна:
*Симоҳои матн киҳоянд?*
*Модар аз Анварҷон чӣ мепурсад?*
*Анварҷон чӣ ҷавоб медиҳад?*
*Модар боз чӣ мепурсад?*
*Дар матн суханҳои кӣ бисёртар аст? Чаро?*
*Оё Анварҷон ба корҳои хона ёрӣ мерасонад? Чӣ тавр?*
8) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки аз шаш мисраи аввал дар сутуни якум ҷумлаҳои саволӣ ва дар сутуни дуюм ҷумлаҳои хабариро нависанд. Тарзи иҷрои фаъолияти хонандагонро назорат ва арзёбӣ кунед.
9) Пешакӣ рӯйхати вазъиятҳоро тартиб диҳед ва дар варақаҳои таълимӣ нависед. Аз хонандагон пурсед, ки дар куҷо мо саволу ҷавоб мекунем (дар дарс, дар хона, дар бозор, дар мағоза,…). Баъди суҳбат ба ҳар дунафарӣ варақаҳои таълимиро бо вазъиятҳо диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар мавзӯи додашуда, муколама тартиб диҳанд. Одоби гуфтору рафторро низ фаромӯш накунанд.
Намуна:
*«Дар китобхона»*
- *Ассалом.*
- *Ва алайкум ассалом.*
- *Ман метавонам, ки узви китобхонаи шумо бошам?*
- *Ному насабатон чист?*
- *Ман, Фаррухзода Анис.*
- *Шумо дар синфи чандум мехонед?*
- *Ман дар синфи сеюм мехонам.*
- *Шумо кадом китобро гирифтан мехоҳед?*
- *Китоби ҳикояҳоро?*

10) Ҷараёни кори хонандагонро назорат намуда, дар маридҳои зарурӣ ёрӣ расонед.
Хонандагон муколамаҳои худро нақшофарӣ мекунанд. Нақшофарии онҳоро арзёбӣ намуда, дар бораи истифодаи ҷумлаҳои саволӣ ва аломати вергул хулоса бароред.
11) Тарзи тартиб додани муколамаро ба хотир оварда, аз чанд дунафарӣ хоҳиш кунед, ки аз рӯйи нақш хонанд.
12) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули “Робитаи мутақобила” гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.
13) Вазифа барои хона: тартиб додани муколамаи хурд
14) Дарсро ҷамъбаст намуда, ба мақсадҳо ноил шудани хонандагонро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда бароиислоҳи он кор баред.

**Дарсҳои 9 - 10. Насиҳати модар (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат дар бораи модар. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Хониши ифоданоки шеър. Калимаҳои душвори матнро, ки ҳамчун луғат

омадаанд, шарҳ дода, бо онҳо ҷумла тартиб додан. Хониши хомӯшонаи матн ва омодагӣ ба хониши ифоданок. Хониши ифоданоки матн аз тарафи хонандагон. Арзёбии хониши ифоданок. Нишон додани тарзи дурусти хониши ифоданок. Такроран хондан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Аз матн ҷудо кардан ва навиштани калима ва ибораҳои ифодакунандаи сифатҳои модар. Имлои калимаҳои душвор. Машқҳои гуногуни имлоӣ, луғавӣ ва ибораю ҷумласозӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
– ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд;
– дар бораи модари худ шифоҳӣ ҳикоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахоҳи ба мазмуни дарс мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарашонро ба ду қисм тақсим кунанд ва ҳар қисмро номгузорӣ кунанд (агар дар синф хонандагони ятим бошанд, ҳангоми иҷрои ин фаъолият бисёр эҳтиёткор бошед).

Намуна:

| Насиҳатҳои модари ман | Насиҳатҳои модари шоир |
|---|---|
| | |

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ чанд насиҳати модари худро ба хотир оварда, дар сутуни аввал нависанд. Баъзеҳо эҳтироми худро нисбат ба модар дар шахси сеюми ҷамъ ифода мекунанд. Бигзор, ҳамин тавр нависанд.
6) Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матни "Насиҳати модар"-ро хонанд ва насиҳатҳои модари шоирро аз матн муайян карда, ба наср баргардонда, нависанд.

Намуна:

| Насиҳатҳои модари ман | Насиҳатҳои модари шоир |
|---|---|
| Намуна: Модарам насиҳат мекунанд, ки дурӯғ нагӯй. Ба одамони калонсол салом деҳ. | Модарам мегуфт, ки бо паҳлӯйи рост хоб кун.<br>Нонро бо дасти рост гир. Аввал остини ростатро пӯш. |

7) Санҷанд, ки оё насиҳатҳои модари онҳо дар матн мавҷуд аст ё не? Шарт нест, ки онҳо якхела бошанд. Муҳим он аст, ки онҳо бо насиҳатҳои гуногун шинос шаванд.
Умумият ва фарқи насиҳати модаронро муҳокима намуда, хулоса бароред.
8) Хонандагонро ба ифоданок хондани шеъри "Насиҳати модар" ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда, аввал хомӯшона, баъд бо

овози баланд хонанд ва чӣ гуна мазмун доштани онро муайян кунанд (хурсандӣ ё маъюсӣ). Барои чӣ?
9) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор кунед.

10) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

- Муаллифи шеъри "Насиҳати модар" кист?
- Модараш ба Лоиқ Шералӣ чиҳоро насиҳат кардааст?
- Ин насиҳатҳоро кай барои ӯ мекардааст?
- Лоиқ, баъд аз насиҳатҳои модараш чиро фаҳмидааст?
- Мақсади бо дасти рост иҷро кардани шеърҳо чӣ будааст?
- Модарони шумо ҳам чунин насиҳатҳоро барои шумо мекунанд? Чӣ насиҳат мекунанд?

11) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки калимаҳоро дар дафтари луғат нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.
12) Кор бо матни шеъри "Насиҳати модар". Матни шеърро барои хонандагон ифоданок хонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мустақилона худашон тарзи хондани шеърро машқ кунанд. Баъд хонандагонро дар гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки шеърро барои якдигар хонанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б гӯш мекунад ва баръакс.
13) Машқи шифоҳӣ тартиб додани ҳикоя. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи насиҳатҳои модари худ шифоҳӣ ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро арзёбӣ намуда, барои ислоҳи ғалатҳо тавсияҳои мушаххас диҳед.
14) Аз рӯйи шароит ва имкон метавонед машқи хондани саволу ҷавобро ба роҳ монед.
15) Ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳед. Шумо метавонед вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун вазифаҳои инфиродӣ супоред. Тарзи иҷрои машқи шашумро низ фаҳмонед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
16) Дарсро ҷамъбаст кунед. Мақсадҳои дарсро ба хотир оред. Ба хонандагон баҳо гузоред.

**Дарсҳои 11 - 12. Агар майли парвоз дорӣ (2 соат)**
**Барнома.** Суҳбат аз рӯйи расм. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Тарзу усулҳои гуногуни хондан. Кор бо луғат. Машқҳои имлоию луғавӣ ва ҷумласозӣ. Зебо, тоза ва беғалат навиштан.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба кайҳон ва киштиҳои кайҳонӣ; мақола, чистон ва ҳикояҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо доир ба фатҳи коинот
**Равиши дарс**
1) Муаррифии мақсадҳои таълим.

2) Кор бо ҷадвали МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам»). Усули МДД усули ҷустуҷӯйӣ-тадқиқотӣ буда, барои фаъолона ҳал кардани масъалаи нав ёрӣ мерасонад. Тартиби гузарониданаш чунин аст:
Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
Ба хонандагон саволҳо дода, сутуни аввалро пур мекунем. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд. Ҳамин тариқ, сутуни дуюм низ пур карда мешавад.
Пас аз хондани матни пешниҳодшуда ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
Сипас муайян месозем, ки то кадом андоза навиштаҳои сутуни аввал ба дониши мавҷудаи хонандагон мувофиқанд.
3) Ба хонандагон муроҷиат карда гӯед, ки шумо дар бораи кайҳоннавардон чиҳоро медонед? Ҷавоби тахминии хонандагон чунин буда метавонад ва онро шумо дар сутуни якуми ҷадвал қайд мекунед (*Нигаред ба сутуни 1).* Сипас кор бо сутуни дуюм оғоз мешавад. Ба хонандагон чунин савол диҳед: Шумо дар бораи кайҳоннавардон ва кайҳоннавард шудан чиро донистан мехоҳед? Ҷавобҳои тахминии хонандагон чунин буда тавонанд *(Нигаред ба сутуни 2)*. Ҷавобҳои хонандагонро қайд намуда, ба онҳо супориш диҳед, ки матни «Агар майли парвоз дорӣ, …»-ро аз саҳифаи 273 ёбанд, онро мустақилона хонанд ва сутуни сеюми ҷадвалро пур кунанд. Фикру ақидаҳои хонандагонро дар сутуни сеюми ҷадвал қайд кунед.

| ***Медонам*** | ***Донистан мехоҳам*** | ***Донистам*** |
|---|---|---|
| - 12-уми апрел рӯзи кайҳоннавардон аст.<br>Юрий Гагарин аввалин кайҳоннавард аст.<br>Ӯ ҳамагӣ якуним соат парвоз кард.<br>- Дар васфи Гагарин шеър медонем. | Кайҳон чӣ маъно дорад?<br>- Роҳи кайҳон чӣ гуна аст?<br>- Барои ба кайҳон парвоз кардан чӣ кор кардан лозим аст?<br>- Ба кайҳон барои чӣ парвоз мекунанд? | Одамон дар сайёраи Замин зиндагӣ мекунанд.<br>Аз қаъри Замин нафту газ, тилою нуқра ва сарватҳои фоиданокро мегиранд.<br>- Одамон ба кайҳон парвоз карда сирри онро омӯхтан мехоҳанд.<br>- Кайҳон маънои тартибот ва зебогиро дорад.<br>- Нахустин одаме, ки замини моро аз кайҳон дидааст Юрий Гагарин мебошад.<br>- Ин воқеа 12 -уми апрели соли 1961 ба амал омадаст. Ӯ ҳамагӣ якуним соат парвоз кардааст.<br>- Ҳоло кайҳоннавардон моҳҳои дароз парвоз мекунанд. Дар қароргоҳҳои кайҳонӣ кор мекунанд.<br>- Ҳама кайҳоннавардон мисли Ю. Гагарин устоди касби худ мебошанд.<br>- Пеш аз парвоз аз назди духтурони дақиқкор мегузарӣ.<br>- Барои кайҳоннавард шудан бояд аз ҳама илмҳо бохабар бошӣ. |

**Саволу ҷавоб**: барои он, ки боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи хонандагони синфи шумо мазмуни матнро дарк кардаанд, саволу ҷавоб ташкил намоед. Аз саволҳои зерин истифода баред:
Замин аз дигар сайёраҳо бо чӣ хусусияташ фарқ мекунад?
Кайҳон чист ва кайҳоннавард кист?
Барои кайҳоннавард шудан чӣ кор кардан лозим?
Кадоме аз шумо майли кайҳоннавард шудан доред? Барои чӣ?
Нахустин кайҳоннавард кӣ буд?
Роҳи кайҳон барои киҳо кушода аст?
Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, ташаккур гӯед ва хулосаҳои худ оид ба ҷавобҳои хонандагонро баён кунед.
**Имлои дунафарӣ**. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз банди дуюми матни "Агар майли парвоз дорӣ" истифода карда, имло нависанд. Хонандаи А баён мекунад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
**Кори хонандагонро назорат баред**. Сипас аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз намуда, хонанд ва ба ғалатҳои ҳамдигар тавсияҳо диҳанд. Тавсияҳои якчанд гурӯҳи дунафариро гӯш кунед.
**Кори мустақилона**: ба хонандагон супориш диҳед, ки ҳаммаънои калимаҳои **кайҳон, зебо, пурситора, кайҳоннавард, нахустин, солим, устод, хавф**ро аз китоби забони модарӣ ёбанд ва нависанд.
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро бо ҳамдигар иваз карда, бо шарҳи худ муқоиса кунанд. Шарҳи якчанд хонандаро гӯш карда барои ҷиҳатҳои такмилталаб илова кунед.
**Кори дунафарӣ**: хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Ба онҳо супориш диҳед, ки матни "Парвоз ба моҳ"-ро хонанд. Бо усули "Ман мехонам ту гӯш кун" хонанд. Хонандаи А мехонад, хонанда Б гӯш мекунад ва баръакс. Барои хонандагон вақт диҳед.
**Саволу ҷавоб:** оид ба мазмуни матни хондаашон саволу ҷавоб ташкил кунед. Аз саволҳои зерин истифода кунед:
Баъди чанд соли парвози Ю. Гагарин кайҳоннавардони амрикоӣ ба рӯйи Моҳ қадам ниҳоданд?
Кайҳоннавардон ба кадом мақсад ба моҳ баромаданд?
**Кори мустақилона**: ба хонандагон супориш диҳед, ки банди охири матни "Парвоз ба моҳ" – ро нависанд ва аз ёд кунанд.
Кори хонандагонро назорат бурда якчанд дафтари беҳтарин ва хатти беҳтаринро барои аҳли синф намоиш диҳед. Аз якчанд хонанда, банди охири матнро аз ёд пурсед.
**Арзёбӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаи зеринро пурра намоянд: **Дар дили ман шавқи кайҳннавард шудан пайдо шуд, барои он ки…**
**Вазифаи хонагӣ:** дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Аз онҳо пурсед, ки дар бораи кайҳон ва кайҳоннавардон боз чиҳоро медонанд барои шумо нақл кунанд.

**Дарсҳои 13 - 14. Ҳикоянависиро машқ мекунем. Тасвири инсон (2 соат)**
**Барнома.** Матни ҳикоя. Хондан ва муайян кардани сохтори матн. Оғози ҳикоя. Қисми асоси ҳикоя. Симо (ҳо)-и ҳикоя. Тасвири симоҳо. Хондан ва муайян сохтани ғалатҳо. Ислоҳи ғалатҳо. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳои хонанда:**
3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- сохтори матнро муайян карда тавонанд;
- сохтори матнро шарҳ дода тавонанд;
- аз рӯйи сохтор матн тартиб дода тавонанд;

– ғалатҳоро дар навиштаҳои худ муайян сохта, ислоҳ карда тавонанд.

**Равиши дарс**

**1) Ташкили дарс.**

**2) Муҳокимаи мақсадҳои дарс**

**3)** Номи аъзои баданро дар тахтаи синф нависед. Масалан, *рӯй, даҳон, чашм, мижгон, абрӯ, бинӣ, гӯш, мӯй.* Тарзи хондан ва маънии калимаҳоро бо хонандагон машқ кунед. Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафарӣ тақсим кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар гурӯҳ кор карда аломат ё сифати ҳар як аъзои бадан (ё қисми он)-ро ёфта ибора нависанд. Онро дар ҷадвал нишон диҳанд:

Намуна:

| ***Аъзои бадан*** | ***Сифат (чӣ хел? чӣ гуна?)*** |
|---|---|
| *Қад* | |
| *Рӯй* | |
| *Чашм* | |
| *Абрӯ* | |
| *Бинӣ* | |
| *Мӯй* | |

4) Барои иҷрои вазифа ба гурӯҳҳо вақт диҳед. Ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.

5) Аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки ҷадвали таҳиякардаашонро ба аҳли синф муаррифӣ кунанд. Сипас якҷоя бо аҳли синф як ҷадвали умумие, ки дар он ба ҳар як аъзои бадан чанд сифат оварда шудааст, таҳия кунед.

6) Расми ду шахсро (духтар ва писарро) ба хонандагон намоиш диҳед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба таври шифоҳӣ симои зоҳирии онҳоро тасвир кунанд. Масалан, Қади п*исарак баланд аст. Мӯйҳои писар кӯтоҳ ва сиёҳанд. Муйҳои духтарак дарози сиёҳ мебошанд.* Намунаҳоро ба хонандагон хонед ва тарзи ҷумлабандиро ба онҳо фаҳмонед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мустақилона расми писарак ва духтаракро шарҳ диҳанд. Ин машқро аввал шифоҳӣ гузаронед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки се-чор ҷумла нависанд. Ҷумлаи навиштаи хонандагонро санҷед ва ба онҳо барои такмил ёфтани ҷумлаҳо ёрӣ расонед.

7) Бозии “Кист он?”. Як хонандаро ба назди тахтаи синф даъват кунед. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки як ҳамсинфашро дар хотир гирад. Хонандагони дигар мепурсанд, ӯ ҷавоб мегардонад ва хонандагон хонандаи дар хотир гирифтаро муайян мекунанд. Намунаи саволу ҷавоб:

*Ин духтар аст ё писар?*

*Духтар.*

*Мӯйи сараш дароз аст?*

*Не.*

*Мӯйи сараш кӯтоҳ аст?*

*Бале.*

*Рӯйи ин духтар дароз аст ё гирд?*

*Рӯяш гирд аст.*

*Ранги чашмонаш чӣ гуна аст?*

*Кабуд.*

*Ин Замира аст?*

*Бале.*

Хонандае, ки аввалин шуда меёбад, ҷойи хонандаи дар назди тахтаи синфбударо иваз мекунад. Ин бозиро чанд маротиба гузаронед. Хонандагонро ба савол додан водор кунед.

*Бозии “*Соҳиби мактубро ёбед!” Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки як пора коғаз гиранд ва дар бораи симои зоҳирии худ нависанд. Ба назди хонандагон рафта ба онҳо ёрӣ расонед. Сипас матнҳои навиштаи хонандагонро ҷамъ оварда, омехта кунед ва ба хонандагон

тақсим кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки хонандагон матни шахси дигарро гиранд. Сипас матнро мехонанд ва дар асоси тасвир шахси нависандаи ин матнро муайян мекунанд.

**Дарсҳои 15 - 16. Фарзанд бошад, чӣ сон бошад? (2 соат)**

**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Тартиб додани рӯйхати одоби фарзандон. Хондани матн. Кор бо луғат. Муайян кардани одоби фарзандон аз рӯйи мазмуни матн. Муқоисаи рӯйхати худ ва матн. Хулосабарорӣ. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Имлоҳои гуногуни таълимӣ: луғат, босуръатнависӣ, эҷодӣ. Зебо ва тозанависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро ифоданок хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- доир ба одоби фарзандон шифоҳӣ ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед

4) Диққати хонандагонро ба сарлавҳа ҷалб намуда, пурсед, ки барои чӣ дар сарлавҳа аломати савол омадааст. Сабаби аломати савол доштани сарлавҳаро муҳокима намуда, оҳанги хониши чанд ҷумлаи саволиро машқ кунед.

5) Хонандагонро ба ифоданок хондани шеъри “Фарзанд бошад, чӣ сон бошад?” ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда аввал, хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд.

6) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.

7) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.

8) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.

9) Имло ва талаффуз

а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ҳ-дорро дар дафтар нависанд.

б) Тарзи талаффузи онҳоро машқ кунанд.

в) Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари “Имло” кӯчонанд.

10) **Имлои “Кӣ зуд менависад?”** Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин муроҷиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад». Ин фаъолиятро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас

аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд. Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.
11) Хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро машқ мекунанд. Қаблан меъёрҳои нақли шифоҳиро муҳокима кунед. Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои гуфтаи онҳоро арзёбӣ кунед.
12) Барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.

**Дарсҳои 17 - 18. Пули ҳалол (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, замимаи китоби дарсӣ; расми маркази савдо ё бозор; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Шумо метавонед аз рӯйи нақшаи намунавии зер истифода баред.

**1)** Ташкили дарс.
**2)** Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Муҳокимаи мақсадҳо бо хонандагон
**4)** Номи матнро нависед ва аз хонандагон пурсед, ки чӣ хел пулро ҳалол мегӯянд. Фикри шогирдонро бишнавед ва илова кунед, ки магар пули ҳаром ҳам мешавад. Чӣ хел пулро ҳаром мегӯянд? Пас аз аз шунидани андешаи хонандагон бо луғат (машқи 1-и замима) кор баред. Агар хонандагон дар тартиб додани ҷумла мушкилӣ кашанд, намуна оре два ёрӣ расонед. Сипас онҳоро ба мустақилона хондани матни «Пули ҳалол» ҳидояташон намоед.
5) Хонандагон матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб ташкил намоед. Намуна:
*– Барои чӣ падар тамоми дороиашро ба писараш васият карда будааст?*

*– Мард бовар кард, ки писар кор кардану пул ёфтанро ёд гирифтааст?*
*– Вай чӣ хел пул ёфт?*
*– Як ҳафтаи дароз кор карда пул ҷамъ кард.*
*– Магар то имрӯз вай кор намекард?*
*– Не, вай танбали бекорхӯҷа буд.*
*– Вақти танбалиаш падар ба вай чӣ гуфт?*
*– Падар гуфт, ки тамоми дороиашро ба каси дигар мебахшад.*
*– Модар чӣ ҳиларо пеш гирифт?*
*– Модар ба писар як сомонӣ дода, гуфт, ки то бегоҳ гашта, баъд ба хона биёяд ва гӯяд, ки музди меҳнаташ аст.*
*– Писар чӣ кор кард?*
*– Писар гуфтаи модарро кард.*
*– Падар бо як сомонӣ чӣ кор кард?*
*– Падар пулро бӯй карду ба оташдон партофт?*
*– Писар-чӣ?*
*– Писар хандиду аз хона берун рафт.*
*– Бори дуюм чӣ воқеа рух дод?*
*– Бори дуюм ҳам модар ба писар як сомонӣ дод.*
*– Падар маротибаи дуюм чӣ кор кард?*
*– Падар боз пулро бӯй кашиду ба оташдон партофт.*
*– Писар-чӣ?*
*– Писханд зада ба берун рафт.*
*– Чаро маротибаи сеюм модар ба писар пул надод?*
*– Модар дид, ки чораву тадбирҳояш ба кор намераванд.*
*– Маротибаи сеюм падар пулро чӣ кор кард?*
*– Маротибаи сеюм ҳам падар пулро бӯй карду ба оташдон партофт.*
*– Писар ба ин рафтори падар чӣ ҷавоб дод?*
*– Писар тоқат накарда ба назди оташдон омад ва дасташро ба оташдон андохта, пулҳояшро ҷамъ карда гирифт.*
*– Барои чӣ?*
*– Барои он ки ин пулҳоро бо меҳнати ҳалол ҷамъ карда буд.*
*– Барои чӣ ду маротибаи аввал ӯ ин корро накард?*
*– Барои он ки вай меҳнат накарда буд ва дилаш намесӯхт.*
*– Оё модар дуруст кард, ки писарашро тарафгирӣ кард? Барои чӣ?*
*– Оё шуморо ҳам касе тарафгирӣ мекунад? Шумо аз он хурсанд мешавед?*
*– Баъди хондани ин афсона дар бораи тарафгирӣ андешаи шумо, дигар шуд? Чӣ тавр?*
*– Дар бораи пули ҳалолу ҳаром-чӣ? Чӣ тавр?*
*– Агар шумо ба ҷойи писар мебудед, чӣ кор мекардед?*
*– Оё падар хуб кард, ки пулҳоро ба оташдон партофт? Ба фикри шумо, ягон роҳи дигари ба писар фаҳмондан мумкин буд? Кадом роҳ?*
*– Агар ба ҷойи падар мебудед, чӣ кор мекардед? Ба ҷойи модар-чӣ?*
*– Оё чунин одамон дар замони моҳастанд?*
*– Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?*
*– Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?*

6) Мувофиқи шароит ва имконият аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро пайдарпай (муттасил; муфассал ё мухтасар) нақл кунанд. Сипас аз чанд нафар интихобан нақл кардани қисмҳои матнро хоҳиш намоед.

7) Иҷрои машқҳои 3 - 5-ро назорат карда, машқи 6-ро барои хона вазифа диҳед.

Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ низ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

8) Барои арзёбии натиҷаҳои дарс метавонед аз саволнома истифода баред. Натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил намуда, бо душвориҳои хонандагон дар дарсҳои минбаъда кор баред.
9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест) санҷед.
**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**
Модарон аз ва ранҷидахотиру дилтанг мешаванд.
**2. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. падару писар
Б. падар, писар ва модар
В. падар, писар ва Сомонӣ
Г. Модару писар
**3. Чаро модар писарашро тарафгирӣ кард?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Модар писрашро бисёр дӯст медошт.
Б. Модар намехост, ки падар писарашро ҷанг кунад.
В. Писар бачаи танбал ва бекорхӯҷа буд.
Г. Намехост, ки молу мулки падарро дигаре соҳиб шавад.
**4. Чаро писар дафъаи якуму дуюм ба падар ҳеҷ чиз нагуфт?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Пулҳоро модар дода буд.
Б. Меҳнат накарда буд.
В. Писари эрка буд.
Г. Аз падар тарсид.
**5.** Ҷумлаи **«Падар ба дунёе рафт, ки аз он ҳеҷ кас барнамегардад**" чӣ маъно дорад**?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Падар ба тамошо рафт.
Б. Падар мардикорӣ рафт.
В. Падар вафот кард.
**Г.** Падар ба дигар ҷо кӯчида рафт.
**6. Фикри асосии матнро муайян кунед** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Аз сухани падар набароед.
Б. Бо меҳнати ҳалол пул ёбед.
В. Пулро сарфа кунед.
Г. Асло танбалӣ накунед.
**7. Калимаҳои сутуни якумро бо шарҳи сутуни дуюм мувофиқ гузоред.** (бо пайкон ишора кунед).

| | |
|---|---|
| **Қавл** | молу мулк |
| **Дилтанг** | монда, бемадор, беҳол шудан |
| **хаставу афгор** | ғамгин |
| **Доройӣ** | сухан, ваъда |

**Дарсҳои 19 - 20. Ба қадри заҳмати падару модар расед! (2 соат)**
**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн. Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида.

Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.

3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми маркази савдо ё бозор; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Дарси мазкур давоми мантиқии дарси гузашта буд, дар он хонандагон қадр кардани заҳмати падару модарро дар мисоли як матн дида мебароянд. Тартиби иҷрои амалҳоро муайян карда, шифоҳӣ ва хаттӣ дастур тартиб медиҳанд. Тартиб дода тавонистан ва аз рӯйи он амал кардан яке аз малакаҳои ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад.

**1)** Ташкили дарс.

**2)** Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Муҳокимаи мақсадҳо бо хонандагон

**4)** Бо хонандагон дар бораи либосҳои хонандагон суҳбат кунед. Дар ҷараёни суҳбат аз чӣ тайёр шудани либосҳоро муайян намоед. (Либосҳои пахтагин, абрешимӣ ва синтетикӣ). Дар бораи аз чӣ тайёр шудани либосҳои пахтагӣ, абрешимӣ ва синтетикӣ маълумот дода, фоида ва зарари онҳоро шарҳ диҳед. (Либосҳои пахтагин аз пахта тайёр мешаванд. Либосҳои абрешимӣ аз абрешим (пилла) ва либосҳои синтетикӣ аз нахҳои сунъӣ тайёр карда мешаванд). Фикру андешаҳои хонандагонро бишнавед ва хулоса бароред.

5) Аз хонандагон пурсед, ки барои чӣ мо дар ин бора суҳбат кардем.

Сипас номи матнро нависед ва аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар бораи роҳи тайкардаи пахта аз саҳро то мағоза чӣ медонанд. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки тартиби тайёр шудани либосҳоро муайян кунанд, яъне нависанд. Тавсия: шояд иҷрои ин фаъолият барои хонандагони шаҳр ва минтақаҳое, ки пахта кишт карда намешавад душвор бошад. Ҳеҷ гап не. Бигзор дар ҳамон сатҳе, ки медонанд нависанд.

6) Хонандагон тартибро менависанд. Аз чанд нафар хоҳиш намоед, ки навиштаҳои худро хонанд. Кори хонандагонро манфӣ арзёбӣ накунед. Онҳо имкон дорнад, ки навиштаҳои худро бо мазмуни матн муқоиса намуда, худ ғалатҳояшонро ёбанд.

7) Матнро як маротиба хонед, сипас хонандагонро ба мустақилона хондани матни «Сафари пахта аз саҳро то мағоза» ҳидояташон намоед.

8) Хонандагон матнро мехонанд. Пас аз хондан саволу ҷавоб ташкил намоед. Намуна:

*– Дар матн сухан дар бораи кадом писарак меравад?*

*– Дар матн сухан дар бораи Рустам ном писарак меравад.*

*– Ӯ аз мактаб ба кадом аҳвол омад.*

*– Барои чӣ модараш ӯро танбеҳ надод.*

*– Модаркалон нагузошт, ки модар Рустамро танбеҳ надиҳад.*

*– Магар модаркалон худаш танбеҳ дод?*

*– Не, модаркалон бо ӯ дар бораи саёҳати пахта аз саҳро то мағоза суҳбат кард.*
*– Оё Рустам хатоии худро фаҳмид?*
*– Модар Рустамро танбеҳ доданӣ шуд. Оё кори вай дуруст аст? Барои чӣ?*
*– Чӣ бояд кард, ки либосҳоямонро надаронем?*
*– Баъди хондани ин ҳикоя дар бораи тарзи либоспӯшӣ андешаи шумо дигар шуд? Чӣ тавр?*
*– Дар бораи заҳмати падару модар-чӣ? Чӣ тавр?*
*– Агар шумо ба ҷойи писар мебудед, чӣ кор мекардед?*
*– Чаро модаркалон ба ҷойи танбеҳ суҳбатро авло донист?*
*– Рафтори кадоме ба шумо маъқул шуд? Модаркалон ё модар? Барои чӣ?*
*– Оё Рустам барин бачаҳо дар синфи шумо ҳастанд?*
*– Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?*
*– Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?*

9) Ҳамроҳи хонандагон тартиби аз саҳро ба мағоза “сафар” кардани пахтаро номбар кунед. Агар лозим шавад, ҳамин қисми матнро бори дигар хонанд.

10) Мувофиқи шароит ва имконият хонандагонро дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид намуда, варақаи пешакӣ омодакардаатонро ба онҳо диҳед ва гӯед, ки тартиби аз саҳро ба мағоза сафар кардани пахтаро муайян кунанд ва дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоранд.

(Тавсия: Шумо метавонед дар ҳар як варақи алоҳида як ҷумларо навишта, ба хонандагон диҳед. Онҳо варақаҳои алоҳидаро монанди суробсозӣ (аппликатсия) бо тартиби муайян ба варақи дигар мечаспонанд.)

Нигаред ба ҷадвал.

| | |
|---|---|
| | Тарҳи куртаҳоро мекашанд ва онҳоро медӯзанд. |
| | Дар корхонаҳои бофандагӣ аз ришта матоъ мебофанд. |
| | Танҳо баъд аз дӯхтани либос онҳоро ба мағоза мефиристанд, то мо онро харида пӯшем ва танамон роҳат кунад. |
| | Матоъ ба корхонаи дӯзандагӣ равон мешавад. |
| 1. | Дар фасли тирамоҳ деҳқонон заминро кишт мекунанд, то дар фасли зимистон замин дам гирад ва ҳашароти зараррасон нобуд гардад. |
| 3. | Пунбаҳои пахтаро кишт мекунанд. |
| | Вақте ки пахта мешукуфад, онро мечинанд ва ба корхонаи пахтатозакунӣ мефиристанд. |
| | Об мемонанд ва ҳангоми баланд шудани қади ниҳол, сари ниҳолҳоро мечинанд, то онҳо шоха зада, ғузаҳои зиёд ҳосил кунанд. |
| | То қад кашидани ниҳоли пахта онро чанд маротиба чобуқ мекунанд. Яъне бехи ниҳоли пахтаро нарм мекунанд. |
| 2. | Дар аввали баҳор замин дубора кишт ва ҳамвор карда мешавад. |
| | Вақте ки ниҳоли пахта мерӯяд, ҷӯяҳои онро ягона мекунанд, яъне ниҳолҳои зиёдатиро мечинанд. |
| | Дар он ҷо пахтаро аз пунба ҷудо карда, ба корхонаи ресандагӣ мебаранд. |
| | Дар корхонаи ресандагӣ аз нахҳои пахта ришта мебофанд ва риштаро ба корхонаҳои бофандагӣ мефиристанд. |
| | Барои нест кардани ҳашароти зарарасон дору мепошанд ва барои ғизо додани ниҳоли пахта ба бехи онҳо пору меандозанд. |

11) Барои мустаҳкамкунии дониш ва малакаи хонандагон боз як намунаи дастурро хонда, тартиби иҷрои амалро шифоҳӣ баён мекунанд (Ниг. ба машқи 2).

12) Дар машқи сеюм тартиби иҷрои амали суробсозӣ дар шакли парешон омадааст. Хонандагонро ба он раҳнамоӣ кунед, ки мустақилона хонда, онҳоро аз рӯйи тартиб нависанд.

13) Дар машқи 4 хонандагон донишу малакаи андӯхтаашонро дар шароити нав истифода мебаранд. Дар асоси таҷриба ва намунаҳои боло дастурҳои нав тарти медиҳанд. Кори хонандагонро арзёбӣ намуда, барои хона вазифа диҳед.

14) Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ низ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
15) Дарсро ҷамъбаст намуда, ба мақсадҳои дарс баргардед.
8) Барои арзёбии натиҷаҳои дарс метавонед аз саволнома истифода баред. Натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил намуда, дар дарсҳои минбаъда дар нисбати душвориҳои хонандагон кор баред.
9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест)-и дуруст/нодуруст санҷед.

| **Ахбор** | **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|---|
| Аз ҳама матои беҳтарин барои дӯхтани либос матои синтетикӣ аст. | | + |
| Либосҳои пахтагин барои саломатӣ фоида доранд | + | |
| Либосҳои абрешимӣ аз кирмаки пилла истеҳсол мешаванд | + | |
| Тоза нигоҳ доштани либос нишонаи маданияти инсон аст | + | |

**Дарсҳои 21 - 22. Намак (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Масъаларо ҳал кунед.
«Духтараке ба 18 дирам 3 халтача намак харид. Ёбед: як халтачаи он чанд дирам аст?»
Тарзи иҷрои масъаларо санҷед ва пурсед, ки чанд роҳи ҳалли масъала мавҷуд аст?

Фикри хонандагонро ҷамъбаст намуда, вазифа диҳед: матнро хонед ва гӯед, ки Париноз масъаларо чӣ тарз ҳал кард?
5) Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. Пас аз хондан бо онҳо саволу ҷавоб кунед.
*Намуна:*
*– Париноз масъаларо чӣ тарз ҳал кард?*
*– Париноз масъаларо аз рӯйи нархномаи халтачаи намак ҳал кард.*
*– Оё Париноз масъаларо дуруст ҳал кард? Чаро?*
*– Не. Барои он ки шарти масъала аз нархномаи намак фарқ дорад.*
*– Ғалати Париноз дар чӣ буд?*
*– Париноз фарқи нархномаи намак ва масъаларо нафаҳмидааст.*
*– Барои чӣ Париноз масаъаларо дуруст ҳал карда натавонист?*
*– Барои он ки вай ҳамеша кори хонагиро бо бибиаш кор мекард.*
*– Он рӯз бибаш дар куҷо буд?*
*– Бибиаш ба хонаи аммааш рафта буд.*
*– Вай аз куҷо донист, ки бибиаш ба хонаи аммааш рафтааст?*
*– Аз коғази рахнаи паҳлуи дар.*
*– Дар он чӣ навишта шуда буд?*
*– «Булбули бибӣ, ман ба хонаи аммаҷонат рафтам. Пагоҳ саҳарӣ меоям. Калидро аз ҳамсоя бигир. Хайр!»*
*– Падару модараш дар куҷо буданд?*
*– Падару модараш дар кор буданд.*
*– Агар шумо ҳамроҳи Париноз мебудед, тарзи ҳалли масъаларо чӣ тарз мефаҳмондед?*
6) Хонадагон супоришҳоро иҷро мекунанд (нигаред ба замима)
7) Дар иҷрои машқҳои 1 - 5 хонандагонро раҳнамоӣ кунед.
**8)** Вазифа барои хона (иҷрои машқи 6).
Вобаста ба қобилияти хонандагон вазифаҳои инфиродӣ низ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
9) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест) санҷед.

| **Ахбор** | **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|---|
| Париноз масъаларо дуруст ҳал кард. | | |
| Бибӣ ба Париноз кулчақанду санбӯса мепазад. | | |
| Бибӣ Паринозро кабкаки масти ман мегӯяд. | | |
| Бибӣ дар иҷрои вазифаи хонагӣ ба Париноз кумак мерасонад. | | |

**Дарсҳои 23 - 24. Ду гунох (2 соат)**
**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида.
Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳо ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

– мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
– мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
– калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
– фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, мақола, шеъру ҳикояҳо, панду ҳикматҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс.** Шумо метавонед аз рӯйи нақшаи намунавии зер истифода баред.

**1)** Ташкили дарс.

**2)** Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Муҳокимаи мақсадҳо бо хонандагон

**4)** Доир ба дурӯғ ва дурӯғгӯйӣ ягон панд ё зарбулмасалу мақол оред. Ҳамроҳи хонандагон онҳоро шарҳ диҳед. Дар бораи зарари дурӯғ ва дурӯғгӯйӣ муҳокима ташкил кунед. Фикрҳои хонандагонро ҷамъбаст карда, хулоса бароред.

**5)** Хонандагон мустақилона матнро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед.

Намунаи саволҳо:
– Ду гуноҳи Баҳром кадомҳоянд?
– Гуноҳҳои ӯ дар куҷо ошкор шуданд?
– Якум гуноҳи ӯ кадом аст?
– Дуюм гуноҳи Баҳром кадом аст?
– Барои чӣ падар ӯро ба мактаб овард?
– Падар ба муаллима чӣ гуфт?
– Муаллима чӣ ҷавоб дод?
– Падари Баҳром дар кадом ҳолат монд?
– Барои чӣ падар аз писараш ранҷид?
– Чаро Баҳром дурӯғ гуфт?
– Агар Баҳром ба падар сухани рост мегуфт, давоми воқеа чӣ мешуд?
– Падар дуруст кард, ки Баҳромро ба мактаб овард?
– Агар падар Баҳромро намеовард, минбаъд чӣ мешуд?
– Хатоии Баҳром дар чӣ буд?
– Агар ба ҷойи Баҳром мебудед, чӣ кор мекардед?
– Агар ба ҷойи падар мебудед-чӣ?
– Ба фикри шумо, падар дар хона ба Баҳром чӣ мегӯяд?
– Баҳром чӣ мегӯяд?
– Агар Баҳром ҳамсинфи шумо мебуд, ба ӯ чӣ маслиҳат медодед?
– Барои чӣ падару модарон ба мактаб омадани моро назорат мекунанд? Ин хуб аст ё бад? Барои чӣ?

6) Пас аз саволу ҷавоб дар тахтаи синф ё варақи алоҳида амалҳои зеринро нависед. Ҳар як амалро бо хонандагон таҳлил кунед. Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ин амалҳоро мувофиқи тартиби иҷро гӯянд.

Намунаҳо: *аз хоб хестан, ҷойгаҳро ҷамъ кардан, дасту рӯй шустан, дандонҳоро шустан, хӯроки наҳорӣ хӯрдан, либоси мактабӣ пушидан, ба мактаб рафтан, дарс хондан, ба хона баргаштан, хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан, истироҳат кардан, бо рафиқон бозӣ кардан, дарс тайёр кардан, китоб хондан, телевизор тамошо кардан, хӯроки шом хӯрдан, хоб рафтан*

7) Сипас аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мустақилона реҷаи як рӯзро тартиб диҳанд.

Масалан:

| *Вақт* | *Амал* |
|---|---|
| *07:00* | *аз хоб хестан* |
| | *ҷойгаҳро ҷамъ кардан* |
| | *дасту рӯй шустан* |
| | *дандонҳоро шустан* |
| | *субҳона хӯрдан* |
| | *либоси мактабӣ пӯшидан* |
| | *ба мактаб рафтан* |
| | *дарс хондан* |
| | *ба хона баргаштан* |
| | *хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан* |
| | *истироҳат кардан* |
| | *бо рафиқон бозӣ кардан* |
| | *дарс тайёр кардан* |
| | *китоб хондан* |
| | *телевизор тамошо кардан* |
| | *хӯроки шом хӯрдан* |
| *21:00* | *хоб рафтан* |

8) Ба назди хонандагон рафта, кори онҳоро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.
9) Хонандагон дунафарӣ шуда, реҷаи рӯзро ба ҳамдигар нақл мекунанд. Масалан: *Ман соати 7 аз хоб мехезам.*
10) Як хонандаро ба назди тахтаи синф синф даъват кунед. Соатҳои дар реҷаи рӯз навиштаашро дар тахтаи синф нависед. Масалан, 07:00, 07:15, 22:00. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки ба ин хонанда савол диҳанд: *Масалан, Шумо соати 7 чӣ кор мекунед? Ҷавоб: Соати 7 ман аз хоб мехезам.* Ин машқро бо чанд хонанда гузаронед.
**11)** Вазифа барои хона. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед.
**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои дарси мазкурро метавонед тавассути саволнома (тест) санҷед.

**Дарсҳои 25 - 26. Кори лоиҳавӣ (2 соат)**
**Барнома**. Гирдоварии мавод доир ба олами ҳайвоноти Тоҷикистон. Гурӯҳбандии зарбулмасалу мақол, чистон, мақола, маълумот ва расмҳо. Саҳифабандии варақаҳо. Номгузории китобча. Хондани китобча.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад
3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун-эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дар кори гурӯҳ саҳм гузошта тавонанд;
- дар бораи эҳтироми падару модар ва калонсолон расм, зарбулмасалу мақол, мақола, панд, шеъру ҳикоя гирд оварда тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш
**Равиши дарс.**
Тартиб:
Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
Ба онҳо варақи А4 ё дафтари дусаҳифадор диҳед.

Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. Масалан: Эҳтироми калонсолон
Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи "Эҳтироми калонсолон" зарбулмасалу мақол, панд ва шеърҳои гирдовардаашонро гӯянд.
Боварӣ ҳосил намоед, ки маводди гирдовардаи хонандагон такрор нашудаанд.
Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар варақҳои пешниҳодкардаатон мувофиқи тартиб зарбулмасалу мақол, пандҳо ва шеърҳоро нависанд.
Сарвароқи онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
Варақҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
Номи китобчаҳои хонандагонро муҳокима кунед.
Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3"А".
Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**Дарсҳои 27 - 28. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**
**Барнома.** Муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя матн, китоб). Симоҳои асосӣ. Мавзӯъ. Фикри асосӣ. Лаҳзае, ки ба хонанда маъқул шудааст (нашудааст). Навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда: муаллиф, жанр, номи матн (ҳикоя, афсона, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор (маъқул шуд/нашуд барои чӣ?), хулоса. Тарзи истифодаи рӯзномаву маҷаллаҳо. Тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳо.
**Салоҳиятҳо:**
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷмро (300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.
**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши берунази синфӣ
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хонда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши берунази синфӣ.

**Дарси 29. Имлои санҷишӣ (1 соат)**
**Барнома.** Арзёбии салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-ҳои шунидан ва навиштани хонандагон. Доир ба мазӯъ навиштани имлои санҷишӣ
**Салоҳияти хонанда:**
3.1.2. Ахбори шунидаи нисбатан мураккабро дар навъҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- дар ҳаҷми 55 - 60 калима имло навишта тавонанд.

**Маводди таълим:** Маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ
**Равиши дарс.**
Нигаред ба ба дарсҳои қаблии "Имлои санҷишӣ"

**Дарсҳои 30 - 32. Дарси ҷамъбаст ва натиҷагирӣ (3 соат)**
**Барнома.** Муайян намудани самтҳои такмилталаби дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан. Кори

инфиродӣ бо хонандагон. Саволу супоришҳои гуногуни инфиродӣ доир ба хондан, навиштан ва гуфтану шунидан.
Банақшагирии дарси мазкур ба салоҳияти омӯзгор аст. Шумо метавонед вобаста ба имконият, шароит ва сатҳи салоҳиятнокии хонандагон онро ба нақша гиред. Ин дарс як навъ кор бо хонандагони сустхон мебошад.
Тавсияҳо:
1) Хонандагони синфи худро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:
- хонандагоне, ки ҳусни хатти зебо надоранд;
- хонандагоне, ки ифоданок хонда наметавонанд;
- хонандагоне, ки мазмуни матни хондаашонро дарк намекунанд;
- хонандагоне, ки нутқи бурро надоранд ва ғайраҳо);
- хонадагоне, ки матн офарида наметавонанд.

2) Барои ҳар як гурӯҳ саволу супоришҳо омода кунед.
3) Пешсафони синфро ёвар интихоб кунед.
4) Ба ҳар гурӯҳ алоҳида кор барид.
5) Вобаста ба фаъолиятҳои интихобнамуда дониш, малака ва маҳорати хонандагонро арзёбӣ карда, вазифаҳои иловагӣ диҳед.

**Дарсҳои 33 - 34. Одоби муошират (2 соат)**
**Барнома.** Одоби муошират. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон. Одоби муошират бо ҳамсинфон, хурдсолон ва калонсолон. Одамони хушмуомила ва бадмуомила. Нишонаҳои муомилаи хуш ва муомилаи бад. Кор бо матн. Муайян кардани симоҳои матн ва гуфтору рафтор. Баҳо додан ба гуфтору рафтор. Алоқаи матн бо ҳаёт. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида.
Машқи навиштани калимаҳои муошират хуб ва бад. Машқи беғалатависӣ. Хаттӣ ва шифоҳӣ тартиб додани қоидаҳои муошират. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, хулоса мебарорад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар вазъиятҳои муайян одоби муоширатро риоя карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Аз хонандагон пурсед. Шумо бо калонсолон ва бо ҳамсолон якхел муоиширатӣ (гап задан) мекунед? Чаро? Оё муошират бо калонсолон, ҳамсолон ва хурдсолон аз ҳамдигар фарқ мекунад? Ақидаи хонандагонро гӯш кунед. Сипас боз пурсед: Дар бораи тарзи бо дигарон гап задан ва муошират кардан калонсолон ба шумо ягон чиз гуфтаанд? Ақидаи хонандагонро гӯш кунед.

5) Аҳли синфро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Аз гурӯҳи якум пурсед, ки дар бораи одамони хушмуомила чанд мисол оранд ва гӯянд, ки барои чӣ онҳоро хушмуомила мегӯянд.
Аз гурӯҳи дуюм пурсед, ки дар бораи одамони бадмуомила чанд мисол оранд ва гӯянд, ки барои чӣ онҳоро бадмуомила мегӯянд. Фикри онҳоро гӯш кунед ва панди зеринро дар тахтаи синф нависед:
Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,
Бар ман макун, эй бародари ман.
Гар модари хеш дӯст дорӣ,
Дашном мадеҳ ба модари ман.
6) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки пандро шарҳ диҳанд. Пас аз гӯш кардани ақидаи хонандагон пандро бори дигар маънидод кунед ва бо мисолҳои ба синну сол мувофиқ тақвият бахшед.Хонандагон пандро дар дафтарашон менависанд.
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ба гуфтору рафтори симо матн баҳо диҳанд. ("Одоби беодоб" Нигаред ба замимаи китоби дарсӣ)
8) Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.
Вазъиятҳоро дар варақаи таълимӣ навишта, ба ҳар гурӯҳ супоред. Қоидаҳои кор дар гурӯҳро муҳокима кунед.
**Гурӯҳи 1.**
Ҳамроҳи падару модар ба хонаи дӯсти онҳо рафтед. Бо хонаводаи онҳо чӣ хел муошират мекунед? Қоидаҳои муоширатро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 2.**
Ба хонаи шумо дӯстони падару модар омаданд. Бо онҳо чӣ хел муошират мекунед?
Қоидаҳои муоширатро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 3.**
Дар ҷойи бегона роҳгум задед. Чӣ кор мекунед?
Қоидаҳои муоширатро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 4.**
Дар бозор падару модари худро гум кардед. Чӣ кор мекунед?
Қоидаҳои муоширатро тартиб диҳед.
9) Ҳангоми кор ба назди гурӯҳҳо рафта, корашонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед.
10) Гурӯҳҳо корашонро муаррифӣ мекунанд. Пас аз ҳар муаррифӣ кори гурӯҳро таҳлил кунед.
11) Вазифа барои хона. Ҳамроҳи хонавода 10 қоидаи муошират бо калонсолонро тартиб диҳед. Намуна:
1. Бо калонсолон ҳамеша шумо гуфта мурочиат кунед.
12) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ намуда, ба мақсадҳои дарс ноил шуданро таҳлил кунед. Барои ҳалли душвориҳо дар арсҳои минбаъда чораҳои мушаххас андешед.

**Дарсҳои 35 - 36. Муошират (2 соат)**
**Барнома.** Одоби муошират. Одоби муошират бо ҳамсинфон, хурдсолон ва калонсолон. Одамони хушмуомила ва бадмуомила. Нишонаҳои муомилаи хуш ва муомилаи бад. Кор бо матн. Муайян кардани симои матн ва гуфтору рафтори ӯ. Баҳо додан ба гуфтору рафтори ӯ. Алоқаи матн бо ҳаёт. Одоби муошират дар вазъиятҳои гуногун. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай burданини табъи гӯянда. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Машқи навиштани калимаҳои муошират хуб ва бад. Машқи беғалатависӣ. Хаттӣ ва шифоҳӣ тартиб додани қоидаҳои муошират. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.

3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- калимаҳои душворро шарҳ дода тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Суҳбат. Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо бо дӯст, рафиқ ва хешу табори худ тариқи телефон суҳбат мекунанд? Агар ба нафаре телефон кунед суҳбатро чӣ гуна оғоз мекунед? Аввал чӣ мегӯед? Баъд суҳбатро чӣ гуна давом медиҳед? Суҳбатро бо чӣ анҷом медиҳед?

5) Ҷавобҳои хонандагонро гӯш карда, ба ҳамаи хонандагон имкони сухан карданро диҳед. Сипас фикрҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.

**6) Кори дунафарӣ.** Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дунафарӣ бо дӯст, рафиқ, дугона, падару модар, ҳамсинфашон суҳбати телефонӣ ташкил кунанд. Барои онҳо вақт диҳед, ки аввал машқ карда барои намоиш додан тайёр шаванд.

**7) Муаррифии кори гурӯҳчаҳои дунафарӣ:** аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш кунед, ки суҳбати телефонии тайёркардаи худро барои дигарон намоиш диҳанд. Ин лаҳзаи дарсро тамошо кунед ва барои хонандагон ташаккур гуфта, барои ҷойҳои такмилталаби суҳбати телефонии онҳо тавсияҳо диҳед.

**8) Кор бо матн:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни «Муошират»-ро аз саҳифаи 296-и китоби забони модарӣ мустақилона хонанд. Пас аз хондани матн хоҳиш кунед, ки дар нақши Ҳидоят ва Диана бозӣ кунанд. Барои намоиш додан тайёрӣ бинанд. Барои онҳо вақт диҳед то ки тайёр шаванд.

9) Аз гурӯҳҳои дунафарии дигар хоҳиш кунед, ки аз рӯйи матни «Муошират» дар нақши Ҳидоят ва Дианаро бозӣ кунанд.

10) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи бо чӣ анҷом ёфтани суҳбати телефонӣ фикр кунанд. Матнро ба охир расонанд. Аз онҳо пурсед, ки дар ин суҳбат чӣ намерасад. Кадом ҷумлаҳоро ҳамроҳ кунем, суҳбат ба анҷом мерасад?

11) Фикрҳои хонандагонро гӯш карда, бо иловаҳои худатон бо чӣ анҷом ёфтани суҳбати мазкурро барои хонандагон фаҳмонед.

**12) Кори мустақилона**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни «Баҳс»-ро аз саҳифаи 297- и китоби забони модарӣ ёфта хонанд. Баъд аз хондан аз онҳо хоҳиш кунед, ки матни «Баҳс»-ро нависанд.

Кори онҳоро назорат бурда, дафтарҳои нафароне, ки зебо ва беғалат навиштаанд, ба дигарон намоиш диҳед.

13) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дунафарӣ суҳбат карда, матнро бори дигар хонанд ва дар нақши Акраму Акбар бозӣ кунанд. Ҳангоми нақш офаридан ба оҳанги талаффузи ҷумлаҳои саволию амрӣ эътибор диҳанд. Аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш кунед, ки муколамаро барои дигарон намоиш диҳанд.

14) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки тарзи муошırати Акраму Акбар ва Аскарро таҳлил кунанд. Барои чӣ рафиқон чунин муносибат карданд? Муносибати кадоме аз ин рафиқон барои онҳо писанд омад. Барои чӣ? Тарзимуошırати Ҳидояту Диана аз Акраму Акбар бо чи фарқ мекунад? Шумо ба ҷойи онҳо бошед, чӣ гуна муносибат мекунед? Барои чӣ?

15) Фикру ақидаҳои хонандагонро гӯш карда, барои ҳамаи онҳо имкони сухан кардан диҳед. Сипас хулосабарорӣ карда, ба қадами дигари дарс гузаред.
**18) Арзёбӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳои зеринро аз тахтаи синф навишта давом диҳанд.
**Ба ман тарзи муошírати Акрам ва Акбар маъқул нашуд барои он ки ……**
**Ба ман тарзи муошírати Ҳидоят ва Диана маъқул шуд, барои он ки ….**
Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳои пурракардаи худро барои аҳли синф хонанд.
19) **Вазифаи хонагӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки дар хона яктогӣ муколама таҳия кунанд. Тарзи хондани онро машқ кунанд.
20) Дарсро ҷамъбаст намуда, ба мақсадҳои дарс расиданро таҳлил кунед

**Дарсҳои 37 - 38. Чоҳкан зери чоҳ (2 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда. Пай бурдани табъи гӯянда. Истифодаи оҳанги мувофиқи гуфтор. Айнан ва мазмунан нақл кардани суханони шунида.
Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
- фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба мазмуни афсона, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Ҷадвали зерро дар тахтаи синф тасвир карда, монанди намуна пурра кунед.

| | Рӯбоҳ | Шағол | Шер |
|---|---|---|---|
| Дар куҷо зиндагӣ мекунанд? | Дар бешазор ва дашту саҳро | | |
| Чиро шикор мекунанд? | Мурғ, харгӯш ва ҳайвонҳои аз худ хурд | | |
| Чӣ хел сифат доранд? | Маккор, фиребгар, ҳилагар | | |

5) Аз хонандагон пурсед, ки барои чӣ мо дар бораи ин ҷонварон суҳбат кардем? Барои он, ки ҳоло мо афсонаеро дар бораи ин ҳайвонҳо мехонем.

6) Афсонаро бо усули “Пешгӯйӣ” хонда мешавад.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. *Ба фикри шумо дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн “Чоҳкан зери чоҳ” ном дорад?*
7) Хонандагон се сархати аввалро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хонда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Намуна: Рӯбоҳ сер буд? Вай ба назди чӣ расид? Дар чоҳ чиро дид?.
8) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Гӯед, ки оё рӯбоҳ шағолро фиреб мекунад?
9) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми дуюми матнро хонанд.)
10) Хонандагон сархатҳои 4 - 13-ро мехонанд. Аз рӯйи мазмуни қисми хондашуда бо онҳо саволу ҷавоб кунед. Онҳо инчунин бояд муайян кунанд, ки пешгӯйии онҳо рост баромад ё не? Ба фикри онҳо, минбаъд чӣ воқеа рух медиҳад.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки давоми матнро пешгӯйӣ кунанд. Оё рӯбоҳ шерро ҳам, фиреб медиҳад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?
12) Хонандагон ақидаҳои гуногун пешниҳод мекунанд. (Шумо метавонед ақидаҳои онҳоро дар тахтаи синф нависед. Пас аз пешгӯйӣ ва овардани далелу исботҳо аз онҳо хоҳиш кунед, ки қисми сеюми матнро хонанд.)
Ҳамин тариқ, матн то охир пешгӯйӣ мекунанд, мехонанд ва муқоиса мекунанд.
13) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн мисли дарсҳои қаблӣ суҳбат кунед.

14) Акнун биёед, сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби “Чоҳкан – зери чоҳ” ном гирифтани онро шарҳ медиҳем. Барои чӣ ин тавр фикр мекунед? (хонандагон шарҳ медиҳанд).
**15**) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача таёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
16) Кори дунафарӣ: ба хонандагон супориш диҳед, ки дунафарӣ сархати аввали матнро бонавбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд. Дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз карда, ғалатҳоро муайян сохта, фаҳмонда, слоҳ намоянд. Интихобан дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед.
**17) Кор бо машқи 1.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, нависед.
1. Рӯбоҳ хаставу... шуда, др пеши як чоҳ нишаст.
2. Шағоли гурусна худро... ба чоҳ андохт.
3. Ин дафъа ба Рӯбоҳ шодӣ кардан... нашуд.
(*калимаҳо барои истифода: муяссар, бемадор, саросемавор*)
18) Кор бо машқи 2. “Рӯбоҳ қаҳ-қаҳ зада хандид». Боз дар кадом маврид қаҳ-қаҳ зада механданд? Нависед.
Намуна: Шаҳбоз як латифаи хуб гуфт. Ман қаҳ-қаҳ зада хандидам.
19) Вазифа барои хона: аз рӯйи нақшаи саҳифаи 300 нақли хаттӣ нависед.
Мувофиқи имконият ва шароити синф метавонед ба хонандагон вазифаҳои дигар низ супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
20) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

Арзёбии дарс. Барои арзёбии дарс аз саволномаи зер метавонед истифода баред.
Саволнома
**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ ёфта, нависед.**
а) Рӯбоҳ... шуда, дар пеши як чоҳ нишаст.
б) Шағоли гурусна худро... ба чоҳ андохт.
2. “Рӯбоҳ қаҳ-қаҳ зада **хандид».** Боз дар кадом маврид қаҳ-қаҳ зада механданд? **Нависед.**
______________________________________________________________________________.
3. **Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Рӯбоҳ, шағол ва шоҳи ҳайвонот
Б. Рӯбоҳ, шоҳи ҳайвонот ва шағол
В. Рӯбоҳ, шағол ва Шер
Г. Шер, рӯбоҳ ва чоҳ
**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Дар шикор
Б. Дар чоҳ
В. Дар хонаи Рӯбоҳ
Г. Дар саҳро

**5. Чаро аз Рӯбоҳ ному нишон намонд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. Шер вайро хӯрд.
Б. Рӯбоҳ фиреб кард.
В. Шағол Рӯбоҳро хӯрд.
Г. Рӯбоҳ Шерро фиреб кард.

**6. Дар ҷумлаи «**Ин дафъа ба Рӯбоҳ шодӣ кардан муяссар нашуд» **"муяссар нашуд"** чӣ маъно дорад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)
А. фароҳам омад
Б. маъқул нашуд
В. имконпазир шуд
Г. имконнопазир шуд
**7. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Рӯбоҳ шерро фиреб дод. |
| | Рӯбоҳ шағолро фиреб дод. |
| | Рӯбоҳ ба чоҳ афтод. |
| | Шер рӯбоҳро хӯрд. |
| | Рӯбоҳ ба шикор баромад |

**9. Фикри асосии матн аз чӣ иборат аст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)
А. Ҷони нодон дар азоб.
Б. Гурусна бо шер мезанад.
В. Чоҳкан – зери чоҳ.
Г. Асло фиреб макун.

**Боби 9. Олами ҳайвоноти Тоҷикистон. Мамнӯъгоҳҳо (42 соат)**
**Дарсҳои 1 - 2. Ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ (2 соат)**
**Барнома.** Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Гурӯҳбандии ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ. Хондани матн. Муайян кардани мазмуни матн. Кор бо луғат. Истифодаи луғат дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Машқҳои имлоию луғавӣ. Шакл ва тарзҳои гуногуни фаъолияти таълим. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мебарад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷмро (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи ҳайвони дӯстдоштаашон шифоҳӣ ва хаттӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба олами ҳайвонот

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷ нафарӣ муттаҳид намоед. Супоришҳоро пешакӣ дар варақаҳои алоҳида нависед. Ҳангоми кори гурӯҳӣ дар назди ҳар як гурӯҳ гузоред.

**Гурӯҳи 1.**
**Супориш:** Рӯйхати ҳайвонҳои ваҳширо тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 2.**
**Супориш:** Рӯйхати ҳайвонҳои хонагиро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 3.**
**Супориш:** Рӯйхати парандаҳои саҳроиро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 4.**
**Супориш:** Рӯйхати парандаҳои хонагиро тартиб диҳед.
**Гурӯҳи 5.**
**Супориш:** Рӯйхати ҳайвонҳоеро, ки дар об зиндагӣ мекунанд, тартиб диҳед.

**5) Муаррифии кори гурӯҳҳо**: аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки рӯйхатҳои тартибдодаашонро муаррифӣ кунанд. Аз ҳар як гурӯҳ як нафарӣ кори гурӯҳро муаррифӣ мекунанд. Муаррифии кори гурӯҳҳоро гӯш карда, ҷамъбаст намоед ва ба қадами дигари дарс гузаред.
6) **Кори мустақилона**: ибораҳо ва калимаҳои зеринро дар тахтаи синф нависед**: одамон, ҳайвонҳои ваҳшӣ, хирс, фоида, рӯбоҳ, зоғ, тоза, табиат, ҳайвонҳои хонагӣ, гов, гӯсфанд, мурғ, тухм, нигоҳубин, моҳӣ, баҳр**. Ба хонандагон супориш диҳед, ки аз калима ва ибораҳои мазкур истифода бурда як нақли хурдакак иборат аз чор панҷ ҷумларо нависанд. Барои хонандагон вақт диҳед, ки нависанд.
7) **Кори дунафарӣ**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро ба якдигар иваз кунанд. Нақли навиштаи ҳамдигарро хонанд. Барои ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод кунанд. Сипас аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки нақли навиштаашонро барои дигарон хонанд.
8) **Бозии машқи бахотиргирӣ**: калимаҳои зеринро пешакӣ рӯйхат кунед: **саг, гов, хирс, буз, рӯбоҳ, уқоб, соч, бум, гӯсфанд, оҳу, паланг, шер, бабр, заррофа, хар, асп, зоғ, товус, хурӯс, гург**. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бодиққат аз баёни омӯзгор калимаҳоро гӯш кунанд ва ба хотир гирифта нависанд. Баъд аз як маротиба хондани омӯзгор хонандагон калимаҳои бахотиргирифтаашонро рӯйхат мекунанд. Кадом хонандае, ки калимаҳои зиёдро ба хотир гирифтааст, ғолиби ин бозӣ мегардад. Барои ғолибон офарин гуфта, кафкӯбӣ кунед.

9) Саволу ҷавоб ташкил кунед. Аз саволҳои зерин истифода баред.
1. Барои чӣ гов, хар, асп, буз, гӯсфандро ҳайвонҳои хонагӣ меномем?
2. Одамон аз ҳайвонҳои хонагӣ чӣ манфиат мебинанд?
3. Соҳибонашон барои ҳайвонҳо чӣ гуна ғамхорӣ мекунанд?
4. Барои чӣ хирс, рӯбоҳ, паланг, шер, бабр, гург, шағолро ҳайвонҳои ваҳшӣ меномем?

5. Фарқи паррандаҳои саҳрой аз хонагӣ дар чист?
6. Кадом ҳайвонҳо дар об зиндагӣ мекунанд?
7. Ҳайвоноту паррандаҳо дар табиат ва ҳаёти инсонҳо чӣ аҳаммият доранд?

10) **Кори дунафарӣ**: хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дунафарӣ дар бораи тарзи парвариш ва нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ суҳбат кунанд. Барои суҳбат ба хонандагон вақт диҳед.
11) Аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки дар бораи тарзи нигоҳубин ва парвариши ҳайвонҳои хонагӣ нақл кунанд. Фикрҳои хонандагонро гӯш карда, бо иловаҳои худ пурра намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.
12) **Арзёбӣ:** арзёбии дарси мазкурро бо усули "Робитаи мутақобила" гузаронед:
1. Чиро омӯхтед?
2. Кадом фаъолиятҳо барои шумо бештар писанд омад ва барои чӣ?
3. Чӣ саволҳо доред?
Фикру ақидаҳои хонандагонро оид ба дарси имрӯза гӯш кунед. Агар ягон саволҳо дошта бошанд, ба саволҳояшон ҷавоб диҳед.

13) **Вазифаи хонагӣ**: дарси имрӯзаро барои падару модар нақл кунед. Дар хонаатон кадом ҳайвонро нигоҳ медоред. Дар бораи он ҳикояи хурди шифоҳӣ омода кунед.
14) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда бароиислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 3 - 4. Аз ҳаёти ҳайвонҳо (2 соат)**
**Барнома.** Олами ҳайвонот. Муайян кардани дониши мавҷудаи хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса, ранг. Шифоҳӣ дар бораи ҳайвонот ҳикоя кардан. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
- дар бораи ҳайвонҳо шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расму суратҳои ҳайвонот
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Суҳбат. Аз хонандагон пурсед, ки шумо дар бораи ҳаёт ва зиндагии ҳайвонҳо чиҳо медонед? Ба фикри шумо ҳайвонҳои ваҳшӣ дар ҷангал чӣ гуна зиндагӣ мекунанд? Онҳо чӣ мехӯранд? Аз куҷо хӯрок дарёфт мекунанд?
5) Фикру ақидаҳои хонандагонро гӯш кунед. Ба онҳо муроҷиат карда, гӯед, ки медонед барои чӣ мо дар бораи ҳаёти ҳайвонҳо бо шумо суҳбат кардем? Барои он, ки ҳозир мо бо шумо матнеро мехонем, ки дар бораи ҳаёти ҳайвонҳо маълумот мегирем.
**6) Кор бо матн**: ба хонандагон супориш диҳед, ки матни "Аз ҳаёти ҳайвонҳо"-ро мустақилона бодиққат хонанд ва дар бораи ҳаёти ҳайвонҳо маълумот диҳанд. Барои хондан ба хонандагон вақт диҳед.
**7) Кори дунафарӣ:** хонандагонро дар гурӯҳҳои дунафарӣ мутаҳҳид намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар бораи ҳаёти ҳайвонҳо чиро фаҳмиданд ба ҳамдигар нақл кунанд. Аз болои хонандагон назорат баред. Боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо супоришро иҷро намуда истодаанд.

**8) Муҳокимаи умумӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар бораи ҳаёти ҳайвонҳо нақл кунанд. Кӯшиш кунед, ки ба ҳамаи хонандагони синф имконияти сухан карданро диҳед.
**9) Имлои дунафарӣ:** ба хонандагон супориш диҳед, ки матни санҷобакро истифода карда, имлои дунафарӣ нависанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
Хонандагон дафтарҳои худро бо ҳамдигар иваз намуда, имлои навиштаашонро хонда, ба якдигар тавсия медиҳанд.
**10) Бозии** Чистонгӯяк ташкил кунед. Аз чистонҳои зерин истифода баред:

Макони ӯ дар беша,
Фиребгар аст, ҳамеша.
(Рӯбоҳ)

Ки бошад ин паҳлавон,
Паҳлавони бешабон,
Хоболуди зимистон,
Марди кори тобистон?
(Хирс)

Тобистону зимистон
Хӯрокаш – донаю мағз.
Дар мағоки дарахтон
Мекунад хонаи нағз.
(Санҷоб)

11) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки боз кадом чистонҳоро медонанд, ки ҷавобашон номи ҳайвонҳо бошад? Чистонгӯякро идома диҳед. Баъд онро ҷамъбаст намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.
11) **Арзёбӣ: ба** хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳои зеринро пурра карда нависанд. Ҷумлаҳои нопурраро дар тахтаи синф нависед. Хонандагон дар дафтарҳои худ навишта давом медиҳанд.
Барои санҷоб тобистону зимистон як аст, зеро вай...
Хирс тобистону тирамоҳ бисёр хӯрок мехӯрад, зеро вай...
Харгӯш дар зимистон ҷомаашро дигар мекунад, зеро вай...
Зимистон ҳоли гурги бехона бад мешавад, чунки вай...
Аз якчанд хонанда хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳои пурракардаи худро хонанд. Дарсро хулосабарорӣ карда, ҷамъбаст намоед.
**12) Вазифаи хонагӣ**: ба хонадагон супориш диҳед, ки дарси имрӯзаро бо хонаводаашон муҳокима кунанд. Сипас дар бораи яке аз ҳайвонҳои дӯстдошта ҳикояи хурд нависанд.
**13)** Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 5 - 6. Сулҳ (2 соат)**
**Барнома.** Сулҳ ва аҳаммияти он дар ҳаёти одамон. Нишонаҳои сулҳ. Ифоданок хондани матн. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Кор болуғат. Дар бораи аҳаммияти сулҳ шифоҳӣ ҳикоя кардан. Машқҳои луғавию имлоӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**
матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
дар бораи сулҳ шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввара ва мақолаҳо доир ба сулҳ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Дарси навро метавонед аз шунавонидани суруд дар бораи сулҳ оғоз кунед. Мусиқиро шумо метавонед тавассути компютер, планшет, смартфон ё телефони ҳамроҳ шунавонед. Аз хонандагон пурсед, ки ҳангоми шунидани мусиқи чӣ пеши назари онҳо омад.
5) Диққати хонандагонро ба сарлавҳа ҷалб намуда, пурсед, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад.
6) Хонандагонро ба ифоданок хонадни шеъри "Сулҳ" ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд ва чӣ гуна мазмун доштани онро муайян кунанд (хурсандӣ ё ғаму андӯҳ). Барои чӣ?
7) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
8) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
9) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.
10) Имло ва талаффуз
а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ҳ-дорро дар дафтар нависанд.
б) Тарзи талаффузи онҳоро машқ кунанд.
в) Калимаҳоро ба саҳифаҳои мувофиқи дафтари "Имло" кӯчонанд.
11) **Имлои "Кӣ зуд менависад?"** Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофиқро (матни интихоб кардаатонро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин муроҷиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як ҷумларо хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад». Ин фаъолиятро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд. Синфро идора кунед, бикӯшед, ки хонандагон ғавғои зиёд накунанд. Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар қатори охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.
12) Хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро машқ мекунанд. Қаблан меъёрҳои нақли шифоҳиро муҳокима кунед. Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои гуфтаи онҳоро арзёбӣ кунед.
13) Барои хона вазифа супоред. Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед вазифаҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
14) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 7 - 8. Асалкаши серкор (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матн. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Муайян кардани шакл, ҷусса, ранги занбӯрҳо. Пур

кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Имлои калимаҳо. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ. Панд, зарбулмасалу мақол доир ба меҳнатдӯстӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи ҳайвонҳо шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми занбӯр, чистон, ребус, мақола ва ҳикояҳо дар бораи занбӯри асал

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.

2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.

3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.

4) Ангезиши зеҳн. Ангезиши зеҳнро ба воситаи усули “Хӯша” гузаронед. Хӯша - усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзӯъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, баробари шунидан аёнӣ бо онҳо шинос гарданд. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст:

Дар маркази лавҳаи синф (ё вароқи сафед) давра кашед.

Дар дохили давра мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосиро нависед.

Оид ба мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосии овардашуда ба хонандагон савол диҳед.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки андешаҳои худро дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ нависанд.

Мисол: аз хонандагон пурсед, ки шумо зери мафҳуми калимаи муфтхӯр чиро мефаҳмед? Фикрҳои хонандагонро бо як калима ифода карда, даруни доирачаҳо нависед.




5) Фикру ақидаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, ба қадами дигари дарс гузаред.

**6) Кор бо матн:** ин лаҳзаи дарсро бо усули “Нақшофарӣ ” гузаронед. Тартиби гузаронидани он чунин аст:

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳикояи “Асалкаши серкор”-ро мустақилона бодиққат хонанд.

Сипас хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед, ба онҳо супориш диҳед, ки нақшҳоро байни худ тақсим намоянд. Барои тақсим намудани нақшҳо ба хонандагон ёрӣ расонед.
Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни хикояи “Асалкаши серкор” нақши падару писарро иҷро карда саҳначаро машқ кунанд.
Синфро идора кунед, аз хонандагон хоҳиш намоед, ки саҳначаро бо овози паст машқ кунанд.
Сипас аз якчанд гурӯҳ хоҳиш намоед, ки саҳначаро ба аҳли синф намоиш диҳанд.
7) **Имлои дунафарӣ**: хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Ба онҳо супориш диҳед, ки ду ҷумлаи аввали матни “Асалкаши серкор”-ро ёфта имло нависанд. Хонандаи А баён мекунад, хонандаи Б менависад ва баръакс.
8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳояшонро бо ҳамдигар иваз намуда, хонанд ва барои ҳамдигар тавсияҳо пешниҳод намоянд.
9) Саволу ҷавоб ташкил намоед. Аз саволҳои зерин истифода баред.
Чӣ гуна шахсро муфтхӯр меноманд?
Анварҷон аз серкории занбӯрони асал ба чӣ хулоса омад?
Шумо ба ҷойи Анварҷон мебудед, чӣ кор мекардед?
Оё шахси муфтхӯрро дар ҷамъият дӯст медоранд? Барои чӣ?
Саволу ҷавобро ҷамъбаст намоед. Хулосабарорӣ кунед.
**10) Кори мустақилона**: ба хонандагон супориш диҳед, ки аз калимаҳои муфтхӯр, одамон, меҳнат, ҳалол истифода карда ҳикояча нависанд. Барои онҳо вақт диҳед.
11) Аз якчанд нафар хоҳиш кунед, ки ҳикоячаҳои навиштаи худро хонанд. Ҳикояҳои онҳоро гӯш карда, арзёбӣ кунед. Барои беҳтар навиштани ҳикоячаҳо ба хонандагон тавсия диҳед.

11) **Кори гурӯҳӣ**: хонандагонро ба гурӯҳҳои чор-панҷ нафарӣ ҷудо намоед. Ба онҳо супориш диҳед. Супоришҳоро дар варақаҳо навишта назди гурӯҳҳо гузоред.

**Гурӯҳи 1**
1. Аз одами бекор Худо безор.
2. Бе ранҷ наояд ба даст ганҷ
3. Меҳнат кунӣ роҳат мебинӣ.

**Гурӯҳи 2**
1. Бе занбӯр асал гирифта наметавонӣ, бе кор – пул.
2. Пулҳои муфт ба даст омадаро тӯфон мебарад.
3. Зиёфатхӯр хушомадгӯй мебошад.

**Гурӯҳи 3**
1. Дар кор тарсу дар хӯрдан паҳлавон.
2. Бахтро меҳнат ба хона меорад.
3. Дар лабони танбал ҳамеша баҳона тайёр аст.

**Гурӯҳи 4**
1. Як занбӯр беҳ аз як села магас.
2. Ҳунарманд ҳар куҷо равад, қадр бинад.
3. Кори андак беҳ аз бекорӣ

**Гурӯҳи 5**
1. Бекорӣ модари айбхост.
2. Нони меҳнатӣ ширин аст.
3. Касе, ки дарахт шинонд, дар сояи он истироҳат мекунад.

13) Муаррифии кори гурӯҳҳо: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки маънои зарбулмасалҳоро бо мисолҳои ҳаётӣ шарҳ дода фаҳмонанд. Муаррифии кори гурӯҳҳоро гӯш карда, дар баробари шарҳи хонандагон бо иловаҳои худ ҳар як мақолро шарҳ диҳед.
14) Хулосабарорӣ ва ҷамъбасти дарс: аз мақолҳо истифода карда, дарси имрӯзаро хулосабарорӣ кунед.
15) **Арзёбӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷумлаи зеринро давом диҳанд:
Ман муфтхӯр шудан намехоҳам, зеро шахси муфтхӯр...
16) **Вазифаи хонагӣ**: дарси имрӯзаро бо хонавода муҳокима кунед. Ҳамроҳи онҳо рӯйхати корҳое, ки шумо метавонед ёрӣ расонед тартиб диҳед.
**17)** Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 9 - 10. Суғур (2 соат)**
**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса ва ранги суғур. Пур кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи суғур маълумоти заруриро ёфта тавонанд;
- дар бораи суғур шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми суғур, чистон, ребус, сканворд, мақола ва ҳикояҳо дар бораи суғур
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: Дар бораи суғур чӣ медонед? Хонандагон фикру ақидаашонро баён кунанд. Онро дар «Хӯша» нависед.

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали зер дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Суғур» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда (расмро тамошо карда), ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. (Тавсия: Шумо метавонед аз рӯйи имкон чанд матни дигарро аз рӯзномаю маҷаллаҳо низ истифода баред. Дар ин сурат бар ҳар гурӯҳ матни алоҳида дода мешавад.) Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми фаъолият гурӯҳчаҳои дунафарӣ маълумотномаи худро муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифии онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.
6) Намунаи ҷадвали пуркардашуда:

| | |
|---|---|
| Ном | Суғур |
| Шакл | Пойҳои кӯтоҳ, гӯшҳои хурд, фуки кӯтоҳ, дар айёми тобистон фарбеҳу лаванд |
| Ранг | сурхи зардчатоб |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | дар дашту саҳро, марғзори болои кӯҳ, зимистони дароз хоб мекунад |
| Хӯрок | алафу гиёҳҳо, решаи серширае серғизои гиёҳҳо |
| Фоида | Равғанашро барои доруворӣ, пӯсташро барои либос ва кулоҳ истифода мебаранд. |

**6) Бозии «Кӣ зуд меёбад?».** Пешакӣ сканворд тартиб диҳед. Онро дар тахтаи синф овезон кунед ё вараќи калон (вобаста ба имконият дар вараќи А4 барои ҳар як миз) пешниҳод кунед. Сипас гӯед, ки дар он номи 5 ҳайвону паранда пинҳон шудааст.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Х | Х | И | Р | С |
| А | Т | А | Ӯ | У |
| ~~У~~ | ~~Қ~~ | ~~О~~ | ~~Б~~ | Ғ |
| Л | Т | Д | О | У |
| Б | У | З | Ҳ | Р |

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд.

Намуна:

*Суғур ҳайвони ваҳшӣ аст. Пойҳояш кӯтоҳ аст. Гӯшҳои хурд, фуки кӯтоҳ дорад.*

*Дар айёми тобистон фарбеҳу лаванд шуда базӯр роҳ меравад. Ранги суғур вобаста сурхи зардчатоб мешавад.*

*Суғур дар дашту саҳро ва марғзори болои кӯҳ зиндагӣ мекунад. Дар тобистон алафу гиёҳҳо ва решаи серширае серғизои гиёҳҳоро хӯрда, зимистони дароз хоб мекунад.*

*Равғанашро барои доруворӣ, пӯсташро барои либос ва кулоҳ истифода мебаранд.*

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.

9) Аз хонандагон ххиш кунед, ки дафтару китобҳоро пӯшанд ва дар бораи суғур шифоҳӣ ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.

10) Дар раванди дарс шумо метавонед кроссворд, ребусҳо таҳия намуда онро истифода баред. Инчунин дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз чистон ва усули «Курсии сеҳрнок» низ метавонед истифода баред.

11) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кӯшиш кунед.

**Дарсҳои 11 - 12. Ром кардани асп (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса ва ранги асп. Пур кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳои хонанда:**

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи асп маълумоти заруриро ёфта тавонанд;
- дар бораи асп шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.
-

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми асп, чистон, ребус, кроссворду сканворд, мақола ва ҳикояҳо дар бораи асп
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расми асп

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: *Дар бораи асп чӣ медонед?* Пешакӣ ҷадвали зерро тасвир кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки доир ба ҳар як банди ҷадвал фикру ақидаашонро баён кунанд.

| Ном | **Асп** |
|---|---|
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Фоида | |

5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали боло дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Ром кардани асп» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда, ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Ҳангоми муаррифии корҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.
6) Намунаи ҷадвали пуркардашуда:

| Ном | Асп |
|---|---|
| Шакл | аспҳои ёбоӣ калонҷусса ва каллакалонанд. Ёл ва думи дарози сермӯй доранд. |
| Ранг | зард ва хокистарранг |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | дар дашту саҳро, аспҳои хонагӣ дар хавлии соҳибашон зиндагӣ мекунанд. |
| Хӯрок | алаф, беда, ҷав |
| Фоида | Ҳамчун ҳайвони саворӣ ва боркаш, дар бозиҳои варзиӣ, варзишӣ низ истифода мебаранд. Пӯсту гӯшташро истифода мебаранд. |

**6) Бозии «Кӣ зуд меёбад?»**. Пешакӣ сканворд тартиб диҳед. Онро дар тахтаи синф ё вараqи калон (вобаста ба имконият дар варақи А4 барои ҳар як миз) овезон кунед ё кашед. Сипас онро ба хонандагон нишон дода, муаллим мегӯяд, ки дар он номи 6 ҳайвону паранда пинҳон шудааст. Нафаре, ки якум шуда номи онҳоро меёбад ва хат мезанад ғолиб дониста мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Х | Б | Н | Ж | Ф |
| А | Т | А | Г | О |
| Р | Ӯ | Б | О | Ҳ |
| Л | Т | У | В | У |
| П | Й | З | М | С |

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд.

Намуна: *Асп*

*Асп ҳайвони хонагӣ ва ёбоӣ мебошад. Аспҳои ёбоӣ калонҷусса ва каллакалонанд. Ёл ва думи дарози сермӯй доранд. Онҳо дар дашту саҳроҳо зиндагӣ мекунанд. Аспҳои хонагӣ дар ҳавлии соҳибашон зиндагӣ мекунанд. Ранги асп аксар вақт зард, хокистарранг, сурх, бӯр ва .... мешавад.*

*Аспҳо алаф, беда, ҷав мехӯранд. Аспҳоро ҳамчун ҳайвони саворӣ ва боркаш истифода мебаранд Аспҳоро дар пойгаҳои варзиш ва чавандозӣ (бузкашӣ) истифода мебаранд. Аз пӯсти асп пойафзолу либосҳои чармӣ ва аз гӯшташ ҳар гуна хӯрокҳо мепазанд.*

8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.

9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтару китобҳоро пӯшанд ва дар бораи асп шифоҳӣ ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.

10) **Бозии «Ин садои чист?»**. Синф ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад. Аз ҳар як гурӯҳ як нафар ба садои ягон ҳайвон тақлид мекунад. Намояндагони гурӯҳи дуюм муайян мекунанд, ки он садои чист. (Ин бозиро ҳамчун лаҳзаи дамгирӣ дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс истифода баред.)

11)) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кӯшиш кунед.

**Дарсҳои 13 - 14. Рӯбоҳчаҳо худро офтоб медиҳанд (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса ва ранги рӯбоҳ. Пур кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун–(ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи рӯбоҳ маълумоти заруриро ёфта тавонанд;
- дар бораи рӯбоҳ шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми рӯбоҳ, чистон, ребус, мақола ва ҳикояҳо дар бораи рӯбоҳ

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: *Дар бораи рӯбоҳ чӣ медонед?* Хонандагон фикру ақидаашонро баён кунанд. Онҳоро дар «Хӯша» нависед.




5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали зер дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Рӯбоҳчаҳо худро офтоб медиҳанд» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда (расмро тамошо карда), ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. (Тавсия. Шумо метавонед аз рӯйи имкон чанд матни дигарро аз рӯзномаю маҷаллаҳо низ истифода баред. Дар ин сурат бар ҳар гурӯҳ матни алоҳида дода мешавад.) Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми фаъолият гурӯҳҳо маълумотномаи худро муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифии онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.

6) Монанди намунаҳои дарси қаблӣ пур карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Ном | |
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

**6)** Доир ба мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Пас аз саволу ҷавоб аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд. (Ниг. ба дарсҳои қаблӣ)
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.
8) Ба мазмуни матн баргардед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки лаҳзаи мушоҳидаи ҳаёти ғозро бори дигар нақл кунанд. Аз онҳо пурсед, ки ягон маротиба рафтори ҳайвонҳоро мушоҳида кардаанд. Хоҳиш кунед, ки онро монанди намунаи матн ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.
9) Дар раванди дарс шумо метавонед кроссворд, ребусҳо таҳия намуда онро истифода баред. Инчунин дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз чистон ва усули «Курсии сеҳрнок» низ метавонед истифода баред.

11) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 15 - 16. Шутур (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса ва ранги шутур. Пур кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун-эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи шутур маълумоти зарурирро ёфта тавонанд;
- дар бораи шутур шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми шутур, чистон, ребус, мақола ва ҳикояҳо дар бораи шутур

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: Дар бораи шутур чӣ медонед? Хонандагон фикру ақидаашонро баён кунанд. Онро дар «Хӯша» нависед.




5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали зер дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Шутур» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда (расмро тамошо карда), ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. (Тавсия. Шумо метавонед аз рӯйи имкон аз мақолаю маълумотномаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо низ истифода баред.) Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми фаъолият гурӯҳчаҳои дунафарӣ маълумотномаи худро муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифии онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.
6) Монанди намунаҳои дарси қаблӣ пур карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Ном | Шутур |
| Шакл | Кӯҳон дорад |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

**6)** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд. (Ниг. ба дарсҳои қаблӣ)
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.
8) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтару китобҳоро пӯшанд ва дар бораи суғур шифоҳӣ ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.
9) Дар раванди дарс шумо метавонед кроссворд, ребусҳо таҳия намуда онро истифода баред. Инчунин дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз чистон ва усули «Курсии сеҳрнок» низ метавонед истифода баред.
11) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
12) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 17 - 18. Ғози танҳо (2 соат)**
**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, қад, ҷусса ва ранги ғоз. Пур кардани ҷадвали маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун–(ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи ғоз маълумоти заруриро ёфта тавонанд;
- дар бораи ғоз шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми ғоз, чистон, ребус, мақола ва ҳикояҳо дар бораи ғоз
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: *Дар бораи ғоз чӣ медонед?* Хонандагон фикру ақидаашонро баён кунанд. Онҳоро дар «Хӯша» нависед.




5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали зер дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Ғози танҳо» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда (расмро тамошо карда), ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. (Тавсия. Шумо метавонед аз рӯйи имкон чанд матни дигарро аз рӯзномаю маҷаллаҳо низ истифода баред. Дар ин сурат бар ҳар гурӯҳ матни алоҳида дода мешавад.) Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми фаъолият гурӯҳчаҳои дунафарӣ маълумотномаи худро муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифии онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.

6) Монанди намунаҳои дарси қаблӣ пур карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Ном | |
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар кучо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

**6)** Доир ба мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Пас аз саволу ҷавоб аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд. (Ниг. ба дарсҳои қаблӣ)

7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.

8) Ба мазмуни матн баргардед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки лаҳзаи мушоҳидаи ҳаёти ғозро бори дигар нақл кунанд. Аз онҳо пурсед, ки оё ягон маротиба рафтори ҳайвонҳоро мушоҳида кардаанд? Хоҳиш кунед, ки онро монанди намунаи матн ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.

9) Дар раванди дарс шумо метавонед кроссворд, ребусҳо таҳия намуда онро истифода баред. Инчунин дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз чистон ва усули «Курсии сеҳрнок» низ метавонед истифода кунед.

11) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

12) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 19 - 20. Ҷайраи айёр (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвонот. Воситаҳои тасвири ҳайвонот. Хондани матни маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Хондан бо мақсади дарёфти ахбори зарурӣ. Муайян кардани шакл, дум, қад, ҷусса ва ранги ҷайра. Пур кардани ҷадвали

маълумотнома. Аз рӯйи ҷадвали маълумотнома шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб додани матн. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун–(ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- матнро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- аз рӯйи мазмуни матн дар бораи ҷайра маълумоти заруриро ёфта тавонанд;
- дар бораи ҷайра шифоҳӣ ва хаттӣ матни хурд тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, расми ҷайра, чистон, ребус, мақола ва ҳикояҳо дар бораи ҷайра
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Савол гузоред: *Дар бораи ҷайра чӣ медонед?* Хонандагон фикру ақидаашонро баён кунанд. Онҳоро дар «Хӯша» нависед.




5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки монанди ҷадвали зер дар дафтар як ҷадвали дигар тасвир кунанд. Сипас хонандагонро ба гурӯҳчаҳои дунафарӣ ҷудо кунед ва ба хондани матни «Ҷайраи айёр» ҳидояташон намоед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки матнро хонда (расмро тамошо карда), ҷадвали дар дафтар тасвир кардаашонро пур кунанд. (Тавсия. Шумо метавонед аз рӯйи имкон чанд матни дигарро аз рӯзномаю маҷаллаҳо низ истифода баред. Дар ин сурат бар ҳар гурӯҳ матни алоҳида дода мешавад.) Назди онҳо рафта, фаъолияти онҳоро назорат кунед ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонед. Пас аз анҷоми фаъолият гурӯҳчаҳои дунафарӣ маълумотномаи худро муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми муаррифии онҳо ба меъёрҳои забони адабӣ, пайдарпайии мантиқии баён ва дурустии кори онҳо диққат диҳед.
6) Монанди намунаҳои дарси қаблӣ пур карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Ном | |
| Шакл | |
| Ранг | |
| Дар куҷо зиндагӣ мекунад? | |
| Хӯрок | |
| Фоида | |

**6)** Доир ба мазмуни матн бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Пас аз саволу ҷавоб аз хонандагон хоҳиш кунед, ки китобҳояшонро пӯшанд. Аз рӯйи ҷадвали пуркардаашон як ҳикояи хурд нависанд. (Ниг. ба дарсҳои қаблӣ)
7) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро ба ҳамдигар иваз карда ғалатҳоро ислоҳ кунанд. Дафтари хонандагонро санҷида, бовар ҳосил кунед, ки хонандагон дуруст иҷро кардаанд.
8) Ба мазмуни матн баргардед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки лаҳзаи мушоҳидаи ҳаёти ғозро бори дигар нақл кунанд. Аз онҳо пурсед, ки ягон маротиба рафтори ҳайвонҳоро мушоҳида кардаанд. Хоҳиш кунед, ки онро монанди намунаи матн ҳикоя кунанд. Ҳикояҳои онҳоро бишнавед ва барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳо диҳед.
9) Дар раванди дарс шумо метавонед кроссворд, ребусҳо таҳия намуда онро истифода баред. Инчунин дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс аз чистон ва усули «Курсии сеҳрнок» низ метавонед истифода баред.
10) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
11) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 21 - 22. Мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон (2 соат)**

**Барнома.** Олами ҳайвоноту наботот. Роҳҳои ҳифз кардани олами набототу ҳайвонот. Мамнӯъгоҳ. Вазифаи мамнӯъгоҳ. Мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон. Хондани матнҳои маърифатӣ. Аз рӯйи ном муайян кардани мазмуни матн. Аз матн дарёфт кардани ахбори даркорӣ. Муқоиса. Машқҳои имлоӣ ва луғавӣ. Матнофарӣ. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун–(ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- дар бораи аҳаммияти муҳофизати олами набототу ҳайвонот шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.
- дар бораи муҳофизати ҳайвоноту наботот ҳикояи хурд навишта тавонанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба олами набототу ҳайвонот

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
4) Ангезиши зеҳн. Ҳайвонҳои ваҳшӣ ба ҷуз аз дашту саҳро боз дар куҷоҳо нигаҳдорӣ мешаванд? Дарахту рустаниҳои гуногун-чӣ?
Ҷавобҳои хонандагонро бишнавед ва хулоса бароред. Ҳайвонҳои ваҳшӣ дар боғи ҳайвонот, сирк ва мамнӯъгоҳҳо нигаҳдорӣ мешаванд. Дар бораи Боғи ҳайвонот ва сирк каме маълумот диҳед.
5) Дар бораи мамнӯъгоҳ суханро оғоз кунеду истед. Гӯед, ки беҳтарш худи шумо матнро хонед ва дар бораи манӯъгоҳ маълумот диҳед.

6) Хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Онҳо матнҳои «Мамнӯъгоҳ», мамнӯъгоҳҳои «Бешаи палангон»ва «Ромит»-ро мехонанд ва маълумот медиҳанд.
7) Дар тахтаи синф диаграммаи Венн-ро тасвир кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мамнӯъгоҳҳои «Бешаи палангон» ва «Ромит»-ро муқоиса кунанд. Дар бораи ҳайвонҳою рустаниҳои ҳар ду мамнӯъгоҳ маълумот диҳанд.
8) Усули «Курсии сеҳрнок». Чанд нафар хонанда аз рӯйи хоҳиш дар «Курсии сеҳрнок» бо навбат мешинанд. Хонандагони дигар аз рӯйи мазмуни матн ба онҳо савол медиҳанд. Омӯзгор метавонад пеш аз саволу ҷавоб бозии «Савол чӣ буд?»-ро ёдрас шавад ва тарзи саволдиҳиро ба хотири хонандагон биёрад.
9) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳайвонҳо ва рустаниҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависанд
10) Бо номи ҳайвонҳою рустаниҳо аввал ибора, баъд ҷумла созанд.
11) Хонандагонро барои навиштани ҳикояи хурд дар бораи олами набототу ҳайвоноти Тоҷикистон раҳнамоӣ кунед. Хонандагон пас аз навиштани ҳикоя онро мехонанд. Ғалатҳоро ислоҳ карда, тавсияҳо пешниҳод кунед.
12) Мувофиқи имконият ва шароити синф ба хонандагон вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
13) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 23 - 24. Кори лоиҳавӣ (2 соат)**

**Барнома**. Гирдоварии мавод доир ба олами ҳайвоноти Тоҷикистон. Гурӯҳбандии зарбулмасалу мақол, чистон, мақола, маълумот ва расмҳо. Саҳифабандии варақаҳо. Номгузории китобча. Хондани китобча. Арзёбӣ.

**Салоҳиятҳо:**

3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад

3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун риоя намуда, аҳаммияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- дар кори гурӯҳ саҳм гузошта тавонанд;
- дар бораи олами ҳайвонот чистон, расм, зарбулмасалу мақол, мақола, маълумотнома гирд оварда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; варақаҳои А4, албом, коғаз ва қаламҳои ранга, ширеш
Тартиб:

Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

1) Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид кунед.
2) Ба онҳо варақи А4 ё дафтари дусаҳифадор диҳед.
3) Мавзӯи матнро дар тахтаи синф нависед. “Олами ҳайвоноти Тоҷикистон”
4) Аз гурӯҳҳо хоҳиш намоед, ки як ҳайвон (хонагӣ ё ваҳшӣ), паранда, хазандаро интихоб кунанд. Расми онро тасвир кунанд. Дар зери расм ҷадвали мазкурро тасвир карда, дар бораи ҳайвони интихобкардаашон маълумотномаро пур кунанд. Аз рӯйи хоҳиш ва имкон хоандагон метавонанд чистон ё шеърҳои кӯтоҳро низ нависанд.

| | |
|---|---|
| **Ном** | |
| **Дар куҷо зиндагӣ мекунад?** | |
| **Шакл (шох, гӯш, фӯк, ёл,)** | |
| **Ранг** | |
| **Хӯрок** | |
| **Фоида** | |

5) Сарвараќи онро номгузорӣ кунанд ва оро диҳанд.
6) Ваарқҳоро ботартиб гузошта, ба ҳам часпонанд.
7) Ҳангоми кори гурӯҳҳо дар синф давр зада, ба хонандагон ёрӣ расонед.
8) Номи китобчаҳои хонандагонро муҳокима кунед.
9) Муаллифи китобчаро нависед. Масалан: хонандагони синфи 3"А".
10) Саҳифаҳои китобчаро ба навбат кушоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд.

**Дарсҳои 25 - 26. Хайбар (2 соат)**

**Барнома.** Машқи дар ҷумлаҳо иваз кардани ҷонишини шахси якуми танҳо «ман» ба шахси сеюми танҳо «вай», «ӯ». Мавқеи ҷонишинҳои шахсӣ дар нақли эҷодӣ. Кор бо матни «Хайбар» (порча аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ). Мустақилона хондани матн. Шарҳи калимаҳои душвори матн ва навиштани онҳо.Тартиб додани нақшаи нақл. Муфассал, мухтасар ва интихобӣ нақл кардани мазмуни матн. Баҳо додан ба рафтори симоҳои матн. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Монанди мазмуни матн аз ҳаёт дар бораи муносибат ба ҳайвонҳои хонагӣ ҳикоя кардан. Бозии «Ин садои чист?». Муайян кардани замон ва макони баргузории воқеаи дар матн омада. Аз рӯйи намуна навиштани ҳикояи хурд. Дар ҳикоя нишон додани замон ва макони баргузории воқеа. Хондани ҳикояҳои навишта. Арзёбии тасвири замон ва макони баргузории воқеа дар ҳикояҳо. Ислоҳ кардани ҳикояҳои навишта. Мувофиқи мазмуни матн аз ҳаёт доир ба ҳайвонҳои хонагӣ (сагу гурба ва парандаҳо) мисол овардан.

**Салоҳиятҳо:**

3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.

3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии нисбатан калонтари сохторашон гуногун–(ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- замон ва макони баргузории воқеаро муайян карда тавонанд;
- ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
- фикри асосии матнро муайян карда тавонанд;
- доир ба мазмуни мавзӯъ матни хурд эҷод карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба мазмуни матн

**Равиши дарс**

1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед1)
4) Дар мавзӯи «Оё ҳайвонҳо ҳам раҳм доранд?» суҳбат ороед.
5) Хонандагонро ба хондани матни «Хайбар» ҳидояташон намоед.
6) Меъёрҳои нақл карданро бо хонандагон муҳокима намоед.
7) Кор бо матн.

а) Хонандагон матнро хонда, мазмунашро эҷодӣ нақл мекунанд.

б) Нақли хонандагонро арзёбӣ намуда, барои беҳтар шудани нутқи онҳо тавсияҳои мушаххас диҳед. Агар зарур шуморед, намунаашро худатон нишон диҳед.

6) Мустаҳкамкунии малакаи нақл кардан

а) Бо хонандагон меъёрҳои навъҳои дигари нақл карданро муҳокима намоед.
б) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро муфассал нақл кунанд.
в) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро мухтасар нақл кунанд.
г) Вазифа диҳед, ки мазмуни матнро интихобан нақл кунанд.

7) Хонандагон қаблӣ ба рафтори Хайбар баҳо дода, раҳмдил будани онро нишон медиҳанд.Ҷумлаҳоеро, ки дар онҳо бораҳм будани Хайбар ифода ёфтааст, менависанд.
8) Ба хонандагон супориш диҳед, ки фикри асосии матнро муайян кунанд.
9) Доир ба мавзӯъ аз ҳаёт мисолҳо оварда мешаванд. Муҳокимаи онҳоро ба роҳ монед.
10) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар бораи ҳайвонҳои хонагии худ аввал шифоҳӣ, сипас хаттӣ ҳикоя тартиб диҳанд.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки монанди дарсҳои қаблӣ дар бораи раҳм зоҳир кардани ҳайвонҳо ҳикояи хурд нависанд. Дарсро ҷамъбаст намуда, фаъолияти таълимии хонандагонро арзёбӣ намоед ва барои хона вазифа супоред.
12) Дараҷаи ба мақсадҳои дарс ноил шуданро таҳлил намуда, хулоса бароред.

**Дарсҳои 27 - 30. Кенгуруи дайду (4 соат)**
**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанг хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.
**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.
**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
– мазмуни матнро пешгӯйӣ карда тавонанд;
– мазмуни пешгӯйиро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
– симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
– ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
– мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
– калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
– аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
– фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.
**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба мазмуни матн
**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед
4) Суҳбат ташкил кунед. Хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ муттаҳид намоед. Мақоли зеринро дар тахтаи синф нависед ва як маротиба барои хонандагон хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мақолро шарҳ диҳанд. Барои онҳо вақт диҳед, то ки дар гурӯҳҳои дунафарӣ муҳокима намоянд.
5) Аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки шарҳи мақолро муаррифӣ намоянд. Фикру ақидаҳои хонандагонро гӯш кунед. Мақолро бо мисолҳои ҳаётӣ пурра намуда шарҳ диҳед.

**6) Кор бо матн**. Аввал диққати хонандагонро ба сарлавҳаи матн ҷалб намуда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки пешгӯйӣ кунанд, ки барои чӣ матн “Кенгуруи дайду” ном дорад. Кенгуру чӣ гуна ҳайвон аст? *Шумо кенгуруро дидаед? Дар куҷо? Вай чӣ гуна ҳайвон аст? Чи гуна ҳаракат мекунад? Биёед ҳоло якҷоя ҳаракатҳои кенгуруро иҷро мекунем. Оё шумо медонед, ки кенгурӯҳо дар кадом мамлакат зиндагӣ мекунанд? (дар Австралия). Калимаи “дайду” чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Мехоҳед ҳоло бифаҳмед, ки барои чӣ ба афсона “Кенгуруи дайду” ном гузоштаанд? Пас биёед, афсонаро мехонем.*

7) Матни афсонаро ба ду қисм ҷудо намоед. Бо усули “Хониши намунавии омӯзгор” қисми якуми афсонаро барои хонандагон хонед. Овозатонро вобаста ба гуфтори симоҳои матн тағйир диҳед.

8) **Кори инфиродӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки қисми якуми афсонаро мустақилона хонанд. Барои хондан ба онҳо вақт диҳед, то ки мисли шумо хонданро машқ кунанд. Хондани онҳоро назорат баред.

**9) Кори дунафарӣ:** аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мазмуни афсонаро барои ҳамдигар нақл кунанд. Хонандаи А ба хонандаи Б ва баръакс. Фаъолияти хонандагонро назорат баред. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон супоришро иҷро карда истодаанд.

10) Аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки мисли хониши намунавии омӯзгор матни афсонаро барои аҳли синф хонанд. Ба афсонахонони беҳтарин баҳо диҳед.

11) Саволу ҷавоб ташкил намоед. Саволу ҷавобро бо усули “Баъд чӣ мешавад?” ташкил намоед. Тартиби гузаронидани усули мазкур чунин аст: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оғози афсонаро кӣ нақл мекунад? Аз як хонанда хоҳиш кунед, ки аввали афсонаро нақл кунад. Сипас аз хонандаи дигар хоҳиш кунед, ки давоми афсона чӣ мешавад? Хонандаи дигар чӣ шудани давоми афсонаро нақл мекунад. Аз хонандаи дигар мепурсӣ “Баъд чӣ мешавад?” Ҳамин тариқ, бо як саволи “Баъд чӣ мешавад?” барои тамоми хонандагони синф имконияти нақли мазмуни афсона ва риояи пайдарпайии ҳодисаҳои дар афсона омадаро медиҳед.

12) **Супориш**. Ба хонандагон супориш диҳед, ки мақолҳои зеринро нависанд ва бо шарикашон муҳокима намуда, барои чӣ гуна одамон ин мақолҳо гуфта шудаанд, муайян кунанд.

1. Бар хонаи дӯсти худ бисёр марав,
Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.
2. Ба ҷойе, ки даъват нашудаӣ, марав.
3. Дӯстӣ бо аблаҳ дарди сар аст.
4. Кореро, ки ба худ намеписандӣ, ба дигарон низ раво надон.

**13)** Аз якчанд гурӯҳҳои дунафарӣ хоҳиш намоед, ки фикрашонро оид ба мазмуни мақолҳо барои дигарон шарҳ диҳанд. Шарҳи хонандагонро бо иловаҳои худатон пурра намоед.

**14) Кор бо тест**. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло бо саволҳои тестӣ кор мебарем. Мувофиқи шароит ва имкониятҳо пешакӣ саволҳои тестиро мувофиқи шумораи хонандагонатон омода намоед. Агар имконият набошад, шумо метавонед, ки саволҳои тестиро дар лавҳи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки саволҳоро ба дафтарашон нависанд. Ҷавобҳои дурустро ишора кунанд.

1. **Кенгуруоча дар куҷо зиндагӣ мекард?**
а) Дар Дулоназор ном марғзоре.
б) Дар соҳили баҳр.
в) Дар биёбони хушк.

**2. Барои чӣ ҷонварони атроф Кенгуруро эҳтиром намекарданд?**
а) Барои он, ки бо ҳамсояҳо рафтуомад надошт.
б) Барои он, ки бе даъват ба меҳмонӣ рафтан ва зиёфати тайёр хӯрданро дӯст медошт.
в) Барои он, ки бо ҳамсояҳо доимо ҷангу harхаша мебардошт.

**3. Кенгуру бо чи ошноӣ пайдо карда буд?**
а) Бо рӯбоҳи маккор.

б) Бо гурги гурусна.
в) Бо хурӯси куланг.

15) Баъд аз анҷоми кор бо тестҳо аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дафтарҳои худро иваз намуда ҷавобҳои ишоракардаи якдигарро хонанд ва бо ҷавобҳои худ муқоиса кунанд. Шумо метавонед, ки барои бовар ҳосил кардан муҳокимаи умумӣ гузаронед.

**16) Имлои дунафарӣ**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки сархати аввали матнро зебо ва беғалат нависанд. Хонандаи А мехонад, хонандаи Б менависад ва баръакс. Сипас ба навиштаҳои ҳамдигар тавсияҳо медиҳанд.

**17) Арзёбӣ**: арзёбии дарсро бо усули “Курсии сеҳрнок” гузаронед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи мазмуни афсонаи “Кенгуруи дайду” саволҳо таҳия кунанд. Сипас аз як нафаре, ки нақши Кегуруи дайдуро иҷро кардан мехоҳад, хоҳиш мекунед, ки дар саҳни синф, дар курсӣ шинад. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саволҳояшонро ба нафаре, ки нақши Кенгуруи дайдуро иҷро мекунад, диҳанд. Мисол:

**Хонандаи 1.**
– Эй Кенгуру, шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?
**Кенгуру.**
– Ман дар Дулоназор ном марғзоре зиндагӣ мекунам.
**Хонандаи 2.**
– Эй Кекгуру, шумо чанд бача доред?
Кенгуру
– Ман се бача дорам.
**Хонандаи 3.**
– Эй Кенгуру, шумо чи одат доштед?
**Кенгуру.**
– Ман ба меҳмонӣ рафтану зиёфати тайёр хӯрданро дӯст медоштам.
Ҳамин тариқ хонандагони дигар низ саволҳояшонро ба кенгуру медиҳанд.

**18) Вазифа барои хона**: аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯи имрӯзаро ба падару модар нақл кунанд. Ҳамроҳи онҳо қоидаҳои ба меҳмонӣ рафтанро тартиб диҳанд.

**Дарсҳои 3 - 4**

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ; расмҳои кенгуру, хурӯс, мурғ ва чӯҷаҳо.

**Равиши дарс.** Дарси мазкур идомаи дарси гузашта буда, хонандагон дар бораи одоби меҳмонӣ, ки падару модар барои онҳо нақл карданд, муҳокима ронанд. Давоми матни афсонаи “Кенгуруи дайду”-ро пешгӯйӣ мекунанд.
1) Ташкили дарс.
2) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед.
3) Ба хонандагон вақт диҳед, ки барои муаррифӣ намудани одоби меҳмонӣ, ки аз падару модар шуниданд, омода шаванд. Аз якчанд нафар хоҳиш кунед, ки нақли падару модарро барои аҳли синф нақл кунанд. Нақли онҳоро гӯш карда, бо иловаҳои худатон ҷамъбаст намоед.
4) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мазмуни матнро то ҳамон лаҳзаи ба хонаи Хурӯс рафтани Кенгуру ва кенгурубачаҳо нақл кунанд. Сипас аз онҳо пурсед, ки агар шумо мебудед, давоми матнро чӣ гуна менавиштед. Фикри хонандагонро гӯш карда, ба онҳо вазифа диҳед, ки давоми матнро тарзе нависанд, ки дар он Кенгуру рафторҳои нодурусти худро фаҳмад ва ислоҳ кунад. Ҳикояи навиштаи онҳоро муҳокима ва арзёбӣ кунед.
5) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки давоми афсонаро (қисми 2) хонанд ва бо пешгӯйиҳои навиштаи худ муқоиса кунанд. Сипас доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб ташкил кунед.

Саволу ҷавобро бо усули “Баъд чӣ мешавад?” гузаронед. Яъне аз хонандагон мепурсед, ки давоми афсона чӣ шуд? Баъд чӣ шуд? Ҳамин тариқ то анҷоми афсона ба воситаи усули мазкур аз ҳамаи хонандагон бо як – ду ҷумла нақли мазмуни афсонаро мепурсем.

6) **Кор бо тест:**
1. **Вақти гусели меҳмонҳо Кенгуру чӣ ҳолате дошт?**
а) Хушҳол шуд.
б) Ҳолате дошт бадтар аз гиря.
в) Меҳмонҳоро гусел карда, “боз биёед” гуфт.

**2. Кенгуру дар охир чиро фаҳмид?**
а) Ин одатамро бояд тарк накунам, гуфт.
б) Меҳмони нохонда хеле зишт ва малоловар будааст.
в) Ба меҳмонӣ боз рафтан лозим гуфт.

7) **Арзёбӣ**: савол ва супоришҳои дар ҷадвали зер овардашударо дар тахтаи синф нависед. Аз хонадагон хоҳиш кунед, ки ба савол ва супоришҳои зерин ҷавоб нависанд.

| |
|---|
| **1) Номи симоҳоро нависед.** |
| **2) Ҳодиса дар куҷо рух дод?** |
| **3) Каме дар бораи ҳодиса нависед.** |
| **4) Ҳикоя ба шумо маъқул шуд ё не? Чаро? Фикратонро нависед.** |
| **5) Хулоса.** |

8) Аз якчанд нафар хонадагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳо ва хулосаҳои навиштаи худро барои аҳли синф муаррифӣ кунанд. Дарси имрӯзаро хулосабарорӣ кунед.
9) **Вазифаи хонагӣ**: ба хонандагон супориш диҳед, ки ифоданок хондани афсонаи “Кенгуруи дайду”-ро ашро машқ кунанд.
10) Дарсро ҷамъбаст кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 31 - 32. Давлат чист? (2 соат)**

**Барнома.** Аз рӯйи сарлавҳа, расм ва калимаҳои калидӣ пешгӯйӣ кардани мазмуни матн. Хондани матн. Муқоисаи мазмуни пешгӯйӣ бо мазмуни аслии матн.Тарзи хондани матнҳои диалогӣ. Мувофиқи оҳанги зарурӣ хондани суханони муаллиф ва симоҳои матн. Нақшофарӣ. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан Саволу ҷавоб. Муайян карда тавонистани симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Сабаби рух додани воқеа. Ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонистан. Муайян кардани мавзӯъ ва фикри асосии матн. Навиштани номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа. Машқҳои имлоӣ, луғавӣ, ҷумласозӣ ва босуръатнависӣ. Навиштани матнҳои хурд.

**Салоҳиятҳо:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмуни матнро пешгӯӣ карда тавонанд;
- мазмуни пешгӯииро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда тавонанд;
- симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
- гуфтору рафтори симоҳои матнро муайян карда тавонанд;
  - ба гуфтору рафтори симоҳои матн баҳо дода тавонанд;
  - мавзӯъ ва фикри асоси матнро муайян карда тавонанд;
  - калимаҳоро тибқи қоидаҳои имло навишта тавонанд;
  - аз рӯйи мазмуни матн ҳикояи хурд тартиб дода тавонанд;
  - фаъолияти таълими худ ва дигаронро арзёбӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусаввараҳо доир ба мазмуни афсона, панд, зарбулмасалу мақолҳои ба мазмуни матн мувофиқ

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои таълимии дарсро бо хонандагон муҳокима намоед. Хотиррасон намоед, ки дар охири дарс сари ин мақсадҳо бармегардед ва бо натиҷаҳои дарс муқоиса мекунед.
4) Ҳикояро бо усули "Пешгӯӣ" хонед.
Саволу масъалаҳои пеш аз хонданро омода намоед. Мисол: Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ сарлавҳаи матн "Давлат чист?" ном дорад?
Ба фикри шумо, давлат чист? (Фикри хонандагонро бишнавед ва хулоса бароред)
5) Хондан, пешгӯӣ кардан ва муқоиса кардани мазмуни матнро монанди дарсҳои қаблӣ ба роҳ монед. (Хонандагон пешгӯӣ мекунанд, Сипас мехонанд ва пешгӯйии худро бо мазмуни аслии матн муқоиса карда хулоса мебароранд.)
6) Бо хонандагон дар бораи мазмуни матн суҳбат кунед. Дар ҷараёни суҳбат симоҳо, замон ва макони баргузории воқеаро муайян карда, фикри асоси матнро муайян мегардад. Дар охири суҳбат бори дигар сарлавҳаи матнро ба хотир оварда, сабаби "Давлат чист?" ном гирифтани он шарҳ дода мешавад. Хонандагон ба саволи "давлат чӣ будааст?" ҷавоб мегӯянд.
7) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни матн саҳнача тайёр кунанд. Хонандагон саҳнача тайёр карда, онро намоиш медиҳанд (як ё ду гурӯҳ). Саҳначаҳои онҳоро арзёбӣ намуда, тавсияҳои мушаххас диҳед.
8) Кори дунафарӣ. Ба хонандагон супориш диҳед, ки ду ҷумлаи аввали матнро бо навбат ба ҳамдигар хонанд ва нависанд, дафтарҳои худро ба ҳамдигар иваз намоянд ва ғалатҳоро муайян сохта, ислоҳ намоянд. Интихобан дафтари чанд нафарро санҷида, дурустии кори онҳоро муайян кунед.
9) Ба хонандагони алоҳида вазифаҳои гуногун супоред. Тарзи иҷрои вазифаи хонагиро шарҳ диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳама тарзи иҷрои вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.
10) Ба мақсадҳои дарс баргардед. Дараҷаи ба онҳо ноил шуданро муайян кунед. Дар дарсҳои минбаъда барои ислоҳи онҳо кор баред.

**Дарсҳои 33 - 34. Тобистон (2 соат)**
**Барнома.** Фрорасии тобистон. Нишонаҳои тобистон. Меваҳои пешпазак. Калима ва ибораҳои хосси фасли тобистон. Бодиққат тамошо кардани расму суратҳо доир ба фасли тобистон. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни расмҳо. Машқи хондани калимаҳои мураккаб. Навиштан ва шарҳ додани онҳо. Мустақиллона хондани матн. Барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода бурдан. Суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда тавонистан. Саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни матн. Алоқаманд кардани мавзӯъ бо дарсҳои табиатшиносӣ. Мисол овардани дигар маълумот оид ба фасли тобистон аз

фанни табиатшиносӣ. Муайян кардани калима ва ибораҳои хосси тобистон. Бо истифода аз калимаву ибораҳои матн тартиб додани ҷумлаҳо. Имлои калимаҳои душвор. Муқоисаи навиштаҳои ҳамдигар. Муайян сохтан ва ислоҳ кардани ғалатҳо. Зебо, тоза ва беғалатнависӣ.

**Салоҳиятҳои хонанда:**
3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро истифода мебарад.
3.3.1. Қоидаҳои хонданро медонад ва риоя мекунад.
3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад.
3.3.3. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калон менависад.

**Мақсадҳои дарс.**
Хонандагон бояд:
- матни шеъриро равону бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои душвори матнро шарҳ дода тавонанд;
- ибора, ҷумла ва матни хурд навишта тавонанд.
- дар бораи фасли тобистон шифоҳӣ ҳикоя тартиб дода тавонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, сурат, расму мусавварахо доир ба фасли тоюистон; сабти мусиқии форам (аз рӯйи имкон)

**Равиши дарс**
1) Ташкили дарс.
2) Арзёбии вазифаи хонагӣ.
3) Мақсадҳои дарсро бо хонандагон муҳокима кунед
4) Дар лавҳи дарсхона хӯша тасвир кунед. Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи тобистон чиҳоро медонанд. Фикрҳои баённамудаи хонандагонро дар давраҳои хӯша нависед.
5) Хонандагонро ба ифоданок хондани шеъри “Тобистон” ҳидояташон намоед. Супориш диҳед, ки тарзи ифоданок хонданро ба ёд оварда аввал хомӯшона, баъд бо овози баланд хонанд ва чӣ гуна мазмун (хурсандӣ ё ғаму андӯҳ) доштани онро муайян кунанд.

6) Интихобан чанд нафарро пурсед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед (тарзи дуруст хонданро нишон диҳед ё аз хонандаи пешқадам хоҳиш кунед, ки нишон диҳад). Бо хонандагоне, ки меъёрҳоро пурра риоя накардаанд, такроран кор баред.
7) Аз рӯйи мазмуни шеър бо хонандагон саволу ҷавоб кунед.
8) Имлои дунафарӣ. Интихобан навиштани мисраъҳои шеър. Риоя кардани қоидаҳои навиштани шеър. Кор бо ғалатҳо.
9) Имло ва талаффуз
а) Ба хонандагон вазифа диҳед, ки калимаҳои ҳарфҳои ӣ, ӯ, ҳ-дорро дар дафтар нависанд.
б) Тарзи талаффузи онҳоро машқ кунанд.

10) **Имлои “Кӣ зуд менависад?”.** Як-ду мисраи шеърро интихоб кунед. Аз хонандагоне, ки дар аввали қаторҳо нишастаанд, хоҳиш намоед, ки саҳифаи мувофикро (матни интихоб кардаро) кушоянд. Аз хонандагони дигар хоҳиш кунед, ки саҳифаҳои китобҳояшонро пӯшанд (ё ба ҷузвдон гузоранд). Ба хонандагон чунин мурочиат кунед: «Ҳоло хонандаи қатори якум як-ду мисраъро хонда, онро ба хонандаи дар пас нишаста мегӯяд. Хонандаи

дуюм онро ба хонандаи сеюм ва сеюм ба чорум мегӯяд. Хонандаи дар қатори охир нишаста ҷумларо дар дафтараш менависад.» Ин фаъолиятро бо як ё ду мисраъ машқ намоед. Сипас аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба навишатни имло шурӯъ намоянд. Синфро идора кунед, бикӯшед, ки хонандагон ғавғо накунанд. Пас аз ба итмом расонидани имло, дафтари хонандаи дар охир нишастаро гирифта, санҷед ва натиҷаи корро ба аҳли синф эълон намоед.

11) Хонандагон монанди дарсҳои қаблӣ шифоҳӣ ҳикоя карданро машқ мекунанд. Қаблан меъёрҳои нақли шифоҳиро муҳокима кунед. Хонандагон ҳикояҳои худро мегӯянд. Ҳикояҳои гуфтаи онҳоро арзёбӣ кунед.
12) Вазифаи хонагӣ супоред. Ифоданок хондан ё навиштани ҳикояи хурди "Барои чӣ ман тобистонро дӯст медорам?" Вобаста ба қобилияти хонандагони гуногун метавонед супоришҳои инфиродӣ супоред. Доир ба тарзи иҷрои супориш дастурҳои мушаххас диҳед. Бовар ҳосил намоед, ки ҳама шарт ва тарзи вазифаи хонагиро фаҳмидаанд.

13) Дарсро ҷамъбаст ва арзёбӣ кунед. Ба мақсадҳои дарс баргардед. Ба мақсадҳо ноил шуданро бо хонандагон муҳокима намуда, баҳо гузоред.

**Дарсҳои 35 - 38. Дарси арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи дуюми соли таҳсил (4 соат)**

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, шунидан, хондан ва навиштан дар охири соли таҳсил. Усули гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии дониши хонандагон. Ҷадвалҳои арзёбии фаъолиятҳои нутқ. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз ҷадвалҳо.

**Тавсия.** Дар доираи дарсҳои мазкур салоҳиятҳои хонандагонро доир ба гӯш кардан (шунидан), гуфтан, хондан ва навиштан арзёбӣ намуда, маълумоти ниҳоӣ ҷамъ кунед. Натиҷаҳои арзёбии мазкурро бо ду арзёбии қаблӣ муқоиса намоед ва салоҳиятнокии хонандагони синфи сеюмро баҳогузорӣ кунед.
Барои гузаронидани арзёбӣ аз дастур ва намунаҳои дарсҳои 7–10-уми боби якум истифода бурда метавонед. Дар арзёбии ниҳоӣ ҳаҷми матнҳо нисбат ба арзёбии нимсолаи якум барои гӯш кардан (10 калима), барои хондан (5 калима) зиёд карда мешавад.

**Дарсҳои 39 - 40. «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» (2 соат)**
**Салоҳиятҳо:**
3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онҳоро муайян мекунад.
3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтар менависад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- мазмун ва фикри асосии матн (мақола)-и хондаро муайян карда тавонанд;
- дар бораи матн, мақола ё китоби хонда хаттӣ маълумот дода тавонанд;
- тарзи пур кардани сканворду кроссвордҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим:** китобҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, кроссворду сканвордҳо, ребусҳо,
**Равиши дарс.** Доир ба тарзи гузарондани муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши берунязсинфӣ
**Арзёбӣ.** Доир ба арзёбии муҳокимаи китобҳои берун аз дарс хондашуда ниг. ба дарсҳои қаблии хониши беруназсинфӣ

**Дарсҳои 41 - 42. Дарси ҷамъбасти синфи 3 (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**
3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман калонтарро истифода мебарад.

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:
- дониш, малака ва маҳорати азхудкардаашонро муаррифӣ карда тавонанд;
- дар таътил ба чӣ кор машғул шуданашонро гуфта тавонанд.

**Равиши дарс**

Ин дарси ҷамъбасти синфи сеюм аст. Соати якум, дар бораи натиҷаҳои бадастовардаи хонандагон суҳбат карда мешавад. Дар он зикр мегардад, ки натиҷаҳои санҷиши охири сол нишон доданд, ки хонандагон хеле инкишоф ёфтаанд. Муваффақиятҳои хонандагонро бо таърифу таҳсин қадр карда, барои рафъи ғалатҳои ҷойдошта тавсияҳо диҳед. Хонандагонро байни ҳам муқоиса накунед. Натиҷаҳои нишондодаи онҳоро бо аввали сол муқоиса намоед. Масалан, Фарҳод дар аввали сол ҳикоя навишта наметавонист. Баъди кӯшиш ва ғайратҳои пайваста ӯ акнун ҳикоя навишта метавонад. Ташаккур гӯед. Барои таътили тобистона ба бачагон вазифа диҳед, ки кадом китобҳоро хонанд.

## АДАБИЁТ


1. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ – Душанбе, 2016
2. Барнома аз фанни «Забони Модарӣ» барои синфҳои 1-4. – Душанбе, 2016
3. Абдуллоев И., Абдуллоев З., Боронов Б. ва дигарон. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи сеюм.– Душанбе, 2012
4. Абдуллоев И., Абдуллоев З., Боронов Б. ва дигарон. Роҳнамои омӯзгор. Дастури методӣ ба китоби забони модарӣ барои синфи сеюм.– Душанбе, 2012
5. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
6. Атахонов Т., Муллоев А. Фарҳанги истилоҳоти маориф. – Душанбе. 2011
7. Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Бадалова М. Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими забони модарӣ ва математика. –Душанбе, 2008.
8. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. - Душанбе, 2007.
9. Лутфуллоев М. Дарс. - Душанбе, 1995.
10. Лутфуллоев М. Маҷмуаи имло барои синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе, 2006.
11. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе, 1986.
12. Лутфуллоев М. Абдуллоев И. Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ. - Душанбе, 2008.
13. Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С. ва дигарон. Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
14. Ниёзов Ф., Зиёев М., Эрматова У.ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе, 2012
15. Шарифов Ф. Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳалаи ибтидоии мактаби миёна. – Душанбе, 1997.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. 1 ва 2.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2008. –Ҷ. 1 ва 2.

Бо забони англисӣ:

Put the Reading First. Kidergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan

The Research Building Blocks for Teaching Children to read. Put the Reading First. National Institute for Literacy


**Сарчашмаҳои интернетии истифодашуда**


1. https://whatedsaid.wordpress.com/2010/06/29/10 - ways - to - encourage - students - to - take - responsibility - for - their - own - learning/
2. http://mije.mevlana.edu.tr/
3. http://dx.doi.org/10.13054/mije.13. 40.3. 4
4. http://univer.tj/post.php
5. http://tg.wikipedia.org/wiki
6. www.bonuvon.tj
7. http://www.razumniki.ru/stihi_na_vse_sluchai32. html
8. http://allforchildren.ru/why/why7. php
9. http://www.solnet.ee/sol/005/v_031. html
10. http://detskiy - sad.com/raskraska - olen/raskraska - olen - 6
11. http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm
12. http://www.razumniki.ru/zimoy_rasskaz.html

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ 3-ЮМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёна


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Мунаваров |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 12.08.2016 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 31.0
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 101/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru